Дар мақолаи мазкур дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ вазъияти мадрасаҳо, таълими фан, вазъи мударрисон ва толибилмон дар Бухорои Шарқӣ дар охири асри XIX аввали асри XX инъикос гардидаанд. Қайд гардидааст, ки бештари корҳое, ки оид ба мадрасаҳои Осиёи Миёна дар асарҳои муаллифони тоинқилобӣ ва давраи шӯравӣ бахшида шудааст, зери таъсири идеологияи ҳукмрон навишта шудаанд. Дар осори онҳо ташкилёбии мадраса ва нақши он дар ташаккули фарҳанги динии мардум баҳои объективона дода нашудааст. Нишон дода шудааст, ки бисёре аз шахсиятҳои бузурги Шарқ, ки дар ҷаҳон шинохта шудаанд, таҳсилкардаи мадраса ба ҳисоб меравaнд. Ҳамчунин, тартиби ташкилию идории мадрасаҳои Бухорои Шарқӣ баррасӣ гардидааст. Қайд карда мешавад, ки агар дар Бухоро, Самарқанд ва дигар шаҳрҳо оғози машғулияҳои дарсӣ ба аввали моҳи октябр рост ояд, дар Бухорои Шарқӣ бошад як моҳ баъдтар дар аввалҳои моҳи ноябр оғоз шуда, дар охири моҳи апрел анҷом меёфт. Мисли дигар шаҳрҳои марказӣ дар мадрасаҳои Бухорои Шарқӣ гурӯҳи, хурдро "адно", миёнаро –"авсат" , калонро -"ало" ном мебурданд, ки дар мадрасаҳои мазкур барномаҳои муайян вуҷуд надоштанд. Барномаҳо ба донишу малакаи худи мударрис вобаста буданд. Тамоми бахшҳо аз китобҳои дарсии алоҳида иборат буданд. Аз муҳассилин талаб карда мешуд, ки мазмуни китобро аз худ кунанд. Ба тариқи ихтиёрӣ осори шоирону мутафаккирони Шарқи мусулмонӣ мавриди таълиму тадрис ва мубоҳиса қарор мегирифт. Ҳар рӯзи дарсӣ мударрисон бо толибилмон як-якуним соат машғул мешуданд. Қайд карда шудааст, ки ҳар мадраса вобаста ба ҳаҷми даромадаш мударрис, муид, фаррош, имом, сӯфӣ ва дигар коргарон дошт. Яке аз вижагиҳои мадрасаҳои Бухорои Шарқӣ дар он буд, ки толибилмон пас аз хатми мактаби ибтидоӣ ба мадрасаҳое, ки дар маркази амлокдорӣ ва ё бекӣ ҷой доштанд, равон шуда, дар он ҷо 7-8 сол таҳсил намуда, баъд барои идомаи таҳсил ба мадрасаҳои Бухоро, Қаршӣ, Самарқанд, Хӯқанд ва Марғелон мерафтанд.

**Калидвожаҳо:** Бухорои Шарқӣ, мадраса, мударрис, толибилм, таълим, маълумот, барнома, фан, китоби дарсӣ.

## ПОЛОЖЕНИЕ ОБРАЗОВАНИЯ В МЕДРЕСЕ ВОСТОЧНОЙ БУХАРЫ В КОНЦЕ XIX -НАЧАЛЕ XX вв.

В данной статье на основе исторической литературы расматривается состояние медресе, преподавание предметов, положение мударрисов и студентов в конце XIX-начале XX-века в Восточной Бухаре. Констатируется, что большинство работ, посвященных медресе Средней Азии, в трудах дореволюционных и советских авторах были написаны под воздействием определенной идеологии. В их трудах история появления медресе, его роль в духовной культуре народов Средней Азии не нашли своей объективной оценки. Показывается, что многие выдающиеся личности, имена которых известны во всем мире, получили начальное образование также в медресе. Рассматривается организация академического обучения в медресе Восточно Бухары. Отмечается, что если в Бухаре, Самарканде и других городах начало занятий приходилось на первую декаду октября месяца, то в Восточной Бухаре они начинались на месяц позже, т.е. в начале ноября, а заканчивались в конце апреля, с началом весенних полевых работ в горных селениях. Как и в других центральных городах, младшую группу называли «адно», среднюю-«аусат», старшую-«ала». Подчёркивается, что в медресе твердо установленной программы не было. Программы обучения зависели от знания и способности самого мударриса. Весь курс обучения состоял из отдельных учебников. От учащихся требовали усвоения смыслового содержания книги. В факультативной форме проходили и читались, обсуждались произведения поэтов – мыслителей мусульманского Востока. Ежедневно с мударрисами ученики занимались в учебные дня по-полтора два часа. Констатируется, что каждое медресе, в зависимости от объема дохода, располагало необходимым штатом мударрисов, муъидов, хафизов, дворников, имамов, суфиев и др. служащих. Характерная особенность медресе Восточной Бухары заключалась в том, что большое число учеников, после окончания деревенской начальной школы, отправлялись учиться в медресе, расположенные в центрах амлякдарства или бекства, где занимались более 7-8 лет, а затем уезжали продолжать учебу в медресе Бухары, Карши, Самарканда, а также Коканда и Маргелана.

**Ключевые слова:** Восточная Бухара, медресе, мударрис, ученики, обучения, образование, программа, предмет, учебник.

**THE SITUATION OF EDUCATION IN MADRASES OF THE EASTERN BUKHARA AT THE END OF XIX BEGINNING OF XX**

In this article, on the basis of historical literature, the status of madrassas, the teaching of subjects, the situation of mudarris and students at the end of XIX beginning of XX in Eastern Bukhara are considered. It is stated that most of the works devoted to the madrasahs of Central Asia in the writings of pre-revolutionary and Soviet authors were written under the influence of certain ideologies. In their works the history of the appearance of the madrassah, its role in the spiritual culture of the peoples of Central Asia have not found their objective evaluation. It is shown that many outstanding personalities whose other names are known all over the world have borne primary education also in madrasah. The organization of academic training in the madrasah of East Bukhara is considered. It is noted that if in Bukhara, Samarkand and other cities the beginning of classes was in the first decade of October, in Eastern Bukhara they started a month later, i.e. in early November, and ended at the end of April, with the beginning of spring field work in mountain villages. As in other central cities, the younger group was called "adno", the middle group was called "ausat", the senior one was "ala." It is emphasized that there was no firmly established program in the madrasah. The training programs depended on the knowledge and ability of the mudaris. The entire training course consisted of separate textbooks. Students were required to learn the semantic content of the book. In an optional form, the works of poets-thinkers of the Muslim East were read and read and discussed. Every day the disciples practiced with the mudarrisas for one and a half hours. It is stated that each of the madrasas, depending on the amount of income, had the necessary mudarrisas, muids, hafiz, wipers, imams, Sufis, and other servants. A characteristic feature of the Madrasa of Eastern Bukhara was that a large number of pupils, after completing the village primary school, went to study in Madrasa, located in the centers of amakdarstvo or bekstva where they studied for more than 7-8 years, and then left to continue their studies in the madrasah of Bukhara, , Samarkand, as well as Kokand and Margelan.

**Key words**: East Bukhara, madrasa, mudarris, pupils, training, education, program, subject, textbook.

**Сведения об авторе:** ***Сангинов Далер*** – Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук. **Адрес:** Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 E-mail: **saden_tj@mail.ru** Телефон: **(+992) 918-70-04-92**

**Information about the author**: ***Sanginov Daler*** - Scientific Research Institute of Tajik national university, is a research fellow of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciencese. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. E-mail: **saden_tj@mail.ru** Phone: **(+992) 918-70-04-92**

**УДК - 93(575.3)Ш - 25**

# МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКОН ТО ҲУҶУМИ АРАБҲО

***Шарифова М.Э.***
**Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Тоҷикон яке аз халқҳои қадимтарини Шарқ ба шумор рафта, тамаддуни онҳо ба нахустин китоби динии башарият – “Авесто” мерасад. Бунёдгузорони аввалин империяи ҷаҳонӣ аҷдодони мо ҳастанд, ки нақши бузурге дар таърихи ҷаҳон гузоштаанд. Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд, асосгузори ин империя Куруши Кабир нахустин устувона ё Эъломияи ҳуқуқи башарро ба тасвиб расонд, ки ҳодисаи бузурги таърихӣ ва гувоҳи адолатпешаву мутамаддин будани ниёгони мо мебошад [1, с.43]. Имрӯзҳо бар асари таблиғоти баъзе афроде, ки аз моҳияти таърих огоҳӣ надоранд, дар миёни ҷавонони тоҷик низ фикру мулоҳизаҳое пайдо шуда истодаанд, ки гӯё таърихи то паҳншавии исломи мо тоҷикон низ, «давраи ҷоҳилӣ» ном дорад. Дар ин мақола кӯшиш карда мешавад, ки чанд ишора ба гузаштаи халқи тоҷик ва собиқаи фарҳангу тамаддуни он карда шавад. Нахустин нишонгари соҳибтамаддун будани аҷдодони тоҷикон вуҷуди давлатдории собит мебошад. Дар замони қадим ва асрҳои миёна маҳз вуҷуди давлат имкон медод, ки фарҳангу тамаддун тавлид, ташаккул ва густариш ёбад. Давлатҳои Ҳахоманишиён, Суғд, Бохтар, Хоразм, Ашкониён ва Сосониён дар сарнавишти бисёр халқҳои ғайриориёӣ низ саҳми муносиб гузоштаанд. Асрҳои III- сеяки аввали асри VII дар таърихи халқи эронинажод, аз ҷумла тоҷикон ба ном ва фаъолияти давлати Сосониён вобастагӣ дорад. Мувофиқи навиштаи донишманди аврупоӣ Артур Кристенсен дар ду асри аввали мавҷудияти давлати Сосонӣ (асрҳои III-IV) ҳуҳуд, сохтори дохилӣ, низоми иҷтимоӣ ва сиёсати хориҷии давлат ташаккул ёфта, барои рушди минбаъдаи он замина фароҳам карда шуд [2, с.149]. Мутаассифона, ҷангҳои доимии эрониёни шарқӣ бо эрониёни ғарбӣ ба сиёсати

дохилии Сосониён таъсир гузошта, иқтидори онро заиф гардонд. Давлати Ҳайтолиён ба эътирофи донишмандон дар раванди этногенези халқҳои Осиёи Марказӣ, хусусан тоҷикон нақши муҳим бозӣ кардааст. Дар бораи ин давлат дар сарчашмаҳои таърихӣ маълумот хеле нокофӣ буда, доир ба мансубияти нажодии онҳо низ баҳсҳо доманадор мебошанд. Аз замони салтанати ин сулола ва ҳавзаи ҳукмронии онҳо осори хаттӣ тақрибан боқӣ намондааст, ки мушкили омӯхтану арзёбӣ кардани таърихи онҳоро душвортар гардондааст. Ҳамин тавр, дар минтақи азими Хуросон ва Варорӯд (Мовароуннаҳр) барои ривоҷу равнақи фарҳанг, илм ва ҳунар шароит муҳайё карда шуд. Маҳз дар ҳамин давраи ҳассоси таърихӣ фарҳанги халқҳои эронинажод, аз ҷумла тоҷикон ташаккул меёбад. Ин фарҳанг, ки бар асоси мероси ҳазорсолаи халқҳои ориёӣ, бо такя бар ҷаҳонбинии зери таъсири ойинҳои зардуштӣ, монавӣ, маздакӣ, масеҳӣ ва буддоӣ ташаккулёфта созмон ёфта буд, дар асрҳои баъд аз ҳуҷуми арабҳо низ ба ҳузури худ идома дод. Ин фарҳанг ҳосили омезиши чанд тамаддун буда, халқҳои зиёде дар созмон ёфтани он ширкат карда буданд.

Асоси иқтисоди Хуросону Варорӯд дар арафаи ҳамлаи арабҳоро кишоварзӣ ташкил медод. Тӯли асрҳо аҷдодони тоҷик таҷрибаи зиёде дар кофтани канал ва дигар иншооти обёрӣ ҳосил карда буданд, ки русҳо дар асри XIX аз дидани он тааҷҷуб карданд [3, с.97]. Зироаткории бонизом ва тарзи муқимии ҳаёт сабаби ба вуҷуд омадани назм дар зиндагии мардум гардида, пояҳои маданияти моддӣ ва маънавиро гузошт. Зироатҳое, ки дар минтақа кишт мешуданд, ниёзи мардуми маҳаллиро бароварда месохтанд ва ба кишварҳои дуру наздик ҳам содир мегаштанд. Истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ дар Осиёи Миёна сабаби пешрафти кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти халқ гардида, молу матоъҳои истеҳсолии минтақаро дар хориҷ машҳур гардонид. Бо вуҷуди он ки кишоварзӣ асоси иқтисодиёти Хуросон ва Варорӯдро ташкил медод, аммо маркази тиҷорату савдо шаҳрҳо ба ҳисоб мерафтанд. Номи Бухоро, Самарқанд, Бунҷикат, Ҳулбук, Тирмиз, Балх, Марв, Ҳирот, Нишопур, Шумон, Тароз дар осори таърихӣ ва ҷуғрофӣ борҳо сабт ёфта, кӯшкҳои бешумор дар атроф ва наздикии шаҳрҳо қомат афрохта буданд [4, с.65]. Харобаҳои баъзе аз ин шаҳрҳо аз ҷониби бостоншиносони тоҷик омӯхта шудааст. Аз ҷумла, дар минтақаи Истаравшан чандин шаҳрҳои ободи арзи ҳастӣ мекарданд. Кӯшки Чилҳуҷраро омӯхта, бостоншиносони тоҷик ба хулосае омадаанд, ки дар он тарҳи биноҳо, санъати меъморӣ, истифодаи ҳунари кандакорӣ дар чӯб, расмкашӣ бемонанд буда, биноҳои дуошёна ва чандошёна дар ҳамин давра дар Аврупо ҳанӯз мавҷуд набуданд [5, с.38]. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар муқоиса бо кишварҳои ҳамон замон аҷдодони тоҷик дар шаҳрсозӣ ба дастовардҳои азим ноил гашта буданд.

Ҳунари сафолгарӣ дар ин давра чунон рушд кард, ки ҳар минтақаи таърихӣ-фарҳангии Осиёи Миёна соҳиби мактаби сафолгарии худ гардид. Ковишҳои бостоншиносӣ аз ин шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, дар Тахористон, Тирмиз, Чағониён, Афросиёб ва Панҷакент осоре пайдо шуд, ки дар қатори умумият хусусиятҳои сафолгарии ҳар минтақаро нишон медиҳад. Шишагарӣ дар бештари минтақаҳои Осиёи Миёна ва Хуросон пешрафт дошт. Аз харобаҳои Панҷакент намудҳои гуногуни зарфҳои шишагӣ ба даст омадааст. Ин зарфҳо бо нақшҳо ороиш ёфта, аз нозукии фан ва маҳорати баланди устоҳо ҳикоят мекунанд. Инчунин, маҳсулоти шишасозии Византия низ дар харобаҳои ин шаҳр ба даст омадаанд.

Ахбори сарчашмаҳо ва дастовардҳои илми бостоншиносӣ инчунин аз рушди соҳаи чармгарӣ ҳикоят мекунанд. Дар ҳуҷҷатҳои аз кӯҳи Мӯғ бадастомада, қайд карда шудааст, ки ҳокими яке аз қалъаҳо дар болооби Зарафшон ба Деваштич миқдори муайяни пӯстро фиристодааст [6, с.72]. Ин маълумоти ҳуҷҷатҳои нодирро муаррихи номдори тоҷик Табарӣ низ тасдиқ мекунад. Бинобар навиштаи Табарӣ пас аз яке аз муҳорибаҳо миёни арабҳо ва сокинони Осиёи Миёна дар байни тарафҳо шартномаи сулҳ ба имзо расид, ки мувофиқи

банди ин шартнома мардуми маҳаллӣ бояд ба арабҳо навъи махсуси чармро, ки кимухт ном дошт, мерасонданд [7, с.1398].

Дар соҳаи коркарди чӯб ва санг низ устоҳои суғдӣ, тахористонӣ, фарғонӣ ва хуросонӣ моҳир будаанд. Дар сохтмонҳои хонаҳои мардум ва қасри ҳокимон низ устоҳо кандакории болои чӯбро васеъ истифода мебурдаанд. Устоҳои сангтароши Варорӯд ва Хуросон дар тарошидану омода кардани сангҳои осиёб, ки барои зиндагии аҳолӣ хеле зарур буд, истеъдоди баланд доштанд. Маълум аст, ки сарнавишти охирин шоҳаншоҳи Сосониён Яздигурди III дар осиёбе, ки ба ҳокими шаҳри Марв Моҳуй тааллуқ дошт, ҳал шуд. Сарчашмаҳои таърихӣ навиштаанд, ки ин осиёбро соҳиби он бо нархи 4 дирам дар рӯз ба иҷора дода буд. Шоҳи Суғд Деваштич низ соҳиби чунин осиёб буда, нафаре ки онро иҷора карда буд, мебоист дар давоми сол 460 кафча (3,5 тонна) орд супорад [5, 53]. Дар ин давра инчунин аз санг зарфҳои гуногун, сангҳои ороишӣ, сангҳо барои варзиш ва сохтмони биноҳо омода мекарданд. Дар робитаҳои тиҷоратӣ бо Чин яке аз маҳсулоте, ки чиниҳо талабгори он буданд, санг ва маҳсулоти ороишӣ аз санг ба ҳисоб мерафт. Дар бораи машҳур будани сангҳои Бадахшон дар замони қадим ва асрҳои миёна ривояту қиссаҳо дар миёни мардум зиёд буда, дар осори таърихиву адабӣ дар ин бора маълумот хеле зиёд аст. Абӯрайҳони Берунӣ дар асари машҳури худ овардааст, ки бо забони суғдӣ китоби махсусе дар бораи маъданҳои кӯҳӣ ва веризаминӣ мавҷуд будааст [8, с.354]. Ҳарчанд ин китоб то замони мо нарасидааст, вале аз сатҳи баланди илму дониш дар миёни аҷдодони тоҷик ҳикоят мекунад.

Тиҷорат дар минтақа дар асрҳои VI-VII ба сатҳи баландтарини худ расида, нақши тоҷирони суғдӣ дар Роҳи бузурги абрешим борҳо аз тарафи донишмандон таъкид шудааст. Ин сиккаҳо ним аср пас аз шикасти Сосониён дар хилофати Уммавиён ҳанӯз дар гардиш буданд. Дар арафаи ҳуҷуми арабҳо ба Хуросон ва Варорӯд шаҳрҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ низ ташаккул ёфта буданд. Дар шаҳр асосан ашрофи заминдор ва тоҷирони сарватманд ва миёнаҳол зиндагӣ мекарданд. Ҳамчунин косибону ҳунармандон ва хизматгорон ё ғуломон низ аз табақаҳои маъруфи шаҳрӣ буданд. Як гурӯҳи начандон калони рӯҳониён ҳам барои пеш бурдани корҳои идеологӣ ва маросими парастишу ибодат дар шаҳр муқимӣ гардида буданд. Яке аз нишонаҳои дигари тамаддуни тоисломии Варорӯд ва Хуросон расму одатҳо ва ҷашнҳову маросимҳои мардумони минтақа буд, ки Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «Осор-ул-боқия» дар хусуси онҳо маълумоти арзишманд медиҳад. Ин донишманди тоҷик аз ҷашнҳои порсиён, хоразмиён ва суғдиён ёдовар шуда, монандии ҷашнҳои хоразмиёну суғдиён ва ихтилофи онҳо бо форсҳоро тазаккур медиҳад [9, с.259]. Ҷашнгирии дақиқи иду маросимҳо вобаста ба сол ва гардиши офтобу моҳ ва дигар сайёраҳо буда, пеш аз ҳама, шаҳодат аз он медиҳад, ки илми ҳисоб ва нуҷум дар миёни мардум паҳн гардида буд.

Дар маҷмӯъ, маданияти оғози асрҳои миёнаи минтақаи Осиёи Миёна нишонгари он буд, ки дар минтақа ташаккули халқияти тоҷик дар ҳоли анҷомёбист. Ин тамаддун аз Шероз то Тирозро фаро гирифта, мардумони ин минтақа асотири ягона, ҷашну маросимҳои ҳаммонанд, қаҳрамононе чун Рустам, Сиёвуш, Фаридун, Манучеҳр, Гуштосп ва ғайраро доро мебошанд. Симои ин фарҳанги ягона ҳамзамон дар асарҳое чун «Худойномак» ва дар деворанигораҳои Панҷакент, Афросиёб ва Бунҷикат инъикос ёфта буданд.

Мактабу маорифи суғдиён, хоразмиён ва форсҳо дар осори таърихӣ инъикос ёфтаанд. Замоне ки арабҳо ба ин минтақа ҳуҷум оварданд, бо мардуме дучор шуданд, ки низоми мураттаби маориф дошта, дар мактабҳо аз хурдсолӣ ба толибилмон навиштан, хондан, ҳисоб карданд, тибб, илми нуҷум ва ҳисоби вақт омӯхта мешуд. Ин гуна муассисаҳоро дабистон мегуфтанд. Яке аз нишонаҳои баланд будани сатҳи маърифати ҷомеаро дар он дидан мумкин аст, ки халқҳои минтақаи Хуросону Варорӯд бо вуҷуди доштани дину ойинҳои гуногун дар як сарзамин дар фазои ором зиндагӣ мекарданд ва ба ақидаву ойини якдигар эҳтиром

мегузоштанд. Тавре маълум аст, дини бештари аҳолии Эрон, Хуросон ва Варорӯд дар арафаи ҳуҷуми арабҳо зардуштӣ буд. Дар бештари шаҳрҳои минтақа, ки дар он ҳафриёти бостоншиносӣ гузаронида шудааст, оташдонҳо ва маъбадҳои дини зардуштӣ пайдо шуданд. Дар шаҳрҳое, ки бештари сокинонаш зардуштӣ буданд, пайравони динни буддоӣ ва масеҳӣ низ зиндагӣ дошта, ойину маросимҳои худро озодона амалӣ мекарданд. Ёфт шудани муҷассамаи бузурги Буддо дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон як далели раднопазир дар хусусиривоҷи бесобиқаи ойини буддоӣ дар минтақа мебошад. Инчунин, дар харобаҳои Панҷакенти қадима нишонаҳои дину ойини ҳиндӣ ва дар Шаҳристон, ки пойтахти Истаравшан дар он ҷой дошт, муҷассамаҳои бешумори Буддо ба даст омад. Аммо дар ин хусус, ки ин худоёнро аҳолии маҳаллӣ ё тоҷирони аз Ҳиндустон омада парастиш мекарданд, миёни олимон фикри ягона вуҷуд надорад [10, с.261].

Маросими дафну азодории халқҳои Хуросон ва Варорӯд низбар асоси ойини зардуштӣ ва боварҳои қадимии ориёӣ сурат мегирифт. Он дар давоми ҳазорсолаҳо ташаккул ёфта, хеле муназзам буд. Сарчашмаҳои хаттӣ ва осори бостоншиносӣ маълумоти якдигарро дар ин бора комил мекунанд. Агар дар деворанигораҳои Панҷакент расми сӯгворӣ ва гиря кардан барои мурда инъикос ёфта бошад, муаррихи давраи исломӣ Абӯбакри Наршахӣ овардааст, ки «аҳли Бухороро бар куштани Сиёвуш сурудҳое аҷаб аст. Ва мутрибон ин сурудҳоро Кини Сиёвуш гӯянд» [11, с.45]. Ин гуфтаи Наршахӣ бо сарчашмаҳои дигаре, ки дар асрҳои IX-X таълиф шудаанд, монандӣ дошта, нишон аз ташаккули фарҳанги мардумӣ буда, ҳатто садсолаҳо пас аз густариши дини ислом ҳанӯз боқӣ будааст. Ин ойинҳо дар асрҳои баъдӣ на танҳо аз байн нарафтанд, балки дар шаклгирии дину ойини мусулмонони ҳанафии Мовароуннаҳр нақши муҳим бозидаанд.

Бештари маълумоти мо аз адабиёт ва шеъри тоҷикон ба замони пас аз ҳамлаи арабҳо бармегардад. Аммо ин маънои онро надорад, ки то ислом аҷдодони мо аз адабиёту шеър бегона буданд. Агар дар замони пас аз паҳншавии ислом ва шаклгирии забони нави форсии тоҷикӣ адабиёти мо бо як забон (форсии нав ё тоҷикӣ) офарида шуда бошад, адабиёти тоисломии мо бо забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва тахорӣ вуҷуд дошт. Мо тоҷикон худро ворисн ҳамаи ин адабиёт ва забонҳо меҳисобем. Зеро дар ташаккули забон, адабиёт, фолклор ва асотири мо ҳамаи забонҳои зикршуда нақш гузоштаанд. «Корномаки Аптахшери Бобакон» яке аз намунаҳои барҷастаи адабиёти тоисломии мо ба шумор меравад. Он ба фаъолияти асосгузори давлати Сосониён бахшида шудааст. Асотири эронӣ ӯро ба хотири эҳёи дубораи Эрон ситоиш карда, то ба ҳадди як қаҳрамони миллӣ баланд бардоштааст. Дар адабиёти паҳлавӣ достонҳои зиёде офарида шудааст, ки ба замин ва кишоварзӣ, ки дар ойини зардуштӣ як пешаи шарофатмандона ба ҳисоб мерафт, бахшида шудаанд. Асари «Модигони Йушти Фриён» ба мубориаи қувваҳои некӣ ва бадӣ дар замин ва яке аз муборизони зидди девҳо – деҳқони некукор бахшида шудааст. Вобаста ба моҳияти ин асар метавонем тахмин кунем, ки идеяи марказии он аз “Авесто”, ки дар бораи замин, кишоварзӣ ва кори савоб будани кишти замин зиёд таъкид шудааст, гирифта шудааст.

Дар миёни мардуми эронинажод достон ва сурудҳои зиёде дар бораи қаҳрамонон, аз ҷумла, Рустам, Сиёвуш ва Афросиёб мавҷуд буд. Тавре дар боло ишора кардем, ҳатто пас аз паҳншавии ислом низ мардуми Суғд, махсусан Бухоро ёди қаҳрамони бостонӣ Сиёвушро гиромӣ медоштанд. Дар бештари китобҳо оварда шудааст, ки Сиёвуш шаҳре бо номи худ бунёд карда буд. Дар харобаҳои шаҳри Панҷакент тасвири қаҳрамонони асотирии гузаштагони тоҷикон, аз ҷумла Рустам дида мешавад. Ду асари хеле маъруфи адабии дигар, ки таъсири зиёд дар ҷаҳонбинии аҳолӣ доштаанд, «Ёдгори Зарирон» ва «Дарахти асурик» ба шумор мерафтанд, ки ғайр аз арзиши баланди адабӣ, сарчашмаҳои боэътимод доир ба

мардумшиносӣ ва фолклор низ мебошанд. Аз ҷумла, дар асари «Дарахти асурик» номи панҷ асбоби мусиқӣ, ки то имрӯз бо ҳамин ном машҳуранд, ёдоварӣ мешавад.

Ҳунари мусиқии тоҷикон ба ҳазорсолаҳои пеш аз милод бармегардад. «Падар»-и таърих Ҳеродот (асри V то милод ) дар бораи форсҳо навишта буд, ки онҳо бо шеъру суруд ҳамаи амалҳои худро тараннум мекунанд. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ даҳҳо маротиба аз базму ҷашнҳои дарбори шоҳони қадимаи тоҷик хабар медиҳад. Замони Сосониён ҳунари мусиқӣ ба авҷи худ мерасад, ки бузургтарин намояндаи ин давра Борбад ба шумор меравад. Истеъдоди нотакрори Борбад маҷмӯи сурудҳои «Ҳафт хусравонӣ»-ро офарид, ки офаридаҳои ӯро мусиқишиносони дунё эътироф кардаанд. Ба ғайр аз Борбад, Накисо, Саркаб, Саркаш, Ромтин, Бомшод, Гесу Навогар, Озодвор Чангӣ низ дар офаридани асарҳои мусиқӣ саҳм доштанд. Ибни Хурдодбеҳ дар асари «Масолик ва-л мамолик» аз мусиқии тоисломии халқҳои Хуросону Вароруд ёдовар шуда, аз асбобҳои мусиқӣ, аз ҷумла, барбат, чанг, аргула, даҳруд ва танбурро қайд мекунад. Ӯ махсусан барбатро, ки назди форсҳо беҳтар аз дигар асбобҳои мусиқӣ будааст, тазаккур медиҳад [12, с.234]. Шак нест, ки робитаҳои наздик бо Юнон, Ҳиндустон, Чин ва кишварҳои дигар сабаби омезиш ва рушди бештари ҳунари мусиқии халқҳои эронинажод гардид. Дар харобаҳои пойтахти Истаравшани асримиёнагӣ ва Панҷакент низ осоре ба даст омад, ки гувоҳи ошкори ривоҷи мусиқӣ дар Осиёи Миёна пеш аз ҳуҷуми арабҳо будааст. Ҳунари мусиқии мардуми эронинажод дар ташаккули мусиқии замони Аббосиён нақши муҳим бозидааст.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки дар арафаи ҳуҷуми арабҳо ва паҳншавии дини ислом мардуми Эрон, Хуросон ва Варорӯд давлатдории пешрафта, сохтори идории муназзам ва шаҳрсозиву шаҳрдории пешрафта доштанд. Робитаҳои наздики сиёсӣ ва тиҷоратӣ имкон доданд, ки заминаи устувори пешрафти фарҳангӣ фароҳам карда шаванд. Маданияти моддии халқҳои Хуросону Варорӯд дар арафаи ҳамлаи арабҳо фотеҳони биёбониро ҳайратзада кард. Дар бештари сарчашмаҳои арабизабони асрҳои IX-XII тафовути бузурги фарҳангии арабҳо бо сокинони маҳаллӣ дарҷ шудааст. Дину ойини зардуштӣ мардумро ба амалҳои шоиста даъват карда, нисбати пайравони дигар динҳо амалҳои зӯроварӣ ва бартариҷӯиро раво намедид. Ҳамин омил сабаб гашт, ки ойини зардуштӣ хориҷ аз марзҳои Эрону Осиёи Миёна дар қаламрави Чин ва миёни туркҳо бе ҷанг паҳн гардад. Тамаддуни дурахшоне, ки дар асрҳои IX-X тоҷикон офариданд, бар асоси ҳамин фарҳанг ва потенсиали зеҳнӣ ба миён омад.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон //Маҷмӯи мақолаҳо. -Душанбе, 2016.
2. Кристенсен А. Эрон дар аҳди Сосониён. Монография / А. Кристенсен; тарҷумаи Р. Ёсумӣ.–Теҳрон: Амири Кабир, 1370.
3. Бартольд В.В. К истории орошение Туркестана. Соч. Т. III. Монография / В.В. Баротольд. –М.: ИВЛ, 1965. - 758 с.
4. Беленицкий А.М. Средневековый город Средней Азии. Монография / А.М. Беленицкий, И.Б. Бентович О.Г. Большаков. – Л.: Наука, 1973. – 390 с.
5. Пулатов У. Чильхуджра (Материальная култруа Усрушаны. Вып. 3.). Монография / У. Пулатов. –Душанбе: Дониш, 1975. -176 с.
6. Лившиц В.А. Юридические документы и письма //Согдийские документы с горы Муг. Монография / В. Лившиц. –М.: Наука, 1962. – 234 с.
7. Табарӣ Муҳаммад ибни Ҷарир. Таърих-ур-русули ва-л-мулук; тарҷума аз арабӣ, мутарҷим Абулқосими Поянда. Бо таҳрири умумии Н. Амиршоҳӣ. –Душанбе: Сарредексияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. -726 с.
8. Бируни А. Минералогия. Собрание сведений для познания драгоценностей; пер. А.М. Беленицкий. Источник –Л.: ИВЛ, 1963. – 378 с.
9. Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. Сарчашма. -Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.
10. Фрай Р. Мероси Осиёи Марказӣ. Аз замонҳои бостон то истилои туркҳо. Монография / Р. Фрай; тарҷума аз англисӣ Б. Ализода. –Душанбе: Сурушан, 2000. -274 с.
11. Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Сарчашма. –Душанбе: Пайванд, 2014. – 736 с.

12. Ибн Хордадбех. Книга путей и стран; пер. с араб., коммент., исслед., указатели и карты Н. Велихановой. - Баку: Элм, 1986. -428с.

## МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКОН ТО ҲУҶУМИ АРАБҲО

Вақтҳои охир бар асари таблиғоти нодуруст фикрҳое ба миён омадаанд, ки бар асоси он тамаддуни тоисломии аҷдодони тоҷик ноҷиз пиндошта шуда, ё рад карда мешавад. Сарчашмаҳои таърихӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки то ҳамлаи арабҳо дар сарзамини Осиёи Миёна тамаддуни дурахшоне вуҷуд дошт, ки намунаҳои онро дар шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ, тиҷорати байналмилалӣ ва рушди илму адабиёт метавон мушоҳида кард. Кишоварзии бонизом ва обёрии ҳавзаи Варорӯд яке аз беҳтарин навъҳои зироаткории муқимӣ дар таърихи ҷаҳон дониста мешавад. Дар мақола маълумотҳои муҳимтарин оиди дастовардҳои фарҳангии тоҷикон то ҳуҷуми арабҳо ва паҳншавии ислом оварда шудаанд. Шаҳрҳои воҳаи Варорӯд дар ин замина нисбат ба Хуросон дар сатҳи баландтар қарор доштанд. Бухоро, Самарқанд, Чоч, Панҷакат, Бунҷикат ва Варахша намунаи барҷастаи тамаддуни шаҳрии ин минтақа ба шумор меравaнд. Аз ин ва дигар шаҳрҳо садҳо осори сафолгарӣ, шишасозӣ ва дигар навъҳои ҳунари дастӣ пайдо шудаанд. Ҷашну маросимҳои зиёди суғдиёну тахориён ҳикоят аз густариши андеша ва одоби халқҳо доранд. Асотири маҳаллӣ дар шаклгирии адабиёти тоисломӣ ва исломии форсу тоҷик нақши бузург бозидааст. Бо вуҷуди зардуштӣ будани бештари аҳолӣ, намояндагони ойинҳои дигар низ дар Варорӯд озодона фаъолият мекарданд, ки ин худ далели таҳаммулпазирии мардуми ин минтақа мебошад. Ҳунари мусиқии аҷдодони тоҷик дар сарчашмаҳои зиёди юнонӣ, римӣ, паҳлавӣ ва арабӣ дарҷ шудааст, ки намунаи боризи онро дар симои Борбад метавон мушоҳида кард. Фарҳангу тамаддуни тоисломии мардуми Варорӯд ва Хуросон дар ташаккули фарҳанги исломии тамоми қаламрави хилофат нақши муассир доштааст.

**Калидвожаҳо**: тоҷик, шаҳрсозӣ, фарҳанг, кишоварзӣ, дин, адабиёт, Хуросон, Варорӯд, Суғд, Панҷакент.

## КУЛЬТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ ТАДЖИКОВ ДО АРАБСКОГО ЗАВОЕВАНИЯ

В последние время в связи с неправильной трактовкой, появились мысли, согласно которым доисламская цивилизация таджиков оценивается незначительной или вообще отрицается. Исторические источники и археологические находки свидетельствуют о том, что до арабского завоевания цивилизация народов Хорасана и Вароруда (Мавераннахра) была на высоком уровне. Земледельческая культура и ирригация региона считается одним из наиболее развитых в мировой истории. В данной статье приведены основные культурные достижения таджиков до арабского завоевание и распространения ислама. Города Вароруда находились на более высоком уровне, чем города Хорасана: Бухара, Самарканд, Чач, Пенджикент, Бунджикат и Варахша являются тому потдверждением. Найденные в этих городах археологические находки свидетельствуют о развитии керамики и стеклоделия. Многочисленные доисламские праздники и обряды, а также мифология согдийцев и тохарцев оказывали огромное влияние на становление и развитие персидско-таджикской литературы мусульманского периода. Большинство населения региона исповедовало зорастрийскую религию, однако последователи других конфессий свободно совершали свои обряды, что свидетельствует о толерантности народов региона. Музыкальная культура таджикских предков отражена в греко-римских, пехлевийских и арабских источниках и наивысшей точкой этой культуры можно считать Борбада. Доисламское наследие народов Вароруда и Хорасана оказывало огромное влияние на формирование мусульманской культуры всего халифата.

**Ключевые слова**: таджик, градостроительство, культура, земледелие, религия, литература, Хорасан, Вароруд, Согд, Пенджикент

## CULTURAL HERITAGE OF TAJIKS TO ARABIAN CONQUEST

In recent times, due to the wrong interpretation, there were thoughts according to which the pre-Islamic civilization of the Tajiks is estimated to be insignificant or even denied. Historical sources and archaeological finds indicate that, prior to the Arab conquest, the civilization of the peoples of Khorasan and Varorud (Maverannahr) was at a high level. The agricultural culture and irrigation of the region is considered one of the most developed in world history. This article shows the main cultural achievements of the Tajiks before the Arab conquest and spread of Islam. The cities of Varorud were at a higher level than the cities of Khurasan: Bukhara, Samarkand, Chach, Penjikent, Bundzhikat and Varakhsha are the poddverdzhenie. The archaeological finds found in these cities testify to the development of ceramics and glassmaking. Numerous pre-Islamic holidays and rituals, as well as the mythology of the Sogdians and Toharans, exerted a tremendous influence on the formation and development of the Persian-Tajik literature of the Muslim period. The majority of the population of the region professed the Zoroastrian religion, but followers of other faiths freely performed their rites, which indicates the tolerance of the peoples of the region. The musical culture of the Tajik ancestors is reflected in the Greco-Roman, Pahlavi and Arab sources and the highest point of this culture can be considered Borbad. The pre-Islamic heritage of the peoples of Varorud and Khurasan greatly influenced the formation of the Muslim culture of the entire caliphate.

**Key words:** Tajik, town-planning, culture, agriculture, religion, literature, Khorasan, Varorud, Sughd, Penjikent.

**Сведения об авторе:** ***Шарифова Макнуна*** – Таджикский педагогический университет в городе Рашт, проректор. **Адрес:** Республика Таджикистан, Джамоат городка Рашт, ул Э. Мухиддина 63. E-mail: **sharifova.maknuna@mail.ru**> Телефон: **931909999**

**Information about the author:** ***Sharifova Makknuna*** - Tajik Pedagogical University in Rasht, pro-rector. **Address:** Republic of Tajikistan, Jamoat of Rasht, E. Muhiddin street 63. E-mail: **sharifova.maknuna@mail.ru**> Phone: **931909999**

УДК: 93+950(575.3)

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ «МУҲОРИБАИ ЛОЙ» ДАР САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ


***Қурбонов М.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Яке аз муҳимтарин воқеаҳои сиёсию низомии аҳди муғул дар Мовароуннаҳр «Ҷанги Лой» аст, ки дар соли 766/1364-65 ба вуқӯъ пайваст. Мутаассифона, то ба ҳол роҷеъ ба ин воқеа таҳқиқоти қобили таваҷҷуҳ ва чашмгире анҷом нашудааст. Ҳатто шарқшиноси номдори шӯравӣ В.В. Бартолд, ба ин воқеа таваҷҷуҳи лозим надода, дар мақолаи «Ҳаракати мардумӣ дар Самарқанд» таърихи ҳаракати Сарбадорони Самарқандро таҳлилу баррасӣ карда, «Ҷанги Лой» аз назари ӯ дур мондааст. Дар ҳоле ки бидуни баррасии таърихи «Ҷанги Лой», таърихи Самарқандро наметавон ба тариқи ҳамаҷониба таҳқиқ намуд [1, с.367].

Танҳо Бобоҷон Ғафуров дар китоби худ «Тоҷикон таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна» аз набарди Лой ба унвони "Ҷанги гилӣ" ёд кардааст [2, с. 640].

Навиштаҳои дигар муҳаққиқони шӯравӣ дар мавриди «Ҷанги Лой» ба наҳве такрори назари Бобоҷон Гафуров аст, ки ҳоҷат ба зикри онҳо нест.

Таҳқиқу баррасии «Ҷанги Лой» аз чанд ҷиҳат муҳим ба назар мерасад:

1. Ин ҳодиса бо фаъолияти Темури Куррагонӣ ва Ҳусайну дигар амирони Мовароуннаҳр бо муғулҳои Муғулистон иртибот дорад.
2. «Ҷанги Лой» омили шиддат ёфтани шӯриши Сарбадорон дар Самарқанд гардид.
3. «Ҷанги Лой» аз назари такмили усулҳои низомӣ низ муҳим ба назар мерасад.

Дар мавзӯъҳои зикршуда муаррихони барҷаста, ба мисли Низомуддини Шомӣ дар «Зафарнома», Шарафуддин Алии Яздӣ дар «Зафарнома», Муъинуддини Натназӣ дар «Мунтахаб-ут-таворих», Ҳофизи Абрӯ дар «Зубдат-ут-таворих», Абдурраззоқи Самарқандӣ дар «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн», Мирхонд Муҳаммад ибни Ховандшоҳи Балхӣ дар «Равзат-ус-сафо», Хондамир Ғиёсуддин дар «Ҳабиб-ус-сияр фӣ ахбори афроди-л-башар», маълумотҳои муҳим овардаанд. Дар навбати худ, маълумотҳои мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла Бойматов Луқмон дар «Сарбадорони Самарқанд», Ғоибов Ғ. дар «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз», Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ, дар «Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV» ва ғайруҳу маълумотҳои муҳиме зикр кардаанд, вале то ҳанӯз маводи зиёде дар ин мавзӯъ ба назар мерасад, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтаанд.

Чунонки ишора шуд, аз миёни муҳаққиқон Бобоҷон Ғафуров ба таърихи «Ҷанги Лой», нисбатан беҳтару комилтар пардохтааст ва баёни он дар тарҷумаи тоҷикӣ ин гуна омадааст: "Дар соли 1365 амир Ҳусайн ва Темур, лашкариёнро ҷамъ намуда, дар соҳили рӯдхонаи Чирчиқ, бо лашкари душман рӯ ба рӯ шуданд. Ҷанге, ки дар ин макон рӯй дод, ба номи «Ҷанги гилӣ» машҳур аст, зеро дар ҳангоми набард, ба сабаби борони шадид ва роҳафтодани сел, лашкариён қудрати худро аз даст дода, аспҳо низ дар гилу лой лағжида ба замин меафтоданд. Дар ин муҳориба Темур ва Ҳусайн комилан торумор гардиданд. Онҳо Самарқанд ва Шаҳрисабзро ба ҳоли худ гузошта, ба сӯйи Балх фирор карданд. Қӯшуни хони муғул Илёсхоҷа рост ба шаҳри Самарқанд равон шуд. Аҳолии шаҳр ҳама саросема гардида, чӣ кор кардани худро намедонистанд, чунки қувваи ҳарбии Самарқанд низ бо ҳамроҳии амир Ҳусайн ва Темур гурехта буд ва мардуми Самарқанд ваҳшатзада шуда буданд" [2, с. 640].

Илова бар ин, тарҷумаи тоҷикии он низ ишколот ва ибҳомоте дорад. Аз ҷумла, унвони "Ҷанги Лой"-ро мутарҷим "Ҷанги гилӣ" овардааст, ҳол он ки хоҳем дид тамоми муаррихон ва нависандагони қадим аз қабили Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Ҳофизи Абрӯ, Абдурраззоқи Самарқандӣ ва дигарон, онро «Ҷанги Лой» зикр кардаанд.

Аз назари таърих ва забони маҳалли он замон «Ҷанги Лой» дуруст мебошад. Аз гуфтаҳои Бобоҷон Ғафуров, асли воқеа ва ҷойгоҳи он дар таърихи он рӯзгор чандон равшан нест.

Аз таҳқиқоти ҷадид роҷеъ ба таърихи "Ҷанги Лой" мақолаи "Сарбадорони Самарқанд"-ро метавон ном бурд. Муаллиф иртиботи "Ҷанги Лой" ва наҳзати Сарбадоронро дар назар гирифта, чунин менависад:

«Чунонки мушоҳида шуд, дар Ҷанги «Лой» ҳар ду гурӯҳи ашрофи турку муғул ширкат доштанд, вале мардуми бумӣ, яъне кишоварзону шаҳрнишинон дар ҷанг ширкат накарданд. Ин ҷанг, аз як сӯ ҳамлаи муҷаддади муғулони Кошғар барои тасарруфи Мовароуннаҳр ва аз

сӯйи дигар ҷангу талошҳои Ҳусайну Темур барои устувор кардани ҳукумати хеш буд. Ҳусайну Темур мехостанд, Илёсхоҷаи муғулро ба таври қатъӣ шикаст дода, саранҷом вилояти Мовароуннаҳрро тобеи ҳукумати хеш гардонанд. Бори дигар Илёсхоҷа муҷаддадан ба Мовароуннаҳр лашкар кашид ва қасд дошт Ҳусайну Темурро, ки душманони хатарноки ӯ маҳсуб мешуданд, аз саҳна бардорад ва мулки «Чағатоиён»-ро дар Мовароуннаҳр ба даст биёварад ва чунонки ишора шуд, ин ҷанг тӯл накашид ва бо вуҷуди муваффақиятҳои муваққатӣ, Темур дар ин ҷанг бар асари хиёнати Ҳусайн ва чанде аз амирону фармондеҳони чағатойии Мовароуннаҳр, Хоҷа Илёс бар душманонаш пирӯз шуд ва бо суръат ба ҷониби Самарқанд, ки дар он айём пойтахти ҷадиди Ҳусайну Темур буд, ҳаракат намуд» [3, с.37-38].

Дар натиҷа "Ҷанги Лой", бар густариши "Наҳзати Сарбадорон"-и Самарқанд таъсир гузошт. Фирори амир Ҳусайн ва Темур ба Балх низ боиси фаъолтар шудани раҳбарони Сарбадорон дар Самарқанд гардид ва бар ин асос метавон гуфт, ки натиҷаи "Ҷанги Лой" муқаддимаи ҳаракати Сарбадорони Самарқанд гардид.

Чунонки мушоҳида мегардад, ин навиштаҳо ҳам дар мавриди "Ҷанги Лой" комилу дақиқ нестанд. Қабл аз шарҳи таърихи "Ҷанги Лой", баррасии манобеи аввал муҳим ба назар мерасад. Дар таҳқиқи "Ҷанги Лой" манобеи дасти аввалро ба ду гуруҳ метавон тақсим намуд.

**Гурӯҳи аввал- манобеъи мустақим.** Ин гуруҳ аз манобеъ, ки аз лиҳози таърихӣ ба вақти зуҳури воқеа наздик аст, вале ба далелҳои гуногун, ҳикояти онҳо тағйир ёфтааст. Хотироти ёддоштҳо, нақлу ривоёти ашхоси таърихие, ки шоҳид ва ҳатто шарики воқеа низ буданд, аз зумраи манобеи мустақим мебошанд, ки тақрибан асли ривоёти онҳо дар дастрас нест. Баёни амир Темур ва амир Ҳусайн ва ғайра, ки номашон дар манобеъ зикр нашудааст, аз ҳамин гуна манобеъ ба ҳисоб мераванд.

Албатта, сатҳи инъикоси ҳақоиқи ҳаводис дар ин манобеъ яксон нестанд ва аз якдигар фарқ доранд, зеро ҳар як аз ин шоҳидон нисбат ба воқеа, нигоҳи хос доранд; Аммо иттилооти онҳо ба таври куллӣ, баъдан асоси нақли манобеи хаттӣ қарор гирифтанд ва низ батадриҷ бар афкору ақоиди муаллифони осори хаттӣ таъсир гузоштанд, намунаи комили инро дар осори таърихии расмии дарборӣ метавон ба хубӣ мушоҳида кард.

**Гурӯҳи дуввум - манобеи ғайримустақим, яъне осори хаттӣ.** Тақрибан тамоми осори хаттӣ, таърихномаҳо, сиёсатномаҳо ва ғайра ки ҳаводиси мавриди назарро ба хубӣ инъикос кардаанд, аз манобеи ғайримустақим маҳсуб мешаванд. Яке аз вижагиҳои ин манобеъ дар он аст, ки ба шиддат ба манобеи гурӯҳи аввал вобаста мебошанд. Дар мавриди таърихи "Ҷанги Лой" ва Сарбадорони Самарқанд ин гӯна манобеъ метавон гуфт, ки ҳамаи манобеи гурӯҳи дувум мутаассир аз иттилооти манобеи гурӯҳи аввал аст. Аммо дар зимни баёни ҳодиса, муаллифони осори хаттӣ масъаларо аз нигоҳи хеш таҳрир кардаанд.

Пайванди ин ду гурӯҳ манобеъро дар зикри ҳаводиси таърихӣ ба хубӣ метавон мушоҳида кард, воқеаи "Ҷанги Лой" ва наҳзати Сарбадорон аз ҷумлаи онҳост. Ҷойгоҳи манобеъи гурӯҳи аввал тавассути ҳамин манобеи гурӯҳи дувум ошкор шудааст. Манобеи гурӯҳи дувум низ дар ҷойи худ аз лиҳози саноеи адабӣ ба ду навъи мухталиф тақсим мешаванд. Аммо дар мавриди таърихи "Ҷанги Лой" ва Сарбадорони Самарқанд, ҳамаи манобеи гурӯҳи дувумро осори таърихии асрҳои XIV-XV ташкил медоданд ва анвои онҳоро муҳаққиқон зикр кардаанд, ки таърихи умумӣ, таърихи силсилаҳо, таърихи ашхоси бузурги таърихӣ ва ғайра аз анвои осори таърихии аҳди Темур ҳастанд ва роҷеъ ба таърихи "Ҷанги Лой" ва Сарбадорони Самарқанд иттилоотеро ба даст овардаанд, дар бораи аҳамияти ҳар як аз онҳо, ҷудогона бар асоси тартиби замону нигоштани осор, ба таври мухтасар ба нақду баррасӣ мепардозем.

**«Зафарнома» и- Низомуддини Шомӣ.** «Зафарнома» асари машҳур ва мондагори таърихи давраи Темуриён аст, ки ба қалами донишманди фозил ва шоири тавонои форсизабон дар бораи Темур ва иқдомоти ӯ таҳрир шудааст.

Муаллиф, ки яке аз ходимон ва кормандони дарбори темурӣ ва аз шоҳидони айнии воқеаҳо ба шумор меравад, ба ишораи махдуми худ ва бо қалами равону насри шево, китоберо таълиф намуда, ки ҳам мавриди писанди авом аст ва ҳам хавосро розӣ мекунад. Ин асар ҳосили мушоҳидаҳо ва мулоҳизаҳои Низомуддини Шомӣ ва иртиботи муаллиф бо девониёни дастгоҳи темурӣ будааст. Аз он замон то кунун ҳар муаррих, ки хостааст дар мақоми таҳқиқу таълифе дар ин давраи таърихӣ барояд, ба ин асари муътабари таърихӣ мурожиат намуда, аз он дар ҷиҳати эътибору арзиши таълифи худ, суд бурдааст.

Низомуддини Шомӣ аввалин муаррихест, ки дар мавриди «Ҷанги Лой» ва Сарбадорони Самарқанд, иттилоотеро овардааст [4, с.28-32].

Баёни ҳодисаи «Ҷанги Лой», дар ин китоб хеле хуб омада ва худи муаллиф низ, нисбат ба ин ҳодиса изҳори назар кардааст. Аз иттилооти муаллиф бармеояд, ки барои навиштани таърихи «Ҷанги Лой» ба манбаи мустақим дастрасӣ доштааст. Баёни таърихи «Ҷанги Лой», ки дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ омада, на танҳо бо навиштаҳои муаррихони баъдӣ мувофиқат мекунад, балки барои муаррихон ва нависандагони баъдӣ, ҳам аз лиҳози сабки нигориш ва ҳам аз лиҳози интиқоли иснод намунаи асосӣ шудааст. Низомуддини Шомиро дар таърихнигории «Ҷанги Лой» метавон ба унвони поягузори расмию давлатии Темуриён муаррифӣ кард. Тақрибан кулли муаррихону нависандагони баъдӣ, дидгоҳҳои Низомуддини Шомиро дар мавриди ҷанги мазкур қабул кардаанд.

«Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ бо вуҷуди он ки аз лиҳози замони нигориш ба воқеа наздик аст, вале иттилоооташ дар мавриди «Ҷанги Лой» комил нест.

**«Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ.** «Зафарнома», асари муфассали таърихиест ки дар ибтидои асри **XV** ба қалами Шарафуддин Алии Яздӣ нигошта шуда, муаллифи хибраи ин асар бо насре салису гиро ҳаводисро ба сурати таҳлилгуна ба хонанда арза медорад. Муаллиф дар асари ёдшуда, беш аз ҳар манбае ба сабки «Таърихи Ҷаҳонкушой»-и Ҷувайнӣ назар дошта ва дар таҳрири муқаддимаи китоб низ, аз «Ҷомеъ-ут-таворих» баҳра ҷустааст.

Муаррих Шарафуддин Алии Яздӣ аз маъхазҳо ва манбаъҳои дигаре низ истифода бурда, ки аксари осор ва таълифоти муаррихони давраи муғулро дарбар мегирад. Таърихнигорони асрҳои баъдӣ, монанди Хондамир, Мирхонд ва дигарон аз «Зафарнома» мадад ҷустаанд ва муаррихони муосир низ дар таҳқиқоти марбут ба давраи темурӣ аз руҷӯъ ба он ногузиранд.

Шарафуддин Алии Яздӣ, аввалин муаррихест, ки дар бораи, «Ҷанги Лой ва қиёми Сарбадорони Самарқанд ба таври муфассал матолиберо оварда ва ахбори муаррих, Низомуддини Шомӣ дар мавриди «Ҷанги Лой» ва қиёми Сарбадоронро комилу муфассал намудааст [5, с.311-319]. Навиштаҳои Шарафуддин Алии Яздӣ барои муаррихони дигар роҷеъ ба ин ҳодиса аз манобеъи аслӣ маҳсуб мешавад.

Баёни таърихи «Ҷанги Лой дар «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ зери унвони махсус омада, ки ин вижагиро дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ наметавон мушоҳида кард. Яздӣ дар баёни худ саъй кардааст номҳои амирони ширкаткунанда дар ҷанги мазкурро комилтар кунад.Ҳамчунин, дар навиштаҳои ӯ вазъи лашкари Илёсхоҷа дар вақти ҷанг хеле муфассал ва дақиқ оварда шудааст. Ҷараёни ҷанг низ дар китоби «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ ба таври муфассал омада ва муаррихоне, ки баъд аз ӯ таърихи «Ҷанги Лой»-ро навиштаанд, аз қабили Ҳофиз Абрӯ, Абдурраззоқи Самарқандӣ ва Мирхонд, тақрибан ба наҳве гуфтаҳои Шарафуддин Алии Яздро такрор кардаанд ва дар сабки нигориши ин ҳодиса ҳатто таъсири сабки муаллифи «Зафарнома» хеле равшан ба назар мерасад, ки дар бораи он ишора хоҳад шуд.

«Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ, барои таҳқиқи таърихи «Ҷанги Лой» бешак аз муҳимтарин манобеи аслӣ маҳсуб мешавад. Шарафуддин Алии Яздиро дар таърихнигории «Ҷанги Лой» метавон ба унвони муваффақтарин нависанда ва мубаллиғи афкори давлатӣ (темурӣ) шинохт.

**«Мунтахаб-ут-таворих»-и Муини Натназӣ.** «Мунтахаб-ут-таворих» асарест, ки тавассути Муъинуддини Натназӣ зодаи Систон, ки дар дарбори темурӣ умр ба сар мебурд, соли 817/1414 таълиф шудааст. Бо он ки таърихи умумӣ маҳсуб мегардад, аммо бештари иттилооти он роҷеъ ба даврони чингизӣ ва темурӣ буда, ҳаводисро аз Одам (а) то марги Темур ба таври мухтасар баён доштааст.

Ин асар ахбори муҳимми таърихиеро роҷеъ ба замони Темуриён дар бар мегирад, ки дар дигар кутуби таърих нестанд. Маълумотҳои гирдовардаи Натназӣ то имрӯз муҳаққиқонро ба ҳайрат гузоштааст, ки ӯ ахбори муфассали таърихиро роҷеъ ба вилоёти ҷанубии Эрони имрӯза ва Осиёи Миёнаи собиқ Шӯравӣ аз куҷо гирифта бошад. Баъзе аз муҳаққиқини аврупоӣ бар ин ақидаанд, ки Натназӣ шояд аз манбаъҳои туркии ба мо номаълум ва ё аз рӯзномае истифода карда бошад. Аз ин рӯ истифодаи маълумотҳои Натназӣ барои омӯзиши таърихи ибтидои давраи Темуриён дорои аҳамияти махсус мебошад.

Асари мазкур аз боби таҳқиқ ва фарогирии таърихи қиёми Сарбадорон дар зумраи таълифот матраҳ буда, эҳтимол дорад, ки муаллиф низ дар ҷараёни баъзе аз ҳаводис будааст.

Танҳо таърихи Сарбадорон ва таърихи «Ҷанги Лой» дар китоби Натназӣ аз манобеъи бисёр муҳимм аст [6, с.222-227].

Навиштаҳои ин муаррих бо Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ва муаррихони баъдӣ, ки дар бораи ҷанги Лой ва Сарбадорон навиштаанд, дар бисёре аз маворид мувофиқат мекунад ва тафовути чандон муҳиме дар имлои номҳои амирон ба назар намерасад. Ҷараёни ҷанг дар китоби Натназӣ мухтасартар омада ва иттилооти муҳим низ зикр нашудааст. Чунонки роҷеъ ба теъдоди кушташудогон дар «Ҷанги Лой», ҳарфи муайяне наовардааст. Ба назар чунин мерасад, ки муаллифи «Мунтахаб-ут-таворих» дар баёни таърихи «Ҷанги Лой» ва қиёми Сарбадорон аз манобеи расмӣ ва ғайрирасмии замонаш истифода кардааст. Тафовути чандон ҷиддӣ дар баёноти Натназӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ дар зикри наҳзати Сарбадорони Самарқанд возеҳтар аст.

Яке аз вижагиҳои баёноти Натназӣ роҷеъ ба «Ҷанги Лой» дар он аст, ки муаллиф саъй кардааст, то сабаби ҳуҷуми Илёсхоҷаро ба Мовароуннаҳр баррасӣ намояд [6, с. 222].

Ҷараёни «Ҷанги Лой» дар китоби «Мунтахаб-ут-таворих» ҳамон гуна ки Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ тасвир кардаанд, омадааст. Танҳо дар теъдоди қӯшуни амир Темур, ки баъд аз шикаст хӯрдан дар ҷанг барои тасарруфи Самарқанд фиристода буд, тафовут дида мешавад.

**«Зубдат-ут-таворих»-и Ҳофиз Абрӯ.** «Зубдат-ут-таворих» асарест, ки тавассути Шиҳобуддин Абдуллоҳ ибни Лутфуллоҳ ибни Абдуррашид машҳур ба Ҳофиз Абрӯ (1360 – 1461) аз муаррихон ва ҷуғрофинависи маъруфи форс-тоҷик, ки дар дарбори темурӣ умр ба сар мебурд, таълиф шудааст. Маълумоти таърихии ӯ, ки наздик ба замони зиндагияш мебошанд, хеле арзишманданд. Дар суҳбатҳои маҳрамонаи Темурланг бисёр ширкат дошт. Осори дигари ӯ: «Зайли «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидӣ», «Зайли Зафарномаи Шомӣ», «Ҷуғрофиё», «Маҷмӯъ-ут-таворихи-с-султония» мебошанд.

В.В.Бартолд аҳамияти китоби «Матлаъ-ус-саъдайн»-ро дар таҳқиқи таърихи Сарбадорони Самарқанд таҳлил намуда, матни онро бо «Мунтахаб-ут-таворих»-и Натназӣ муқоиса карда, натиҷа мегирад, ки соҳиби «Матлаъ-ус –саъдайн» дар навиштаҳои худ, ба эҳтимоли зиёд аз китоби «Зубдат-ут-таворих» истифода кардааст [1, с.364-367]. Аммо ӯ афсӯс мехӯрад, зеро нусхаҳои хаттии китоби «Зубдат-ут-таворих», ки дар чандин китобхонаҳои Русия ва Аврупо дидааст, ҳикояти таърихи Сарбадорони Самарқандро надоштаанд, ҳарчанд ки ӯ ошкор мекунад, ки яке аз фиҳрестҳои «Зубдат-ут-таворих», ҳикояти Сарбадорони Самарқандро бо ин унвон овардааст:

1.Зикри Мавлонзодаи Бухороӣ.

2. Зикри муроҷиати амир Ҳусайн ва амир Соҳибқирон ба Мовароуннаҳр ва кушта шудани Сарбадорони Самарқанд [1, 367]. Аммо худи ҳикоят дар матн набуда ва бо вуҷуди ин норасоиҳо, Бартолд дар мавриди вобастагии манобеи таърихӣ, аз ҷумла робитаи байни «Матлаъ-ус-саъдайн» ва «Зубдат-ут-таворих» ба натиҷаи дурусте расида мегӯяд, ки муаллифи «Матлаъ-ус-саъдайн» тамоми иттилоотро аз Ҳофиз Абрӯ гирифтааст.

Зикри таърихи «Ҷанги Лой» ва таърихи Сарбадорони Самарқанд аз як нусхаи хаттии «Зубдат-ут-таворих», ки акнун дар китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон, ки зери шумораи (4204) маҳфуз аст, ба даст омад [7, с. 218-221].

Таҳлил ва муқоисаи ин матн бо матни «Матлаъ-ус-саъдайн» нишон дод, ки Абдурраззоқи Самарқандӣ дар ҳақиқат тамоми иттилоот роҷеъ ба таърихи «Ҷанги Лой» ва Сарбадорони Самарқандро аз «Зубдат-ут-таворих» гирифтааст. Таҳлили иттилооти Ҳофиз Абрӯ дар мавриди таърихи наҳзати Сарбадорони Самарқанд як масъалаи ҷудогонаест ва дар мавриди зикри таърихи «Ҷанги Лой» дар «Зубдат-ут-таворих», метавон гуфт, ки муаллиф дар навиштаҳои худ асосан ба иттилооти «Зафарнома» -и Шарафуддин Алии Яздӣ такя кардааст ва ё худи Ҳофиз Абрӯ аз ҳамон манбаи расмӣ дар бораи Темур, ки Шарафуддин Алии Яздӣ дар навиштаҳояш истифода карда, баҳра бурдааст. Сабку нигориши Ҳофиз Абрӯ дар баёни воқеаи «Ҷанги Лой» ба сабки Шарафуддин Алии Яздӣ шабоҳат дорад, вале дар баъзе мавориди ҳикояти худро мухтасар кардааст.

**«Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-у-л-баҳрайн»-и Абдурраззоқи Самарқандӣ ва дигар манобеъ.** Китоби мазкур ба қалами муаррихи номӣ Абдурраззоқи Самарқандӣ (1413-1482) таълиф шудааст. Муаррих, нависанда, арбоби давлатӣ ва сӯфии машҳур буд. Агарчи ӯ зодаи Ҳирот аст, вале чун падараш аз аҳли Самарқанд буд (ва вазифаи қозигӣ ва шайхулисломиро дар сипоҳи Шоҳрух адо мекард) ба Абдурраззоқи Самарқандӣ машҳур шуд. Дар 25-солагиаш ба дарбори Шоҳрух роҳ ёфт ва зиёда аз 26 сол дар вазоифи муҳимми давлатӣ кор кард ва

муддате дар Ҳиндустону Гелон ба сифати сафири давлати Шоҳрух адои вазифа намуд. Дар охири умр султон Абӯсаиди Темурӣ раёсати хонақоҳи Шоҳрухи Ҳиротро бар уҳдаи ӯ гузошт, то дар ҳамон ҷо аз дунё гузашт. «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн»-и ӯ дар зикри воқеоти таърихии 1304-1470, махсусан солҳои ахири он, дорои маълумоти муҳимми таърихиянд. Ин асар, чунонки аз номи он бармеояд, шарҳи вақоеи таърихест, ки байни Абӯсаиди Баҳодурӣ -охирин элхони муғул ва Абӯсаиди Гурраконӣ -охирин подшоҳи темурӣ иттифоқ афтодааст. Ба ҳамин сабаб унвони китоб ҳам ба номи ин ду Абӯсаид сохта шуд. Он иборат аз ду ҷилд (дафтар) аст. Ҷилди аввал аз таваллуди Абӯсаид то марги Темурланг ва ҷилди дувум аз ҳукмронии Шоҳрух то поёни ҳукумати Абӯсаиди Темуриро дар бар мегирад. Сипас муаллиф аз авзои давлати Темуриён баъди марги Абӯсаид ва ба тахт нишастани Ҳусайн Бойқаро (1470) менависад. Манобеъ ва маохизи Абдурраззоқи Самарқандӣ дар таълифи ин асар, илова бар «Зубдат-ут-таворих», асари Ҳофиз Абрӯ, ки муаррих беш аз ҳар китоби дигаре ба он назар ва иноят дошта, мушоҳидаҳо, шунидаҳо ва иртиботу пайванди ӯ бо дастгоҳи темурӣ будааст. Агар як идда ахбори таърихии онро дар дигар кутуб, махсусан дар асарҳои Ҳофизи Абрӯ, мушоҳида кунем, пас вақеоти баъди солҳои 1426-1427-умро бори аввал дар ҳамин китоб вохӯрдан мумкин аст. Яъне, воқеоти чиҳил соли ахири асари мазкур арзиши баландтари илмиро соҳиб аст. Ин таълифи арзишманд аз ҷумлаи манобеи аҳди Темуриён буда, ки дар он ба таърихи «Ҷанги Лой» ва қиёми Сарбадорон ба тафсил пардохта шудааст [8, с. 245-250].

Чунонки зикр шуд, баёни таърихи «Ҷанги Лой» ва Сарбадорони Самарқанд бар тибқи «Зубдат-ут-таворих»-и Ҳофиз Абрӯ навишта шуда, тақрибан калима ба калима рӯнависӣ гардида ва аз ҳайси дидгоҳи шахсӣ, назари ӯ шабеҳи Ҳофиз Абрӯст. Ин асар низ ҳамроҳ бо «Зубдат-ут-таворих барои муаррихони баъдӣ аз манобеи аслӣ шудааст.

Таҳлили иттилоот ва табақабандии он нишон медиҳад, ки осори муаррихон: Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Муиниддини Натназӣ ва Ҳофиз Абрӯ аз муҳимтарин манобеъ дар таҳқиқи таърихи «Ҷанги Лой» ба шумор меравад.

Олимони ҷаҳон муайян намудаанд, ки яке аз омилҳои асосии зиёд намудани шумораи оилаи занбӯри асал ва маҳсулнокии он, ин дар хоҷагиҳо паҳн намудани зоти карпатӣ ва ноҳиябандӣ намудани он мебошад, зоти карпатӣ пайдоишаш минтақаи Карпат буда, ба шароити иқлими кӯҳҳои он ҷо ва намнокию хунукии кӯҳҳои он ҷо тобовар мебошад. Хусусиятҳои занбӯрони зоти карпатӣ чунинанд: оромтабиат дар вақти кушодани занбӯрқуттӣ, қаҳркуниашон камтар, қобилиятҳои хуби зимистонгузаронӣ ва ривоҷёбии барвақти баҳориро доранд.

Маҳсулоти соҳаи занбӯриасалпарварӣ чунинанд: асал, мум, гарди гул, шири модарзанбӯр, ширеш, заҳри занбӯр ва ғайраҳо. Ҳамаи ин маҳсулотҳо барои хӯрока истифода бурда мешаванд ва ҳамчун доруҳои шифодиҳанда ва барои тайёр намудани малҳамҳо заруранд. Соҳаи занбӯриасалпарварӣ ба ғайр аз маҳсулотҳои дар боло гуфташуда боз метавонад занбӯри хушккардашуда, кирминаи занбӯр ва кирминаи нарзанбӯр диҳад. Асал аз ҷиҳати сифат ва хусусияти биологии худ ба ҳеҷ маводу хӯрок ивазнашаванда аст. Он дар байни маҳсулотҳои доруворӣ ҷойи аввалро ишғол менамояд. Табиат онро ба мо тавассути гулҳо ва растаниҳои гуногун офаридааст. Асал витаминҳо ва маводҳое дорад, ки хунро наву асаброро ором намуда, ба мо ҳаёти нав мебахшад[4, с. 4].

Ба ҳама маълум аст, ки 80%-и гардолудшавии тамоми растаниҳои энтомофилӣ ба ҳайси занбӯри асал ва занбӯрони алоҳида зиндагикунанда вобастагӣ дорад. Гуфтан ҷоиз аст, ки сол аз сол шумораи занбӯрони алоҳида зиндагикунанда кам гардидааст, бинобар ин ба чунин хулоса омадан мумкин аст,ки занбӯри асал, ки дар як оила шумораи онҳо ба зиёда аз 60 ҳазор мерасад, аз уҳдаи ин кори зарур мебароянд. Ягона коре, ки ба занбӯрпарвар тааллуқ дорад, ин дар вақташ ба манбаи растаниҳои шаҳдовар кӯчонидани занбӯрон мебошад.

Дар вақташ гузаронидани гардолудкунӣ метавонад маҳсулнокии зироатҳои кишоварзиро 30-80% ва аз ин ҳам зиёд намуда, сифати онҳоро (ранг, маза, кондитсияи тухм) беҳтар менамояд. Самараи иқтисодӣ аз ҳисоби гардолудкунии растаниҳои энтомофилӣ ба даст омада даҳҳо маротиба назар ба гирифтани асал ва баъзан садҳо маротиба зиёд мебошад. Ҳаёти занбӯри асал дар табиат ҳамчун индикатор оид ба афзун намудани маҳсулнокии растаниҳо ва сифати онҳо буда, ҷангалзоронро, марғзоронро, чарогоҳҳоро бо тухми сифатан сабзшаванда таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз ҳаёти худи занбӯри асал аз табиат ва гиёҳҳои сабзшавандаю ҳавои тоза вобастагӣ дорад[5, с. 5].

Оилаи занбӯр вобаста ба мавсими сол метавонад шумори худро зиёд ё кам карда, ҳолати зимистонгузаронии хуб дошта бошад, рушди баҳории худро барвақт сар намуда, дар вақти шаҳдҷудокунӣ занбӯри зиёд дар оила дошта бошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби майдонҳои киштшаванда, зироатгоҳҳо, минтақаҳои наздикӯҳӣ, имкониятҳои хело зиёд намудани шумораи оилаҳои занбӯри асал ва маҳсулотҳои гуногуни онро дорост. Соҳаро бо як асал пеш бурдан гарон мебошад. Занбӯраиасалпарварони асил аз ин сабаб бояд роҳҳои истеҳсол намудан ва аз марзи ҷумҳурӣ баровардани гарди гул, ширеш, заҳри занбӯр, шири модарзанбӯр ва кирминаи онро дида

бароянд, лозим аст, ки ин кор соҳаи занбӯриасалпарвариро рушду нумӯъ бахшида, иқтисодиёти соҳаро бой мегардонад.

Дар ин ҷо таҷрибаи занбӯриасалпарварони Ноҳияи Кӯшониёнро лозим донистем ёдовар шавем[1][3, с.121]. Асоси иқтисодиёти ноҳияи Кӯшониёнро соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад. Самтҳои асосии кишоварзии ноҳия пахтакорӣ, боғдорию ғалладонапарварӣ, чорводорӣ ва занбӯриасалпарварӣ мебошад. Занбӯриасалпарварӣ яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқ ба ҳисоб рафта, баробари зиёдшавии талаботи инсоният рушду такомул меёбад. Занбӯриасалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлими ноҳияи Кӯшониён барои рушду нумӯи соҳаи занбӯриасалпарварӣ хело мусоид мебошад. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳанд, ки сол аз сол шумораи оилаҳои занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли асал дучанд афзояд.

Хулоса, барои рушду нумӯи соҳа ҳарчи бештар аҳолии қобили меҳнат барои парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ бояд ҷалб карда шавад. Маълум аст соҳаи занбӯриасалпарварӣ яке аз соҳаҳои сердаромад ва камхарҷ дар истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Мирзоев М. Иҷроиши барномаи рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ-оммавӣ. Равзанаи шифои занбӯриасалпарварӣ –Душанбе, 1/ 2011с.28с.
2. Қарори раиси вилояти Хатлон аз 28.09.2010 №293 оид ба ҚҲҶТ №418 аз 2.09.2010 «Дар бораи барномаи рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016»// (Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон).
3. Раҳимов М. Табиат ва сарватҳои табиии Тоҷикистон / М. Раҳимов. -ПИК - Душанбе, 2011. -141с.
4. Шарипов А. Китоби дарсии занбӯрпарварӣ / А.Шарипов. –Душанбе, 2012. -70с.
5. Шарипов А. Маннапов А.Г. Машғулиятҳои амалӣ аз фанни занбӯриасалпарварӣ / А. Шарипов. А.Г. Маннопов. -Душанбе, 2015. 276 с.


## РУШДИ СОҲАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои ноорамиҳо соҳаи занбӯриасалпарварӣ ба вартаи нобудшавӣ омада расида буд, вале аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ «Барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи занбуриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» қабул гардид, ки барои рушду нумӯи соҳаи занбӯриасалпарварӣ такони ҷиддӣ бахшид. Бо мақсади дар оянда рушд ёфтани соҳаи занбӯриасалпарварӣ бо пешниҳоди Вазорати кишоварзӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016»-ро бо қарори № 418 аз 2.09.2010 қабул намуд. Барномаи мазкур барои зиёд намудани миқдори оилаҳои занбӯри асал ва истеҳсоли асал, иҷрои барномаи озуқавории мамлакат, бо маводҳои зарурӣ таъмин намудани эҳтиёҷоти занбӯрпарварон новобаста аз шакли моликият равона гаштааст. Ҳамасола дар ноҳияҳои дурдаст ва манотиқи кӯҳистони ҷумҳурӣ аз ҷониби мутахассисон, конференсия ва семинарҳои илмию амалӣ оиди рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ гузаронида мешавад, ки барои пешравии соҳа кӯмак мерасонад. Ба ҳама маълум аст, ки 80%-и гардолудшавии тамоми растаниҳои энтомофилӣ ба занбӯри асал ва занбӯрони алоҳида зиндаги-кунанда вобастагӣ дорад. Дар вақташ гузаронидани гардолудкунӣ метавонад маҳсулнокии зироатҳои кишоварзиро 30-80% ва аз ин ҳам зиёд намуда, сифати онҳоро (ранг, маза, кондитсияи тухм) беҳтар менамояд. Ҳамаи ин равандҳо дар мақола таҳлили илмии худро ёфтаанд.



**Калидвожаҳо:** поёни фасли гармо, такони ҷиддӣ, мутахассисони лаёқатманд, асбобу лавозимотҳо, растаниҳои шаҳддиҳанда, маҳсулноки, оромтабиат, камхарҷ.


## РАЗВИТИЕ ПЧЕЛОВОДСТВА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье приведены результаты исследования пчеловодческих хозяйств в годы независимости Республики Таджикистан. В Республике Таджикистана в неспокойные годы пчеловодческая отрасль находилась на грани исчезновения. Однако Правительством Республики была организована «Программа восстановления и дальнейшего развития пчеловодческой отрасли в Республике Таджикистан для 2006-2010гг.» и конкурс-ярмарка, праздник меда, который играл важную роль в развитии пчеловодческой отрасли. С целью дальнейшего развития пчеловодческой отрасли по решению № 418 с 2.09.2010 Министертва сельского хозяйства Правительства Республики


[1] Ноҳияи Кӯшониён яке аз ноҳияҳои идории вилояти Хатлон аст, ва дар Ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад. Маркази ноҳия шаҳраки Исмоили Сомонӣ аст, ки 15км ҷанубтар аз шаҳри Бохтар ҷойгир аст. Ноҳияи Кӯшониён ба сарзамини 1101,4км2 дар дараи руди Вахш ҷой дорад. Дар шимол бо ноҳияи Ҷомӣ, дар шарқ-бо ноҳияи Леваканд ва ноҳияи Вахш, дар ғарб –бо ноҳияи Хуросон ва дар ҷануб-бо ноҳияи Балхӣ ҳаммарз аст.

Таджикистан была принята «Программа развития пчеловодства в Республике Таджикистан на 2011-2016гг.». Данная программа направлена на увеличение количества пчелиных семейств и производство меда, выполнение продовольственной программы государства, обеспечение нужд пчеловодов, независимо от формы собственности необходимыми материалами. Каждый год в отдалённых районах и горных регионах республики проводятся конференции и научно-практические семинары по развитию пчеловодческой отрасли, которые способствуют прогрессу отрасли. Всем известно, что 80% опыления энтомофильных растений зависит от пчел и отдельно живущих ос. Во время проведения опыления может на 30-80% увеличится производительность сельскохозяйственных культур, улучшится (цвет, вкус, кондиции яйца) их качество. Все эти процессы глубоко пронализированы в данной статье.

**Ключевые слова:** конец летнего периода, производительность, экономичный, серьезный толчок, талантливые специалисты, необходимые инструменты, нектарное растение.

**THE DEVELOPMENT OF BEEKEEPING IN THE YEARS OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In this ar ticle carried out the research on beekleping farm in the years of independence of the Republic of Tajikistan, and in certain level it was analyzed on scientific standard. During restless years in the Republic of Tajikistan the beekeeping branch was on the eve of disappearance. But by the Government of the Republic was organized “The Programe of Renovation and further development of the beekeeping branch in the Republic of Tajikistan for 2006-2010 years” and contest-fair honey holidey which played an important role in the development of the beekeeping branch. With the aim of further development of the beekeeping branch by the decision № 418 from 2, 09, 2010 The Ministry of Agriculture the Government of the Republic of Tajikistan was passed “The Programe of development of the beekeeping in the Republic of Tajikistan for 2011-2016 years”.
This programe directs to increase the number of bee families and honey production, implementation of food programe of the state , providing of beekeepers needs aside from from of ownership with hecessary materials. Every year in far distanced districts and mountainous areas of the republic take place conferences and scientific practical seminars on the development of the beekeeping branch. These activities conduct by high- qualified specialists which promote to the progress of the branch. Everybody knows that 80 % of pollination of entomophilies plants depends on the bee and separately living wasps. During pollination it may increase about 30-80 % of productivity of agricultural crops and also improve their (colour, taste, clutch, conditions) qualities. All these processes scrupulously analyzed in this article.

**Key words:** the end of the summer, productivity, economic, serious push, talented specialists, necessary tools, nectarial pla

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Джовидон Файзулоевич*** **–** Курган-Тюбинский государственный университет им.Носира Хусрава, ассистент кафедры общей истории факультета истории и права, **Адрес:** Республика Таджикистан, город Курган-Тюбе, ул. Айни, 67.Телефон: **918 43 06 81**

**Information about the author:** ***Abdulloev Jovidon Faizuloevich*** **-** Kurgan-Tubin State University named after Nosir Khusrava, assistant of the Department of General History of the Faculty of History and Law, **Address:** Republic of Tajikistan, Kurgan-tube, Ayni str, 67.Phone: **918 43 06 81**

**УДК: 784 (091)(575.3)**

## АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ АНСАМБЛИ ДАВЛАТИИ «ШАШМАҚОМ» БА НОМИ ФАЗЛИДДИН ШАҲОБОВ

***Фурқат С.Ф.***
**Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода**

Ансамбли давлатии «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобови Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъсисёбиаш дар нигоҳ доштан, инкишоф додан ва тарғибу ташвиқи мусиқии суннатии тоҷик, хусусан дар эҳёи суруду оҳангҳои классикӣ саҳми назаррас дорад. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки нахустин ташаббускор ва ташкилкунандаи бевоситаи ин дастаи маҳбуби кишварамон арбобони барҷастаи сиёсиву давлатии Тоҷикистон, академикҳо Садриддин Айнӣ (1878-1954) ва Бобоҷон Ғафуров (1908-1977) - ҳоло Қаҳрамонони Тоҷикистон, буданд. Маҳз бо саъю кӯшиши ин абармардон, устодони мақомдону мақомсаро Бобоқул Файзуллоев (1897-1964), Шоҳназар Соҳибов (1903-1972) ва Фазлиддин Шаҳобов (1911-1974) бо мақсади эҳё ва инкишофи санъати Шашмақом дар Тоҷикистон сафарбар шуданд.

«Аз рӯйи нақли академик Бобоҷон Ғафуров, ки ба ман карда буданд, хабардор мегарданд, ки як нафар донандаи шашмақом - Бобоқул Файзуллоев дар Бухоро зиндагӣ мекунад. Он вақт дар Сталинобод (ҳоло Душанбе) аз устодони «Шашмақом» танҳо Фазлиддин Шаҳобов фаъолият мебурдааст. Барои пайдо намудану ба Сталинобод овардани Бобоқул Файзуллоев Фазлиддин Шаҳобов ба Бухоро фиристода мешавад. Фазлиддин

Шаҳобов бо мушкилиҳои зиёд он касро бе шиноснома ба пойтахти Тоҷикистон мерасонад. Бобоҷон Ғафуров пас аз мулоқот бо Бобоқул Файзуллоев вазири корҳои дохилии Тоҷикистонро даъват намуда, амр менамоянд, ки ба он кас шиноснома омода карда супоранд. Ба Б.Файзуллоев хона дода, маош таъйин мекунанд. Шоҳназар Соҳибов – хатмкунандаи консерваторияи Маскав, ки он солҳо дар Тошканд иқомат доштанд, низ ба Сталинобод даъват карда мешаванд [6, с. 149].

Бешубҳа тарғиби васеи минбаъдаи санъати Шашмақом дар Тоҷикистон ба фаъолияти эҷодии ин се тан мақомсарову навошинос марбут ёфта, замина фароҳам омад, ки гурӯҳе аз ромишгарону тағанниандозон созмон ёбад ва барои ҳифзу нигаҳдорӣ ва равнақи шоҳасари тоҷикон - Шашмақом даст ба кор шаванд.

Соли 1946 дар назди Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ дастаи мукаммали овозхонону созандагон (гурӯҳи мазкур дар аввал номи ансамбли Ҳофизон - Мақомсароёнро дошта, баъдан ба он номи ансамбли «Шашмақом»-и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд) таъсис ёфт, ки ҳунармандони боистеъдод, донандагону хонандагони сабки мусиқии суннатии тоҷик аз гӯшаю канори ҷумҳурӣ гирд омада, барои ривоҷу равнақ, ҳифз ва рушди анъанаҳои устодонаи мақомсароӣ нақши босазо гузошта, дар инкишофи минбаъдаи санъати классикии тоҷик хизмати шоёне карданд. Мақсудҷон Болтуев (1890-1974), Саидхони Ҳисорӣ (1890-1964), Нериё Аминов (1916-1998), Маъруфхӯҷа Баҳодуров (1920-1996), Барно Исҳоқова (1927-2002), Боймуҳаммад Ниёзов (1927-2009), Аҳмад Бобоқулов (1931-1990) аз шумори ҳунармандони барҷастаеанд, ки ба ансамбли мазкур даъват шуданд [13, с. 160].

Ҳадафи таъсис додани ансамбл тарбияи ҳунармандони касбии шашмақом, ҳифз, рушду такомул ва тарғибу густариши санъати Шашмақом ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он буд. Ансамбли Шашмақом дар он замон ду нақшро иҷро менамуд: 1) студияи таълимӣ барои тарбияи ҳунармандони боистеъдоди Шашмақом, ки дар он ҳофизу мутрибони ҷавон иштирок мекарданд; 2) ансамбли ҳирфаӣ, ки аз устодони ҳунар иборат буд, бо масоили ҳифз, инкишоф ва тарғиби санъати Шашмақом машғул буданд [1, с. 9].

Пайваста омӯхтан, такмил додан ва тарғиб намудани сарвати бузурги маънавии тоҷикон – «Шашмақом» вазифаи асосии ансамбл ба шумор мерафт.

Ёдовар бояд шуд, ки фаъолияти пурбору пурсамари ҳунарии устодон Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов як зумра мутрибон ва сароянданрo барои таҳким ва рушди санъати мақом ва мақомсароӣ нимаи аввали солҳои 50-ум чун Фариза Саъдуллоева, Абдулло Назриев, Музаффар Муҳиддинов, Абдуҷалил Ҳошимов, Лола Баракаева, Меҳрӣ Исҳоқбоева, Нӯъмон Тоштемиров, Абдуназар Ҳасанов, Турсун Ӯлмасов, Нисон Шоулов, Яъқуб Бободӯстов, Ҷӯрахон Искандаров, Авнер Аминов, Уриэл Толмасов ва бисёри дигаронро ба камол расонида, рӯйи саҳнаи ҳунар овард. Тавассути ин гурӯҳ бори аввал оҳангу суруду таронаҳои мақоми «Наво» дар «Хазинаи тиллоӣ»-и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шуданд [4, с. 28].

Тазаккур бояд дод, ки асарҳои Шашмақом асосан бо роҳи суннатӣ, яъне аз устод ба шогирд омӯзонида мешуд ва аз ин сабаб масъалаи ба рӯйи хатти мусиқӣ (нут) сабт намудани ин шоҳасар бинобар аз байн нарафтанаш пеш омад.

Моҳи феврали соли 1947 қарори Раёсати корҳои санъат дар назди Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон оиди ба нут сабт намудани «Шашмақом» қабул гардид. Ҳунармандони барҷастаи тоҷик Б. Файзуллоев, Ш. Соҳибов ва Ф. Шаҳобов зери таҳрири доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Виктор Михайлович Беляев (1886-1968) ва узви вобастаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ Евгений Эдуардович Бертелс (1890-1957) асари панҷҷилдаи «Шашмақом»-ро бори нахуст дар хатти нути мусиқӣ омода карданд ва он дар шаҳри Маскав (солҳои 1950 - 1967) ба чоп расид [9, с. 408].

Барои саҳми арзанда дар ривоҷу равнақи санъати мусиқии анъанавӣ ва таҳияи китоби панҷҷилдаи мусиқии тоҷик – «Шашмақом» Б. Файзуллоев, Ш. Соҳибов ва Ф. Шаҳобов ва В. Беляев сазовори мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гаштанд. Чунонки Муҳаммад Осимӣ қайд намудааст: «Агар устод Айнӣ дар сари гаҳвораи худшиносии тоҷикон истода бошанд, Бобоҷон Ғафуров ин худшиносиро бо эҷодиёт ва бо фаъолияти ҳамаҷонибааш ба пояҳои баланд расонид» [8, с. 152].

Барои ҷилди аввал («мақоми Бузург», ки 1950 дар Маскав интишор ёфт ва ба 20-солагии дар он замон Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон эҳдо гардида буд) яке аз олимони машҳури шӯравӣ, шарқшиноси маъруф Е.Э.Бертелс таҳти унвони «Назми

Шашмақом» мақолаи хеле арзишманд навишта, дар кори муайян намудани тақдири минбаъдаи мусиқии классикии халқи тоҷик саҳми арзандае гузошт. Маҳз Евгений Эдуардович пас аз таҳлили матнҳои Шашмақом ба хулосае омад, ки гарчанде баъзан ғазалҳои шоирони классик, ки дар Шашмақом суруда мешаванд бо матни интиқодии онҳо мувофиқат намекунанд, набояд дар ҳеҷ сурат «ба ин гуна шеърҳо ислоҳ ворид намуд» [7, с. 17].

Ҳамон солҳо устод С. Айнӣ қайд карда буданд: «...ҳеҷ кас розӣ шуда наметавонад, ки «Шашмақом» - ин мероси мадании бузурги халқи тоҷик беному нишон аз миён равад, ё дар китобҳои кӯҳнаи архивбоб дар «Адвор»-и тилисммонанди каснофаҳм пӯсида равад» [3, с. 10].

Аз ҳамон замон инҷониб дар Тоҷикистон кори тарғибу такомули Шашмақом ба арсаи баланди давлатӣ бардошта шуд ва ансамбли шашмақомхонон бешубҳа дар густариши мусиқии классикӣ нақши бузургро иҷро кард. Аслан гирем, эҳёи суннати мақомсароӣ ва аз нав ба мардум дастрас намудани ин мероси бузурги фарҳангӣ маҳз дар даргоҳи радиои тоҷик аз ҷониби дастаи мақомсароён сурат гирифта буд [5. с. 216].

Соли 1964 фаъолияти ансамбли мақомсароён бо ҷалби истеъдодҳои лаёқатманд, зери сарпарастии Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов ривоҷ ёфта, сароянддагони умедбахш Боймуҳаммад Ниёзов, Меҳрӣ Исҳоқбоева, Абдуҷалил Ҳошимов, Лола Баракаева, Карим Қосимов, Барот Яхшиев, Тӯхта Иброҳимова, Ҳаким Маҳмудов, Алиҷон Солиев, Қумрӣ Қодирова ва дигарон шомили даста шуда, суруду таронаҳои классикиро аз бар намуда, қисматҳои созӣ ва овозии шаш мақом (Рост, Наво, Бузург, Дугоҳ, Сегоҳ ва Ироқ)-ро дар хазинаи Радиои тоҷик сабт намуданд. Сарахбори Рост, Сарахбори Наво, Сарахбори Бузург, Сарахбори Сегоҳ, Насри Ушшоқ, Насри Уззол, Насруллоӣ, Орази Наво, Ҳусайнӣ, Наврӯзи Сабо, Дугоҳи Ҳусайнӣ аз шумори онҳоянд.

Ҳамзамон бо иштироки устодони санъати Шашмақом, хосса танбурии чирадаст Фазлиддин Шаҳобов як силсила барномаҳои маърифатӣ-телевизионӣ ва радиоӣ оиди тарғибу ташвиқи ин ҳунар омодаву барои дӯстдорони мусиқии асил пешниҳод мегардид, ки ҷанбаҳои гуногуни санъати Шашмақомро дар бар гирифта, муаллиф сохтори суруд, авзони шеър, сохтори бахши соз ва овоз, оҳангу зарбу усул, истилоҳоти мусиқиро ба сомеон ва шунавандагон шарҳ медод [2, с. 10].

Солҳои 1970 ба ансамбли Шашмақом истеъдодҳои умедбахш София Бадалбоева, Мастона Эргашева, Асадулло Атоуллоев, Шухрат Матмуродов, Нигина Рауфова, Нукра Раҳматова, Маҳбуба Боҳирова, Саидқул Билолов, Ҷамшед Исмоилов, Дона Баҳромов, навозандагони ҳунарманди созҳои мусиқии миллӣ Муборакшо Ҷумъаев, Гулбек Саодатов, Алмосхон Абдуллоев, Файзулло Ӯлмасов, Носирҷон Азизов, Миралӣ Сафармамадов, Карим Бурҳонов, Ҳамидқул Ҷумъаев ва дигарон ворид шуда, саҳми хоссаи хешро дар осори мондагори миллат гузоштанд. Ҳунармандони номрафта, дар баробари омӯзиш ва таблиғу ташфиқи Шашмақом, инчунин асарҳои оҳангсозони тоҷикро иҷро менамуданд.

Дастаи мазкур нахустин маротиба дар Симпозиуми байналмилалии ЮНЕСКО дар ш.Самарқанд (октябри соли 1978 таҳти сарварии ҳунарманди маъруф ва сароянддаи хушовоз Аҳмад Бобоқулов) бо муваффақият ҳунарнамоӣ намуд. Метавон гуфт, ки ин руйдоди бузурги таърихӣ дар муаррифӣ намудани мусиқии классикии тоҷик барои аҳли олам фоли нек гардид, зеро бори аввал намояндагони зиёда аз бист мамолики ҷаҳон бо Шашмақоми тоҷик бевосита аз наздик шинос гардида ба ҳунарнамоии сароянддагони мо баҳои хеле баланд доданд [10, с. 11].

Солҳои 90-ум бошад, хатмкунандагони кафедраи мусиқии Шарқи (ҳоло кафедраи сароянддагии анъанавии КМТ ба номи Т.Сатторов) Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода Роман Норкаллаев, Раъно Абдуллоева, Саодат Умарова, Аҳмадҷон Орифов, Шоҳида Ҳошимова, Насриддин Алиев, Сабоҳат Наҷмиддинова, Фурқат Саидов, Луҳира Муъминова, Озода Ашӯрова, Машариф Ҳомидов ва дигарон барои таҳким бахшидани даста вориди он шуданд.

Соли 1991 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ансамбли ҳофизон-шашмақомхонони Кумитаи радио ва телевизиони Ҷумҳурии Тоҷикистон номи Фазлиддин Шаҳобов гузошта шуд [12, с. 5].

Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992 - 1997) ҳунармандони варзида кишварро тарк намуданд ва ансамбл кору пайкори хешро гум кард ва дар парокандагӣ қарор дошт. Ва ба бахти баланди миллат роҳбарии давлати тоҷиконро фарзанди фарзонаи ин марзу бум, ҳомии

ҷоннисори меҳан Эмомалӣ Раҳмон бар уҳда гирифт ва фазои оромиву эҷодиро барои ҳунармандон фароҳам овард ва ансамбли «Шашмақом»-ро зери парасторӣ гирифт.

Моҳи майи соли 2000-ум дар ҷашни 50-солагии ансамбли «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобов иштирок ва суханронии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба он шукӯҳу шаҳомати хосса бахшид ва аз ҷониби ӯ фармони таърихӣ ба тасвиб расид.

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи инкишофи минбаъдаи санъати шашмақомхонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо мақсади такмили минбаъдаи анъанаҳои фарҳанги мусиқии халқи тоҷик, дар заминаи арзишҳои асили санъати мақомхонӣ равнақ додани ҳисси зебописандии халқ, тарбияи мардум дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба мероси маънавии ниёгон ва ба муносибати 50-солагии ансамбли «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобови Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Ба ансамбли «Шашмақом» - и ба номи Фазлиддин Шаҳобови Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатӣ дода, минбаъд он Ансамбли давлатии «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобов номида шавад.

2. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи оҳангсозони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- таҳрири нави панҷҷилдаи «Шашмақом»-ро омода ва чоп кунанд;
- дар иртибот бо воқеаҳои муҳими таърихи фарҳанги мусиқии миллӣ санаи мушаххаси таҷлили ҳарсолаи Рӯзи «Шашмақом»-ро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

3. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Ленинободу Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон студияҳои бачагонаи мақомхониро таъсис диҳанд.

4. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: - тавассути озмун ҳайати эҷодии ансамбли «Шашмақом»-ро аз ҳисоби истеъдодҳои ҷавон ва ҳунармандони варзида то 40 нафар пурра гардонида, дар назди ансамбл студияи бачагонаи мақомхониро таъсис диҳад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон**
ш. Душанбе, 12 майи соли 2000-ум

Ҳунармандони ансамбл фармони мазкурро эҳёи дубораи шоҳасари оламгири мусиқии тоҷик - Шашмақом арзёбӣ карда, фаъолияти худро дар ин замина ба роҳ монданд ва ҳайати эҷодии дастаро аз ҳисоби истеъдодҳои ҷавон ва ҳунармандони варзида мукаммал гардонида, донишу малакаи худро баҳри пешрафту шукуфоии ин ганҷинаи беҳамтову гаронбаҳои тоҷик равона месозанд. Баъди ба имзо расидани фармони мазкур дар аксар вилояту шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ансамблҳои шашмақомхонӣ ва студияҳои бачагонаи шашмақомсароӣ таъсис ёфтанд, ки идомадиҳандаи ин ганҷинаанд.

Тазаккур бояд дод, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар барои нигаҳдорӣ ва шукуфоии Шашмақом танҳо ва танҳо Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон хидматҳои шоёну арзишмандро ба анҷом расонидааст. Агар устод С. Айнӣ ва аллома Б. Ғафуров Шашмақомро ба Тоҷикистон оварда бошанд, Пешвои миллат Э. Раҳмон ба вай умри дубора бахшид ва бо ҷонбозиву сарсупурдагӣ, аз Ҳинд то ба Синд садо баланд кард, ки офарандаи ин ганҷина тоҷиконанд. Ҳимоят аз ин шоҳасар дар ҷаҳони муосир, пуштибонӣ аз ин шоҳномаи мусиқӣ дар минбари созмонҳои гуногуни сиёсиву фарҳангӣ, эҳёи дубораи ансамбли «Шашмақом» ба номи Ф. Шаҳобов, иштирок ва маслиҳату суханронӣ дар барномаҳои фарҳангии ансамбл, бузургдошти Рӯзи «Шашмақом» дар тақвими кишвар (12 май) ва ба феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ҳамчун шоҳкории мусиқии ҷаҳон ворид намудан, корномаҳои зиёди мондагореанд, ки марбут ба сарвари давлатанд.

Дастгириву дилсӯзӣ ва таваҷҷуҳ рӯҳияи ҳунармандонро барои ба дастовардҳо ноил шудан боз кард ва солҳои 2007 - 2016 мақомсароёни тозаҷӯ Дилшод Гулов, Абдувалӣ Ҷалолов, Тоҷиддин Раҳимов, Ҷамшед Эргашев, Ситораи Кароматулло, Сироҷиддин Ҷӯраев, Шавкат Оқилов, Бунафша Умарова, Хуршед Иброҳимов, Гулбаҳор Шокирова, Наимзода Беҳрӯз, Мавзуна Маҳмадзода ба ансамбл ворид гардиданд ва дар як қатор барномаҳои ҳунарӣ, ки бахшида ба эҷодиёти устодони варзидаи санъат, шоирон ва оҳангсозони кишвар

омода гардид, ширкат намуданд. «Борбади сонӣ»-Акашариф Ҷӯраев, «Лаззати дидор»-Боймуҳаммад Ниёзов, «Танбурии чирадаст»-Фазлиддин Шаҳобов, «Хуршеди беғуруб»-Зафар Нозимов, «Ромишгари мумтоз»- Мирзоқурбон Солиев, «Устоди Шашмақом»-Нериё Аминов, «Зи дилам қарор бурда…»-Барот Яхшиев, «Меҳрнома» (ба истиқболи 100-умин солгарди оҳангсози маъруфи тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ), «Ошёни меҳр» (ба бузургдошти 100-умин солгарди Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода), «Шаккаристони Туғрал» (ба ифтихори 150-солагии Нақибхони Туғрал) аз шумори онҳоянд.

Ҳамзамон, аз ҷониби ромишгарону ҳунармандони гурӯҳ барои густаришу рушди «Шашмақом» якчанд силсиланамоишҳои маърифатӣ - телевизионӣ (муаллиф Фурқат Саидзода), аз қабили «Навоят дардҳо дорад», «Самои Зӯҳра», «Устодони Шашмақом», «Нидои қарнҳо» ва ғайра, таҳия ва пешниҳоди дӯстдорони мусиқии ирфонӣ гардид, ки дар хазинаи Телевизиони Тоҷикистон маҳфуз аст ва пайваста тавассути шабакаҳои телевизионӣ пахш мегардад.

Метавон қайд намуд, ки саҳми гурӯҳ дар пешрафту равнақи ҳамаҷонибаи мусиқии касбии тоҷик арзишманд буда, дар иҷрои кулли мероси мусиқии халқи тоҷик нақши созанда дорад ва корҳои бузургу мондагореро анҷом додааст.

Ансамбли давлатии «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобов иштирокдори чандин ҷашнвора ва Симпозиумҳои байналмилалии мусиқӣ (Самарқанд - 1978, 1983, 1987, Душанбе - 1990, 2006, Теҳрон - 1998, Исфара - 2003, Конибодом - 2017), рӯзҳои фарҳанги тоҷик дар Россия (ш.Москва - 2005), Франсия (ш.Париж - 2005), Қазоқистон (ш.Остона, Алмаато - 2007), Озарбойҷон (ш.Боку - 2008), ҷашнвораи Таронаҳои Шарқ (ш.Самарқанд-2016) ва озмунҳои мусиқии миллӣ ва аксар чорабиниҳои сатҳи расмиву давлатӣ буда, мероси гаронмояи ҳунари орифонаи Шашмақомро бо диди ҷадид манзури сомеон менамояд. Барои хидматҳои арзандаву шоиста ва маҳорати баланди ҳунарӣ, иддаи зиёди сароянданогону нағмапардозони ансамбл ба унвонҳои фахрӣ, нишону сарфарозномаву ифтихорномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мушарраф гардидаанд [11, с. 28].

Тӯли фаъолияти пурсамари эҷодӣ ва тайи солҳои зиёд сарварии дастаи мақомсароёнро устодон Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Аҳмад Бобоқулов, Алиҷон Солиев, Алмос Абдуллоев, Аслиддин Низомов, Абдувалӣ Абдурашидов, Давлат Қурбонов ва алҳол Фурқат Саидзода бар ӯҳда дорад.

Айни замон дар ансамбли давлатии «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобови Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуҳои гуногуни ҳунари касбӣ, раванди омӯзиши мусиқии анъанавии Шашмақом аз ҷониби тағанниандозон ва ромишгарони эҷодкор ба роҳ монда шуда, барои ҷорӣ намудани таълимоти омӯзиш корҳои зиёде ба сомон расида ва системаи таълимии сабки услуби анъанавӣ ҷараён дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдувалӣ Абдурашидов. Шашмақом. Рост / Абдувалӣ Абдурашидов. – Душанбе: Адиб, 2016. - Ҷ. 1. – С. 9.
2. Абдурашидов А. Шашмақом. Рост / А.Абдурашидов. – Душанбе: Адиб, 2016. – Ҷ. 1. – С. 10.
3. С. Айнӣю. Шашмақом. Сарсухан. – Айнӣ ва мусиқӣ. -Душанбе: Ирфон, 1978. – С. 10.
4. Аскаралӣ Раҷабов. Донишномаи Шашмақом / Аскаралӣ Раҷабов. – Душанбе, – 2009. - С. 28.
5. Аслиддин Низомов. Шашмақом. Рост / Аслиддин Низомов. – Душанбе: Эҷод, 2007. - Ҷ. 1. – С. 216.
6. Аҳрор Мухторов. Мероси ниёгон. - Шашмақом ва хизмати Бобоҷон Ғафуров / Аҳрор Мухторов. -Душанбе: Шарқи Озод, 1999. – С. 149.
7. Бертелс Е.Э. «Назми Шашмақом». Дар китоби: Шашмақом / Е.Э. Бертелс. -Маскав. – 1950. Ҷ. 1. - С. 17.
8. Мухторов А. Бобоҷон Ғафуров (хотираҳо) / А. Мухторов. -Душанбе: - Дониш, 1992. – С. 152.
9. Наим Ҳакимов. Шашмақом дар қарни ХХ / Наим Ҳакимов. - Хуҷанд, 2006. – С. 408.
10. «Профессиональная музыка народов Ближнего, Среднего Востока
и современность». (Материалы 1 – го Международного музыковедчество симпозиума). -Ташкент, 1981. – С. 11.
11. Раҷабов А. Донишномаи Шашмақом / А.Раҷабов. – Душанбе, – 2009. – С. 28.
12. Фароғат А. Фазлиддин Шаҳобов Баёзи Шашмақом (ба ҷойи сарсухан) / А.Фароғат. –Душанбе, – 2007. – С. 5.
13. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, - 1988. - Ҷ. 1. – С. 160.


**АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ АНСАМБЛИ ДАВЛАТИИ «ШАШМАҚОМ» БА НОМИ ФАЗЛИДДИН ШАҲОБОВ**


Ансамбли давлатии «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобови Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъсисёбиаш дар нигоҳ доштан, инкишоф додан ва тарғибу ташвиқи мусиқии суннатии тоҷик, хусусан дар эҳёи суруду оҳангҳои классикӣ саҳми назаррас дорад. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки нахустин ташаббускор ва ташкилкунандаи бевоситаи ин дастаи маҳбуби кишварамон арбобони

барҷастаи сиёсиву давлатии Тоҷикистон, академикҳо Садриддин Айнӣ (1878-1954) ва Бобоҷон Ғафуров (1908-1977) - ҳоло Қаҳрамонони Тоҷикистон, буданд. Маҳз бо саъю кӯшиши ин абармардон, устодони мақомдону мақомсаро Бобоқул Файзуллоев (1897-1964), Шоҳназар Соҳибов (1903-1972) ва Фазлиддин Шаҳобов (1911-1974) бо мақсади эҳё ва инкишофи санъати Шашмақом дар Тоҷикистон сафарбар шуданд. Ҳадафи таъсис додани ансамбл тарбияи ҳунармандони касбии шашмақом, ҳифз, рушду такомул ва тарғибу густариши санъати Шашмақом ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам берун аз он буд. Айни замон дар ансамбли давлатии «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобови Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуҳои гуногуни ҳунари касбӣ, раванди омӯзиши мусиқии анъанавии Шашмақом аз ҷониби тағанниандозон ва ромишгарони эҷодкор ба роҳ монда шуда, барои ҷорӣ намудани таълимоти омӯзиш корҳои зиёде ба сомон расида ва системаи таълимии сабки услуби анъанавӣ чараён дорад.

**Калидвожаҳо:** санъати Шашмақом, тарбияи ҳунармандони касбии шашмақом, тарғибу ташвиқи мусиқии суннатии тоҷик, раванди омӯзиши мусиқии анъанавии Шашмақом.

## ИЗ ИСТОРИИ СОЗДАНИЯ И ФОРМИРОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО АНСАМБЛЯ «ШАШМАЌОМ» ИМ.ФАЗЛИДДИНА ШАХОБОВА

Государственный ансамбль «Шашмаком» имени Фазлиддина Шахобова при Государственном комитете телевидения и радиовещания Правительства Таджикистана со дня своего образования вносит весомый вклад в дело сохранения, приумножения, развития и пропаганды традиционной таджикской музыки, особенно в возрождение классической музыки и мелодий. Следует констатировать, что первыми инициаторами и непосредственными организаторами этого любимого всеми ансамбля республики являются видные государственные и политические Таджикистана, академики Садриддин Айни (1878-1954) и Бободжон Гафуров (1908-1977) - ныне Герои Таджикистана. Именно их стараниями великие мастера макама Бобокул Файзуллоев (1897-1964), Шохназар Сохибов (1903-1972) и Фазлиддин Шахњобов (1911-1974) были првлечены с целью возрождения и развития Шашмакома в Таджикистане. Цель создания ансамбля - воспитание и подготовка профессиональных исполнителей шашмакома, сохранение, развитие, совершенствование и пропаганда искусства Шашмакома в республике и за ее пределами. Сегодня в Государственном ансамбле «Шашмаком» имени Фазлиддина Шахобова при Государственном комитете телевидения и радиовещания Правительства Таджикистана поставлена хорошая работа по изучению, сохранению и пропаганде различных сторон этого традиционного профессионального искусства и завершена огромная работа по ее обучению.

**Ключевые слова:** искусство Шашмакома, воспитание профессиональных исполнителей шашмакома, пропаганда традиционной таджикской музыки, процесс изучения традиционной музыки Шашмаком.

## FROM THE HISTORY OF CREATION AND FORMATION OF STATE ENSEMBLE "SHASHMAGAM" IM. FAZLIDDIN SHAHOBOV

The state ensemble «Shashmagam " named after Fazliddin Shakhobov at the State Committee of Television and Radio Broadcasting of the Government of Tajikistan makes a significant contribution to the preservation, multiplication, development and propaganda of traditional Tajik music, especially the revival of classical music and melodies from the day of its formation. It should be noted that the first initiators and direct organizers of this beloved ensemble of the republic are prominent state and political Tajiks, academicians Sadriddin Aini (1878-1954) and Bobodzhon Gafurov (1908-1977) - now Heroes of Tajikistan. It was by their efforts that the great masters of the Makama, Bobokul Fayzulloev (1897-1964), Shokhnazar Sohibov (1903-1972) and Fazliddin Shakhobov (1911-1974) were drafted with the goal of reviving and developing Shashmagam in Tajikistan. The purpose of the ensemble is the education and training of professional performers of Shashmakom, preservation, development, improvement and propaganda of Shashmakom art in the republic and abroad. Today, the Shashmagam State Ensemble named after Fazliddin Shahobov under the State Committee for Television and Radio Broadcasting of the Government of Tajikistan has set a good work to study, preserve and promote various aspects of this traditional professional art and completed a huge work on its training.

**Key words**: Shashmagam art, education of professional performers of shashmakom, propaganda of traditional Tajik music, process of studying traditional music by Shashmagam.

**Сведения об авторе:** ***Фуркат С.Ф*** - Таджикский государственный институт культуры и искусств им.М.Турсунзаде, доцент кафедры пения (народного). **Address:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Борбада, 73 А.
Телефон: **93-503-39-13**. E-mail: **furkat.saidov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Furkat S.F*** **-** Tajik State Institute of Culture and Arts named after M.Tursunzade, assistant professor of singing (folk) department. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, prospect. Borbad, 73 A, Phone: **93-503-39-13**. E-mail: **furkat.saidov@mail.ru**

УДК: 9(575.32)

# МУҲИМТАРИН ҲАДАФҲОИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2015-2017

*Ширин Қурбонова*

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ**

Дар ин давраи рушду инкишоф ҳадафи якум ва муҳимтарини Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳифз кардан ва таҳким бахшидани давлатдории миллӣ ба ҳисоб мерафт. Масъалаи ҳифзи ин дастоварди бузург, яъне ҳимояи давлату давлатдории миллӣ ва таҳкими аркону пояҳои он хусусан дар шароити пуртазоду печидаи солҳои охир, яъне рӯз аз рӯз мураккаб шудани вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани рақобат ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва тахти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазир гардидани истиқлолияти давлатҳои миллӣ аҳамияти торафт ҷиддии ҳаётӣ пайдо кардааст.

Аз ин лиҳоз, вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдонии ҳар аъзои ҳизб аст, ки ҳатто як лаҳза ҳам масъалаи ҳифзи давлату давлатдорӣ, таъмини амнияти кишвар ва нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеаро фаромӯш насозад. Ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус наврасону ҷавонон ҳадафи дуюми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Мардум бояд моҳияти равандҳои сиёсии дохиливу хориҷӣ, мақсади неруҳои ғаразноки берунӣ ва ҳадафи нақшаву барномаҳои давлати худро мустақилона дарк карда тавонанд. Ҷомеаи мо бояд донад, ки ҳадафи стратегии давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар заминаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад.

Дар атрофи ғояи «Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол - Ватани маҳбуби ҳамаи мо» муттаҳид намудани тамоми гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеаи кишвар ҳадафи дигари ҳизби мазкур мебошад. Зеро маҳз ҳамин ғоя нуқтаи пайванд ва ҳалқаи баҳамоварандаи тамоми мардуми кишвар, сарфи назар аз миллату забон, дину мазҳаб ва ақидаву мавқеи сиёсӣ буда, дар айни замон воситаи муассиртарини ҳифзи Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол ҳамчун вазифаи меҳварӣ ва асосии мо ба шумор меравад [11, с.94].

Ҳар яки мо вазифадорем, ки ба хотири тарбияи насли наврас ва ҷавонони имрӯза дар рӯҳияи ватандӯстиву сулҳҷӯӣ ва ободкориву созан- дагӣ, инчунин барои наслҳои ояндаи халқамон ба мерос гузоштани ин дастоварди муқаддасу нодир, фарҳанги сулҳро ҳамчун ҷузъи доимии фарҳанги зиндагии мардум густариш бахшем.

Ҳадафи панҷум, фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва ҳар кадоми моро доир ба ҳалли масоили ҷавонон дар бар мегирад, ки ин ҷавҳар сиёсати «Рӯй овардан ба ҷавонон» мебошад. Бахри ба ин ҳадаф расидан Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони мамлакат ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонунро доимо тарбия менамояд, то онҳо дар оянда ҳамчун фарзандони шоиста кору пайкори насли имрӯзаро идома бахшида, Ватани азизамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонанд [13, с.143]. Раванди ҷаҳонишавӣ дар баробари паҳлуҳои мусбати худ имрӯз башариятро дар рӯ ба рӯйи омезишу бархӯрди арзишҳо ва фарҳангҳои гуногун қарор додааст. Мо ҳамчун миллати қадима ва фарҳангӣ ҳаргиз мухолифи ҳамкориҳои фарҳангу тамаддунҳои гуногуни башарӣ нестем. Баръакс, мо ҷонибдори гуфтугӯи тамаддунҳо ва истифода аз сарватҳои илмӣ ва дастовардҳои фарҳангии **ха**лқҳои Шарқу Ғарб ба хотири таҳкими низоми дунявии давлати

худ мебошем. Маҳз бо дарназардошти чунин воқеият фарҳангу арзишҳо ва ҳувияти миллии мо ба дастгирии ҳамаҷонибаи ҷомеа ва давлат ниёз доранд. Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки барои солҳои 2015-2020 қабул гардидааст, самтҳои афзалиятноки пешрафти кишварро муқаррар менамояд. Дар он гуфта мешавад, ки "Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро асоси пешравии ҷомеа шуморида, барои таҳкими ваҳдат ва ризоияти миллӣ, ташаккули фарҳанги ваҳдатгароии шаҳрвандон, густариши ғояи миллии "Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол - Ватани маҳбуби ҳамаи мо" саъю талош менамояд. Дар соли сипаришуда (2017) халқи шарифи кишвар, аз ҷумла Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 20-умин солгарди ба имзо расидани Созишномаи уму- мии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро таҷлил намуданд [1, с.38].

Асри XXI асри пешрафту инкишофи технологияҳои нав ба ҳисоб меравад. Ҷавонони кишвар низ дар ин аср кӯшиши омӯзиш ва ҳамқадами замона буданро менамоянд. Аз ин рӯ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани савияи дониши ҷавонон ҳамеша кӯшиш менамояд. Насли ҷавонро бояд бо дастовардҳои навин шинос намуд, меъёрҳои демократии бунёди ҷомеаро амалӣ намуд.

Таваҷҷуҳ ва ғамхории падаронаи Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ возеҳу равшан ба назар мерасид. Новобаста аз сахтиҳо ва нокомиҳои пай дар пай пешомада Пешвои миллат ба баррасии масъалаҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати ҷавонон афзалият медод. Дар ин давра яке аз дастовардҳои арзишманд он ба ҳисоб меравад, ки новобаста аз вазъияти ногувор (ҷанги шаҳрвандӣ) мулоқоти нахустини расмии Роҳбари мамлакат-Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намоядагони ҷавонони ҷумҳурӣ дар 70-ум рӯзи сарварӣ – 2 феврали соли 1993 баргузор мегардад. Ин нишони дар воқеъ ғамхор, пуштибон, дастгир ва парастор будани Сарвари кишварро нисбат ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ инъикос менамояд [13, с.82].

Бо назардошти ташаккули мавқеи ҷавонон дар рушди ҷомеа ва вусъати ташаббускории онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон соли 2017- ро Соли ҷавонон эълон намуданд [8, с.14].

Баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи корӣ, сатҳи донишандӯзии ҷавонон ҳамасола афзоиш меёбад. Агар соли 1991 70 ҳазор нафар машғули таҳсил буданд, пас имрӯзҳо он ба 200 ҳазор нафар расидааст, яъне сатҳи донишомӯзии ҷавонон се маротиба зиёд гардидааст, ки аз азми қавӣ ва тамоюли устувори маърифатии ҷавонон дарак медиҳад, ки дар ин самт саҳми Раиси ҲХДТ, Пешвои миллат бараъло назаррас аст. Ин аст, ки дар тамоми чорабиниҳои кишвари азизамон бо эҳсоси ватандориву ифтихори миллии худ иштироки фаъолона дошта, дар ҳифзу ҳимояи Ватан ва соҳибистиқполии кишвар нақши сазовори худро мегузоранд.

Ҷаҳони муосир дар баробари пешравиҳои назаррас ва дар доираи раванди ҷаҳонишавӣ проблемаҳоеро ба миён овардааст, ки инсониятро ба ташвиш овардааст. Таҳаввулоте, ки ҳоло дар ҷаҳони ислом, хусусан дар кишварҳои мусулмоннишин ба амал омада, доман паҳн карда истодаанд, боиси нигаронии ҷиддӣ мебошанд. Гурӯҳҳои ифротӣ, террористӣ ва ғайриқонунии ба ном исломӣ бо мақсади ноил гаштан ба ҳадафҳои нопок ва ғаразҷӯёнаашон даст ба куштору ғорату терրори мардуми осоишта зада, авзои сиёсию иҷтимоии кишварҳоро ноором мекунанд. Мутаассифона, як идда ҷавонони гумроҳшудаи кишвари мо мустақиман аз Тоҷикистон, ё ки аз кишварҳои хориҷӣ ба ҷангҳои ба ном исломӣ шомил гардидаанд, ҳатто ба тариқи оилавӣ вориди кишварҳои ҷангзада мешаванд. Аксари онҳо бар ивази маблағи муайян ва орзуи соҳиби маблағҳои калон шудан худро ба оташи ҷанг мезананд.

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, дар кишвар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 таҳия ва қабул гардидааст, ки нуктаҳои асосии он инҳо мебошанд:

дар навбати аввал таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ;

дуюм, аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан;

сеюм, таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат [3, с.122].

Мусаллам аст, ки дар ҳамин доира Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон роҳҳои дастёбӣ ба муҳимтарин ҳадафу вазифаҳоро дар бар гирифта, он вазифаи ҳар фардро дар рушди иқтисодиёт ва бахшҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ бо такя ба фарҳангу анъанаҳои мардуми тоҷик ва дигар миллатҳои сокини Тоҷикистон муайян менамояд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон чун ҳизбе, ки ҳақиқату адолатро маҳаки фаъолияташ қарор додааст, талош мекунад, ки дар заминаи дастёбӣ ба рушди устувори иқтисодии кишвар сатҳи камбизоатии мардумро минбаъд ҳам коҳиш дода, зиндагии тоҷикистониён боз ҳам беҳтару осудатар гардонида шавад.

Дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фарогири натиҷаҳои фаъолият ва самтҳои асосии корбарии минбаъдаи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи кишвар аст, таъкид гардидааст, ки ҳадафи аслии мо расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ барои ҳар як фарди ҷомеа мебошад [8, с. 19].

Бояд қайд намуд, ки бо саъю кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Пешвои миллат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давоми 20 соли охир музди миёнаи меҳнат 60 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 85 баробар афзуд ва дар ниҳоят сатҳи камбизоатӣ се баробар паст гардид. Дар соҳаҳои саноат, энергетика, сохтмон, алоқа, инфрасохтор, маорифу тандурустӣ ва бахшҳои дигари иҷтимоӣ зиёда аз ҳазор лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 48 миллиард сомонӣ ҷалб карда шуд. Дар давраи соҳибистиқлолӣ ба маблағи 11,4 миллиард сомонӣ зиёда аз 2 ҳазор километр роҳ ва беш аз 30 километр нақбҳои мошингузар сохта ва мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд, ки дар натиҷаи ин мо аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадем [13, с.48].

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ҳукумати кишвар барои ба ҳадафи асосии давлату ҳукумат, яъне таъмини зиндагии арзандаи сокинони кишвар расидан тамоми захираву имкониятҳоро сафарбар карда истодаанд.

Чуноне ки дар боло таъкид намудем, дар ҷомеаи демократӣ меъёри муайянкунандаи доира ва ҳудуди ҳар гуна амалу рафтор қонун мебошад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз оғози фаъолияти худ ба масъалаи таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунад, зеро эҳтиром ва риояи қонунҳои кишвар кафолат ва шарти аввалиндараҷаи суботу оромӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва рӯзгори ободу осудаи ҳар як хонадон аст.

Эътимоди қавӣ дорем, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо иқдомҳои созанда ва барномаҳои воқеии худ мардуми ҷумҳуриро барои ободию шукуфоии Тоҷикистони азиз-Ватани маҳбуби ҳамаи мо муттаҳиду сафарбар менамояд.

Яке аз ҳадафҳои асосии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ин дар атрофи «Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол – Ватани маҳбуби ҳамаи мо» муттаҳид намудани ҳамаи гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеаи кишвар мебошад. Маҳз ҳамин ғоя нуқтаи пайванд ва ҳалқаи ба ҳам оварандаи тамоми мардуми кишвар, сарфи назар аз миллату забон, дину мазҳаб ва ақидаву мавқеи сиёсӣ буда, дар айни замон воситаи муассиртарини ҳифзи Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол ҳамчун вазифаи меҳварӣ ва асосии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба шумор меравад.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (Муҳимтарин самтҳои рушди мамлакат дар солҳои 2015-2020). –Душанбе, 2014. -32с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», 13 ноябри соли 1998// Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон. Маълумотнома. –Душанбе, 2002. - С.3-12.
3. Зикриёев Ф. Таърихи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф. Зикриёев. –Душанбе, 2010. -102с.
4. Муҳаббатов А. Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ) / А. Муҳаббатов. -Душанбе: Истеъдод, 2011, 2014. -144с.
5. Муҳаббатов А. Давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ / А. Муҳаббатов // Сотсиализм. –Душанбе, 2001.- №1-2. -С.24-27.
6. Нақши занон дар таҳкими суботи сиёсии ҷомеа. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. Кумитаи Иҷроияи марказӣ. Маводҳои Конференсия илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Нақши занон дар таҳкими Ваҳдати миллӣ» (24 июни соли 2013) бахшида ба 16-умин солгарди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ /зери назари Муовини якуми Раиси ҲХДТ С.Сафаров. –Душанбе, 2013. -52с.
7. Оинномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. 19с.
8. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Шарқи озод, 20 январи 2016. -39с.
9. Роҳи субот. Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Мастчоҳ / таҳияи Мирзоҳамдам Шарифзода ва Муродулло Почозода. –Хуҷанд, 2017. 83с.
10. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довуди, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. –Душанбе, 2011. -582 с.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. Аз таърихи таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. (Ба истиқболи 20- солагии таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон). -Душанбе: Эр-граф, 2014. - 312с.
12. Эмомалӣ Раҳмон-Пешвои миллат. Силсилаи мақолаҳои олимон, сиёсатмадорон ва адибони тоҷик дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе, 2016. –С. 381.


## МУҲИМТАРИН ҲАДАФҲОИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2015-2017


Дар мақола ҳадафҳои асосии ҲХДТ дар солҳои 2015-2017 баён гардидаанд. Ҳифз кардан ва таҳким бахшидани давлатдории миллӣ, густариш бахшидани худогоҳиву худшиносии миллӣ ва таваҷҷуҳ ба ҷавонон ҳадафҳое мебошанд, ки дар ин солҳо ҲХДТ дар дар асосии ин аҳдоф амал намудааст. Дар мақола саҳми Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри расидан ба ин ҳадафҳои бузург нишон дода шудааст. Дар заминаи адабиёти истифодашуда нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар рушду инкишофи ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар дар солҳои 2015-2017 қайд карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** худшиносии миллӣ, сиёсати ҷавонон, ҳадафҳои стратегӣ, давлатдории миллӣ, гуфтугӯи тамаддунҳо, соҳибистиқлолӣ, афзалиятнокӣ, аҳдофи ҳизб.


## ОСНОВНЫЕ ЦЕЛИ НАРОДНО-ДЕМОКРАТИЧЕСКОЙ ПАРТИИ ТАДЖИКИСТАНА В 2015-2017 ГОДАХ


В статье отмечены основные цели НДПТ в 2015-2017 годах. Защита и укрепление национальной государственности, повышение национального самосознания, внимание к молодежи - это цели, которые в течение этих лет выполняла НДПТ. В статье показан вклад Лидера нации, председателя НДПТ, уважаемого Эмомали Рахмона в достижение этих великих целей. На основе использованной литературы был отмечен вклад Народно-демократической партии Таджикистана в развитие политической, экономической, социальной и культурной жизни страны в 2015-2017 годах



**Ключевые слова:** национальное самосознание, молодежная политика, стратегические цели, национальная государственность, диалог цивилизаций, независимость, предпочтение, цели партии.


## THE MAIN GOALS OF THE PEOPLE'S DEMOCRATIC PARTY OF TAJIKISTAN IN 2015-2017


The main goals of the PDPT in 2015-2017 noted in the article. Protecting and strengthening the national statehood, enhancing national self-consciousness and self-awareness, attention to youth are the aims that during these years PDPT acted according to these goals. In the article is shown the contribution of the Leader of the Nation, the Chairman of the PDPT, esteemed Emomali Rahmon, in achieving these great goals. On the basis of used literature noted the contribution of the People's Democratic Party of Tajikistan to the development of the political, economic, social and cultural life of the country in 2015-2017 years



**Keywords**: national self-consciousness, youth policy, strategic goals,national statehood, dialogue of civilizations, independence, preference, goals of the party.



**Сведения об авторе:** ***Курбанова Ширин*** – Институт истории, археологии и этнографии имени А.Дониша Академии наук Республики Таджикистан, докторант отдела отечественной истории.. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 33. Телефон: **+992 904016443**

Основное противоречие классического реализма в том, что он считает объектом исследования. С одной стороны, актором международных отношений считается государство, с другой - есть и анализ на уровне личности (опора в допущениях на свойства человеческой натуры). Отметим также, что реализм, скажем, Моргентау - лишь частично подход к изучению международных отношений; частично же - морально-этическое руководство для исследователей. Прогрессивность концепции реализма, с одной стороны, и множество его недостатков как подхода - с другой, привели к тому, что многие пытались усовершенствовать реализм, сделать из него более совершенный инструмент. Самым успешным из реформаторов стал Кеннет Уолц, который в своих работах сформулировал принципы неореалистского подхода [10, с.256-265].

Неореалистский подход основан на тех же базовых принципах, что и реализм классический, однако ряд ключевых понятий приобрел в нем другую окраску. В картине мира, по неореализму, мощь остается ключевой концепцией, но её роль смещается. Если Моргентау видит мощь как самостоятельную и единственную цель государства, то Кеннет Уолц определяет мощь как «потенциально полезное средство». Из этого вытекает, что как недостаток мощи, так и её

переизбыток теоретически может представлять угрозу для государства. Соответственно, в картине мира неореалистов мощь в какой-то степени теряет свое сакральное значение, зато - приобретает более четкие черты. Само понятие мощи получает в работах неореалистов большую детализацию: мощь в их глазах базируется на материальных возможностях, которые контролирует государство. Появляется также дополнительное понятие - латентная мощь государства, которую составляют социально-экономические факторы, влияющие на развитие военной силы. Латентная мощь основывается на богатстве страны и численности населения. Великим державам, чтобы вести войну, нужны деньги, технологии и персонал; латентная мощь - это то сырье, тот потенциал, который страна может задействовать при борьбе с соперниками.

Не следует, однако, забывать, что в конечном итоге под мощью государства все равно подразумеваются военные возможности.

Таким образом, роль военных технологий и стратегии среди факторов, определяющих силу и потенциал государств, у неореалистов остается центральной, однако добавляются дополнительные инструменты ее обретения - увеличение численности населения и повышение своей доли в общемировом хозяйстве. И все равно - в качестве реакции на давление международной анархии государство будет наращивать именно военную мощь и оружие нападения. С другой стороны, из неореалистской концепции выпадают такие аспекты мощи, как «влияние на умы и сердца, которые еще упоминаются у Моргентау. По отношению к использованию мощи существует два основных течения в рамках неореализма - защитный реализм (defensiverealism) Кеннета Уолца и агрессивный реализм (offensiverealism) Джона Миршаймера [5]. Агрессивный реализм предполагает, что наращивание мощи выгодно всегда, и рациональное государство всегда будет это делать. Максимально возможная мощь, а лучше такое ее количество, которое обеспечивает гегемонию - необходимо не само по себе, а как лучшая гарантия выживания государства.

Рассмотрев основные парадигмы международных отношений, их основные положения и отличительные черты, сформирована сущность основных теорий и парадигм международной политики и выявлены сходства и различия между ними.

Исходя из этого, можно сделать следующий вывод. Несмотря на различие в представлениях о международных отношениях, между ними также есть схожие, и даже тождественные черты. Именно по этой причине удаётся находить верное решение в различных спорах, конфликтах и просто ситуациях, которые удовлетворяют потребности и одних, и других представителей. Традиционные концепции международных отношений в настоящее время трансформируются в свои модификации, однако о завершении их формирования говорить рано, в связи с возникновением ряда острых конфликтов в современном мире из-за отсутствия точек соприкосновения между его участниками. Именно поэтому очень важно искать эти точки, а это возможно только благодаря дипломатии и толерантности.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ильин М.В. Критерий современности в политике / М.В. Ильин // Журнал «ПОЛИС». 2015. №1. - С. 81, 82.
2. Morgenthau H. Politics Among Nations: The Struggle for Power and Peace / H. Morgenthau. - N.Y: Alfred A. Knopf, 2015. - 550 p.
3. Поздняков Э.А. Философия политики. 3-е изд-ние, испр. и доп / Э.А. Поздняков. -М.: Весь мир, 2014, Т. 2. -С. 54, 62.
4. Национальный интерес //Журнал «ПОЛИС». 2011. №1. С. 101-112.
5. Волобуев О.В., Шелохаев В.В. Очевидно ли «очевидное»? / О.В.Волобуев, В.В. Шелохаев // Отечественная история. 2016. №6. -С. 110-122.
6. Назаретян А.П. Человеческий интеллект в развивающейся вселенной: истоки, становление, перспективы / А.П. Назаретян. -М., Недра, 2013. -С. 211-212.
7. Национальныйинтерес (заочный круглыйстол): Ильин М.В., Цымбурский В.Л., Алексеева Т.А., Кара-Мурза А.А., Ильин В.В., Пантин В.И., Задохин А.Г., Андреев А.Л., Перевалов В.П., Аболин О.Ю., Поляков Л.В., Васильцов С.И., Сорокин К.Э. // Журнал «ПОЛИС». — 1995. — № 1. С.18-27
8. Прохоренко И.Л. Национальный интерес во внешней политике государства: опыт современной Испании / И.Л. Прохоренко. – М.: Паспорт-Графика, 2013. – 128 с.
9. История дипломатии. Том 3 — 5-е изд. Под ред. А. А. Громыко, И. И. Земскова, В. А. Зорина, В. С. Семенова и др.. — М.: Политиздат, 2009.—832 с.
10. Pham J. P. What is the National Interest? Hans Morgenthau's Realist Vision and American Foreign Policy / J.P. Pham // American Foreign Policy Interests.-№30. [Электронный ресурс]. Режим доступа http://ppe.wiki.hci.edu.sg/file/view/National+Interest.pdf

## ОИДИ БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ КОНСЕПСИЯҲОИ МУОСИРИ НАЗАРИЯ ВА ПАРАДИГМА ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мақолаи мазкур ба асосноксозии назариявии назарияҳои муосир ва парадигмаҳои муносибатҳои сиёсати хориҷӣ, шабоҳат ва тавофутҳои онҳо, коркарди парадигма ва назарияҳои умумӣ бахшида шудааст. Муҳим аст қайд намуд, ки ҷустуҷӯйи шабоҳатҳо дар консепсияҳои муносибатҳои байналмилалӣ самти муҳимми таҳқиқот мебошад, чунки намояндагони якчанд парадигмаҳоро дар корҳои умумӣ муттаҳид месозад. Дар мақола сухан оиди баъзе аз хусусиятҳои консепсияҳои муосири назария ва парадигмаи муносибатҳои байналмилалӣ меравад, чунки ин назарияҳо ва парадигмаҳо ҷойгоҳи махсусро дар ҳаёти байналмилалӣ ишғол намудаанд. Парадигмаҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ, муқарраротҳу хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо дида баромада шуда, моҳияти назария ва парадигмаҳои сиёсати байналмилалӣ ташаккул дода шуда, шабоҳат ва фарқият байни онҳо ошкор карда шудаанд. Аз ҷумла барои пайдоиши роҳи ҳалли баъзе масоилҳои байналмилалӣ ва низоъҳо дар навбати аввал мо ба ин парадигмаҳо такя менамоем. Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои махсуси консепсияҳои муосири назария ва парадигма ба тассавуротҳои гуногун оиди муносибатҳои байналмилалӣ нигоҳ накарда, хусусиятҳои ба ҳам шабоҳатдор ва ҳатто мушобеҳ доранд. Дар алоқа бо ин, ба фарқият дар тасаввуротҳо дар бораи муносибатҳои байналмилалӣ нигоҳ накарда, байни онҳо низ хусусиятҳои ба ҳам шабоҳатдор ва ҳатто мушобеҳ ҷой доранд. Маҳз бо ҳамин сабаб ҳалли дурустро дар баҳсҳо, низоъҳо ва ҳатто ҳолатҳои оддӣ ёфтан мумкин аст, ки талаботҳои ин ва ё он тарафҳоро қонеъ мегардонад.

**Калидвожаҳо**: парадигмаҳо, назарияҳои муносибатҳои байналмилалӣ, шабоҳат, фарқият ва равандҳо, либералӣ-идеалистӣ, реализми сиёсӣ, марксистӣ-ленинӣ.

## О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ СОВРЕМЕННЫХ КОНЦЕПЦИИ ТЕОРИИ И ПАРАДИГМЫ В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ

Данная статья посвящена теоретическому обоснованию современных теорий и парадигм внешнеполитических отношений, их сходств и различий, разработке общей парадигмы и теории. Важно подчеркнуть, что поиск сходств в концепциях международных отношений является важным направлением исследования, так как объединяет представителей нескольких парадигм в общих делах. В статье речь идет о некоторых особенностях современных концепций теории и парадигмы в международных отношениях, так как данные теории и парадигмы стали занимать особое место в международной жизни. Рассмотрев основные парадигмы международных отношений, их основные положения и отличительные черты сформирована сущность основных теорий и парадигм международной политики и выявлены сходства и различия между ними. В частности для нахождения путей решения каких - то международных проблем и конфликтов мы опираемся, в первую очередь, на эти парадигмы. Таким образом, можно отметить что, специфические особенности современных концепций теории и парадигмы, несмотря на различные представления о международных отношениях, всетаки имеют схожие, и даже тождественные черты. В связи с этим, несмотря на различия в представлениях о международных отношениях, между ними также есть схожие, и даже тождественные черты. Именно по этой причине удаётся находить верное решение в различных спорах, конфликтах и просто ситуациях, которые удовлетворяют потребности и одних, и других представителей.

**Ключевые слова**: парадигмы, теории международных отношений, их сходства и различия и процессы, либерально-идеалистическая, политический реализм, марксистско-ленинская.

## ON SOME FEATURES OF THE MODERN CONCEPT OF THEORY AND PARADIGM IN INTERNATIONAL RELATIONS

This article is devoted to the theoretical substantiation of modern theories and paradigms of foreign policy relations, their similarities and differences, the development of a general paradigm and theory. It is important to emphasize that the search for similarities in the concepts of international relations is an important direction of the study, since it unites representatives of several paradigms in common affairs. The article deals with some features of modern concepts of theory and paradigm in international relations, as the data of theory and paradigm began to occupy a special place in international life. Having considered the main paradigms of international relations, their main provisions and distinctive features, the essence of the basic theories and paradigms of international politics has been formed and the similarities and differences between them have been revealed. In particular, in order to find solutions to some international problems and conflicts, we rely, first of all, on these paradigms. Thus, it can be noted that the specific features of modern concepts of theory and paradigm, despite the different ideas about international relations, all the same have similar, and even identical, features. In this regard, despite the differences in the notion of international relations, there are similar, and even identical, features between them. It is for this reason that it is possible to find the right solution in various disputes, conflicts and simply situations that satisfy the needs of one and the other representatives.

**Key words:** paradigms, theories of international relations, their similarities and differences and processes, liberal-idealistic, political realism, Marxist-Leninist.

**Сведения об авторе:** ***Холов Хусрав Ходжамуродович*** - Российско-Таджикский (славянский) университет, преподаватель кафедры международных отношений и дипломатии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М.Турсунзаде 30. Телефон: **917 58 43 04; 919 58 43 04.** E-mail: **shohrukh56@mail.ru**

**Information about the author*: Kholov Khusraw Khodzhamurodovich* -** Russian-Tajik (Slavonic) University, teacher of the Department of International Relations and Diplomacy.**Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M.Tursunzade street 30. E-mail: **shohrukh56@mail.ru** Phone: **917 58 43 04; 919 58 43 04.**

УДК 33 тоҷик +327+556.1+556.552

# ДАР БОРАИ ХИСЛАТИ СОЗАНДАИ СИЁСАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Темуров Ф. С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вазъияти фароҳамомада аз мавҷудияти муаммоҳои сершумори ҳалношуда дар ҳамкории минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ дарак медиҳад, сатҳи амалигардонии қарорҳои байнидавлатии қабулшуда низ паст боқӣ мемонад. Ба қавли корманди Институти тадқиқоти стратегии Қазоқистон К. Сироежкин, дар сатҳи байнидавлатии кишварҳо созиш ба мушоҳида мерасанд, вале ҳамин ки масъала «ба сатҳи мансабдорон мефарояд», мушкилот сар шуда, муаммоҳо ҳалношуда мемонанд [1]. Дар Осиёи Марказӣ дар бисёре аз масъалаҳо номувофиқии мавқеи давлатҳои ширкаткунанда дида мешавад. Сатҳи иҷрои қарорҳои қабулгардида паст буда, санадҳо хусусияти умумию тавсиявӣ доранд.

Бахусус масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои обу энергетикии кишварҳои Минтақаи Осиёи Марказӣ мубрам боқӣ мемонад. Пешсафони захираҳои оби минтақа Тоҷикистону Қирғизистон мебошанд. Мутобиқи Созишнома оид ба истифодаи захираҳои ҳавзаи Сирдарё, Қазоқистону Ӯзбекистон уҳдадории таҳвили кафолатдодашудаи ангишт, мазути сӯзишворӣ ва газро ба Қирғизистон ба зимма гирифтаанд. Қирғизистон, дар навбати худ, уҳдадор мешавад, ки дар давраи киштукор хоҷагиҳои ин кишварҳоро бо об таъмин намояд. Вале дар марҳалаи интихоби байни иқтидори гидроэнергетикӣ ва уҳдадориҳои таъмини ҳамсоягон бо об мушкилот оғоз меёбад. Ҳамин тавр, ҳар тараф мекӯшад, ки барои манфиатҳои миллии худ амал кунад ва солиёни зиёд аст, ки ин боиси муноқишоту нофаҳмиҳо мегардад.

Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар ҳудуди сарбастаи ҷуғрофӣ ҷойгир буда, системаи дуруст созмонёфтаи иртибот, яъне роҳи мустақими баромадан ба бозорҳои мутараққиро надорад. Вале, бо ин ҳам, минтақа, пеш аз ҳама, бо сабаби захираҳои бузурги энергетикӣ ва обияш мавриди таваҷҷуҳи хосси бисёри давлатҳои ҷаҳон қарор дорад. Мавҷудияти захираҳои энергетикӣ минтақаро ба мавзеи муҳим табдил медиҳад, вале аз сӯйи дигар, боиси мушкилот ҳам мегардад. Бинобар андешаи бисёре аз олимон, на Россия ва на мамолики Ғарб пас аз суқути Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ натавонистанд, захираҳои табиии давлатҳои Осиёи Марказиро зери назорати худ қарор диҳанд, агарчи имкони таъсиррасониро ба сиёсати онҳо дар мавриди истихроҷ, содирот ва ҳамлу нақли захираҳои энергетикӣ доранд [2]. Воқеан, бойигариҳои табиӣ, даромади асъорӣ аз содироти онҳо, қобилияти идоракунии рақобати байни ширкатҳои Россия ва Ғарб барои дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ ба кишварҳои хурду миёнаи содиркунандаи энергияи минтақа иқтидори ҷиддиеро дар сиёсати хориҷӣ медиҳанд [2]. Вале истифодабарии якҷояи захираҳои мазкур дар минтақа аксаран ба бархӯрду ихтилоф оварда мерасонад.

Пас аз расидан ба истиқлолият ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҷидду ҷаҳдашонро ба рушд додани иқтисод, истиқрори муносибатҳои бозорӣ, сохтмони демократия равона карданд, вале яке аз муаммоҳои муҳимтарин- тақсимоти захираҳои об аз мадди назарашон берун афтода монд. Ин дар оқибати кор дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои тозаистиқлол нақши калон бозид [3]. Бисёри дарёҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти байнидавлатӣ доранд: Амударё ва Сирдарё (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон), Талас ва Чу (Қазоқистон ва Қирғизистон), Илӣ (Қазоқистон, Хитой), Тарим (Тоҷикистон, Қирғизистон, Хитой), Иртиш (Хитой, Россия, Қазоқистон), Тобол, Урал, Ишим (Россия, Қазоқистон). Нақши баҳри Каспий ҳам муҳим буда, вақтҳои охир мамлакатҳои

атрофи он оид ба истифодабарии бойигариҳои табиӣ ва муайяннамоии хатти сарҳад баҳс карда истодаанд [4].

Аз рӯйи вижагиҳои табииву ҷуғрофӣ давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ду гурӯҳ- кишварҳои кӯҳистонии болооб ва кишварҳои ҳамворзамини поёноб тақсим мешаванд. Дар мавзеъҳои болооб захираҳои асосии оби минтақа ( аз ҷумла дар Тоҷикистон наздики 60 дарсад) ташаккул ёфта, қисми бештари онро кишварҳои поёноб истеъмолу истифода менамоянд. Агар дар бораи унсури энергетикӣ сухан равад, пас бояд гуфт, ки иқтидори асосии энергетикии кишварҳои болооб дар гидроэнергетика тамаркуз шудааст ва онҳо комилан аз манбаъҳои нафтугазии энергия орӣ мебошанд. Дар мавзеъҳои поёноб бошад, манзараи баръакси болооб аст, яъне кишварҳои мутааллиқи он дорои захираҳои бойтарини нафту газ мебошанд.

Соҳаи энергетикии минтақа, ки дар давраи шӯравӣ такя гирифта буд, бо назардошти ин вижагиҳо, тибқи мантиқи комил дар кишварҳои болооб задаро ба рушди гидроэнергетика мегузошт. Дар айни замон иншооти гидроэнергетикии бунёдёфта ва ё бунёдшаванда ду вазифаро иҷро мекарданд: дар фасли сармо обанборҳо ҷамъ карда, онҳо ниёзи афзояндаи кишварҳои поёнобро ба об дар мавсими обёрӣ таъмин менамуданд.

Модели шӯравӣ аз ҷониби кишварҳои поёноб дар фасли сармо ҷубронро барои кишварҳои болооб дар шакли интиқоли неруи барқ, газ ва маҳсулоти нафтӣ бинобар гузаштани неругоҳҳои барқи обӣ ба низоми захираи об дар назар дошт. Дар фасли тобистон бошад, Тоҷикистону Қирғизистон оби обанборҳоро фаъолона тавассути неругоҳҳо мавриди истифода қарор дода, неруи баркро ба кишварҳои поёноб бозмегардонанд. Ин схемаи қобили кор ва ба андозае одилона буд. Вале дар давраи соҳибистиқлолӣ, бар иллати даъвоҳои даргузари сарварии сиёсӣ дар минтақа, схемаи мазкур ба талоши Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз байн бурда шуд. Ин гуна амалиёт ба коҳиш ёфтани тавозун дар низоми энергетикии минтақа боис гардид, зеро акнун дар фасли сармо кишварҳои болооб ба хотири қонеъ кардани талаботи хеш ба неруи барқ маҷбур шуданд ба низоми энергетикии кори неругоҳи барқии обии худ гузашта, захираҳои оби обанборҳои ононро мавриди истифода қарор диҳанд, ҳол он ки кишварҳои поёноб дар ин асно ба низоми ирригатсионии кори кишварҳои ҳамсоя манфиатдор ҳастанд. Дар натиҷа, тайи солҳои тӯлонӣ- аз ибтидои солҳои 2000 сар карда, ҳамасола Тоҷикистон дар давоми шаш моҳ мубталои буҳрони камбуди неруи барқ гардид. Гузашта аз ин, дар соли 2009 қасдан баромадани Ӯзбекистон аз низоми муттаҳидаи энергетикии Осиёи Марказӣ боиси пошхӯрии ин низом шуд. Ҳадафи асосии ин иқдоми муғризона овардани фишори сиёсӣ аз тариқи эҷоди монеа ба интиқоли транзитии импортии неруи барқ ва газ (аз Туркманистон ба Тоҷикистон) ва, билохира, ба вуҷуд овардани заминаҳои садамаи башарӣ дар Тоҷикистон буд.

Онро низ ба инобат бояд гирифт, ки дар кишварҳои поёноб, асосан, дар ҳудуди Ӯзбекистон, раванди аз худ кардани заминҳои нав, барои пахтакорӣ нисбати об серталаб миқёси азиму бемислро ба худ гирифтааст. Дар ин бора маълумоти оморӣ гувоҳӣ медиҳад. Агар дар ибтидои асри XX дар минтақа наздики се миллион га заминҳои обёришаванда бошад, пас дар охири ин аср ҳаҷми онон ба 8,8 миллион га (аз ҷумла дар Ӯзбекистон 4,2 млн га) расид. Ҳол он ки дар Тоҷикистон масоҳати заминҳои обёришаванда ҳамагӣ ба 0,7 млн га баробар асту халос. Мувофиқан Ӯзбекистон дар як сол 55 дарсади оберо, ки дар кӯҳистони Тоҷикистон ҳосил мегардад, истеъмолу истифода мекунад. Худи Тоҷикистон бошад, фақат аз 5 то 7 дарсади ин захираҳои обро истифода мекунаду халос. Гузашта аз ин, бинобар хусусияти наздикӯҳӣ будани релефи заминҳои Тоҷикистон қисми зиёди ин ҳаҷми об (яъне 5-7 дарсад) боз ба дарёҳо баргашта, насиби мавзеъҳои поёноби рудҳои бузурги Ому ва Сир мегардад [5]. Вазъи демографии минтақаро низ мадди назар бояд гирифт, зеро ин омил ба истифодаи об таъсири ҷиддӣ мерасонад. Агар дар соли 1956 теъдоди аҳолии минтақа баробари 20 миллион одам бошад, пас дар охири асри XX он аз 60 миллион одам бештар гардид. Дар ин шароит сарфи об ба ҳар нафар аҳолӣ фақат дар Ӯзбекистон ба 20 миллиону 600 ҳазор литр дар як сол расид [6].

Ҳамаи ин авомил, дар навбати худ ба садамаи беназири экологӣ- хушку нобуд гаштани баҳри Арал боис мегардад. Ва фақат ашхоси бехабару аз лиҳози сиёсӣ муғриз метавонанд сабаби ҳалокати баҳри Аралро дар кори НБО-и Норак дар Тоҷикистон ва НБО-и Токтогул дар Қирғизистон бинанд. Дар асл, тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ, талафоти об дар шароити ба кор гирифтани низоми қафомондаи ирригатсияи миллионҳо гектар масоҳатҳои обёришаванда ва обёрии экстенсивӣ дар кишварҳои поёноб- ба 30 дарсад то 60

дарсад мерасад, ки дар навбати худ, ба шӯразор ва ботлоқӣ гаштани замин оварда мерасонад.

Дигар сабаби ҳалокати баҳри Арал, аз миёнаи солҳои 1950 сар карда густариш ёфтани сохтмони фарохмиқёси обанборҳои сершумори ирригатсионӣ дар мавзеъҳои поёноб маҳсуб меёбад. Теъдоди ин гуна иншооти бунёдёфтаю амалкунанда ба зиёда аз сад адад расида, масоҳати умумии онҳо 140 километри квадратиро ташкил медиҳад. Дар соли 2012 сохтмони фарохмиқёси боз шаш адад чунин иншооти гидротехникӣ идома дошт, ки масоҳати умумии муштараки онҳо аз ҳаҷми баҳри Арал якуним баробар бештар аст. Илова бар ин, дар назар бояд дошт, ки ҳаҷми умумиии ҳамаи обанборҳои бунёдшудаю бунёдшавандаи Осиёи Марказӣ дар соли 2012 зиёда 300 километри квадратиро ташкил медод, ки ин аз ҳаҷми худи баҳри Арал се баробар бештар аст. Табиист, ки об ҳатто дар давраи ғайриприетатсионӣ амалан то ба соҳилҳои баҳри Арал рафта намерасад. Дар чунин вазъ дар бораи кадом як наҷоти баҳри Арал сухан рондан ҷоиз бошад [1]?

Ҳамин тариқ, тамоми маҷмӯи омилҳои номбурда гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки дар кишварҳои поёноби Осиёи Марказӣ тамоили истифодаи ғайриоқилонаи об ба хотири обёрии заминҳои кишоварзӣ сол аз сол тақвият ёфта, биноан буҳрони баҳри Арал амиқтар мегардад. Агар кишварҳои поёноб, асосан Ӯзбекистон, ҳамчун кишвари бузурги аграрии минтақа, оҷилан оид ба истифодаи оқилонаи об аз тариқи татбиқи усулҳои навтарини обёрӣ, кам кардани андозаҳои истифодаи об то ба сатҳи меъёрҳои ҷаҳонӣ тадбирҳои қатъӣ наандешанд, ин тамоили номатлубу харобиовар боқӣ мемонад ва ба комилан нобуд гаштани баҳри Арал сабаб мегардад.

Вазъи имрӯзаи баҳри Арал ва атрофи он ба тағйироти ҷиддии иқлим дар Осиёи Марказӣ боис гашта, дар оянда барои қисми зиёди қитъаи Авруосиё оқибатҳои хатарзоро дар пай дорад. Далели раднопазири ин хулоса он аст, ки фақат дар Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир, тибқи арзёбии олимон, масоҳати пиряхҳо аз 30 дарсад то 35 дарсад кам шудааст. Аз 14 ҳазор пирях, ки манбаи асосии захираи об дар минтақа мебошанд, зиёда аз як ҳазорашон пурра нобуд гаштаанд [6]. Дар шароити тағйирёбии глобалии иқлим гузариш ба истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, аз ҷумла об, хеле мубрам аст. Инро раванди Копенгаген комилан собиту таъйид месозад. Дар Осиёи Марказӣ бошад, рушди гидроэнергетика, ба ғайр аз дигар натиҷаҳо, боз имкон медиҳад, ки ин неъмати бебаҳои табиат ба манфиати ҳамаи давлатҳои минтақа оқилона истифода карда шавад.

Дар Тоҷикистон неруи барқ, асосан, дар НБО истеҳсол карда мешавад. Баръакси он дар кишварҳои поёноб асосан неругоҳҳои барқи ҳароратӣ, ки сӯзишвориро истифода мебаранд, фаъолият мекунанд. Ин аст, ки Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ аз нигоҳи ба фазо содир кардани газҳои зарарнок ҷойи охиринро ишғол менамояд.

Ҷойи таассуф аст, ки Ӯзбекистони дорои захираҳои азими ашёи карбогидрид (гази табии) то сентябри соли 2016 сиёсатеро пеша карда буд, ки ба тамоюлоти умумиҷаҳонӣ ва судовариҳои яқин барои минтақа хилоф аст. Он чи ба НБО Роғун оид аст, пеш аз ҳама, таъкид бояд кард, ки ин неругоҳ дар дарёи дохилии Тоҷикистон- дарёи Вахш, на балки дар рӯди фаромиллии Омударё, бунёд мегардад. Захираи оби дарёи Вахш камтар аз 30 дарсади ҳаҷми Омударёро ташкил дода, 70 дарсади оби ин рӯди фаромиллӣ аз ҳисоби дарёи Панҷ, ки дар он ягон иншооти гидротехникӣ нест, фароҳам меояд. НБО Роғун дар болооби дарёи Вахш қарор дошта, баъд аз он қариб даҳ неругоҳи барқи обии амалкунанда дар поёноби ин рӯди дохилӣ ҷойгир шудаанд. Аз нигоҳи фаннӣ ва мантиқ, агар ба василаи НБО Роғун ҳаҷми оби дарёи Вахш кам карда шавад, силсилаи неругоҳҳои барқи обии номбурда, ки дар поёноби рӯди Вахш сохта шудаанд, ғайри қобили кор мегарданд. Сарфи назар аз он, ки зиёда аз 40 дарсади лоиҳаи азими НБО Роғун дар давраи шӯравӣ анҷом гирифтааст ва дар давраи соҳибистиқлолӣ фақат дар бораи анҷоми сохтмони он сухан рафта метавонад, худи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хотири риояи манфиатҳои умумии минтақа, дар соли 2010 бо Бонки Ҷаҳонӣ дар бораи асосноккунии фаннию иқтисодӣ ва арзёбии таъсири иҷтимоӣ-экологии Роғун созишнома баст. Коршиносони байналмилалӣ, пас аз чанд соли фаъолият- ба лоиҳаи НБО-и Роғун баҳои мусбат доданд. Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо аз минбарҳои баланди байналмилалӣ изҳор карда буд, ки ягон лоиҳаи гидроэнергетикиаш бар зарари ҳамсоякишварҳояш татбиқ нахоҳад ёфт. Давлати Тоҷикистон барои баррасию муҳокимаи ҳамаи масъалаҳои марбут ба истифодаи оқилонаи захираҳои обу энергетикаи минтақа бо иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар фазою рӯҳияи эҳтироми мутақобил, созандагӣ, баробарҳуқуқӣ ва суди ҷонибайн комилан омода асту хоҳад буд.

Гузашта аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли қазияи баҳри Арал талоши зиёд кардааст ва саъй хоҳад кард. Дар ин иртибот роҳбарияти олии ҷумҳурӣ дар бораи бунёди консортсиуми байналмилалӣ оид ба кӯли Сарез пешниҳоди ибтикорӣ намудааст, ки ҳадафи он барои истеъмолу истифодаи оби тозатарини нӯшокии ин обанбори кӯҳистон аз ҷониби 50 миллион сокинони тамоми минтақа фароҳам овардани шароити зарурӣ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Богатуров А.Д. Центральная Азия: «отложенный нейтралитет» и международные отношения в 2000-х годах / А.Д. Богатуров, А.С. Дундич, Е.Ф. Троицкий [и др.] // Очерки текущей политики -М.: НОФМО, 2010.-Выпуск 4. -С. 7-10.
2. Боришполец К.П. Водно-энергетические проблемы Центральной Азии и сравнительные возможности ЕврАзЭС и ШОС в деле их решения / К.П. Боришполец. – Москва, 2011. - С. 20, 6.
3. Пресс –релиз делегации Республики Таджикистан на заседании Совета глав государств-членов СНГ о некоторых вопросах водно-энергетической проблематики Центральной Азии. -Ашхобод, 2012. -С. 2- 4.
4. Сыроежкин К. -Центральная Азия в треугольнике «Россия-Китай-Запад»: выбор приоритетов / К. Сыроежкин //Мировая экономика и международные отношения. - 2007. - № 10.
5. Smith D.R. -"Environmental security and shared water resources in post-Soviet Central Asia" / D.R. Smith //Post-Soviet Geography. - 1995. -352P.


## ДАР БОРАИ ХИСЛАТИ СОЗАНДАИ СИЁСАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ


Дар мақола мазмуну мундариҷаи масъалаи истифодаи захираҳои обу энергетика ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Муаллиф аҳамияти ин масъала ва мавқеи давлатҳои шомили минтақаро оид ба он мавриди арзёбӣ қарор додааст. Муаллиф менависад, ки гидроэнергетика оби дарёҳоро бебозгашт истифода намебарад, балки онро фақат аз турбинаи неругоҳҳои барқи обӣ мегузаронад. Дар қиёс бо ин зироаткории обёришаванда оби дарёро бебозгашт гирифта, танҳо миқдори ками онро дар шакли ҷӯйҳо бар мегардонад, ки сифати обашон хеле паст аст. Ҳамин тариқ, баҳсҳо дар сари масъали об бо сабаби рақобати афзоянда барои дастрасии комил ба оби зироаткорӣ ба миён меоянд. Моҳияи иддаҳои ҳукуматҳои Тоҷикистону Қирғизистон унвонии кишварҳои ҳамсоя аз тақозои бештар кардани андозаи ҷуброни молиявӣ барои дар низоми ирригатсионӣ кор кардани неругоҳҳои барқи обии ин ду кишвар, ки ба манфиати Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон мебошад, иборат аст. Роҳбарияти Тоҷикистону Қирғизистон дар тӯли чандин солҳо ба хароҷоти калони худ дар иртибот ба нигаҳдошту хизматрасонии иншооти гидротехникӣ ишора мекунанд. Ҷониби Қирғизистон ҳатто пешниҳод дошт, ки об чун мол шинохта шуда, дар оянда мавриди хариду фурӯши байнидавлатӣ қарор дода шавад. Аммо гумон аст, ки истифодаи пулакии оби дарёҳои фаромарзиро дар Осиёи Марказӣ амалӣ кардан мумкин бошад. Ба мавзӯи сабабҳои аслии ҳалокати баҳри Арал ва коҳиш ёфтани тавозун дар низоми энергетикии минтақа равшанӣ андохта шудааст. Дар мақола пешниҳодҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи ин мушкилоту тазодҳо баёну арзёбӣ шудаанд.



**Калидвожаҳо:** захираҳои обу энергетика, кишварҳои поёноб, бухрони баҳри Арал, тавозуни низоми энергетикии минтақа, лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ, консортсиуми байналмилалӣ оид ба кӯли Сарез.


## О СОЗИДАТЕЛЬНОМ ХАРАКТЕРЕ ПОЗИЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ПО ВОПРОСУ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ


В статье раскрывается суть и содержание проблемы использования водно- энергетических ресурсов в постсоветской Центральной Азии. Автор анализирует значение данного вопроса в жизни региона и позицию входящих в него государств относительно его решения. Автор пишет, что гидроэнергетика не использует речной сток рек безвозвратно, а проводит его через турбины гидроэлектростанций. В сравнении с ней орошаемое земледелие забирает речной сток безвозвратно, возвращая только малую часть в виде арыков, с очень плохим качеством воды. Таким образом, дискуссии по проблемам воды возникают вследствие растущей конкуренции за полноценный доступ к водным ресурсам. Суть претензий правительств Таджикистана и Кыргызстана в адрес соседей сосотоит в требовании увеличения финансовой компенсации за то, что гидроэлектростанции этих двух стран работают в ирригационной системе, что идет на пользу Узбекистану, Казахстану и Турменистану. Руководства Таджикистана и Кыргызстана на протяжении многих лет указывают на свои большие затраты на содержание и обслуживание гидротехнических сооружений. Кыргызская сторона даже предлагала признать воду предметом международной купли-продажи. Но вряд ли можно осуществить платное использование вод трансграничных рек Центральной Азии. Вносится ясность в тему о причинах экологического кризиса Аральского моря и нарушения в энергосистеме региона. В этой связи подробно изложена и оценена позиции Республики Таджикистан относительно позитивно- конструктивного решения возникших межгосударственных противоречий в водно-энергетической сфере.



**Ключевые слова:** водно-энергетические ресурсы, страны верховья водного бассейна, страны низовья водного бассейна, кризис Аральского моря, баланс в энергосистеме региона, гидроэнергетические проекты, международный консорциум по Сарезскому озеру.


## ABOUT CONSTRUCTIVELY CHARACTER POSITION OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN ABOUT QUESTION OF USING WATER RESOURCES IN CENTRAL ASIA.


In article explained content about problems of water-electrical resources In post-Soviet Union Central Asia. Author analyzes meaning of this question of region's life and position of republics in resolving. Author writes that hydroenegy not uses river resource without work but it processes in turbines of hydroelectric station. Instead of it working in fields takes water totally and turns it back in small rivers in bad form of water. That why appears discussions on water problems. Main request of

Tajikistan and Kyrgizstan to financial charges to their neighbours is that to hydroelectrical system is working to Uzbekistan, Kazakstan and Turkmenistan's goodness. Tajikistan and Kyrgizstan shows to that position on many years about how to keep in correctly working position of hydroelecrical facilities. Also Kyrgizistan offered to make water-interest position but its impossible to make water-charges in Central Asia. Clearness to this theme is reasons of ecological crisis in Aral sea and violation in energy system of region. About that position totally explained appraisal of Republic of Tajikistan about positive – construction of resolving problems in international contradictory in water electrical sphere.

**Key words:** water-electrical resources, republics in upper reaches of water pool, republics in lower reaches of water pool, crisis in Aral sea, balance in energy system if region, hydro-energy projects, international consortium about Sarez's lake.

**Сведения об авторе:** ***Темуров Фаррухшох Сироджиддинович***–соискатель кафедры международных отношений Таджикского национального университета Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17.Телефон: **988-16-82-05, E-mail: F.temurov@feit.tj**

**Information about the author:*Temurov Farrukhshoh Sirojiddinovich*** –applicant of scientific degree at Tajik National University, Department of International Relation. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
Phone: 6**988-16-82-05. E-mail: F.temurov@feit.tj**

**УДК: 930.22+327(575.3)**

## ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲИНДУСТОН ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ (солҳои 1991-2017)

***Турсунов Т.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Соҳаи тандурустӣ яке аз соҳаҳои муҳиму афзалиятнок ва зарурӣ дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Саломатии халқу миллат аз вазъи сиёсиву иқтисодии давлат ва ҳамзамон комёбии мамлакат аз бисёр ҷиҳат аз вазъи хуби соҳаи тандурустӣ вобастагӣ дорад. Танзими дурусти ин соҳа ин солимии мардум ва солимии ҷомеа аст. Пас аз дарёфти истиқлолияти Тоҷикистон соҳаи тандурустӣ душвориҳои зиёдеро паси сар намуд ва танҳо соли 2009 ба дараҷаи соли 1991 расид [14, с. 524]. Чуноне маълум аст, солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар мардуми ҷумҳурӣ аз камшавӣ ва дастнорас будани доруворихо азият мекашиданд. Баъзе «корчаллону соҳибхтисос»-ҳо аз вазъияти ноороми мамлакат истифода бурда, доруҳои қалбакии пастсифатро ворид намуда, ба фурӯш мегузоштанд ва имрӯз ҳам баъзан маводҳои пастсифат ба ҷумҳурӣ ворид карда мешаванд.

Бо мақсади беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дар ин замина мутобиқ гардонидани хизматрасонии соҳаи тиббӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ бо кӯшиш ва заҳматҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ давра ба давра дар соҳаи тандурустӣ дигаргуниҳо ба миён омада истодаанд. Ба фаъолият шурӯъ намудани марказҳои саломативу тандурустӣ, ифтитоҳи бунгоҳҳои тиббӣ, бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо, омода намудани мутахассисони соҳавӣ ва ифтитоҳи озмоишгоҳҳои муосир ва мутобиқ ба талаботи давр, тадбирҳои амалии давлату ҳукумат дар ин самт дониста мешаванд. Тибби муосири Ҳиндустон бошад, махсусан пас аз дарёфти истиқлолияти миллӣ ба марҳилаи рушди худ расид. Моҳи майи соли 1959 миёни ИҶШС ва Ҳиндустон созишнома дар хусуси бунёди панҷ заводи фарматсевтӣ ва заводи таҷҳизоти ҷарроҳӣ ба имзо расида буд [20, с.57]. Дар асоси ин созишнома дар Ҳиндустон заводҳои тиббӣ-фарматсевтӣ бунёд ёфтанд ва имрӯз ин заводҳо қисми зиёди маводи тиббии кишварро истеҳсол мекунанд. Заводҳои Ҳайдаробод, Мадрас ва ғайра кишварро бо маводҳои доруворӣ ва тиббӣ таъмин менамоянд ва молҳои истеҳсолии онҳо ба бозори ҷаҳонӣ бароварда мешаванд. То солҳои 80-ум беморхонаҳои давлатӣ таъминкунандаи асосии хизматрасониҳои тиббӣ дар Ҳиндустон буданд. Дар даҳсолаҳои гузашта дар низоми тандурустии Ҳиндустон тағйироти ҷиддӣ сурат гирифт ва ҳоло клиникаҳои корпоративӣ ва хусусӣ дар бозор устувор мебошанд. Бо вуҷуди ин, беморхонаҳои давлатӣ муассисаҳои асосии табобатӣ барои камбизоатон мебошад. Имрӯз Ҳиндустон сиёсати солимро пеш гирифтааст ва миёни бемористони хусусӣ ва давлатӣ равобит мустаҳкам аст. Омӯхтани таҷрибаи Ҳиндустон дар ин самт манфиатовар хоҳад буд.

Дар аввалин сафари расмии ҳайати намояндагони Тоҷикистон ба Ҳиндустон моҳи декабри соли 1993 ва вохурӣ бо нахуствазири Ҳиндустон П.В. Нарасимха Рао дар қасри Ҳайдаробод ба ташкил ва рушди низоми тандурустии Ҳиндустон, хусусан соҳаи дорусозӣ аз

ҷониби намояндагони Тоҷикистон баҳои баланд дода шуда, таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид [20, с.22]. Ин сафар барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаи тандурустӣ замина гузошт.

Минбаъд зимни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Ҷумҳурии Ҳиндустон аз 11 то 16 декабри соли 1995 ҳуҷҷатҳои муҳимми байнидавлатӣ ба имзо расиданд, ки дар қатори муҳимтарини онҳо созишнома оид ба ҳамкориҳои нигоҳдории тандурустӣ буд [20, с.26]. Соли 1995 Ҳиндустон аввалин қарзи худро дар ҳаҷми 5 млн доллари америкоӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони корхонаи муштараки истеҳсоли маводи фарматсевтӣ бо ширкати хусусии «Аҷанта Фарма» пешниҳод кард. Корхонаи муштараки «Тоҷик Аҷанта Фарма» бо иштироки Вазорати тандурустии Тоҷикистон ба нақша гирифта шуда буд. Рӯйхати пардохти қарз, ки ҷониби Ҳиндустон ба нақша гирифта шуда буд, Ҳукумати Тоҷикистонро қонеъ накард. Фоизи ин қарз 3,37 миллионро ташкил мекард ва ҷониби Тоҷикистон бояд дар маҷмӯъ 8,37 млн доллар пардохт мекард. Ин маблағи 8,37 млн доллар ҳангоми сафари сарвазири Ҳиндустон соли 2003 ба грант табдил дода шуд. Шарикони корхонаи муштарак - Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Аҷанта-Фарма» давра ба давра мулоқот карданд, вале ба шарти пешниҳодшуда розӣ шуда натавонистанд. Ҳамин тариқ, корхонаи муштарак фаъолият карда натавонист. Дар ҳақиқат ба роҳ мондани фаъолияти корхонаи дорусозӣ мушкилоти зиёд дорад. Бунёди корхонаи истеҳсолии фарматсевтӣ маблағ ва вақти зиёдро барои анҷом додани корҳои илмию тадқиқотӣ, таҳияи технологияи истеҳсоли дору талаб менамояд. Корхонаи дорусозӣ баъди чор-панҷ соли дуруст ташкил намудани фаъолият ва бо дастгирии давлат метавонад бо иқтидори пурраи истеҳсолӣ маҳсулот истеҳсол намояд.

Ҳангоми сафари дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон 3 сентябри соли 2012 ба Ҳиндустон ояндадор будани рушди ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ таъкид гардид. Масоили вобаста ба ҳолати кунунӣ ва рушди минбаъдаи ҳамкории гуногунҷанбаи ду кишвар, аз ҷумла тандурустӣ дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Манмоҳан Сингҳ ва сипас дар музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои васеи ду кишвар баррасӣ шуд [15]. Сипас 6 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид, ки яке аз он созишнома миёни Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва некуаҳволии оилаи Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва тиб буд [3]. Бо мақсади мустаҳкам кардани муносибатҳои ҳамаҷониба дар доираи сиёсати «Connect Central Asia» Ҳиндустон як қатор лоиҳаҳои навро мехоҳад дар Тоҷикистон амалӣ намояд, ки бунёд намудани марказҳои тиббӣ аз зумраи онҳост. Ҳамзамон, лоиҳаи дигари бузурги рушд, ки ба он Ҳиндустон розигии худро дод, ин бунёди беморхонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон буд [3]

Ҳамасола 25 апрел (аз соли 2007) ҳамчун рӯзи байналмилалии мубориза бо бемории вараҷа қайд карда мешавад [1]. Бемории вараҷа яке аз масъалаҳои ҳалталаб барои соҳаи тандурустии бисёре аз кишварҳо ба шумор меравад. Чунки қариб 40% аҳолии кураи Замин дар зери хатари сироятёбии бемории вараҷа қарор доранд. Ҳар сол дар ҷаҳон зиёда аз 500 миллион одамон ба бемории вараҷа гирифтор шуда, зиёда аз як миллион аз ин беморӣ мефавтанд [2]. Тайи солҳои охир аз сабаби шиддатёбии муҳоҷирати аҳолӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҳиссаи ҳодисаҳои интиқолӣ бештар гардида, сол аз сол зиёд гашта истодааст. Чи хеле ки таҳлили ҳолати беморӣ аз тарафи мутахассисон нишон медиҳад, дар солҳои охир интиқоли вараҷаи серӯза асосан аз кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубӣ, аз ҷумла аз Ҳиндустон сурат мегирад [6]. Ҳиндустонро, ки бештар бемории вараҷа фаро мегирад, ба Тоҷикистон пешниҳод кардани таҷрибаи худ оиди мубориза бо бемории вараҷа ва сармоягузорӣ намудан аҳамиятнок мебошад. Дар заминаи ҳамкориҳои судбахш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон Сушма Свараҷ дар таърихи 11 сентябри соли 2014 мулоқот карданд ва дар баробари дигар масъалаҳо доир ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ гуфтугӯи судманд сурат гирифт [19, с. 2]. Дар ҷаласаҳои муштараки сатҳи ҳукуматӣ ва соҳавӣ мутахассисони соҳаи тибу тандурустӣ табодули назар менамоянд, ки ин яке аз омилҳои рушди соҳа мебошад. Дар ин замина 27 ноябри соли 2015 дар Маҷмааи давлатии “Кохи Ваҳдат” якумин анҷумани офталмологҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори худ оғоз кард ва дар он Сатиш Мишра, муваққатан иҷрокунандаи вазифаи роҳбари намояндагии ТУТ дар Тоҷикистон, Бушан Пунани, раиси кулли Ассотсиатсияи нобиноёни Ҷумуҳурии Ҳиндустон иштирок намуданд [13]. Офталмологияи муосири Тоҷикистон ин ҷарроҳии ғайримудохилавӣ, усули истифода аз ҳуҷайраҳои бунёдӣ ва имплантантҳои полимерӣ мебошад, ки он имконият

медиҳад бе иваз намудани узв биноӣ барқарор карда шавад. Дар солҳои охир табобати ҷарроҳии муосир дар соҳаи офталмология созмон дода шудааст, ки дар дақиқаҳои камтарин беморони нобиноро пурра табобат менамояд.

Дар таърихи 14-18 декабри соли 2016 дар сафари навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ҳиндустон ва мулоқотҳо бо Президент Пранаб Мукерҷи, муовини президент М.Ҳамид Ансорӣ ва Сарвазир Нарендра Моди низ доираи васеи масъалаҳои дуҷониба, минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла тарҳҳо дар соҳаи тандурустӣ муҳокима гардиданд [8]. Ҳамзамон, 24 июни соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар ҳошияи ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай бо Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Моди татбиқи лоиҳаҳо, барномаҳои мушаххаси муштарак дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла тандурустиро аз самтҳои афзалиятноку манфиатбахши робитаҳо арзёбӣ карданд [12].

Тавре ки маълум аст, бемории сил дар Тоҷикистон яке аз мушкилиҳои асосии системаи тандурустии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар солҳои сипаригашта аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барномаҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории сил таҳия ва қабул гардидаанд. Солҳои 2014-2016 зиёда аз 40 давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҳиндустон бо истифодаи доруворӣи нав бо номи Бедаквилин ба табобати беморони гирифтори шаклҳои васеи мутобиқгаштаи сил оғоз намуда, натиҷаҳои назаррас ба даст оварданд [16]. Омӯхтани таҷрибаи Ҳиндустон дар самти истифодаи доруҳои зиддисилӣ ва умуман табобати он аҳамияти хос дорад.

Яке аз самтҳои омӯзанда саноати дорусозии Ҳиндустон мебошад. Ҳамкорӣ дар ин самт метавонад самараи хуб ба бор орад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон, дар соҳаи фарматсевтӣ фаъолияти густурдаро ба роҳ мондааст. Айни замон 89 ширкатҳои ҳиндӣ дар Тоҷикистон фаъолият доранд ва бештар аз 904 номгӯйи маводи доруворӣ ва молҳои тиббиро ба қайди давлатӣ гирифтаанд, ки зиёда аз 30% бозори фарматсевтии Тоҷикистонро пурра менамоянд [11]. Аз ҷониби як гурӯҳ мутахассисони саноати дорусозии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 ҶДММ «Ясмина Мед» таъсис дода шудааст [21]. Ин корхона ашёи хоми доруворӣро имрӯз аз Чин ва Русия ба кишвар ворид мекунад. Дар оянда тасмим дорад, ки дар ин самт бо Ҳиндустон ҳамкориро ба роҳ монад.

Албатта, рақобати солим асоси пешравии истеҳсолот аст. Дар Тоҷикистон ҶДММ «Ясмина Мед», ҶДММ «Кӯҳҳои Тоҷикистон», ҶДММ «Тиб барои шумо», ҶДММ «Вежафарм» ширкатҳои дорусозӣ мебошанд ва барои табдил ёфтан ба ширкатҳои бузурги истҳсолкунандаи маводи доруворӣ ва молҳои тиббии истеҳсоли ватанӣ талош мекунанд. Ҳоло он стандартҳое, ки дар Тоҷикистон вуҷуд доранд, аксаран стандарти ҳиндӣ мебошанд. Тоҷикистон дар соҳаи дорусозӣ дар сурати фароҳам овардани заминаи созгор метавонад мақоми сазовор дошта бошад. Ҳангоми мусоидат намудан ба фурӯши маҳсулоти ин корхонаҳо дар давоми ду-се сол ҳамин ширкатҳо метавонанд бо имкониятҳои молиявии худашон корхонаҳои бузурги саноатиро бунёд намоянд. Дар Тоҷикистон беш аз 90 ширкат ба воридоти доруворӣ ва молҳои тиббӣ машғул буда, доруҳоро асосан аз кишварҳои Аврупою Осиё, аз ҷумла Ҳиндустон меоранд [10].

26 сентябри соли 2017 дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе, маросими расмии ифтитоҳи фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Сифат фарма" сурат гирифт. Дар ифтитоҳи фаъолияти расмии ҶДММ "Сифат фарма" Саида Умарзода, муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин намояндагони соҳаҳои тандурустиву дорусозии Ҳиндустон иштирок намуданд [9]. ҶДММ "Сифат фарма" бо мақсади дастраси аҳолӣ намудани доруворӣи ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқаткунанда бо вазоратҳои тандурустиву соҳаҳои дорусозии Ҳиндустон шартномаи ҳамкорӣ баста, нақша дорад дар оянда сафи шариконро бештар намояд. Фаъол шудани клиникаҳои табобатии Ҳиндустон дар Тоҷикистон ва расонидани кумаки тиббӣ ба аҳолии Тоҷикистон низ, яке аз самтҳои дигари рушди ҳамкориҳои ин ду кишвар дар соҳаи тандурустӣ мебошад. Аз 12 апрели соли 2017 дар шаҳри Душанбе клиникаи тиббии ҳиндӣ ва маркази ташхисии «VEDANTA» ба кор оғоз намуд, ки дар он беморони тоҷик ду ҳафтаи аввал ройгон аз ташхис гузаштанд. Дар ин клиника духтурони варзидаи Ҳиндустон Амит Гупта, Амит Бушан Шарм, Рохит Наяр, Акшей Кумар Саксена ба беморони тоҷик машварат ва доруву дармон тавсия медиҳанд. Аммо, ба гуфтаи беморон, хизматрасонии онҳо нисбат ба бемористонҳои Тоҷикистон гаронтар аст.

Табодули таҷрибаи ҳамдигар низ миёни табибони Тоҷикистон ва Ҳиндустон мавҷуд аст. 28 августи соли 2017 дар Муассисаи давлатии Маҷмааи тандурустии «Истиқлол»-и шаҳри Душанбе ҷарроҳии иваз кардани буғумҳои сунъии пой аз тарафи табиби ҷавон А. Эҳсонов, ки дар Ҳиндустон такмили ихтисос кардааст, сурат гирифт [7]. Дар амалиёти ҷарроҳӣ мутахассисон аз Ҳиндустон низ иштирок доштанд. Гузаронидани амалиёти ҷарроҳии мураккаб дар дохили мамлакат нишони маҳорату малакаи касбии баланди табибони тоҷик буда, мушкилии беморонро хеле осон гардонидааст.

Аз 6 то 11 сентябри соли 2017 дар беморхонаи «Балх» духтурони соҳибтаҷрибаи Ҷумҳурии Ҳиндустон аз шаҳри Деҳли барои гузаронидани амалиётҳои ҷарроҳии бемориҳои чашм ташриф оварданд. Дар беморхона амалиётҳо, ба монанди кӯчиши шабакия (отслойка сетчатки), чашмпарда (катаракта), хуншории ҷисми шаффоф (гемофтальм), пардаи болшакл (птеригиум) ва ғайра бо усули лазерӣ, бе бурриш ва бедард гузаронида мешавад. Табибони Ҷумҳурии Ҳиндустон дар муддати се сол дар беморхонаи «Балх» зиёда аз 600 амалиёти чашмпарда (катаракта) гузаронидаанд.

Дастгирии шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва барои дастгирии ҳамешагии онҳо тамоми чораҳо андешида мешаванд. Имрӯз мутахассисони соҳа бомуваффақият амалиётҳои ҷарроҳиро дар дили кӯдакон идома дода истодаанд. Давраҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисосро гурӯҳи калони мутахассисони тоҷик дар Ҳиндустон гузаштанд. Ҳамасола дар муассисаҳои тавонбахшии ҷумҳурӣ беш аз 3000 нафар кӯдакону наврасон саломатии худро барқарор мекунанд [5].

Аз 25 октябр то 4 ноябри соли 2017 бо ташаббуси бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ҷарроҳиҳои дил миёни кӯдакон ва наврасони синни то 18-солаи гирифтори бемориҳои нуқсони дил ройгон ҷараён гирифтанд [18]. Баҳри гузаронидани ҷарроҳиҳои дил ва солимгардонии кӯдакону наврасони то синни 18-солаи гирифтори бемориҳои нуқсони дил зиёда аз 23 нафар мутахассисони варзидаи соҳаи ҷарроҳии дилу рагҳои 13 кишвари хориҷ, аз қабили Ҳиндустон ҷамъ омада, дар амалиёти ҷарроҳӣ саҳм гирифтанд.

Бунёди маркази онлайнӣ байни беморхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беморхонаҳои Ҳиндустон яке аз масъалаи асосие буд, ки дар мулоқоти раиси вилояти Хатлон Д. Гулмаҳмадзода бо сафири Ҳиндустон дар Тоҷикистон Сомнатҳ Гош, котиби дуюми сафорати Ҳиндустон дар Тоҷикистон Шубан Кришен ва аташеи сафорат Панкаҷ Дианиро дар таърихи 7 ноябри соли 2017 мавриди баррасӣ қарор гирифт [4]. Бунёди маркази онлайнӣ байни беморхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо беморхонаҳои Ҳиндустон, имкон фароҳам меоварад, ки табибон ҳангоми гузаронидани амалиёти тиббӣ аз таҷрибаи якдигар ва машваратҳои судманд низ истифода баранд. Ҳамзамон, дар мулоқоти мазкур ҷонибҳо масоили густариш додани ҳамкориҳои судмандро миёни вилояти Хатлон ва Ҳиндустон дар заминаи ташкил намудани маркази саноатӣ, ба таҷрибаомӯзӣ фаро гирифтани кормандони соҳаи тандурустӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки туризми тиббӣ дар Ҳиндустон ривоҷ ёфтааст ва 30 %-и туризми тиббии ҷаҳон ба Ҳиндустон рост меояд. Ба Ҳиндустон аз тамоми ҷаҳон, аз ҷумла аз ИМА ва Аврупои Ғарбӣ барои табобат меоянд. Масалан, дар Ҷеннай ҳар рӯз зиёда аз 150 нафар аз тамоми ҷаҳон барои табобат меоянд. Агар як сабаби воридшавии табобатгирандаҳо сифати баланди хизматрасонӣ бошад, сабаби дигари он паст будани нархи хизматрасонӣ мебошад. Агар ҷарроҳии қалб дар ИМА 130 ҳазор доллар бошад, дар Ҳиндустон 7 ҳазор доллар, иваз намудани буғуми косу рон дар ИМА 43 ҳазор, дар Ҳиндустон 7 ҳазор, ивази зону дар ИМА 40 ҳазор, дар Ҳиндустон 9,2 ҳазор доллар аст [6]. Аксарияти духтурони Ҳиндустон таҷрибаомӯзии худро дар ИМА, Британияи Кабир ва Австралия гузаштаанд ва сатҳи баланди касбӣ доранд. Ҷиҳати дигари рушди туризми тиббӣ дар Ҳиндустон донистани забон мебошад. Қисми зиёди духтурони Ҳиндустон забони англисро медонанд. Ҳамзамон, маводҳои тиббии истеҳсоли Ҳиндустон сифати баланд ва нархи арзон доранд.

Хуллас, равобити ҳасанаи Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар самти тиб ва тандурустӣ дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ ба роҳ монда шудааст ва дар оянда барои рушди он як қатор тадбирҳо зарурият доранд. Аз ҷумла, дар самти мубориза ба муқобили бемориҳои вараҷа ва сил, бемориҳои қалб, чашм ва ғайра бештар табодули назар кардани мутахассисони соҳа, ҳамзамон омӯхтани таҷрибаи Ҳиндустон дар самти дорусозӣ боарзиш мебошад. Тибби қадимаю анъанавии Аюрведа - илми ҳаёт, ки низоми қадимии дониш оид ба

мувофиқати ҳаёт ва зиндагонии солими инсон аст, муоличаи алтернативӣ ба ҳисоб меравад. Дар Ҳиндустон Аюрведа зиёд истифода мешавад. Шинос гардидан ва истифода кардани усули алтернативии тибби анъанавии Ҳиндустон аз тарафи намояндагони бахши фарматсевтии Тоҷикистон зарур ва ба манфиати ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Ширкатҳои дорусозии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо мақсади ҳимояи манфиати давлату миллат ҳангоми омода намудани ин ё он намуди доруворӣ ба сифати маҳсулот аҳамияти аввалиндарҷа диҳанд ва барои рақобатпазир будани маҳсулоти доруворӣ бо маҳсулоти аз хориҷ воридшаванда мутобиқ будани онҳоро таъмин намоянд. Дар ин сурат ба муваффақият ноил шуда метавонанд. Ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтие, ки дар ҷумҳурӣ амал мекунанд, бояд молу маҳсулоти хушсифатро ба ҷумҳурӣ ворид намоянд.

Мутахассисони соҳаи тандурустии тоҷикро зарур аст, ки дар асоси созишномаҳои байнидавлатӣ курсҳои такмили ихтисоси худро дар самти андӯхтани таҷриба дар марказҳои бузурги тиббии Ҳиндустон гузаронанд.

Омӯзиши таҷрибаи Ҳиндустон дар самти рушди туризми тиббӣ низ барои Тоҷикистон аҳамияти зиёд дорад.

Истифодаи имкониятҳои амалинашуда миёни Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар соҳаи тандурустӣ зиёданд ва дар оянда умеди амалишавии онҳо дар назар аст.

**АДАБИЁТ**


1. 25 апрел – рӯзи байналмилалии мубориза бо бемории вараҷа. 25 апрели соли 2013 [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj. (санаи истифодабарӣ: 25.12.2017).
2. 25 апрел – рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди бемории вараҷа. 24 апрели соли 2017 [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj. (санаи истифодабарӣ: 12.01.2018).
3. India and Tajikistan: Building a long-term Strategic Partnership [захираи электронӣ]. URL: ttps://idsa.in/idsacomments (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).
4. Бунёди маркази онлайнӣ байни беморхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беморхонаҳои Ҳиндустон мавриди баррасӣ қарор гирифт [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj (санаи истифодабарӣ: 20.01.2018).
5. Дастгирии кӯдакону наврасони маъюб. 17 майи соли 2017 [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj. (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).
6. Елизавета Маетная. Индия лечит. Почему Индия стала медицинской Меккой. (Дели) 14.10.2015 [электронный ресурс]. URL: www.gazeta.ru (дата обращения: 20.12.2017).
7. Иваз кардани буғумҳои сунъии пой дар муассисаи давлатии маҷмааи тандурустии «Истиқлол» [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj/ (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).
8. Изҳороти муштарак аз натиҷаи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ҳиндустон [захираи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).
9. ҶДММ “Сифат фарма” расман ба фаъолият оғоз кард [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj/ (санаи истифодабарӣ: 14.01.2018).
10. Маҳмадалӣ Давлатов – дар Тоҷикистон воридоту истеҳсоли маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ чӣ гуна ба роҳ монда шудааст? 26.июли соли 2017 [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj/ (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).
11. Муаррифии тибби анъанавии Аюрведаи Ҳиндустон дар Душанбе. 19.02.2018 [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj.(санаи истифодабарӣ: 20.02.2018).
12. Мулоқот бо Сарвазири Ҳиндустон [захираи электронӣ]. URL: http://mfa.tj. (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).
13. Нахустин ҷарроҳии чашмро Абӯали ибни Сино гузаронидааст. 27 ноябри соли 2015 [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj. (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).
14. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ /Н.Ҳотамов, Д. Довудӣ, С.Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. - 644 с.
15. Оғози сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Ҳиндустон [захираи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj (санаи истифодабарӣ: 10.01.2018).
16. Роҳҳои нави табобати бемории сил. 31 январи соли 2017. [манбаи электронӣ]. URL: http://moh.tj. (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).
17. Супоридани Эътимоднома ба Президенти Ҳиндустон [захираи электронӣ]. URL: http://mfa.tj. (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).
18. Тайи як ҳафта кӯдакону наврасони синни то 18, ки гирифтори бемориҳои нуқсони дил ҳастанд, ройгон чарроҳӣ мешаванд. 31 октябри соли 2017 [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj. (санаи истифодабарӣ: 13.01.2018).
19. Тоҷикистону Ҳиндустон барои ҳамкории пурсамар имкону захираҳои фаровон доранд //Садои мардум. - 2014.- 12 сентябр.- №105-106 (3251-3252).
20. Турсунов Т.Х. Таджикско-индийские взаимоотношения. Монография/ Т.Х. Турсунов. - Душанбе: Эр-граф, 2009.-130 с.
21. Ширкатҳои дорусозии ватанӣ метавонанд бо имкониятҳои молиявии худ корхонаҳои бузурги саноатиро бунёд намоянд». 26 июли соли 2017 [захираи электронӣ]. URL: http://moh.tj. (санаи истифодабарӣ: 20.12.2017).

## ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲИНДУСТОН ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар соҳаи тандурустӣ, масъалаҳои омӯзандаи таҷрибаи Ҳиндустон дар соҳаи тандурустӣ, инчунин мубодилаи таҷрибаи тиббиву тандурустӣ миёни ин кишварҳо пас аз истиқлолияти Тоҷикистон нишон дода шудааст. Чуноне маълум аст, соҳаи тандурустӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятноки ҷомеа мебошад. Ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон метавонад, бисёр масъалаҳоро аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон омӯзад ва барои ба ҳадаф расонидани мақсадҳои олии ҷомеа истифода намояд. Яке аз кишварҳое, ки Тоҷикистон бо онҳо равобити босамар дорад, Ҷумҳурии Ҳиндустон мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки таҷрибаи Ҳиндустон пас аз истиқлолияти миллӣ дар соли 1947 аз бисёр ҷиҳат барои Тоҷикистон омӯзанда аст. Махсусан соҳаи тандурустӣ ва тиб, ки имрӯз Ҳиндустон дар ин самт дар миқёси ҷаҳон пештоз мебошад. Заводу фабрикаҳои саноати тиббиву фарматсевтие, ки дар солҳои 60-70-уми қарни XX бунёд карда шудаанд, имрӯз рамзи саноати миллии кишвар мебошанд. Рушди туризми тиббӣ низ дар Ҳиндустон бемайлон пеш рафтааст ва Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаи Ҳиндустон дар ин самт бозомӯзӣ ва дар амал татбиқ намояд. Дар мақола роҳҳои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон, сафарҳои мутақобилаи Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳиндустон ва сарони кишвари Ҳиндустон ба Тоҷикистон, бастани шартномаҳои тиббӣ-фарматсевтӣ, аҳамияти онҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба ҳамкориҳои соҳаи тандурустӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Воқеан омӯхтан ва дар амал татбиқ намудани таҷрибаи Ҳиндустони муосир дар соҳаи тиббу тандурустӣ дар ҳаёти ҷомеаи навини тоҷик ба манфиати соҳа ва беҳдошти рӯзгори мардум хоҳад буд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Ҳиндустон, равобит, тандурустӣ, тиб, созишнома, воридот, содирот, мулоқот, таҷриба.

## СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА И ИНДИИ В СФЕРЕ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ (1991-2017 гг.)

В статье прослеживаются взаимоотношения Таджикистана и Индии в сфере здравоохранения и проблемы изучения опыта Индии в сфере здравоохранения, а также обмена опытом в области медицины и здравоохранения между этими государствами, после приобретения независимости Республики Таджикистан. Как известно, сектор здравоохранения является одним из наиболее важных и приоритетных отраслей. Молодая Республика Таджикистан может многому научиться у передовых стран мира и использовать возможности для достижения высших целей общества. Из числа стран, которыми Таджикистан имеет плодотворные отношения, является Индия. Важно отметить, что опыт Индии после независимости страны в 1947 году - очень полезен для Таджикистана. В частности, сектор здравоохранения Индии продвигается сегодня вперед в глобальном масштабе. Заводы и фабрики лекарственных и фармацевтических препаратов, которые были построены в 60-70-е годы XX века, сегодня являются символом национальной промышленности страны. В Индии также развивается туризм, и Таджикистан имеет потенциал для восстановления и практического использования опыта Индии в этой области. В статье рассматриваются пути развития сотрудничества Таджикистана с Индией, взаимные визиты Президента Таджикистана Эмомали Рахмона в Индию и главы индийского государства в Таджикистан, заключенные медицинские и фармацевтические договора, их важность и другие вопросы, связанные с сотрудничеством в области здравоохранения между Республикой Таджикистан и Республикой Индия. В действительности, изучение и внедрение в практике опыта современной Индии в сфере медицины и здравоохранения, в жизни нового таджикского общества будет в интересах сектора и благосостояния общества.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Индия, отношения, здравоохранения, медицина, соглашение, импорт, экспорт, встреча, опыт.

## COOPERATION OF TAJIKISTAN AND INDIA IN THE HEALTHCARE FIELD (1991-2017 years)

The article traces the relationship between Tajikistan and India in the field of health care and the problems of studying the experience of India in the field of health, as well as the sharing of experience in the field of medicine and health between these states, after the acquisition of independence of the Republic of Tajikistan. As is known, the health sector is one of the most important and priority sectors. The young Republic of Tajikistan can learn a lot from the advanced countries of the world and use the opportunities to achieve the highest goals of society. Among the countries that Tajikistan has a fruitful attitude is India. It is important to note that the experience of India after the independence of the country in 1947 is very useful for Tajikistan. In particular, India's health sector is moving forward today on this global scale. The factories and factories of medicines and pharmaceuticals that were built in the 1960s and 1970s are now a symbol of the country's national industry.

In India, tourism promotion has also appeared, and Tajikistan has the potential to restore and make practical use of India's experience in this field. The article examines the ways of development of cooperation between Tajikistan and India, mutual visits of the President of Tajikistan Emomali Rahmon to India and the heads of the Indian state to Tajikistan, concluded medical and pharmaceutical contracts, their importance and other issues related to cooperation in the field of health between the Republic of Tajikistan and the Republic of India. In fact, the study and implementation in practice of the experience of modern India in the field of medicine and health, in the life of the new Tajik society will be in the interests of the sector and the welfare of society.

**Key words:** Tajikistan, India, relations, health, medicine, agreement, import, export, meeting, experience.

**Сведения об авторе:** ***Турсунов Турсунмурод Худоймуродович*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета.
E-mail: **tursunov-murod@mail.ru** Телефон: **+992934665581**

**Information about the author:*****Tursunov Tursunmurod Khudoimurodovich*** - Tajik National University, associate professor of modern and contemporary history of the faculty of history of foreign countries E-mail: **tursunov-murod@mail.ru**

УДК: 177.1

# ИНСОНИ КОМИЛ АЗ НИГОҲИ ФАРИДУДДИНИ АТТОР ВА ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

*Умедов М.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Эҷодиёти Фаридуддини Аттор ва Ҷалолуддини Румӣ ганҷинаи гаронбаҳост, ки натиҷаи куллии он ҳар як фардро ба худшиносӣ ва Худошиносӣ мебарад. Он натиҷа иборат аст аз нишон додани инсон ҳамчун нусхаи ҳақ, намунаи комили ҷаҳони офариниш ва пазирандаи олами ҳастӣ, ки чун олами сағир тамоми олами кабирро фаро гирифта, тарбиятгари инсони комил аст, ки ҳам қавлаш, ҳам феълаш ва ҳам ахлоқаш накуст. Аз лиҳози маърифат ба ҳадди камол расида, ғояти вуҷуд аст ва ҳама чиз аз вуҷуди ӯ вобастагӣ дорад.

Баррасӣ ва таҳқиқи масоиле, ки ба зиндагии иҷтимоӣ, маънавиёт, фарҳанги инсонӣ ва шинохти ин падидаҳо дар осори мутафаккирон, муҳаққиқон, аҳли фарҳанг ба таври умум дахл дорад, сараввал суолеро дар бораи худи инсон матраҳ менамояд. Зеро инсон рукни муҳимтарини табиату ҳастӣ аст ва хеҷ мавҷуди ҳастӣ арзиши бузургтар ва муассиртаре аз инсон надорад, ё баръакс, ҳеҷ мавҷуди ҳастӣ мураккабтар, асророметар ва рангинтар аз инсон нест. Амри воқеист, ки мавзӯи инсон, рисолати ӯ, сурат ва маънавиёти инсонӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ баҳсҳои тӯлонӣ ва доманадореро ба миён овардааст, ки мутафаккирони ҳар давру замон нисбати ин масоил бетафовут набудаанд. Масъалаи инсон ва асолати ӯ ҷанбаъҳои ниҳоят зиёд ва мухталиф дорад. Зеро меҳвари аслии асолати инсон сирати маънавӣ ва ахлоқии худи ӯст, яъне агар халқ ифодагари маҷмӯи инсонҳо бошад, хулқ фарогири маҷмӯи маънавиёту ахлоқ ва одоб аст, ки хосси инсон чун мавҷуди навъи комили олами ҳастӣ мебошад.

Дар тасаввуф инсон фақат дараҷаи олии тараққиёти табиат набуда, он «нусхаи ҳақ» низ ба шумор меравад. Инсон намунаи комили ҷаҳони офариниш ва пазирандаи олами ҳастист. Ӯ ба фоилу мафъул, нозиру манзур, баҳру бар, ҷисму ҷавҳар ва ғ. тавсиф шуда, чун олами сағир тамоми олами кабирро дар бар мегирад, ки ҳамин мазмунро дар риштаи назм чунин овардаанд:

*Ту ҳам рӯҳию ҳам зулмат, ту ҳам феълию ҳам иллат,*
*Ту ҳам ақлию ҳам сурат, ту ҳам ҷонию ҳам ҷонон,*
*Туӣ мақбулу ҳам қобил, ту ҳам мафъулу ҳам фоил,*
*Туӣ масъулу ҳам соил, туӣ ҳар ҷавҳару алвон.*
*Туӣ ҳам баҳру ҳам гавҳар, туӣ ҳам ҷисму ҳам ҷавҳар,*
*Туӣ ҳам шаҳду ҳам шаккар, туй ҳам маъдану ҳам кон [13, с.78].*

Мувофиқи таълимоти Зардушт ҳар марду зан бояд аз шаш сифоти эзидӣ (ростию дурустӣ, ниҳоди пок, иқтидори муқаддас, ишқу муҳаббат, камоли маънавию ҷисмонӣ, ҷовидонӣ ва бемаргӣ) баҳраманд гардад ва онҳоро дар замири худ парвариш диҳад, то ба ин васила саодати худ ва дигаронро таъмин намояд.

Тасаввуф бошад, инсонро аз мақоми баланди кайҳонӣ ҷой дода, ӯро ба қутбе ташбеҳ медиҳад, ки дар гирди он ҳама фалакҳои ҳастӣ давр мезананд (аз ин ҷост, ки ҳукамои мутасаввиф инсонро «мухтасар-уш шариф» ном ниҳодаанд) [12, с.74].

Инсони комил касест, ки ба дараҷаи камолот ва воростагӣ расида бошад. Вороста касеро гӯянд, ки ӯ ҳамаи алоқаҳои дунявӣ ва ҳамаи разилатҳои халқиро дур андохта, ҳамаи бандҳои тааллуқотро гусаста, аз марзи сифотҳои ҳайвонӣ берун ҷаста, камоли фазилати ахлоқиро зоҳир гардонад.

Фаридуддини Аттор мегӯяд, ки «сухани аҳли тариқат натиҷаи кор ва ҳол аст, на самараи ҳифзу қол, аз аён аст на аз баён…» низ ба ин маъно, ки аҳли дилро фаҳму завқе аст ва он болотар аз фаҳми ҳар ду ҷаҳон [2, с.57].

Барои рӯшан сохтани матлаб Фаридуддини Аттор дар эҷодиёти худ такя бар оёти Қуръони карим намуда, доири пайдоиши одам аз нутфа-моъи маҳин то ҳолати ҷанинӣ, тавлид шудану батадриҷ ба воя расидан ва ниҳоят баъди пирӣ ба зери хок шудан ибрози андеша намудааст [2, с.59].

Аз нигоҳи ӯ инсон дар ин олам пайваста саргашта аст ва оғози саргаштагии ӯ аз се зулмот (машима, раҳм ва батн) буда, то он ҷо ки баъди нуҳ моҳ «сарнагунсар аз раҳим берун фидот» ва лаб ба шир оварду тифле беқарор шуд ва ҷавонӣ диду пирӣ.

Ҳамин тавр, ба ақидаи Фаридуддини Аттор, то он ки нутфа қурби ҷон биёбад ё мушти хок ҷони пок бишавад, басе дарди бедармон бояд бурд, ки чораи ин кор саргардонӣ асту доруи ин дард бедармонӣ.

*Ҳар дилеро к-ин талаб ҳосил бувад,*
*То қиёмат масти лояъқил бувад [2, с.59].*

Аз ин ҷост ки инсоне, ки Аттор дар эҷодиёти худ офаридааст, дар талаби ин дард буд ва замоне рӯзу шаб осуда набуд, то пеш аз аҷал тан ба ҷон бадал бикунад. Инсони комил дар тасаввуф як навъ инсони идеалист, ки маъруф ба ашрофи махлуқот буда, ҳосилаи уруҷи модда (эволютсия) ва нузули рӯҳ (инволютсия) дониста мешавад.

Дар таъбири ислом, пеш аз ҳама, худи Муҳаммади Мустафо инсони комил қаламдод мешавад. Вале сӯфия дар ин масъала ақидаи хоссаеро барсохта буд: вай талқин мекард, ки дар қатори авлиёву анбиё ба мартабаи мазкур дигарон ҳам расида метавонанд. Ҳар як мусулмон билқувва инсони комил шуморида мешавад, билфеъл инсони комил шуда тавонистани муслим фақат ба имону ихлос ва саъю кӯшиши ӯ дар роҳи такомули ҷисмонию маънавӣ, алалхусус такомули ахлоқӣ вобаста асту бас.

Фаридуддини Аттор низ Ҳазрати Муҳаммад (с)-ро шахси комилу инсони акмал ва як намунаи олии зиндагии ҳақиқӣ (идеалӣ) ба қалам додааст ва як нафар солики роҳи тариқатро тавассути имону ихлос ва муҷоҳада ба дараҷаи ӯ мебардорад. Ҳамчунин, тавассути зинаҳои камолоти маънавӣ ба пояи ҳақк мерасонад, ки он аз як тараф ҳулули инсонро ба Худо нишон диҳад аз тарафи дигар худшиносии воқеиро аз тариқи Худошиносӣ равшан месозад. Зеро, воқеан миёни холиқу махлуқ ҳиҷобе мавҷуд аст, ки ин ҳиҷоб омили сарсониву саргардонии инсон дар зиндагист ва танҳо инсон қудрати бардоштани ин ҳиҷобро аз миён дорад. Ҳадаф аз тай намудани зинаҳои камолоти маънавии инсон аз нуқтаи назари Аттор бардоштани он ҳиҷобест, ки миёни холиқу махлуқ фитодааст. Он ҳиҷоб «худӣ» ва «ман», мояи шарр ва бадӣ аст. То ин ки «худӣ» барнахезад, камолоти маънавӣ даст надиҳад.

Барои бардоштани ҳиҷоб ва раҳои аз «худӣ» ва «ман» Шайх Аттор тазкияи нафсро пеш гузошта, мароҳили сайру сулукро шарти лозимии ҳусули маърифат ва вусул ба марҳилаи камол мешуморад. Шайх Аттор нафсро бо «саги нафс» ва «деви нафси аммора» ёд намуда, саркӯб намудани онро амали волои инсон мешуморад.

Воқеан, Фаридуддини Аттор ва Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ шахсиятҳои воқеиву таърихие ҳастанд, ки дар таърихи афкори ирфонии асримиёнагии тоҷику форс чун ситораҳои пурҷилои илму фарҳанг хизмати бузурге намудаанд. Яке аз ҷузъиёти марбут ба зиндагии Фаридуддини Аттор ва Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ривоят дар бораи мулоқоти Аттор бо Баҳоуддин Муҳаммад- падари Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ ё Румии маъруф ба Мавлавӣ мебошад. Тибқи ривояти Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» [1, с.64] ва Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» [3, с.96] Баҳоуддин Муҳаммади маъруф ба Баҳоул Валад ҳангоми муҳоҷират аз Балх дар Нишопур ҳамроҳи фарзанди хурдсоли худ-Ҷалолуддин Муҳаммад ба мулоқоти Фаридуддини Аттор расида ва Аттор ба Ҷалолуддин нусхае аз «Асрорнома»-ро ҳадя карда будааст. Албатта, имкони чунин мулоқоти Мавлавӣ бо Фаридуддини Аттор ҷой доштааст, зеро Фаридуддини Аттор дар он замон дар қайди ҳаёт буда ва роҳи муҳоҷирати Ҷалолуддин низ аз Нишопур мегузаштааст. Вале теъдоди муаллифоне чун Афлокӣ, Фаридуни Сипаҳсолор ва Султон Валад, ки зиндагиномаи Мавлавиро навиштаанд, дар бораи ин мулоқоти ӯ бо Фаридуддини Аттор чизе нагуфтаанд ва исботи ҳаққонияти ин мулоқот кори хеле душвор аст. Вале дар бораи иродат ва ихлоси маънавии Мавлавӣ ба Шайх Фаридуддини Аттор ҳеҷ ҷойи тардид нест ва байтҳои зайли мансуб ба Мавлавӣ:

*Аттор рух буду Саноӣ ду чашми ӯ,*
*Мо аз паи Саноиву Аттор омадем.*

Ё байти дигар ҳам, ки гуё Мавлавӣ гуфтааст:

*Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,*
*Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем.*

ва абёту нақлу ривоёти зиёди дигаре, ки дар маъхазҳои гуногун аз номи Мавлавӣ нақл шудаанд, аз иродат ва ихлоси ин бузургмарди ирфону тасаввуф ба Шайх Фаридуддини Аттори Нишопурӣ гувоҳӣ медиҳанд. Инсон, чунонки қайд кардем, падидаи танҳо ҷисмонӣ нест ва, қабл аз ҳама, маънавӣ ва сиратист. Ва шахсияти худи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ

баёнгари возеҳи ин нукта аст. Ӯ дар шароити даврони худ, дар чунин вазъ, ки гӯё замину осмон зидди маънавияти воло, ахлоқ ва сирати мутамаддини инсонӣ буд ва рӯҳияи яъсу ноумедӣ ҳамаи ҷомеаро фаро мегирифт, инсонро меҳвари корномаи маънавӣ ва инсонии худ қарор дод.

Чун ба таълимот ва осори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ назар афканем, пеш аз ҳама, мушоҳида мегардад, ки дар он Худо мавқеи асосӣ дорад. Вале ҳаминро бояд таъкид намуд, ки Худошиносӣ ва худшиносӣ-инсоншиносии Мавлоно тақрибан муродифи якдигаранд. Ба андешаи яке аз муҳаққиқони осори Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ Зиёев Хуршед «Инсоншиносӣ (антропологияи ирфонӣ-фалсафӣ) будани таълимоти Мавлоноро бо ин ҳам собит кардан мумкин аст, ки ӯ Худоро дар ниҳоди инсонӣ меҷӯяд ва ақоидаш асосан ҷанбаи маърифатӣ доранд. Маърифат бошад, танҳо хосси инсон аст» [4, с.54].

Возеҳ аст, ки мавзӯи инсон- мавзӯи дерини шинохти дин, адаб ва илм аст. Ва он дар ҳамаи самтҳои ҷаҳонбинӣ инъикоси фаррох, рангин ва мураккаб дорад. Инсон аз нигоҳи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ низ мавҷуди ниҳоят мураккаб, вале зотан ва хилқатан озода, эҷодкор ва фаъол аст. Ӯ асли ҷавҳарии собит ва идеалиро, ки инъикосгари олами ҳастӣ ба шумор меравад ҳадафи волои худ медонад. Ин асл маншаи возеҳи илоҳӣ дорад ва барои эҳёи комили ин асли воло инсони Мавлоно талоши ҳаррӯза дорад. Дастёбӣ ба он дарёфти камоли воқеии инсонӣ мебошад. Ин камоли инсонӣ фақат камоли ақлонӣ ва маърифатию илмӣ нест, балки камоли ҷомеаи маънавӣ ва ахлоқӣ аст. Мо таҷаллии рангин, ҷаззоб ва зебои онро дар осори гуногуни Мавлавӣ, қабл аз ҳама шоҳкории безаволи ӯ -«Маснавии маънавӣ» инъикосёфта дармеёбем. Қобили таъкид аст, ки Мавлоно Румӣ ҳамчун инсонгарои ростин хилқат ва сирати малакутии инсонро доиман мадди назар дошта, наҷобати тамоми бани башарро эътироф дорад. Вале ин ҷо тазаккур бояд дод, ки дар шинохти ин шоир ва орифи шаҳир ҷавҳари маънавӣ ва сиратии чунин инсон худшиносӣ ва худогоҳӣ мебошад, зеро, аз диди ӯ, расидан ба мақоми волои инсонӣ ва худогоҳии шахс ба фаҳмидани моҳияти умумию куллии инсон мерасонад ва дарки мақсаду вазифаҳои ӯро осон менамояд. Ба ақидаи мутафаккир, ҳамин сифот манзалати инсонро дар байни офаридаҳои Худованд аз ҳама воло ва вазифаи шинохти Худо, ҳамзамон бозгашт ба асли маънавии хешро рисолати хоси ӯ гардонидаанд:

*Ҳарчанд ба сурат аз заминӣ.*
*Пас риштаи гавҳари яқинӣ,*
*Бар махзани нури Ҳақ аминӣ,*
*Охир ту ба асли асли хеш оӣ!*

Аз дидгоҳи Мавлоно тариқати воқеии инсон шоҳроҳи такмили маънавии ӯст, ки дар масири он инсон бояд худро аз хислатҳои номатлуб, ғаризаҳои моддӣ, ихтилофи зиддиятҳои гуногуни зиндагӣ озод созад ва ҳадафмандонаву пайгирона пеш равад. Зеро инсони комил, ки натиҷаи олитарини камолот мебошад, бояд дар атрофи худ танҳо хислатҳои воло ва муқаддасро мушоҳида намояд. Зиёда аз он, ӯ василаи такмили иҷтимоъ ва сафобахши он бо таҷаллии нури илоҳӣ мебошад. Ҳамчунин, ба андешаи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ инсони комил на танҳо ваҳдати худ, балки ягонагии ҷаҳонро, ки он низ саршор аз ишқи илоҳист, ҳифз ва таъмин менамояд.Бояд зикр намуд, ки маниши инсонгароии Мавлоно Румӣ аз таълимоти гуногун реша мегирад, вале аҳкоми дини мубини ислом пояи асосии он аст. Чунонки маълум аст, инсон аз нигоҳи Қуръон беҳтарин ва зеботарини мавҷудот аст. Ин зебоии ӯ на дар зоҳир, балки дар он таҷаллӣ меёбад, ки инсон ҷавҳару мағзи афлок аст ва ягона махлуқест, ки мафҳуми зебоиро ба маънии аслӣ ва ҳақиқӣ дарк мекунад. Зебоии мутлақ ва комил барои инсон дар ахлоқи ӯ зуҳур меёбад, зеро аз ҷиҳати қуввати ҷисмонӣ аксари ҳайвонот ва қисмати зиёди мавҷудоти зинда аз инсон волотаранд, вале дар маънавиёт, қудрати дарк, огоҳӣ ва тафаккур ягон мавҷуде ба дараҷаи ӯ намерасад. Маҳз ҳамин сифати ҷавҳарӣ ва бунёдии инсон ӯро бар тамоми мавҷудоти дигари олами моддию рӯҳонӣ афзалият додааст ва ин маънӣ дар оятҳои зиёд ва бахусус дар ояти ҳафтодуми сураи «Исроъ»-и Қуръони Карим зикр шудааст: «Ҳамоно фарзандони Одамро гиромӣ кардем ва дар биёбону дар дарё онҳоро барнишондем; ва ба онҳо аз покизаҳо рӯзӣ додем ва онҳоро бар бисёре аз он чи офаридаем, фазли бисёр додем» [5, с.26]. Ва ин оятҳои қуръониро Мавлоно дар «Маснавӣ»-и худ чунин ба риштаи назм кашидааст:

*Ту зи «каррамно» бани Одам шаҳӣ.*
*Ҳам ба дарё, ҳам ба хушкӣ по ниҳӣ…*
*Мар малоикро сӯи баҳр роҳ нест,*

*Ҷинси ҳайвон ҳам зи баҳр огоҳ нест.*
*Ту ба тан ҳайвон, ба ҷонӣ аз малак,*
*То равӣ ҳам бар замин, ҳам бар фалак [6, с.85].*

Воқеан Қуръон замири инсониро ба унвони як мабдаи маърифатӣ вижа ном мебарад. Аз назари Қуръон, саросари хилқат оёти илоҳӣ ва алоиму нишонаҳое барои кашфи ҳақиқат аст. Қуръон аз ҷаҳони хориҷи инсон ба офоқ ва аз ҷаҳони ботини инсон ба анфус таъбир мекунад ва аз ин роҳ аҳамияти вижаи замири инсониро гӯшзад менамояд. Истилоҳи офоқу анфус дар адабиёти исломӣ ва ирфонӣ аз ҳамин ҷо падид омадааст[8, с.57].

Дар таълимоти Мавлоно Румӣ доири моҳият, мақсуди офариниш, табиат, сурат ва сирати маънавии инсон, мақому манзалати ӯ баррасиҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки воқеан дар шинохти аслии инсон хеле муҳиманд. Яке аз чунин ҷузъиёти осори Ҷалолуддини Румӣ ақида дар бораи таҳаввул ё эволютсияи инсон аст. Қобили қайд аст, ки дар ин масъала таълимоти Румӣ саршор аз он андешаҳоест, ки дар аксари таълимотҳои динӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳатто табиатшиносии мардуми олам матраҳ шудааст. Ин нуқта, чунонки мебинем, аз фаровонии арзишҳои умумибашарӣ дар таълимоти ирфонии мутафаккир оид ба инсон шаҳодат медиҳад. Мувофиқи таълимоти тасаввуф, аз ҷумла Мавлои Румӣ, дар ибтидо Ҳастии Мутлақ, Рӯҳи Мутлақ, Ақли Кулл вуҷуд дошт, ки баъдан аз он олами ҷамод ё чаҳор унсури ба ҳам мутазод (чунонки худи мутафаккир гуфта: («Обу оташ бину хоку бодро, Душманон чун дӯстон омехта») ба вуҷуд омад. Дар зинаи минбаъда бошад, аз онҳо олами набобот, ҳайвонот ва билохира Инсон арзи вуҷуд намуд. Инъикоси ин маъниро дар байтҳои зерин, ки аз тарафи муҳаққиқони осори Мавлоно хеле зиёд иқтибос шудаанд, мушоҳида мекунем:

*Омада аввал ба иқлими ҷамод,*
*Аз ҷамодӣ дар наботӣ уфтод.*
*Солҳо андар наботӣ умр кард,*
*Аз ҷамодӣ ёд н-овард аз набард.*
*В-аз наботӣ чун ба ҳайвон уфтод,*
*Н-омадаш ҳоли наботӣ ҳеҷ ёд…*
*Боз аз ҳайвонӣ сӯи инсонияш*
*Мекашад он холиқе, ки донияш [11, с.76].*

Дар бораи мақсад аз офариниши одам бошад, Мавлоно таълимоти суннатии тасаввуфро идома додааст. Чунонки маълум аст, аксарияти сӯфия ба ҳадиси машҳури қудсӣ такя карда, рисолати асосии инсонро дар шинохти Ҳақ дидаанд. Ҷалолуддини Румӣ низ дар «Маснавӣ» ҳамин маъниро таъкид кардааст:

*Чун Худо моро барои он фарохт,*
*Ки ба мо битвон Ҳақиқатро шинохт.*

Вале бори дигар қобили таъкид аст, ки шинохти Ҳақ ва шинохти инсон (ё худ худшиносии инсон) барои Мавлоно Румӣ тахминан муродифи ҳамдигаранд. Ин маънӣ аз он реша мегирад, ки мутафаккир пайравӣ аз таълимоти ваҳдати вуҷуд, эътирофи ягонагӣ ва айнияти Худованду инсон мекунад. Дар пайравӣ аз Боязиду Ҷунайд, Саноию Аттор, Шамси Табрезӣ ва пирони дигари маънавии худ Румӣ чунин ғазалҳое сурудааст, ки агарчи дар ҳолати ваҷду самоъ гуфта шуда бошанд ҳам, мазҳари инсоншиносӣ ва инсонсолориро дар ақоидаш баръало ҳувайдо месозанд:

*Онҳо, ки талабгори Худоед, Худоед,*
*Берун зи шумо нест, шумоед, шумоед.*
*Чизе, ки накардед гум аз баҳри чӣ ҷӯед,*
*В-андар талаби гумнашуда баҳри чароед?*

Чуноне ки аз таҳқиқи муҳаққиқони осори мутафаккир бармеояд, аксарияти афкори ирфонии Мавлоно Румӣ ба масоиле дар бораи Худо, олам, инсон ва маърифати ӯ алоқамандӣ доранд. Ҳама ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки инсон барои ӯ нур ва мавҷуди ба сурат ҷузву ба маънӣ кулл аст. Мақоми аслии инсон аз нуқтаи назари динҳои маъруфи башарият, аз ҷумла масеҳияту ислом хеле болост, зеро ӯ нусхаи Ҳақ аст. Ин ақидаро Мавлоно Румӣ низ ҷонибдорӣ мекунад:

*Халқи мо бар сурати худ кард Ҳақ,*
*Васфи мо аз васфи ӯ гирад сабақ.*
*Чунки он Халлоқ шукру ҳамдҷӯст,*
*Одамиро мадҳҷӯӣ низ хӯст [14, с.85].*

Оламу афлок барои Мавлоно Румӣ якранг набуда, табиати хеле печидаю мураккаб доранд. Аз ин рӯ ӯ тамоми мавҷудоти оламро ба се гурӯҳ тақсим кардааст, ки инсон дар байни онҳо мавқеи хосса дорад. Инҳо аввалан, малоикаҳоянд, ки аз назари мутафаккир ақли соф буда, бо донишу маърифати худ наҷоти маънавӣ ёфтаанд. Ба гурӯҳи дуюм ҳайвонот дохиланд, ки орӣ аз ақл, пойбанди нафсу шаҳват буда, аз тамйизи некию бадӣ бехабаранд. Бедонишию бемаърифатии ҳайвонот сабаби наҷот ёфтани онҳо гардидааст. Инсон бошад, гурӯҳи сеюми мавҷудоти оламро ташкил медиҳад, ки дар байни малоика ва ҳайвонот ҷой дошта, пайваста дар мубориза ва ҷустуҷӯи роҳи наҷоти худ қарор дорад. Маърифати оламу одам ва Ҳақиқат роҳи ягонаи наҷоти ӯст.

Вале байни инсонҳо низ тафовутҳои зиёде вуҷуд дорад. Аз ин рӯ Мавлоно Румӣ инсонҳоро низ ба се гурӯҳ ҷудо намудааст: аввалан, инсонҳое, ки аз пайи ақл рафта, худ нури пок шудаанд ва ба ин гуна одамон авлиё ва паёмбарон дохиланд; сониян, он одамоне, ки пуррагӣ тобеи нафс гашта, ба ҳайвон мубаддал шудаанд ва ахиран, он одамоне, ки дар байни гурӯҳи аввалу дуюми ҷой дошта, мубориза байни тазодҳо хосси онҳост. Инсони ҳақиқӣ бошад, инсони мубориз ва наҷотдиҳандаи хеш аз падидаҳои нафсонӣ аст.

Боиси тазаккур аст, ки Мавлоно Румӣ дар ҳикмати ирфонии худ асосан дар бораи инсоне сухан мегӯяд, ки роҳи наҷоти худро дар маърифати Ҳақ мебинад ва дунёи маънавии ӯ волотар аз ҷаҳони ҳавову ҳавасҳояш меистад. Ва чунин инсон низ дар таснифи мутафаккир анвои худро дорад. Ба гурӯҳи аввал одамони муқаррарӣ дохиланд. Гурӯҳи дуюмро зоҳидон ташкил медиҳанд. Гурӯҳи сеюми инсонҳо аз намояндагони дин ва илмҳои динию дунявӣ иборат аст. Сӯфиён бошанд гурӯҳи чоруми инсони маърифаткунандаро ташкил медиҳанд. Ва Мавлоно Румӣ худ дар шинохти оламу одам роҳи ҳамин навъи чоруми инсон - сӯфӣ ва орифро пеша намудааст [14, с.86].

Аз омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии осори Фаридуддини Аттор ва Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, ҳамзамон муҳаққиқони ватаниву хориҷии осори ин орифони бузург маълум мегардад, ки талоши пайгири ин ситорагони дурахшони илму адаби асримиёнагии форс-тоҷик расидан ба камолоти маънавӣ ва пайдо кардани инсони комил мебошад. Фикр мекунем, ки бо истифода аз рисолати бузурги иршод ва роҳнамоии Аттор ва Мавлавӣ ҷавонони имрӯз дар даврони рушд ва таҳкими ҷаҳонишавӣ, густариши худшиносии миллӣ ва бархӯрди тамаддунҳои мухталиф паёмҳои инсонгароии эшонро ҳадафи аслии зиндагии хеш қарор хоҳанд дод. Оиди паёмҳои инсондӯстиву инсонгароии ин мутафаккирони бузург ҳарчанд агар нависем, ба пояи муаррифии пурраи он нахоҳем расид ва дар шакли мухтасар ин абёти Мавлоно Румӣ хулосаи гуфтор ва орзуву армони ҳамешагии инсоният хоҳад буд:

*Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,*
*К-аз деву дад малуламу Инсонам орзуст.*
*Гуфтанд: «Ёфт менашавад ҷустаем мо»,*
*Гуфт: «Он-к ёфт менашавад, онам орзуст».*

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс. - Теҳрон: Иттилоот, 1375. – 1314 с.
2. Аттор Фаридуддин. Мусибатнома / бо тасҳеҳ ва эҳтимоми доктор Нурони Висол. – Теҳрон, 1959. – 560 с.
3. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. –Теҳрон: Ховар, 1338. – 431 с.
4. Зиёев Х.М. Биё, то қадри якдигар бидонем (Баррасиҳо аз ҳаёт ва эҷодиёти Мавлоно) / Х.М.Зиёев. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 128 с.
5. Қуръони Карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2007. – 680 с.
6. Румӣ Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. -Теҳрон, 2001. – 1345 с.
7. Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма / Х.Х. Муминджанов. – Душанбе, 2000. – 190 с.
8. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Инсон ва имон. Ҷаҳонбинии тавҳидӣ. - Душанбе,1998. – 144 с.
9. Мухаммедходжаев А. Гноселогия суфизма. Монография / А. Мухаммедходжаев. – Душанбе: Дониш, 1990. – 116 с.
10. Мухаммедходжаев А. Мировоззрение Фаридиддина Аттара. Монография / А.Мухаммедходжаев. – Душанбе: Дониш, 1974. – 156 с.
11. Одилов Н. Мировоззрение Джалолиддина Руми / Н.Одилов. – Душанбе, 1974. – 174 с.
12. Турсунов А. Эҳёи аҷам / А. Турсунов. – Душанбе, 1984. – 205 с.
13. Ҳазратқулов М. Тасаввуф. Монография / М. Ҳазратқулов. – Душанбе, 1988. – 125 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 132 с.


**ИНСОНИ КОМИЛ АЗ НИГОҲИ ФАРИДУДДИНИ АТТОР ВА ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ**


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ моҳият ва мундариҷаи таълимоти тасаввуфии «инсони комил»-ро, ки дар фарҳанги мардумони Шарқ решаҳои таърихӣ дорад, мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст. Муаллиф бештар дар таҳқиқи масоили мазкур афкори мутафаккирони бузурги

асримиёнагии тоҷику форс Фаридуддини Аттор ва Ҷалолуддини Румиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Зеро дар осори ин ду мутафаккири нобиға андешаи инсони комил хеле нуқтасанҷона ва ҷолиб тарҳрезӣ шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки Фаридуддини Аттор ва Ҷалолуддини Румӣ дар тӯли ҳаёти хеш тараннумгари ишқи поки Илоҳӣ буда, дар ҷустуҷӯи хислатҳои воқеии инсон ва ифодаи рисолати поки инсонӣ андешаҳои ҳакимона иброз намудаанд. Ба андешаи муаллиф, инсон дар таълимоти Фаридуддини Аттор ва Ҷалолуддини Румӣ худшиносу худогоҳ буда, қудрати тағйир додани олами маънавии хешро дорад.
Инсони комил на танҳо ваҳдати худ, балки ягонагии ҷаҳонро, ки он низ саршор аз ишқи илоҳист, ҳифз ва таъмин менамояд.Ҷанбаъҳои ахлоқии омӯзиши масъалаи инсон, ки алоқамандии зиёде ба ҳолати равонии ӯ дорад, дар он аст, ки инсон худ чун мавҷуди маънавӣ барои нигоҳдошти сатҳи баланди маънавиёти хеш бештар дар набарди худ ба худ аст. Яъне, инсон бояд, пеш аз ҳама, аз поксозии ботинии хеш оғоз намояд. Ба андешаи муаллиф, дар ин набард Фаридуддини Аттор ва Ҷалолуддини Румӣ роҳи наҷоти инсонро дар шинохти хеш ва дарки мавқеи иҷтимоии худ мебинанд. Зеро инсон чун вуҷуди иҷтимоӣ ба василаи худшиносии маънавии хеш мавқеи худро метавонад дар ҷомеа муайян намояд. Барои ҳамин ҳар ду мутафаккир инсонро ба маърифати мавқеи иҷтимоии худ даъват менамоянд. Муаллиф таъкид менамояд, ки ҷанбаҳои ахлоқии таълимоти Фаридуддини Аттор ва Ҷалолуддини Румӣ, назариёти инсонгароии онҳо арзиши волои худро дар ҷаҳони имрӯза низ нигоҳ доштааст. Таълимоти онҳо дар бораи инсон, мавқеи ӯ дар озодии маънавӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ ба талаботҳои инсони ҷаҳони муосир аст. Таълимоти ахлоқиву ирфонии Фаридуддини Аттор ва Ҷалолуддини Румӣ арзишмандии тамаддуни Шарқи мусулмонӣ, бахусус фарҳанги тоҷику форсро нишон дода, дар ҳалли мосоили умдаи диниву фалсафии асрҳои миёна нақши муассире гузоштааст. Назариёти ин ду мутафаккири бузург арзиши баланди ахлоқӣ дошта, дар ҳалли масоили умдаи фарҳанги маънавию моддии ҷаҳони муосир низ нақши муассир доранд.

**Калидвожаҳо:** инсон**, таълимот дар бораи инсон**, «инсони комил, шуурнокӣ, тасаввуф, халқҳои Шарқ, мутаффакирони асримиёнагӣ, маънавиёт, масоилҳои динӣ – фалсафӣ, зороастризм, ислом, Қуръон, оёт, некӣ ва бадӣ, фарҳанги исломӣ, масоилҳои фарҳангӣ маънавӣ ва моддӣ.

## «СОВЕРШЕННИЙ ЧЕЛОВЕК» С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ФАРИДАДДИНА АТТОРА И ДЖАЛАДДИНА РУМИ

В данной статье автор на основе анализа научной литературы рассматривает сущность и содержание суфийского учения «совершенный человек», которое имеет глубокие исторические корни в культуре народов Востока. Автор уделяет особое внимание анализу этой проблеме в учениях Фаридаддин Аттора и Джаладдина Руми, средневековых мыслителей, в произведениях которых красной нитью проходит идея совершенного человека. Автор отмечает, что Аттар и Руми всю свою жизнь восхваляли чистую любовь к Аллаху, и в поисках истинных человеческих качеств создали много мудрых изречений, которые стали знаками верности, чистоты, создали много примеров этой верности и чистоты. По мнению автора, человек в учении Фаридаддина Аттара и Джаладдина Руми способен на самосовершенствование и самосоздание, на изменение своей духовной формы. Хотя место человека и опеределено между животным и ангелом, но он должен склониться в ангельскую сторону. В духовном аспекте человек наделен свободой воли, а в телесном - нет, потому что он не является создателем своей телесной формы. Этическая сторона изучения человека, которая неразрывно связана с психологической, состоит в том, что человек, как моральное существо, для достойного сохранения своей морали постоянно находится в борьбе с самим собой. В этой борьбе, по мнению Фаридаддина Аттара и Джаладдина Руми, ему способен помочь только духовный наставник. Человек, как социальный индивид, посредством духовного самопознания занимает свое место в обществе. Поэтому оба мыслителя призывают человека к познанию своего социального места. Нравственной аспект учения Фаридаддина Аттара и Джаладдина Руми, их теория морали не потеряли своего значения и в наши дни. Их учение о человеке, о его месте в духовной и социальной свободе созвучны потребностям современного человека. Учения Фаридаддина Аттара и Джаладдина Руми показывают величие цивилизации мусульманского Востока, особенно таджико-персидской культуры, ибо они в решении многих религиозно-философских проблем разделяли взглядоы представителей исламской культуры в средние века. Творчество этих двух великих ученых имеет возвышенный этический характер, потому что в их взглядах есть ответы на актуальные вопросы этики, а также оно имеет большое значение для некоторых проблем духовной и материальной культуры в настоящее время.

**Ключевые слова:** человек**,** учение о человеке,«совершенный человек»,самосовершенствование, самосознание, суфизм, народы Востока, средневековые мыслителы,этика, религиозно-философские проблемы, зороастризм, ислам, Коран, аят, добро и зло, исламская культура, проблемы духовной и материальной культуры.

## «THE PERFECT PERSON» FROM THE POINT OF VIEW OF FARIDADDIN ATTOR AND JALADDIN RUMI

In this article, the author, on the basis of the analysis of scientific literature, examines the essence and content of the Sufi doctrine "a perfect man", which has deep historical roots in the culture of the peoples of the East. The author pays special attention to the analysis of this problem in the teachings of Faridaddin Attor and Jaladdin Rumi medieval thinkers, who in their works the red thread is the idea of a perfect person.The author notes that Attar and Rumi all their lives praised pure love for Allah and, in search of true human qualities, created many wise sayings that became signs of fidelity, purity, created many examples of this fidelity and purity.According to the author, a man in the teachings of Faridaddin Attar and Jaladdin Rumi is capable of self-improvement and self-creation, a change in his spiritual form. Although the place of man is determined between the animal and the angel, he must bend down into the angelic side. In the spiritual aspect, man is endowed with free will, and in the physical aspect, not, because he is not the creator of his bodily form. The ethical aspect of studying a person that is inextricably linked with the psychological is that a person, as a moral being, is constantly in the struggle with himself to maintain his morality. In this struggle, according to Faridaddin Attar and Jaladdin Rumi, only a spiritual mentor can help him. Man, as a social individual, takes his place in society through spiritual self-knowledge. Therefore, both thinkers urge people to know their social place. The moral aspect of the teachings of Faridaddin Attar and Jaladdin Rumi, their theory of morality, has not lost their significance even today. Their doctrine of man, his place in spiritual and social freedom is consonant with the

needs of modern man. The teachings of Faridaddin Attar and Jaladdin Rumi show the greatness of the civilization of the Muslim East, especially the Tajik-Persian culture, because they are in solving many religious and philosophical problems, like other representatives of Islamic culture in the middle Ages.
The creativity of these two great scientists has a lofty ethical character, because in their views there are answers to pressing questions of ethics, and also it is of great importance for some problems of spiritual and material culture at the present time.
**Keywords:** man, the doctrine of man, the "perfect man", self-improvement, self-consciousness, Sufism, the peoples of the East, medieval thinkers, ethics, religious and philosophical problems, Zoroastrianism, Islam, Koran, Ayat, good and evil, Islamic culture, spiritual problems and material culture.

**Сведения об авторе:** ***Умедов Мастон Хамдамович*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры истории философии и социальной философии философского факультета. **Адрес**: 734025, РеспубликаТаджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.Телефон: **+992 93 3013100.**

**Information about the author:** ***Umedov Maston Hamdamovich*** - Tajik National University, associate professor of the Department of the History of Philosophy and Social Philosophy of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki , 17.Phone: **+992 93 3013100**

**УДК 83.3(0)9+72.3**

## ИРФОН ВА ФАЛСАФА: МАСЪАЛАИ ҲАСТӢ

***Қодиров К.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фалсафа ҳам ба илм ва ҳам ба ирфон эҳтиёҷ дорад. Б. Рассел навиштааст: «Ирфон ҷузъи фалсафа аст. Ҳамаи фалсафа ё қадим ё нав бо ирфонанд, ба монанди он ки «хайр» ва «ҳақиқат» ҳар ду як чизанд» [1, с.3]. Б. Рассел ба унвони мисол аз фалсафаи Афлотун ва навафлотуниён, ки ирфон ва фалсафаро дар худ ҷамъ доштанд, ном мебарад. Ӯ ду масъаларо ба уҳдаи фалсафа мегузорад: а) ирфон ҷузъи фалсафа аст, ки арзиш дорад ва мантиқан ба афкори фалсафӣ таъсир мерасонад; б) бояд исбот кард, ки ирфон чӣ таъсире ба афкори фалсафӣ дорад? Масъалаи аввал ба мантиқ ва фалсафа ва масъалаи дуюм ба таърихи фалсафа алоқаманд аст. Яъне, ирфон ва фалсафа ду илме мебошанд, ки ба омӯзишҳои тахассусӣ ниёз доранд, хусусан ирфон, ки истилоҳот ва таъбиротҳои хос дорад.

Шак нест, ки аксарияти файласуфон аз ирфон андеша гирифтаанд, зеро ирфон илмест, ки дар домони фалсафа зода шудааст ва рушд ёфтааст. Дар бораи ирфон ҳама гуна баҳсу таҳқиқ дар ду маврид муҳим аст: ирфон бо фалсафа як табақаи илмианд, ки орифон ва донишмандони бузург, ба мисли Саноӣ, Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигарон зуҳур карданд ва осори муҳимми ирфониву фалсафӣ таълиф карданд. Ин донишмандон ва орифон, бо ин тариқ, бо эҷодиёти махсуси худ фалсафаи иҷтимоиро эҷод карданд. «Ин аҳли ирфон ҳар гоҳе бо унвони фалсафӣ ёд мешаванд, «урафо» дониста мешаванд ва гоҳе ки бо унвони иҷтимоиашон ёд шаванд, ғолибан бо унвони «мутассавифа» ёд мешаванд» [2 84].

Фалсафаро аз қадим ба ду бахш тақсим кардаанд: фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалӣ. Масъалаи фалсафаи назарӣ аслан огоҳӣ аз ҳодисоти олам аст, вале фалсафаи амалӣ ҳам огоҳӣ аз ҳодисоти олам аст, ки дар амал истифода мегардад. Аммо фалсафаи назарӣ илм дар бораи ашёҳо, вале фалсафаи амалӣ илмест дар бораи башарият. Аммо,

*Мард бояд, ки дар кашокаши даҳр,*
*Санги зерини осиё бошад,*

фалсафаи назарӣ аст. Дар ҳолати дигар, фалсафаи назарӣ аз «ҳаст»-ҳо ва «аст»-ҳо баҳс мекунад, вале фалсафаи амалӣ аз «бояд»-ҳо, «шояд»-ҳо ва «нашояд»-ҳо баҳс дорад.

Ирфон ҳам ба унвони як илм ба ду қисм тақсим мешавад: ирфони назарӣ ва ирфони амалӣ. Ирфони назарӣ тавсифи ҳастӣ, яъне тавсифи Худо, ҷаҳон ва инсон аст. Ирфони назарӣ монанди фалсафаи назарӣ ҳастиро тафсир менамояд. Ирфон дар ин қисм монанди фалсафаи илоҳӣ дар мақоми тавзеҳи ҳастӣ қарор дорад. Ҳамчунон ки фалсафаи илоҳӣ мавзӯъ ва масъалаҳои муайян дорад, ирфони назарӣ низ мавзӯъ ва масъалаҳои худро дорад. Агар фалсафаи илоҳӣ танҳо ба усули ақлӣ такя дошта бошад, ирфони назарӣ усули истилоҳи кашфро мепазирад. Фалсафаи илоҳӣ ҷаҳонро тасвири саҳеҳ ва нисбатан комил медиҳад, яъне аз нуқтаи назари файласуф ҳадди камоли инсон дар он аст, ки ҷаҳон, чуноне ки ҳаст, ҳамон тариқ аст.

Тафсири ирфон аз ҳастӣ, ба ибораи дигар ҷаҳонбинии ирфони ҳастӣ, бо тафсири фалсафӣ аз ҳастӣ тафовут дорад. Аз нуқтаи назари файласуфони илоҳӣ Худо «воҷиб-ал-вуҷуд» аст ва ғайрихудо «мумкин ал-вуҷуд», вале аз назари ирфон (ирфони назарӣ) ғайри Худо «мумкин- ал-вуҷуд» - ҳарчанд ки ҳастии ашё аст, вуҷуд надорад, балки вуҷуди Худо «воҷиб-ал-вуҷуд» - ҳамаи ашёро дар бар мегирад. Дар «Гулшани роз»-и Маҳмуди Шабистарӣ омадааст: «Ирфон шиносоӣ ва мурод аз шиносоии Ҳақ аст. Ирфон ва шинохти Ҳақ бо ду тариқ муяссар аст: бо тариқи далел аз асар (таъсир) бо муассир ва аз феъл ба сифот ва аз сифот ба зот … ва дувум тариқи тасфияи ботин, тариқи маърифати хоссаи анбиё ва авлиё ва урафо … Урафо ақида доранд, ки барои расидан ба Ҳақ бояд мароҳилеро тай кард то нафс битавонад аз Ҳақ ва ҳақиқат худогоҳӣ ҳосил кунад …» [3, с. 46].

Ирфони амалӣ робитаҳо ва вазифаи инсонро бо худаш, бо ҷаҳон ва бо Худо баён мекунад ва тавзеҳ медиҳад. Ирфони амалӣ монанди ахлоқ аст, ки инсонро тағйир медиҳад, яъне «илми амал» аст. Ирфони амалӣ «сайр» ва «сулук» номида мешавад. Дар ирфони амалӣ, баҳри он, ки «сулук» ба қуллаи маънии инсоният, яъне ба тавҳид бирасад, бояд манозил ва мароҳилро бо тартиб тай (сафар) кунад. Инсоне, ки ин роҳро тай (сафар) мекунад, инсони огоҳ (инсони комил) аст. Ирфони амалӣ чун илми ахлоқ дар бораи «чӣ бояд кард» баҳс мекунад, вале нахустин пешаи илми ирфон дар бораи робитаи инсон ва Худо аст.

Ҳамин тариқ, ирфон ва фалсафа замону вақт надоранд ва «мутлақан» ягона ҳастанд, ба монанди он ки таҷрибаи ҳиссӣ ҳамеша манбаи дониш аст. Таъбиру тафсири беҳтари таҷрибаи ирфонӣ ин аст, ки дар қиёс таҷрибаи ирфонӣ бо таҷрибаи ҳиссӣ дар воқеияти айнӣ ишора мешавад. Б. Рассел ин масъаларо тариқи дигар шарҳ додааст: «Ирфон ҳақиқатро аз илм ва ақл тасвир мекунад ва ҳеҷ пардае аз ҳақиқат намебардорад. Фақат илм ва тафаккур мантиқӣ аст, ки ба мо аз ҳақиқат шаҳодат медиҳад. Танҳо кумаке, ки ирфон метавонад бикунад, ин аст, ки нисбати инкишофи ақли илмӣ ва мантиқӣ ба мо нигоҳу нигориши отифӣ ва наҷибона мебахшад» [1, с. 36], яъне ҷавҳари ирфон отифона аст. Бо ин тартиб ирфон зеҳне аст, ки ҳеҷ гуна ҳақиқати айнӣ дар бораи ҷаҳон падид намеояд ва орифон нисбати ҷаҳон бо шиддату амиқии эҳсос менигаранд.

Тазаккур дода мешавад, ки орифон ҳамеша бо адабиёти азимашон ҳеҷ гоҳ ба ҷаҳон назари отифона надоштанд. Онҳо дар мавриди инсоногоҳӣ «нафс»-ро таъбир кардаанд ва гоҳо «қалб»-ро низ гуфтаанд; вақте ки равони инсон асири шаҳват аст, «нафс» номида мешавад ва он гоҳ, ки инсон маҳалли маорифи илоҳӣ қарор мегирад, «қалб» номида мешавад. Вақте ки дар инсон муҳаббати илоҳӣ тулӯъ мекунад, «рӯҳ» хонда мешавад ва вақте ки инсон ба марҳилаи шуҳуд мерасад, «сирр» номида мешавад. Орифон, инчунин ба болотар, аз ҷумла «хафӣ»-ро низ таъкид карданд. «Сирр» дар қалб ниҳон аст ва маҳал ва воситаи маърифати ҳиҷобҳои зотӣ (асмоъ ва сифот)-и Ҳақ аст. Орифон маъние, ки дар қалб пайдо мешавад ва агар забон ба таъбири он азиз бошад, «асрори дил» меноманд, рӯҳро ба ин маънӣ болотар аз мартабаи ақл медонанд, мисли нури офтоб, ки суратҳои оламро инъикос менамояд. «Сирр» дар ирфон таваҷҷуҳ ба «ҷанини ашё» ва мавҷудот аст. «Роз» бошад, дар ирфон холӣ шудани зеҳн аз тафаккур ва таваҷҷуҳи бевосита ба «будан» ва «набудан» аст.

Орифон шавқати аввалро худашон ихтиёр мекунанд, вале дар роҳнамоии фалсафӣ аз Арасту ва Афлотун ин шавқро интихоб кардаанд. Орифон мояҳои аввали худро дар мавриди фалсафаи амалӣ аз ислом, хусусан андешаҳои каломиву фалсафӣ – фалсафаи ишроқ қарор медиҳанд. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки орифон дар ҳиссу идроки фалсафӣ (шоирона) рангу бӯйи хосси худро доранд.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё фалсафаи ирфон айнӣ аст ё зеҳнӣ? Ҳама фалсафаи ирфон дар сайри олам таъбир аз таҷрибаи ҳиссӣ аст: фалсафаи ирфон айният, яъне айнияти таҷрибавии ҳиссӣ аст ва ин ҷо ибораи «замон ғайри вақт аст» мантиқ надорад. Орифон мухталиф буданд ва таъбироти гуногун доштанд, аммо нуқтаи интихоби онҳо дар таъбири таҷрибаи ҳиссияшон буд. Масалан, орифон дуоро иртибот ё иттиҳод бо «илми боло» медонанд ва на баҳри тақозои лутфу иноят. Орифон ин иттиҳодро бузургтарин муҳаббат медонанд ва ҳамеша дар талаби он ҳастанд. Дуо-зикр ва қуллае аст аз нардбони сулуки рӯҳонӣ, ки сулукро ба ғоёти матлубаш мерасонад. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ баъди итмоми рисолаи «Авроди фатҳия» дуои риқобро, ки ҳам аз таълифи ӯ аст овардааст, ки баъди хатми «Авроди фатҳия» ба ҷойи дуо хонда мешавад [4, с. 13-15].

Ҳама медонанд, ки навои най тамрини асли хеш аст, ки ҳиссу ҳоли орифонаро падид меоварад:

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*

*В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*
*К-аз найистон то маро бубридаанд,*
*Аз нафирам марду зан нолидаанд.*
*Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,*
*То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.*
*Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш [5, с. 193].*

Бо ҳамин тартиб, соликон аз тамринҳои фикриву зеҳнӣ истифода кардaнд ва дуо низ ба шарте дуруст фаҳмида мешавад, ки агар таъбир дошта бошад ва онро метавон барои кӯшишу кушоишҳои рӯҳонӣ расидан ба аволиму аҳволи ирфонӣ истифода кард.

Орифон асолати табиатро рӯйдоди равонӣ ва ғайримоддӣ медонанд, ҳол он ки ин рӯйдодҳои табиат ҳам равонӣ ва ҳам ҷисмонианд ва рӯйдодҳои моддӣ ва ҷисмонӣ аз қонунҳои моддиву физикии табиат рух мeёбанд. Дар ин маврид, барои ирфон асолати табиат ҳеҷ асаре надорад, зеро асолати табиатро ирфон таҳти таъсири ишроқ қарор медиҳад. Аз ҷумла, Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ бар асари таъсири фалсафаи ишроқ ғазал эҷод кардааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ дар «Комде ва Мадан» бо забони равон Хатлонро ҳамчун сабзинавор ва боғу баҳор тасвир кардааст:

*Чу Хатлон хиттае кам офарида,*
*Ки фирдавсе ба олам офарида.*
*Чу бинад дидае дар айни инсоф,*
*Риёзе сар зада аз дошти алтоф.*
*Насими файз бар хокаш вазида,*
*Ғубораш, то бихезад, гул дамида.*
*Шамолаш, гар бигардад, мушк резад,*
*Ҳавояш, чун бихандад, атр резад.*
*Тамошояш бубинад ҳуриёни дӯш,*
*Биҳишт аз ёдшон гардад фаромӯш … [6, с. 201].*

Яъне, Ҳоҷӣ Ҳасани Хатлонӣ ба зебоии табиат ҳолати ирфонӣ медиҳад, ки ҳеҷ маънии табиӣ ё камоли табии вуҷуд надорад, балки зебоии табиат ҳолати равонии табиӣ аст ва маҳз аз ин нигоҳ (ҳолат бо ин) нигориш ва таваҷҷуҳи табиӣ аз «нур дидан» ба даст меояд. Зеро идроки нурӣ ба нур ин оғози огоҳии ирфонӣ аз табиат аст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ ва дигар орифон аҳволи ирфониашонро чун муҳаббати табиӣ аз ҷониби Худо мешуморанд. Дар ин ҳолат айният ва зеҳнияти орифон ва андешаҳояшон зери парда (тамсилот) қарор мегирад, ки дар ин маврид ҳамаи андешаҳои ирфонӣ маънои айнӣ доранд, ба монанди мутлақ – «воҳид», «нафси кулл» ё «Худо». Пас, таҷриба ва ҳолати ирфонӣ маъмул – руйдодҳои дарунӣ – ҷисмианд ва ҳам маъмул – мутлақ – ин ба маънои қабули дахолати сабабе аст, ки берун аз табиат вуҷуд дорад.

Дар чунин тасаввур орифон моддиётро чун тарҳи масъала намедонанд. Ин тасаввур ғалат аст. Барои орифон ҳар падида ва ҳар ҳодиса иллат ё илалест ва он иллат ё илал низ, дар навбати худ, мавлуди иллат ё иллати (илали) дигар мебошад. Иллати умумӣ ва зарурати маъмулӣ барои файласуфон муҳим аст, аммо ҳам барои ирфон ва ҳам барои фалсафа масъалаи ҷабр ва ихтиёр зарурат доранд, аммо барои ирфон эътиқод ба қазо ва қадари илоҳӣ имтиёз дорад.

Дар ирфон «вуҷуд», агарчи мартабаи рӯйдодҳои олами ҳастӣ аст, аз «мутлақ» фарқ дорад, аз ҷиҳати «иллат» сатҳи падидории он муқаррар мегардад. «Мутлақ» аз низоми табиат бо асли табӣ фарқ дорад, вале эътибори куллро дар дохили табиат медонад. Мусаллам аст, ки «воҳид», «нафси кулл» ё «Худо», «мутаолӣ» аз табиат аст, вале «мутаолӣ» маънои «фавқуттабиӣ»-ро низ дорад. Ишора менамоем, ки «фалсафа» чанд истилоҳ дорад, ки яке аз истилоҳоташ муродиф бо «метафизика» аст. Вале, бояд тазаккур дод, ки калимаи «метафизика» низ, аз вожаҳои мухталиф иборат аст. «Метафизика», ки ибораи юнонӣ аст, ба маънои «мобаъдалтабиа» номгузорӣ шудааст ва чунон, ки ёдовар шудем, пас аз ҷудо шудани илм аз фалсафа ҳамин бахш (мобаъдалтабиа) таҳти унвони «фалсафа» боқӣ монд.

Чун ин ҷо баррасии мавҷуди ғайримоддӣ ва моварои табиӣ ба миён меояд, метафизика ба маънои моварои табиат (трансфизика) аст. Ин таваҳҳум ҳеҷ гоҳ он маъноеро надорад, ки мактаби метафизика, яъне масъалаи мобаъдалтабиа ба мактаби илоҳӣ монанд аст. Дар ирфон дар баҳси масъалаи «иллат», фақат «Иллати кулл» имконпазир аст, қонунҳои олам ба сурати қонунҳои «кулл» танҳо дар сояи он мавҷуд аст. Файласуфи англис Ҷорҷ Робин ин ҳолати

ирфонро «пешфарзиҳо» гуфтааст. Ӯ мегӯяд, ки ин пешфарзиҳо таҳти шароити хос, бо таври таъсири «Иллат»-и берун аз табиат пазируфта мешаванд [7, с. 28]. Бо таваҷҷуҳ ба ин тартиб байни метафизика ва диалектика фарқият ба миён меояд. Баҳси рад кардани «иллат» ё фурӯғи онро рад кардан, баҳси метафизикӣ аст, ки чуноне ки гуфта шудааст, «фалсафаро танҳо бо фалсафа метавон рад кард». Аз ин ҷост, ки гуфтаанд:

*Ту ҳам рӯҳию ҳам зулмат, ту ҳам феълию ҳам иллат,*
*Ту ҳам ақлию ҳам сурат, ту ҳам ҷонию ҳам ҷонон.*
*Ту мақбулу ҳам қобил, ту ҳам мафъулу ҳам фоил,*
*Туи масъулу ҳам соил, туи ҳам ҷавҳару ҷавлон.*
*Туи ҳам баҳру ҳам гавҳар, туи ҳам ҷисму ҳам ҷавҳар,*
*Туи ҳам шаҳду ҳам шакар, туи ҳам маъдану ҳам кон … [8, с. 58].*

Идроки олами ҳастӣ гоҳе ба таври табӣ ва гоҳе бо кумаки иброзҳо ҳосил мегардад. Танҳо, ҳангоме ки идрок ба сурати «масъалаи илмӣ» ба миён меояд, илмҳои мухталиф падид меоянд, ки яке аз онҳо илми ирфон аст, ки аз сурати ҷузъӣ хориҷ мешавад ва ба сурати «кулл» дар меояд. Ирфон на танҳо дар шакли тасвирҳои сода, балки ба сурати қазияҳои мураккаб, аз «чандтасвирҳо» иборат мебошад.

Дидани рангҳо, шунидани садоҳои мухталиф ва идроки онҳо огоҳӣ месозад, ки ғайр аз «илм» инчунин истилоҳоти калимавӣ мавҷуданд, ки фақат илми ирфон аз он огоҳӣ дорад. Ин истилоҳот на ба илми физика ва на ба ҳеҷ илми дигар иртибот доранд, ё ин ки «масъалаи илмӣ» доранд. Ин истилоҳоти ирфонӣ дорои вижагиҳои маънавӣ ҳастанд ва гоҳ дар асари касрат ва гоҳ дар асари ваҳдат истифода мегарданд. Ин вожаҳо, ба монанди ҳува, явм, айнулякин, ҳаққулякин, лавҳ, харобот, майхона, дайр, узлат, хулус, азм, рақс, самоъ, тарсо, лавоеҳ, зуҳур, шоҳид ва ғайра дар ирфон ба сурати таъйинӣ истифода мешаванд. Ин вожаҳо батадриҷ, дар мавриди истифода маънои луғавии худро аз даст медиҳанд ва дар як мафҳуми хос ба сурати як истилоҳот меоянд. Масалан, «ирода», ки дар ирфон манзили аввал аст, чун бадеияту муошираату ахлоқ номида мешавад, дар рамзи ирфонӣ «усул» аст. Ҷалолиддини Румӣ чунин гуфтааст:

*Ҷузъҳоро рӯйҳо сӯйи кулл аст,*
*Булбулонро ишқ бо рӯйи гул аст.*
*Он чӣ аз дарё ба дарё меравад,*
*Аз ҳамон ҷо, к-омад он ҷо меравад [9, с. 334].*

Ин вожаҳо барои ҳамин мақом вазъ шуданд, ки бо маънои луғавияшон таносубу шабоҳат доранд ва дар фалсафа, ки дар он вожаҳои хос вуҷуд доранд, назди аҳли он илм «истилоҳот» номида мешавад. Ҳамин тариқ, фалсафаи ҳаракати ашё аз мабдаъ то дуртарин нуқта дар ирфон асли таҷаллӣ аст. Ин фалсафа асли майлу ишқи ҳар инсонро ба бозгашт, ба аслу мабдаи хеш медонад. Аҳли ирфон муътақиданд, ки ин майл дар тамоми зарроти ҳастӣ ва аз он ҷумла дар инсон ҳам ҳаст, вале инсон гоҳе махфӣ ва дар асари силсилаи ин майли ботинӣ зуҳур мекунад.

Илми «истилоҳот» қазовати хосе аст, ки лафзи мушаххас барои идроки хосси олами ҳастӣ аст ва ин истилоҳот аз назари маконе маҳдудият надоранд. Истилоҳоти ирфонӣ чун дарки ботинии ашёҳо аз падидаҳо ва вижагиҳо иборат мебошанд. Ин падидаҳо ва вобастагиҳо-«фаҳмиданиҳо» кори неруи ботинӣ, ба номи «ақл» аст, ки ҳақиқатро берун аз қоидаҳои замон дарк мекунад, аммо аз асли «иллат» берун нест. Ба ақидаи Афлотун хориҷ аз ҷаҳон маконе-замоне мавҷуд аст, ки «моварои табиӣ» номида мешавад.

Метавон гуфт, ки дар ирфон ашёи мустақил вуҷуд дорад, ки баъзе тариқи эҳсосот ба ҷаҳон таъсир мекунад ва зеҳн бо дарки худ онро ноил мешавад (моддӣ) ва баъзе ҳам ба воситаи ақл шинохта мешавад (ғайримоддӣ).

Ҳолати «асили» ирфонӣ дар асари сайр ва сулуки рӯҳонӣ ҳосил мегардад ва агар сифоти падидории ин ду ҳолат яксону беихтилоф бошанд, агар яке асил бошад, дигаре низ асил аст. Сайру сулук дар ирфон тай намудани дараҷаҳои хосе, ки солик ба мақоми васл ва дарки ҳақиқат ноил мегардад, мебошад. Сайр дар олами ботин ва ҳам зоҳир аст. Сайр нузулӣ, уруҷӣ ва амудӣ аст. Сайр моҳиятан дар пироҳани ирфонӣ баён намудани камолоти маънавӣ ва худшиносии инсонро ифода мекунад, ки зимни он солик тамоми силсиламаротиби «вуҷуд» - ҳастиро аз ҳаюло то аслу мабдаъ дарк мекунад. Ба ҳамин тариқ, таҷрибаи ирфонӣ айнӣ аст, зеро аз ҳақиқати куллӣ иборат аст. Барои орифон «кулл» иттиҳоду ваҳдат аст. Ин суннати орифона дар фалсафаи ҳинд ва фалсафаи навафлотуниён дида мешавад. Дар ирфон истилоҳи «завқ» идроки бевоситаи ҳақиқати айнӣ аст, ки «ҳол» бахше аз он аст. «Завқ» (ҳол) баёни

нопазирӣ ва зудгузар будан аст. Иттилои маънӣ, ишроқ, эҳсоси ҷовидонагӣ, раҳоӣ аз эҳсоси гуноҳ ва амсоли инҳо вижагиҳои муштараки таҷрибаҳои ирфонианд, ки тариқи истилоҳоти ирфонӣ ифода мегарданд. Ба қавли Ҳофизи Шерозӣ:

*Қадри маҷмӯаи гул мурғи саҳар донаду бас,*
*Ки на ҳар к-ӯ вараҷе хонд, маонӣ донист [10, с.12].*

Бо ин тартиб, «ҳол» ҳолати равонӣ дошта, аҳли ирфон ҳамаро бо як калима, яъне бо сифоти «ирфонӣ» сифат мекунанд. Яке аз фазилатҳои аҳли ирфон дар он аст, ки онҳо ҳолати ирфониро дар вижагиҳои муштарак, падидаҳои гуногун, дар ваҳдат ва кайфияти муштарак тасвир менамоянд ва номи Худованд ба як ришта, ба як нуқта кашида мешавад. «Нуқта» монанди «тавҳид» ва «ваҳдати вуҷуд» аст, ки аз вуҷуди ҳарфҳо ва рамзҳо иборат аст. «Нуқта» дар ирфон охири ҳама аст, оғози ҳама аст ва дар айни оғоз будан, охир ва дар айни хафо дар таҷаллиёт пайдову ошкор аст.

Ҳарфҳо ва рамзҳо дорои маънӣ ҳастанд ва нуқта бошад, намоёнтарин навҳ ва муҳимтарин намунаи «ҳолати ирфонӣ» (аҳволи ирфонӣ) буда, «ҳолати ирфонӣ» (аҳволи ирфонӣ) ҳолати махсус дорад, ки дар шарҳу баёнаш зеҳни ҳиссӣ вуҷуд дорад. Идроки ҳиссии ҳастии орифон ин суратхаёлӣ нест.

Браҳманҳои ҳинд, ки яке аз қадимтарин осори ирфонӣ аст «ҳолати ирфонӣ» (аҳволи ирфонӣ) ҳамвора бо сифоти «бесадо», берун аз нуқтаи ҳиссӣ, пӯшида ва ниҳон аст. Пайравони ин равия «сирр»-ро латифаи рӯҳонӣ, маҳалли мушоҳида ва ҳамчунон рӯҳи латиф медонанд.

Орифон низ «сир»-ро маънии ботину ниҳони дил медонанд, ки ба воситаи сафо ба мақоми рӯҳ мерасанд ва дил маҷозан маҳалли «сир» аст. Онҳо маънои «сир»-ро рӯҳ медонанд, зеро «ақл» аз тақрири он, тариқи дил оҷиз аст, зеро забон аз таъбироти «дил» қодир нест, пас маъное, ки дар «рӯҳ» аст, «ақл» дар тасвири «сирр» қодир аст. Асрори рӯҳ аст, ки дил аз сирр иттилоъ мегирад. Мир Сайид Али Ҳамадонӣ фармудааст:

*Эй дил, охир, ки айни тақсирӣ,*
*Вақт н-омад, ки панд бипзирӣ.*
*Ҳеҷ аз ин хокдони ҷисмонӣ,*
*То расӣ дар риёзи рӯҳонӣ …[11, с.198].*

Ҷалолиддини Румӣ ақлро чун раҳнамо ба сӯйи мақсад медонад. Дар «Маснавии маънавӣ» ақл дар суннати ирфонӣ бо Ҷабраил пайванд ёфтааст. Бинобар ин, дар суннати ирфонӣ ва бавижа таҳти таъсири Ҷалолиддини Румӣ, Ҷабраил бо ақли раҳнамо баробар аст. Ақл метавонад ҳар касро то марзҳои ҷаҳон бибарад, вале танҳо «ишқ» метавонад солик ва ҷӯяндаро аз ин ҳад фаротар барад.

*Ақл гӯяд: «Шаш ҷиҳат ҳадд асту берун роҳ нест»,*
*Ишқ гӯяд: «Роҳ ҳасту рафтаам ман борҳо» [10, с.52].*

### АДАБИЁТ


1. Pussel B. Mysticism and Logic and other Essays / Pussel B. – London: Longmans, 1921. – 384 p.
2. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Калом-ирфон. Ҳикмати амалӣ. – Теҳрон, 1371-1374 ш. –Ҷ. 2. – 240 с.
3. Маҳмуд Шабистарӣ. Гулшани роз. – Теҳрон, 1376 ш. – 301 с.
4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Ганҷи ирфон. – Душанбе: Ирфон, 2015. –Ҷ. 2. – 288 с.
5. Мавлоно Ҷалолиддини Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. – Теҳрон, 2001. – 414 с.
6. Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ. Куллиёт / виростор ва сомондиҳандаи матн Чиллазодаи Теҳрайӣ ва Амирхӯҷаи Абдураҳим. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 341 с.
7. Муҳаммад Тақӣ Масбоҳ. Посдори аз сангарҳои идеологӣ. – Теҳрон, 1341. – 385 с.
8. Қодиров К. Ирфони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. – Душанбе: Матбуот, 2006. – 142 с.
9. Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир. – Душанбе: Адиб, 1992. – 346 с.
10. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Ирфони Ҳофиз. – Душанбе: Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. – Душанбе, 1996. – 68 с.
11. Қодиров К. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / К. Қодиров, М. Муллоаҳмад. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 256 с.


### ИРФОН ВА ФАЛСАФА: МАСЪАЛАИ ҲАСТӢ


Дар мақола алоқамандӣ ва тафовутҳои байни ирфон ва фалсафа дар баррасии масъалаи ҳастӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки ирфон ва фалсафа ду табақаи илмӣ буда, вале дар баҳсу таҳқиқи масъалаи ҳастӣ андешаҳои мухталиф доранд. Ҳам ирфон ва ҳам фалсафа ба ду бахш тақсим мешаванд: назарӣ ва амалӣ. Фалсафаи назарӣ огоҳӣ аз ҳодисоти олам аст, вале фалсафаи амалӣ ҳам огоҳӣ аз ҳодисоти олам аст, ки дар амал истифода мегардад. Аммо фалсафаи назарӣ илм дар бораи ашёҳо буда, фалсафаи амалӣ илм дар бораи башарият аст. Ирфони назарӣ ҳам тавсифи ҳастӣ, яъне тафсири Худо, ҷаҳон ва инсон аст. Дар тафсири ҳастӣ, яъне ҷаҳонбинӣ байни ирфон ва фалсафа тафовут вуҷуд дорад. Дар ирфон Худо «воҷиб-ал-

вуҷуд» аст, ки «мумкин-ал-вуҷуд»-ро офаридааст; «мумкин-ал-вуҷуд» ҳарчанд ки ҳастии ашёҳо аст, вуҷуд надорад, балки вуҷуди «воҷиб-ал-вуҷуд» ҳамаи ашёҳоро дар бар мегирад. Фалсафаи моддӣ, ки «ҳисгароӣ» аст, дар исботи ҳастии олам фарзияҳои илмҳои таҷрибавиро меҷӯяд ва дар исботи ин фарзияҳо аз мантиқ ва диалектика истифода мебарад. Ирфон «иллатнома» аст ва «имкон ал-вуҷуд»-ро меҷӯяд. Дар усули ҷаҳонбинии фалсафаи моддӣ (диалектика), ғайр аз усули баҳсҳои фалсафӣ, инчунин баҳс дар масоили илмҳои таҷрибавӣ аст. Ирфон ба хилофи фалсафаи моддӣ вуҷуди ғайримоддиро барои инсон «нафс» медонад. Идроки дарки ҳастӣ дар ирфон ҳақиқати айнӣ, ҳастии баробар ба модда дониста намешавад.

Орифон табиатро рӯйдоди равонӣ ва ғайримоддӣ медонанд, ҳол он ки аз назари фалсафӣ рӯйдодҳои табиат ҳам равонӣ ва ҳам ҷисмонианд. Орифон ба зебоии табиат ҳолати ирфонӣ медиҳанд, яъне маънии табиӣ ё камоли табиӣ вуҷуд надорад; зебоии табиат ҳолати равонии табиӣ аст ва маҳз аз ин нигоҳ нигориш ва таваҷҷуҳи табиӣ аз «нур»-ро дидан ба даст меояд.

**Калидвожаҳо:** ирфон, фалсафа, Худо, асрори ҳастӣ, табиат, метафизика, иллат, истилоҳот, тафаккур, ақл.

## ИРФАН И ФИЛОСОФИЯ: ВОПРОС БЫТИЯ

В статье рассматриваются многообразные точки зрения ирфана и философии по вопросу бытия. Отмечается, что ирфан и философия хотя и являются одной частью социальной философии, но по вопросу трактовки бытия имеют тодественные и различные точки зрения. Ирфан и философия также делятся на теоретическую и практическую часть. Согласно ирфану, философия движения от первоисточника до самой удаленной точки является основой манифестации Бога. Эта философия и является основой склонности и любви каждой личности к возвращению к своему началу. Арифы убеждены в том, что такое тяготение свойственно природе всех частиц веселенной, в том числе и человеку, но в человеке это тяготение порой скрыто и приходит к движению под всевозможными побудительными факторами. В ирфане «необходимо-сущее» является первопричиной «возможно-сущего». «Возможно-сущее», хотя и является основой предметов, не существует, ибо его причиной существования является лишь «необходимо-сущее». Весь действительный мир является единым существом и никогда в существующем нет расхождения. Действительность вся является единством и в сущости никак не может быть несоответствия. Она вся одна истина и предстаёт лишь возникновением и видением. Никаких излишеств в мире не существует. Все является факторами, связанными с тайнами и подтверждениями, некоей манифестацией и проявлением любви к Богу.

Подчеркивается, что вся философия ирфана основана на подлинности бытия и учении о «необходимо-сущем» и «возможно-сущем». «Необходимо-сущее»-есть ключ от кладези определенных слов и цифр, изображение письменных букв, которые своей сущностью охватывают тайны цифр, обозначения букв в слове.

**Ключевые слова:** ирфан, философия, бог, тайны бытия, природа, метафизика, первопричина, термины, разум, ум.

## IRFAN AND PHILOSOPHY: THE QUESTION OF BEING

The article examines the diverse views of the Irfon and philosophy on the question of being. It is noted that irfan and philosophy, although it is one part of social philosophy, but on the issue of interpretation, being have identical and falsified points of view. Irfan and philosophy are also divided into theoretical and practical. According to the Irfan, the philosophy of movement from the source to the most distant point is the basis of the manifestation of God. This philosophy is the basis for the inclination and love of each person to return to their origin. Arifs are convinced that such a gravitation is inherent in the nature of all particles of the merry, including man, but in man this attraction is hidden by the couple and comes to the movement under all sorts of stimulating factors. In the Irfan, "necessary-existent" is the primary "possible-existent". "Probably-existent", although it is the basis of the object, does not exist, for its cause of existence is only "necessarily-existent". The whole real world is one entity and there is never any divergence in the existing world. Reality is all unity and in essence there can not be any inconsistency. It is all one truth and appears only as an appearance and a vision. There is no excess in the world. All are factors connected with secrets and confirmations, some manifestation and manifestation of love for God.

The entire philosophy of the Irfan is emphasized on the basis of the authenticity of being and the doctrine of "necessarily-existent" and "possibly-existent". "Essential-existent" is the key to the deposit of certain words and figures, the image of written letters that, by their essence, cover the secrets of numbers, the designations of letters in a word.

**Key words:** irfan, philosophy, god, mysteries of being, nature, metaphysics, root cause, terms, mind, mind.

**Сведение об авторе:** ***Кодиров Каримджон***- Таджикский надциональный университет, доктор философских наук, профессор. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **filosofia@mail.ru.** Телефон: **+992985192225.**

**Information about the author:** ***Kodirov Karimjon***-Doctor of Philosophy, Professor of the Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **+992985192225.**

УДК: 340.12

# ИСТОРИКО-ФИЛОСОФСКИЕ УЧЕНИЯ ИБН ХАЛЬДУНА О ГОСУДАРСТВЕ

*Давлатов Д.М.*
**Таджикский национальный университет**

Ибн Хальдун поставил одной из главных своих задач объяснение исторических и социальных явлений с точки зрения такой схемы, которая учитывала бы природу и динамику человеческой цивилизации. Он изучал, «как возникают и исчезают города, где и как они возводятся, как живут в них люди, каково их социальное положение и образ жизни» [2, с.108] и полагал, что, как все в мире имеет собственные причины, так и развитие человеческой цивилизации не происходит стихийно, а имеет свои специфические тенденции и закономерности. И именно на этих законах цивилизации строится жизнедеятельность государства и поведение людей. Обосновывая необходимость науки о «человеческой цивилизации», Ибн Хальдун говорил о потребностях людей и их удовлетворении в совместной деятельности.

Ибн Хальдун называет сельскую жизнь «колыбелью общественной жизни и городов и их поддержкой» [3, с.128]. Именно она (жизнь в сельской местности) обеспечивает человека «насущным», то есть средствами к существованию, тогда как «ненасущное» (наука, культура) возникает только в городах.

Сельской жизни предшествует примитивное, дикое, кочевое состояние, свойственное, к примеру, арабам, которые в концепции Ибн Хальдуна являются кочевниками, не обладающими цивилизованностью, то есть не имеющими потребности в земледелии и ремеслах. Этим, в частности, он объясняет тот факт, что завоевание арабами любой страны ведет к ее быстрому разрушению. Исходя из этого, можно сделать вывод о том, что Ибн Хальдун в своих историко-социальных взглядах исходил из следующих основных принципов:

- общественная жизнь определяется, в первую очередь, его материальной базой, то есть способностью человека и человеческого сообщества обеспечивать средства своего существования, в связи с чем в первую очередь необходимо рассматривать формы производственной организации социума: сельской и городской;
- организующим началом социальной жизни является власть (политическая структура общества), которая также определяется производственными отношениями и, следовательно, является вторичной по отношению к ним;
- остальные аспекты общественной жизни являются производными от первых двух составляющих и должны рассматриваться вслед за ними;
- все перечисленные вопросы должны рассматриваться в своей исторической последовательности и причинно-следственных взаимосвязях: сельская жизнь предшествует городской, производство как способ обеспечения средств к существованию предшествует науке.

По мнению исследователей философии и обстоятельств жизни Ибн Хальдуна, новизна его исторической концепции, в первую очередь, была обусловлена связью, которую он сумел увидеть между историческим процессом как таковым и самой динамикой развития структур человеческого общества [1, с. 3, 5]. То есть его история – это уже не история царей и пророков, как это было принято еще со времен ат-Табари, а история сообществ людей, обусловленная законами развития этих сообществ и объективными особенностями самой человеческой природы.

Рассматривая кочевую жизнь бедуинов, Ибн Хальдун анализировал ее взаимосвязи с социальными формами быта и с архаическими типами производства окружающего их населения, ведущего оседлый образ жизни. История у него - это процесс, предполагающий последовательный переход от кочевого образа жизни к оседлости, сопровождающийся социальным прогрессом, приводящим как к повышению уровня жизни населения, так и к экономическим кризисам.

Города-государства набирают могущество и становятся центром благосостояния своих жителей, однако их рост является одновременно источником их ослабления, в связи с чем возрастает количество набегов со стороны соседних кочевых племен. «Жизнь бедуина построена на хозяйственно-производственной основе. Она - источник силы и энергии. Жизнь же города основана на потребительской изнеженности, не имеющей под собой сильной экономической базы. В этом и есть кризис города, который ведет к его распаду» [2, с.108].

В целом, необходимо отметить, что Ибн Хальдун выделял две основные естественные фазы развития любого государства: I. Фаза сельской жизни; II. Фаза городской жизни.

Таким образом, этап кочевой жизни в степях выводится им за рамки государства, то есть объединение людей, по его мнению, становится государством лишь на этапе оседлой жизни.

Он рассуждает о том, что завоевание власти возможно только при наличии асабийи и «порожденных ею большой силой воли и стремления к насильственным захватам» [4, с.575]. А они особенно сильны в сельских обществах. После захвата города и образования единоличной царской власти появляются достаток и богатство, город начинает преумножать это богатство развитием разнообразных ремесел и увеличением числа своих жителей, расширяются сами границы государства. При этом новая династия перенимает многое, что было присуще обычаям предыдущей династии: «<…> Уклад жизни государства предшествующего передается государству последующему: уклад жизни персов перешел к арабам – омейядам и аббасидам, а уклад жизни омейядов в Андалусии – к царям Магриба; уклад жизни аббасидов – к Дейлему, потом к туркам-сельджукам, потом к египетским туркам-айюбидам, затем к татарам в Ираке арабском и Ираке персидском» [5, с.575-576].

Во введении к «Книге назидательных примеров» имеется и более дробное деление этапов развития государств:

1. Первый этап – это этап победы и достижения царской власти (свержения предыдущей династии). На этом этапе правитель еще действует вместе со своим народом, не обособляясь от него, асабийя находится на высоком уровне, то есть цели правителя и его подданных сходятся.

2. На втором этапе правитель возвышается над своими подданными, концентрирует в своих руках единоличную власть и подавляет претензии разделить эту власть со стороны своих ближайших приспешников, набирает наемных воинов и других зависимых людей, которые в том числе помогают ему защититься от соплеменников и их посягательствах на место во власти.

3. Третий этап – это время досуга и спокойной жизни, «когда собирают плоды царствования, к чему согласно своей природе стремится человек, дабы приобрести имущество и оставить о себе память навеки и долгую славу» [5, с.577]. В этот период правящая династия собирает налоги, поддерживает в гармонии доходы и расходы, не имеет чрезмерных потребностей и трат, сооружает величественные строения и храмы, укрепляет свой престиж среди других государств и взаимоотношения с ними, щедро поощряет своих наемников. Ибн Хальдун отмечает, что «это последняя из фаз, на которых правители обладают всей властью, поскольку на всех этих фазах они независимы в своих решениях, создают свою мощь и освещают путь своим потомкам» [5, с.577].

4. Четвертый этап также отличается изобилием, но с той разницей, что правитель и династия в целом уже не стремятся к созиданию, а довольствуются достижениями своих предшественников и следуют проложенным ими пути.

5. Пятый этап - время растрат и расточительства. Повышение потребностей династии приводит к тому, что она растрачивает все, что было накоплено на предыдущих этапах, административные должности становятся уделом недостойных, что провоцирует ухудшение отношений с бывшими приближенными. Следствием этого состояния может быть только смерть государства.

Таким образом, очевидно, что Ибн Хальдуна интересовали, в первую очередь, причины развития и упадка народов и государств. И здесь мы переходим уже к его экономическим взглядам, так как экономика, по его мнению, не отделима от государства и, более того, во многом определяет как его особенности, так и путь его развития.

Сам институт государства, по мнению Ибн Хальдуна, играет важную роль в политической, экономической и общественной жизни страны и благополучии народа. Прежде всего, оно призвано охранять мир, порядок и закон, которые являются обязательными факторами социального и хозяйственного развития. Государство также должно влиять на экономическую жизнь общества и, в частности, на формирование экономического излишка путем создания благоприятных условий для развития экономики, но не прямого вмешательства в экономическую деятельность.

С целью организации и обеспечения деятельности необходимых государственных служб, строительства дорог и центров торговли государство должно взимать минимально необходимую сумму излишка путем налогообложения. При этом оптимальный размер налогового бремени должен соответствовать ситуации, когда налоги не препятствуют торговле и производству.

Если государство задается целью увеличить сборы на бюрократический аппарат, армию или потребности правящей группировки, то торговля и производство ослабляются, размер экономического излишка падает. Это означает снижение общего совокупного дохода государства, требует дополнительных поборов и более активного вмешательства государства в экономику. Результатом становится тупиковая ситуация – ситуация экономического упадка, то есть упадка всего государства и его народа.

Аналогичным пагубным воздействием обладает, с точки зрения Ибн Хальдуна, и непосредственное вмешательство государства в торгово-экономическую деятельность: сокращаются производство и торговля, приходят в упадок ремесла, экономический излишек уменьшается, что приводит к формированию неблагоприятной обстановки как для торговцев и ремесленников, так и для рядовых граждан – они начинают покидать города и искать альтернативные места проживания и, таким образом, снижают спрос на услуги и товары. Это также неизбежно приводит к стагнации и упадку государства.

Сила государства, которая, по Ибн Хальдуну, находится в прямой зависимости от стадии, которую в данный момент проходит государство, влияет не только на экономику страны и благосостояние народа, но и на сам размер государственной территории. Так, в первый период существования государства, когда к власти приходит новый правитель и начинает переустройство изжившей себя государственной структуры, территориальные границы расширяются до предела (в основном, в результате завоевательной политики нового халифата, но также в результате добровольного присоединения земель и народов). Впоследствии государство постепенно ослабевает, чем неизбежно спешат воспользоваться как соседние государства, так и кочевые племена. Следствием этого процесса является сужение государственных границ, а иногда и раскол государства на несколько враждующих между собой территорий.

Ибн Хальдуну приписывают первенство в систематизации функций экономики [6]. В частности, он рассмотрел значение технической базы, а также специализации внешней торговли и производства в получении экономического излишка, отражающего благосостояние населения и всего государства. В его труде можно найти рассмотрение вопросов, связанных с оптимальным размером налогообложения, государственных служб и армии, льготами и средствами материального стимулирования, правовыми основами экономики, экономическими ожиданиями, производством, теорией стоимости.

Изучение этих аспектов, по мнению средневекового мыслителя, позволяет как оценить текущую стадию развития государства, так и сделать прогнозы относительно его жизнеспособности и особенностей развития в будущем.

Экономические взгляды Ибн Хальдуна основываются на социологии, политологии, экономическом знании, истории и философии. Благодаря этому его учение на много лет опередило свое время. В частности, он почти за 300 лет до А.Смита сформулировал преимущества разделения труда (специализации).

«Каждый отдельный вид ремесла нуждается в работниках, причем, в опытных работниках. Чем более многочисленны и разнообразны этапы производства в том или ином ремесле, тем больше людей в него вовлечены. Причем каждая группа работников занимается своим делом. Постепенно в ремесле все более четко выявляются различные виды работ, люди, которые ими занимаются, приобретают все больший опыт в том, что делают. Время и постоянные повторения одних и тех же действий способствуют созданию и укоренению ремесел» [6].

Таким образом, уже в свое время Ибн Хальдун понимал, что совместное производство, основанное на принципе разделения труда, позволяет создать гораздо больше благ, чем могут потребить сами участники производства. Тем самым образуется экономический излишек, который является залогом повышения благосостояния всех граждан государства. Из этих же рассуждений следует, в том числе, и необходимость повышения профессиональной квалификации каждого работника в своем деле.

Ибн Хальдун также затронул такой основополагающий для современной нам экономики вопрос, как взаимосвязь спроса и предложения. Он писал: «то, что получено благодаря взаимодействию в группе людей, удовлетворяет потребности во много раз большего числа людей» [6]. Он также указывал, что если товар редок и спрос на него является высоким, он будет обладать большей ценой; и торговец будет стараться купить такой товар в месте, где он является более

распространенным и, следовательно, дешевым, и продать там, где его недостаточно и он пользуется большим спросом, по более высокой цене.

Сбор излишних налогов также является посягательством на собственность людей и, следовательно, по мнению Ибн Хальдуна, неправедным делом, которое, в том числе, губит цивилизацию. Философ полагал, что в отношении государства и собственности его граждан должно опираться на религиозный закон ислама, в котором подчеркивается необходимость защиты пяти вещей: религии, души, интеллекта, потомства, имущества.

С.М.Бациева отмечает, что, в отличие от ученых античного и арабского миров (своих предшественников и современников), Ибн Хальдун совершил значительный прорыв именно в области экономики, так как подробно рассмотрел вопрос о соизмеримости разнородных продуктов, то есть о ценах и стоимости [3, с.173].

Невозможно не согласиться с тем, что такое понимание соразмерности разных товаров и их стоимостной ценности явилось прорывом для своего времени, так как учитывало не только ценность товара с точки зрения потребителя, но и размеры вложенного в него труда, включая и труда, затраченного для производства изначального сырья. Достижения Ибн Хальдуна в этой области представляются еще более значительными, если принять во внимание уровень развития экономической мысли в его время: экономика считалась разделом этики и фикха, в связи с чем зачастую экономические категории ставились в зависимость от этических, что неизбежно приводило к примитивной и в корне неверной оценке факторов экономического развития общества и государства. Ярким примером такого неправильного понимания экономических отношений и причинно-следственных связей является хотя бы распространенное среди средневековых мыслителей исламского мира и активно насаждаемое населению мнение о том, что богатство является как признаком, так и следствием праведности человека. Ибн Хальдун также приводит данное мнение в своем труде и замечает, что не только праведники, но и негодяи бывают богаты и, следовательно, нельзя искать источники богатства в этических и религиозных качествах человека.

И, наконец, нельзя не отметить вклад Ибн Хальдуна в теорию фиксированных цен. Он полагал, что активное вмешательство государства в ценовую политику торговли, предпринимательства и производства, является особенно пагубным в той ситуации, когда правитель или его приспешники вынуждают торговцев и предпринимателей продавать им свои товары по заниженным ценам. Они (правящая верхушка) могут пользоваться приобретенными таким образом благами по собственному усмотрению и, в частности, впоследствии перепродавать их по более высокой цене. Результатом таких действий становятся:

- неспособность торговцев, фермеров, предпринимателей и ремесленников самостоятельно заниматься своим делом, получать от него прибыль и обеспечивать себя и свои семьи;
- утрата инициатива предпринимательства, приводящая к разрушению бюджетно-налоговой структуры;
- снижение экономической и культурной активности;
- упадок культуры и цивилизации.

Подтверждение таких выводов Ибн Хальдун видел в относительно низком уровне жизни в таких странах, как Алжир и Египет, в которых были сильны тенденции государственного контроля экономических процессов и, в частности, политики фиксированных цен в промышленности, торговле и сельском хозяйстве.

В связи с этим те города, которые удалены от столицы, то есть от правителя и элиты, платят дань, но не получают ее обратно вовсе либо получают в гораздо меньшем размере. Это уменьшает благосостояние жителей пограничного города, по сравнению с благосостоянием жителей столицы. А низкий уровень обеспеченности приводит к недостаточному развитию производства, ремесел, торговли и всей городской жизни.

Интересно отметить, что Ибн Хальдун считал городскую жизнь и сам город – высшей формой общественного развития, но одновременно указывал, что именно изнеженность и излишества городской жизни способствуют тому, что люди утрачивают асабийю, смелость и решительность, начинают стремиться к спокойствию и роскоши, слабеют духом и уже не могут самостоятельно защитить себя, что и является первопричиной социального упадка.

Таким образом, изначальной формой человеческих обществ следует считать кочевую жизнь и сельские общины: кочевники, отличающиеся наименьшим уровнем благосостояния и вынужденные постоянно бороться за свою жизнь и выживать в трудных природных условиях

постепенно переходят на оседлый образ жизни и начинают заниматься земледелием и скотоводством на одном месте. При этом сельские жители являются подчиненными городскому правителю и во многих отношениях зависимы от города.

Город представляет собой наивысшую форму общественной жизни, так как является сообществом людей, имеющих развитые профессии, производство, высокую защищенность за городскими стенами и, в этих благоприятных условиях, способных производить не только «насущно необходимое», но и «ненасущное» (излишнее) – экономический излишек.

Городской правитель, его ближайшее окружение (элита) и, вслед за ними, все горожане стремятся к роскоши, спокойствию, а также к развитию нематериальных сфер своей жизни: так формируются и совершенствуются искусства и наука, так появляются выдающиеся архитектурные памятники и важные научные концепции.

При этом обратной стороной этого стремления к роскошной и спокойной жизни является постепенное сосредоточение большей части богатств в руках меньшей части населения – чиновников и купцов, которые сами ничего не производят, но располагают способами приумножения своих богатств за счет поборов с населения и обмана. Именно эта особенность, в конечном счете, приводит к постепенному упадку государства и захвату власти другим правителем из сельских сообществ.

Подробное рассмотрение в труде Ибн Хальдуна экономических аспектов жизни общества и их связи с политикой правителя, благосостоянием рядовых граждан государства, с культурой и наукой во многих отношениях предвосхитило развитие экономической мысли последующих столетий – не только в арабском мире, но и в Европе. Отдельные аспекты теории Ибн Хальдуна продолжают использоваться даже в наше время и уже применительно к совершенно иному материалу. Данный факт является доказательством того, что средневековый мыслитель вышел далеко за рамки собственного времени и выявил закономерности экономического, политического и общественного развития человека и государства, которые являются едиными со дня образования первой человеческой группы и до наших дней.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Алексеев И. Л. Возвращаясь к Ибн Халдуну / И.Л.Алексеев // Pax Isamica. – 2008. - №1. – С. 5-14.
2. Араби Б. Ибн-Хальдун - основоположник арабской социологии / Б.Араби // Социологические исследования. - 1990. - № 11. - С. 107-109.
3. Бациева С.М. Историко-социологический трактат Ибн Халдуна «Мукаддима» / С.М.Бациева. - М., 1965. – 360 с.
4. Введение (фрагменты) / Перевод С. М. Бациевой // Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. IX—XIV в. М., 1961. - С. 559-628.
5. Игнатенко А. А. Ибн-Хальдун / А.А.Игнатенко. - М.: Мысль, 1980. - 160 с.
6. Экономическая теория ибн Хальдуна. Подъем и упадок наций [Электронный ресурс]. URL: http://www.ansar.ru/economics / ekonomicheskaya-teoriya-ibn-halduna-podem-i-upadok-nacij (дата обращения: 25.09.2017 г.).


## ТАЪЛИМОТИ ТАЪРИХИЮ ФАЛСАФИИ ИБНИ ХАЛДУН ДАР БОРАИ ДАВЛАТ


Андешаҳои Ибни Халдун дар бораи давлат, шаҳр ва ҳаёти иқтисодии ҷомеа инъикосгари раванди рушди таърих ба шумор рафта, моҳияти рушди марҳилаҳои гуногуни тамаддуни инсониро возеҳу равшан мегардонанд. Ибни Халдун дар таълимоти худ ба масъалаи заминаҳои ташаккулёбии давлат таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ба андешаи ӯ, шаҳр-давлатҳо марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, ба сатҳу сифати зиндагии аҳолии худ шароити арзандатареро фароҳам овардаанд. Аммо бо рушди давлат, инчунин таназзули он низ ба мушоҳида мерасад. Зеро дар муносибат бо давлатҳои ташаккулёфта ва марказҳои маданӣ аз ҷониби кӯчманчиён тохтутозҳо низ хеле зиёд ба вукӯъ меомаданд, ки дар натиҷа шаҳр-давлатҳои мазкур хароб мегардиданд. Ибни Халдун заминаҳои ташаккулёбии давлатҳоро аз ду омил вобаста медонад тарзи ҳаёти деҳот ва тарзи ҳаёти шаҳрҳо. Ба андешаи ӯ, давлатҳо дар натиҷаи муқимӣ гардидани одамон ва муттаҳид шудани онҳо ба вуҷуд меоянд. Дар таълимоти худ Ибни Халдун панҷ марҳилаи асосии рушди давлатро нишон додааст ва онҳоро илман асоснок намудааст. Пеш аз ҳама, сабабҳои рушду инкишоф ва таназзулёбии халқиятҳо ва давлатҳо таваҷҷуҳи Ибни Халдунро ба худ ҷалб менамуд. Ба андешаи ӯ, давлат дар ташкили ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа нақши хеле муассир мебозад. Пеш аз ҳама, ҳимояи сулҳу субот, тартибот ва қонунҳо вазифаи асосии давлат муаррифӣ мегардад, ки маҳз дар шароити мавҷудияти онҳо рушди иҷтимоӣ ва хоҷагидорӣ имконпазир мегардад. Ғайр аз ин, давлат бояд ба ҳаёти иқтисодии ҷомеа таъсири амиқ расонад ва барои рушди иқтисодии ҷомеа шароити муосид фароҳам оварад. Аммо ба андешаи Ибни Халдун, давлат набояд ба фаъолияти иқтисодии ҷомеа дахолат намояд.



**Калидвожаҳо:** Ибни Халдун, рушди давлат, ҳаёти шаҳрӣ, ҳаёти деҳа, назарияи иқтисодии Ибни Халдун, ҳаёти иқтисодии ҷомеа.

**ИСТОРИКО-ФИЛОСОФСКИЕ УЧЕНИЯ ИБН ХАЛЬДУНА О ГОСУДАРСТВЕ**

Взгляды Ибн Хальдуна о государстве, городе и экономической жизни общества представляют собой систематическое изложение исторического процесса и раскрывают сущность различных этапов развития человеческой цивилизации. Ибн Хальдун в своих учениях особое внимание уделяет изучению основных предпосылок формирования государства. По его мнению, города-государства набирают могущество и становятся центром благосостояния своих жителей, однако их рост является одновременно источником их ослабления, в связи с чем возрастает количество набегов со стороны соседних кочевых племен. Ибн Хальдун выделял две основные естественные фазы развития любого государства: фаза сельской жизни и фаза городской жизни. Этап кочевой жизни в степях выводится им за рамки государства, то есть объединение людей, по его мнению, становится государством лишь на этапе оседлой жизни. Также он обосновывает пять этапов развития государства. Ибн Хальдуна интересовали, в первую очередь, причины развития и упадка народов и государств. Сам институт государства, по мнению Ибн Хальдуна, играет важную роль в политической, экономической и общественной жизни страны и благополучии народа. Прежде всего, оно призвано охранять мир, порядок и закон, которые являются обязательными факторами социального и хозяйственного развития. Государство также должно влиять на экономическую жизнь общества и, в частности, на формирование экономического излишка путем создания благоприятных условий для развития экономики, но не прямого вмешательства в экономическую деятельность.

**Ключевые слова:** Ибн Хальдун, развитие государства, городская жизнь, сельская жизнь, экономическая теория Ибн Хальдуна, экономическая жизнь общества.

**HISTORICAL AND PHILOSOPHICAL DOCTRINES OF IBN HALDUN ABOUT THE STATE**

Ibn Khaldun's views on the state, city and economic life of society are a systematic exposition of the historical process and reveal the essence of the various stages of the development of human civilization. Ibn Khaldun in his teachings pays special attention to the study of the basic prerequisites for the formation of the state. In his view, city-states gain power and become the center of the well-being of their inhabitants, but their growth is simultaneously a source of their weakening, and as a result, the number of raids from neighboring nomadic tribes increases. Ibn Khaldun distinguished two main natural phases of development of any state: the phase of rural life and the phase of urban life. The stage of nomadic life in the steppes is derived from the state, that is, the unification of people, in his opinion, becomes a state only at the stage of a settled life. He also substantiates five stages of development of the state. Ibn Khaldun was interested primarily in the causes of the development and decline of peoples and states. The institution of the state, according to Ibn Khaldun, plays an important role in the political, economic and social life of the country and the welfare of the people. First of all, it is called upon to protect peace, order and law, which are obligatory factors of social and economic development. The state should also influence the economic life of the society and, in particular, the formation of an economic surplus by creating favorable conditions for the development of the economy, but not directs intervention in economic activity.

**Keywords:** Ibn Khaldun, development of the state, urban life, rural life, Ibn Khaldun's economic theory, economic life of society.

**Сведения об авторе:** ***Давлатов Динмухаммад Муродалиевич*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры онтологии и теории познания философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспектРудаки, 17. Телефон: **+992985654114**.

**Information about the author**:: ***Davlamov Dinmukhammad Murodalievich*** – Tajik National University, graduate student of the Department of Ontology and Theory of Knowledge of the Faculty of Philosophy. . **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone::+**992985654114**.

**УДК: 1+891.550**

## НИГОҲЕ БА ОСОРИ АХЛОҚИИ АБӮБАКР ЗАКАРЁИ РОЗӢ

***Абӯбакри Мирзоаҳмади Грезода***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои омӯзиши ақидаҳои ахлоқии Абӯбакр Закарёи Розӣ, ду асари машҳури ӯ «Тибби рӯҳонӣ» ва «Сирати фалсафӣ» манбаъҳои муҳимме мебошанд, ки файласуфон ва мутафаккирони зиёде онҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Масалан, яке аз файласуфони эронитабор Маҳдии Муҳаққиқ фикру мулоҳизаҳои муҳаққиқони муосир ва гузаштаро дар бораи ақидаҳои фалсафии Абӯбакр Закарёи Розӣ ва сарчашмаҳои он ҷамъбаст карда, чунин навиштааст: «Метавон чунин ҳадс зад, ки Абӯбакр Закарёи Розӣ бо фалсафаи қадими Юнон ва ақоиди ҳарронийён ва кеши монавиён ва маздаясноӣ ошноӣ дошта ва аз ҳамаи онҳо дар изҳори ақидаи худ истифода кардааст. Вале он чиро, ки ӯ дар бораи қудамои хамса изҳор дошта, ба натиҷа метавон расид (ки ҳамчунон ки назари донишмандони ғарбӣ бар он аст), Абӯбакр Закарёи Розӣ ягона файласуфи исломист, ки муқаллид набуда, балки мероси гузаштагонро бо вусъати назар ва иҷтиҳоди илмии худ ба сурати мустақил даровардааст» [6, с. 289].

Абӯбакр Закарёи Розӣ дар масъалаҳои ахлоқӣ аз файласуфони юнонӣ Афлотун ва устодаш Суқрот пайравӣ кардааст, аммо фалсафаи машоияи (исмоили) эронӣ умдатан мутаассир аз ахлоқи «Некомах»-и Арасту гирифта шудааст ва маъмулан ахлоқнависон аз он «неқумохиё» таъбир карда, аз тарҷумаи арабӣ он ки дар ёздаҳ ҷилд аст, пайваста истинод ва истифода намудаанд. Бар тибқи ироаи фалсафаи Афлотун, байни ҳаёти ақлию ахлоқӣ ва сиёсӣ иттиҳоди комил вуҷуд дорад. Файласуф аз роҳи илм метавонад ба дарки фазилат ноилояд ва лаёқати ҳукумат ба мадинаро ба даст оварад. Аммо ин ҷанбаҳои мухталиф дар фалсафаи Арасту аз якдигар ҷудост, хайр ахлоқӣ ё амалӣ, яъне хайре, ки инсон метавонад аз тариқи аъмоли худ онро таҳсил кунад, иртиботе бо мисоли хайр, ки дар масири ҷидоли ақлӣ дар авҷи силсилаи мавҷудот воқеъ шавад, надорад. Дар иршоди оммаи мардум ба фазилате коре аз гуфтор бар намеояд, ахлоқ аз маҷмӯаҳое аз таолимест, ки ихтисос ба ашроф дорад. Гӯё фазилат ба назари Арасту ҷуз дар табақоти машҳур наметавонад ба тамом ва камол зоҳир шавад ва бар хилофи Афлотун вай қоил ба сиҳати диққати усули муайяне дар таолими ахлоқӣ нест. Адолат аз назари Афлотун фазилати воҳида ё ҳофизи ваҳдати фазоил бувад, лекин дар назари Арасту худ фазилати ҷудогонаест, дар назари ӯ кореро мутобиқ бо адолат тавон номид, ки қонун онро муқаррар дорад ва қонун бавижа бар тибқи назари Афлотун маҷмӯаҳое аз дастурҳост, ки ғаразе аз онҳо тарғиби ашхос ба фазоил мебошад. Илми ахлоқии Арастуӣ мубтанӣ бар асолати аҳли фикр ва аҳли таҳқиқ ва тақдими онон бар аҳли сиёсат аст, яъне усули он лозим мешуморад, ки ҳаёти ақлӣ аз соири ваҷҳи ҳаёти иҷтимоӣ тафкик шавад [2, с. 304, 305, 317].

Абӯбакр Закарёи Розӣ, ки дар ахлоқ пайравӣ аз Афлотун мекард, аз роҳи мутолиаи китобҳои Ҷолинус (Гален) аз ақидаҳои Афлотун огоҳӣ пайдо кард, Ҷолинус ҳам худ ба лиҳози тиббӣ ва фалсафӣ дар ӯ таъсир ниҳода, донишмандони исломи ҳам.

Илова бар ин, Ҷолинус китоберо ба унвони «Дар бораи ахлоқи нафс», ки чӣ гуна инсон метавонад нафси хешро нек бигардонад, дар илми ахлоқ таълиф намудааст, Асли юнонии ин китоб аз миён рафтааст, аммо тарҷумаи арабии он аз Ҳанин ибни Исҳоқ мавриди истифодаи бисёре аз донишмандон қарор гирифтааст. Шодравон Повл Кровс нусхаи хулосае боқӣ аз онро бо унвони «Мухтасари китоби ахлоқ»-и Ҷолинус чоп кардааст ва чуноне ки омадааст, дар мақолаҳои дуюм ва сеюми ин китоб дар фасли чорум «Тибби рӯҳонӣ»-и Абӯбакр Закарёи Розӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба таври куллӣ ҷомеашиносии Афлотун бо тағйири мухтасар ба сурати равоншиносӣ ва илми ахлоқ дармеояд. «Таҳзиби нафс бо поксози ҷунбишҳои шаҳвонӣ» аз назари Абӯбакр Закарёи Розӣ ва Умари Хайём ба тибқи қавоиди юнонӣ бо сиёсати маданӣ ҳамроҳӣ дорад. Повл Кровс дар ин масъала нуқтаи назари худро иброз менамояд ва мефармояд, ки: «Абӯбакр Закарёи Розӣ дар фасли дуюми «Тибби рӯҳонӣ» (...саркӯби ҳаво) овардааст, ки ғояти он ҳамоно ислоҳи ахлоқи нафс аст, ки бо лагом задан бар табъи баҳимӣ (ҳайвон) амалӣ шавад. Назари Афлотун рӯйи ин масъала чунин аст, ки дар инсон се нафс бошад: 1) нотиқаи илоҳӣ; 2) ғазаби ҳайвонӣ; 3) наботи шаҳвонӣ ва мефармояд, ки ду нафси ҳайвонӣ ва наботӣ ҳамоно аз барои нафси нотиқа вуҷуд ёфтаанд [4, с. 20 - 27 – 31].

Асари «Тибби рӯҳонӣ»-и Абӯбакр Закарёи Розӣ дар баъзе бо «Тибби нуфус» ҳам машҳур аст, ки ҳадафи аслии он ислоҳи ахлоқи нафс мебошад. Дар сабаби таълифи ин китоб муаллиф мефармояд: «Он гоҳ ки дар Бағдод будам, бархе аз бародарон хостанд, ки гуфтори дар ислоҳи ахлоқ бинависем, акнун ки амири Рай дастур дод, то китоби мухтасар дар ин маъно таълиф кунам, онро «Тибби рӯҳонӣ» меномам ва он бо китоби ал-Мансурӣ, ки дар тибби ҷисмонӣ аст, ҳамбар бошад» [7, с. 15]. Амири Рай он замон Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқ ибни Аҳмади Сомонӣ буд, ки тайи солҳои 290-294ҳ.қ. аз тарафи писари аммаи худ Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад дувумин подшоҳи Сомонӣ дар он ҷо ҳукмронӣ кардааст. Аллома Дайбури Ҳолландӣ муаллифи китоби «Таърихи фалсафа дар ислом» гуфторе дар боби манобеи юнонии «Тибби рӯҳонӣ» навиштааст, ки дар Амстердам дар соли 1920 аз нав чоп шудааст. Сипас профессор Артур Орбари тамоми китобро бо забони англиси тарҷума ва чоп кард. Дар Эрон ҳам устод Маҳди Муҳаққиқ фасли ҳафтуми китоби «Файласуфи Рай»-и худро бар ҳамин масъала бахшидааст. Аммо қадимтарин нусхаи аз он бо таълифи доктор Яҳёи Маҳдавӣ бо номи «Маҷмӯаи муаррих» 434ҳ.қ. тааллуқ дорад, ки он дар китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон мавҷуд аст. Дар ин таълифот чунин омадааст: «Нигораҳо дар бораи пешдаромади фалсафа сетост: яке вуруд ба фалсафаро аз тариқи саноати ҳандаса (риёзи) дорад, дуюм вуруд ба онро бо ислоҳи ахлоқи нафс шиносанд ва сеюм вуруд ба онро аз роҳи саноат мантиқ донанд. Ҳеҷ як аз ин нигораҳо напазируфтанӣ ва дурандохтанӣ нест, мунтаҳо

касоне, ки раъйи Афлотуни ҳакимро интихоб намудаанд, бар тариқи дуюм рафта бошанд, ки ҳамоно иктисоби нафси хӯйи писандида ва тазкияи он аз ҳирс ва аз бари шаҳватҳост». Маҳдӣ Муҳаққиқ дар хусуси таълифи ин осори Закарёи Розӣ аз номи ӯ чунин мефармояд: «Чун ҳакимон дарислоҳи ахлоқномаҳои баланд навишта нуқот ва маонии зарурию лозим аз барои он овардаанд, ки дидам онҳо пароканда ва як ҷо гирд наёмадааст, аз ин рӯ гуфтори мухтасар ба ин мақсад вижа (намуд) сохтем, усули матолиб ва нукоти зарурӣ дар ислоҳи ахлоқро бо назм ва тартиби саҳл, осон ва зудёбӣ дар он биёвардем, пас китоби «Тибби рӯҳонӣ»-и худро бар бист фасл ниҳодем, ки нахустин фасл дар бораи бартарии худ ва ситоиши он мебошад…» [5, с. 145].

Боқӣ фаслҳои китоб аз ин қарор аст: Фасли дуюм: Идора ва шикасти ҳавову ҳавас, баъзе ақоиди касоне, ки муосири Афлотуни ҳаким буданд.

Фасли сеюм: Ёддошти афкоре, ки аз зикри падидаҳои бади нафс шудаанд.

Фасли чаҳорум: Шиносонидани ашхос ба айбҳо.

Фасли панҷум: ишқу Улфат ва ҷумлаи сухан оид ба лаззат.

Фасли шашум: Дар дафъи такаббурию худписанди.

Фасли ҳафтум: Ҳасадбарӣ.

Фасли ҳаштум: Худдори аз ғазаб.

Фасли нуҳум: Худдори аз дурӯғгӯйӣ.

Фасли даҳум: Дар ба дур афкандани бахилию мумсикӣ.

Фасли ёздаҳум: Дар дафъи фикру ғам ва ғуссаи зиёди зиёновар (амрҳои зарарнок).

Фасли дувоздаҳум: Дар дигар сохтани андӯҳон (наҷотёбӣ аз ғам).

Фасли сездаҳум: Дар дафъи ҳирс ва тамаъ (зарари пурхури).

Фасли чаҳордаҳум: Дар дафъи одот ба бодагустарӣ (зарари майпарастӣ).

Фасли понздаҳум: Дар зиёдаравӣ дар ҷимоъ.

Фасли шонздаҳум: Дар дафъи беиродагӣ ва одотҳои беҳуда ва мазҳабӣ (ҳавасмандии бозӣ ва тариқа).

Фасли ҳабдаҳум: Дар андозаи касбу кор ва даромаду хазина (иктисобу дарёфт ва масраф).

Фасли ҳаждаҳум: Дар адами талош аз барои дунёталабӣ ва маротиби дунявӣ ва фарқ миёни он чи ҳаво менамояд ва он чи ақл менамояд (яъне талаби мартабат ва ҷоҳу манзалати дунёӣ).

Фасли нуздаҳум: Дар сирати фозила (рафтори бофазилат).

Фасли бистум: Дар тарс ва ҳарос аз марг (бими марг).

Масалан: Ибни Усайбиа дар рисолаи худ бо номи «Уюн-ал-анбо» чунин овардааст: «Китоби «Тибби рӯҳонӣ»-и Абӯбакр Закарёи Розӣ бо «Тибби Нуфус» низ машҳур аст ва ғараз аз он ислоҳи ахлоқи нафс аст ва он иборат аз бист фасл мебошад» [3, с. 315].

Дар ин рисола, чуноне ки аз муҳтаво ва мазмуни рисола бармеояд, Абӯбакр Закарёи Розӣ масъалаҳои муҳимми ахлоқиро мавриди баррасӣ қарор дода, аслан ба илоҷи нафс аҳамияти зиёд додааст, зеро нафс дар шифоёбии ҷисм таъсири зиёд дорад. Ҳар лаззат ва дарду алам, ки ба нафс таъсир мерасонад, дар ҷисм акси садои худро дорад, хоҳ хуб бошад, хоҳ бад. Аз ин рӯ ин китоб барои муолиҷаи нафсҳо таълиф шудааст ва номи китоб «Тибби рӯҳонӣ» низ далолатгари ин маънист ва он дар муқобили «Тибби ҷисмонӣ» меистад, ки барои муолиҷаи ҷисмҳост.

Абӯбакр Закарёи Розӣ бар чунин назар аст, ки нафсро бар ҷисм таъсирест бузург ва мизоҷи ҷисм тобеи мизоҷи нафс аст. Аз ин сабаб зарур аст, ки табиби ҷисм табиби нафс низ бошад ва табиб бояд беморро ба шифоёбӣ тарғиб намояд, дар ҳар ҳолати вазнине, ки бемор қарор дошта бошад, зеро таъсири нафс дар ҷисм зиёд аст. Аз ин рӯ, Абӯбакр Закарёи Розӣ мехоҳад моҳияти пастию разолатҳои инсониро нишон дода, роҳҳои ислоҳи онҳоро шарҳ диҳад. Тавре зикр кардем, ӯ дар муқаддимаи китобаш қайд менамояд, ки ин китобро дар роҳи ислоҳи ахлоқ навиштааст [4, с. 15, 96]. Аз ин рӯ, ӯ дар фасли аввал роҷеъ ба нақши ақл ва аҳамияти он барои инсон сухан ронда, онро ҳамчун бузургтарин неъмати атокардаи Худо медонад. «Дар бартарии хирад ва ситоиши он Офаридгор, ки номаш бузург бод, хирад аз он ба мо арзонӣ дошт».

Пеш аз Абӯбакр Закарёи Розӣ файласуфи машшоия Абӯюсуф ибни Исҳоқи Киндӣ китоберо ба номи «Тибби рӯҳонӣ» дошта, вале дар ҷое намондааст ва ҳам дониста нест, ки ҳамон китоб «Фи-ахлоқӣ»-и ӯ бошад. Файласуфони баъд аз Абӯбакр Закарёи Розӣ ҳам китобҳои ахлоқ навиштаанд, ки машҳуртарини онҳо аз они файласуфи дуюми Рай ибни

Мискавайҳ Розӣ таҳти унвони «Таҳзиб-ул-ахлоқ» аст, ки бегумон вай дар таълифи он мутаассир аз Абӯбакр Закарёи Розӣ будааст.

Рисолаи «Тибби рӯҳонӣ»-и Абӯбакр Закарёи Розӣ аз тарафи баъзе донишмандон мавриди нақз ва пазироӣ шудааст. Абӯбакр Ҳусайн ибни Тамор (яманӣ) даҳри мутатабиби ҳамрӯзгор бо Закарёи Розӣ, ки дар маҷлиси мунозира бо вай бо Абӯҳотами Исмоилӣ ҳам ҳузур доштааст ва Абӯбакр Закарёи Розӣ китобҳои «Фи нақзул тибби рӯҳонӣ Алӣ ибни Тамор» ва «Фи ради Алӣ Ҳусайни Тамор ало ҷавал асроб», дар радди ӯ навиштааст. Абурайҳони Беруни «Осор-ул-боқия» [1, с. 314], ба ин мунокизот байни ин ду файласуф Абӯбакр Закарёи Розӣ ва Абӯбакри Тамор дар ин хусус ишора кардааст.

Ҳуҷҷатуларокийнт Ҳамидаладдин Аҳмад ибни Абдуллоҳи Кирмони Исмоилӣ (412ҳ.қ. аз дунё гузаштааст) ки китоби «Ал-ақвол ал-заҳабия»-ро танҳо бар радди китоби «Тибби рӯҳонӣ»-и Закарёи Розӣ навиштааст. Аммо касоне, ки «Тибби рӯҳонӣ» Абӯбакр Закарёи Розиро пазируфтаанд, аз ҷумла Абулфарҷ ибни Ҷавзи Ҳанбалӣ (597қ. вафот кардааст) будааст, ки ҳам китобе бо унвони «Тибби рӯҳонӣ» навиштааст, лекин ба қавли Повл Кровс ин мутафаккир аслан китоби Абӯбакр Закарёи Розиро сирқат кардааст.

Дар баробари ин Абӯбакр Закарёи Розӣ дар фалсафа соҳиби фикру андеша ва нуқтаи назари алоҳидаи хеш мебошад, ки дар бисёре аз масъалаҳои фалсафӣ аз тақлиди файласуфони пешина даст кашида, худ муассис ва пешниҳодкунандаи фикр ва назари нав шудааст. Ҳарчанд ки афкори Афлотун ва Ҷолинусро (Гален) – ро омӯхта баромадааст, дар истифода аз андешаҳои пешиниён қаноатманд нашуда, балки онҳоро бо як андешаи олӣ ва тафаккури неруманди худ омехта карда, истиқлоли фикрии худро ҳифз менамояд ва бештари ҳол матолиберо низ бо нақдҳои файласуфона ҳамроҳ сохтааст. Донишмандоне, ки дар бораи ахлоқи фалсафӣ таҳқиқ кардаанд, истеъдоди фикрии Абӯбакр Закарёи Розӣ ва барҷастагии ӯро қайд намуда, тайи гуфтори дубораи таҳлили афкори ахлоқии Мискавайҳи Розӣ фикру андешаҳои ӯро бо Абӯбакр Закарёи Розӣ муқоиса карда, ӯро донандаи андешаҳои мустақил медонанд. Абӯбакр Закарёи Розӣ дар китоби «Тибби рӯҳонӣ» тақлид аз гузаштагонро канора ниҳода, афкореро иброз дошта, меорад, ки комилан мустақиланд ва ӯ монанди дигар донишмандон тақлид нахоста, балки аз ҳамон қувваи фикрӣ ва ақли табиии худ нисбат ба таҳлил ва таҷзияи матолиби ахлоқӣ истидлол меҷӯяд.

In this article the author researches the issues related to inner condition of Islam nowadays, the relationships of it's different sects and teachings to each other, to outside Islamic faiths, especially to Christian world and itself. It is a well-known fact that there is a huge level of diversity in the world of religion and every faith or sect of it has full right to own vision, thoughts and rituals. The author argues that any state in the globe is multi-confessional but the globalization of the human values and migration processes often change religious and ethical appearance of countries, indeed introducing changes in the amount of different followers in the particular context, in the culture and civilization ion all continents. Ismaili doctrine obliges the Ismailis to respect the faith of representatives of other schools and the teachings of Islam and other religions of the world. The religious concepts of the Ismailis proceed from the fact that in the world of religion there is a great variety and every branch, sense or sect of a religion has the right to its faith, its views, rituals and rituals. After all, any modern state on all continents is multi-confessional, and the globalization of human values in the world and migration processes are constantly changing the religious and ethical appearance of countries, making changes in the ratio of the number of believers of different religions at a given time and place, culture and civilization of countries on all continents . In Ismailism, pluralism received its original development in the form of a broad conception, the main provisions of which are indicated in the articles, speeches and other materials of the present Imam of the Ismailis Agha Khan IV, although some aspects of diversity and tolerance in Islam were written and spoken by Imam Agha Khan. Ismailitic pluralism takes into account the diversity that exists not only in Islam but throughout the world and among all peoples and is aimed at uniting the efforts of mankind and overcoming the contradictions existing in any sphere of social life for the sake of progress. This is not religious pluralism or super ecumenism, which calls for rejecting bigotry, intolerance, limitation, religious pride, division of people into Christians, Muslims, Buddhists, Hindus, Jews, etc. However, Ismaili pluralism takes all this into account, but advocates the preservation of this diversity and the specifics that exist among the peoples of the world at all levels, and requires the exclusion of interference in the way of life, faith and the social life of some peoples by others. This is supposed to exclude conflicts, wars and other phenomena that hinder the progress of mankind.

**Key words:** pluralism, tradition, civilization, globalization, Ismaily teachings, clash of ignorance, clash of civilizations.

**Сведения об авторе:** ***Дастамбуев Назархудо*** – Таджикский национальный университет, докторант (PhD) философского факультета. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-535-00-44**

**Information about the author:** ***Dastambuev Nazarhudo*** - Tajik National University, doctoral student (PhD) of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **93-535-00-44**

**УДК 314/316**

# ТАМОЮЛОТИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ТЕРРОРИЗМУ ИФРОТГАРОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Махмадиев Н.Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Инкишофи ҷомеаи муосир хеле пуртазод аст. Буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ, глобализатсия, бархӯрди геополитикии абарқудратҳо, ба монанди ИМА, Россия, Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои арабӣ ва Хитой таъсири буҳронро махсусан ба кишварҳои исломӣ ва рӯ ба тараққии ҷаҳон боз ҳам зиёд карда истодааст. Ҷаҳони муосир дар марҳилаи тақсими нави ҷаҳон қарор дошта, суръати моҷароҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодиро боз ҳам зиёдтар мекунанд. Ин омилҳо хоҳу нохоҳ суръати афзоиш ва паҳншавии экстремизми динӣ ва терроризмро боз метезонад. Воқеаҳои даҳсолаи охир дар Ню-Йорк, Мадрид, Лондон ва Париж нишон дода истодаанд, ки аз хатари экстремизм ва терроризм ҷомеаҳои муосир низ берун буда наметавонанд. Зиёда аз ин, ҷомеаҳои муосир назар ба ҷомеаҳои анъанавӣ назди ин зуҳуротҳои иҷтимоӣ, яъне экстремизм ва терроризм осебпазиртар мебошанд.

Мазмуну моҳият, шакл ва ҳатто маҷмӯи сабабҳои терроризми охири қарни XX куллан тағйир ёфта, нақши терроризмро дар муборизаи сиёсии ҷаҳон боло бурдааст, инчунин мушоҳида мешавад, ки нақши терроризм ҳамчун воситаи таҷовузи сиёсӣ низ таъғирпазир шудааст. Тағйиротҳои бавуҷудомада хатари терроризмро нисбати бехатарии миллии Тоҷикистон якбора зиёд намуд. Бояд қайд кард, ки таъғиротҳои иҷтимоӣ–сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон мазмуну моҳият ва доираи фаъолияту фарогирии терроризмро дигаргун намуда, хатари ин зуҳуроти иҷтимоиро боз ҳам зиёдтар карда истодааст [1, с.31]. Ин тамоюлҳо хосияти гуногун дошта, паҳлуҳои идеологӣ, ташкилӣ ва таҷрибавии терроризмро дар бар

мегиранд. Як қатор душвориҳои феълии мубориза бо зуҳуротҳои экстремистию террористӣ дар консепсияи мубориза ба терроризми Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гаштаанд [2, с.14].

Донистану ба назар гирифтани маҷмӯи омилҳои вуҷуддошта ё танҳо ташаккулёбанда шарти зарурии баҳогузорӣ, пешгирию мубориза бо ин зуҳуроти иҷтимоӣ–сиёсӣ ва ҷиноӣ дар ҳоли ҳозир ва ояндаи наздик мебошад. Тамоюлоти хатарноки терроризм дар он зоҳир мегардад, ки зуҳуротҳои террористӣ хосияти ҷаҳонӣ касб карда, ҳудуди ҷуғрофии паҳншавии он васеъ гашта истодааст, ки мубориза бо ин зуҳуроти номатлубро хеле душвор мегардонад. Зарур аст, ки ба сиёсати зиддитеррористӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шавад, то ки омилҳою тамоюлотҳои паҳншавии ифротгароию терроризм пешгирӣ шаванд. Тамоюлоти паҳншавии гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ мушоҳида шудааст ва нисбати ин масъала корҳою тадқиқотҳои зиёди илмӣ вуҷуд доранд. Аммо, вобаста ба инкишоф ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, зиддиятҳои ғоявию сиёсӣ байни абарқудратон, махсусан байни ИМА ва Русия умуман зиддиятҳои фарҳангию қавмиро дар сатҳи ҷаҳонӣ боз ҳам тезонида истодааст. Дар даҳсолаи охир вобаста ба равандҳои дар боло зикршуда вазъияти дини ҷомеаи мо тағйир ёфтааст [3, с. 64-68]. Махсусан, фаъолшавии ҳаракати ифротию террористии «Салафия», «Ансоруллоҳ» «Ҳизби исломии Ӯзбекистон» ва эълон шудани ҲНИТ ҳизби ифротӣ-террористӣ вазъияти динӣ–сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷикро каме дигаргун кард. Дар сатҳи болои идоракунии сиёсӣ дарк ва азм карда шуд, ки пеши роҳи равандҳои моҷаро бунёдкунанда гирифта шаванд, то ҳодисаҳои аввалҳои солҳои 90-ум такрор нашавад. Вазъияти иҷтимоӣ–сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ба шарофати сиёсати санҷидашуда, мукаммал ва сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар самти барои давлату ҷомеа зарур инкишоф ёфта истодааст. Қувваҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои манфиатдори бегона муттасил аз пайи вайрон кардани фазои ороми ҷомеа ва давлати мо буда, яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонии онҳо дастгирии гурӯҳҳои ифротӣ дар Тоҷикистон ва сарҳади он мебошад. Вазифаи аввалиндараҷаи давлат ва ҷомеа аз он иборат аст, ки вазъи иҷтимоии ҷавононро баланд бардошта, фарогирии онҳоро ба таълиму тарбия ва шуғл таъмин намоянд. Дар паҳншавии зуҳуроти экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон дасти гурӯҳҳои байналмилалии экстремистию террористӣ ва кишварҳои алоҳидаи хориҷӣ ба таври аъло мушоҳида мешавад.

Тамоюлоти дар боло зикршудаи паҳншавии терроризм бо тамоюлҳои иҷтимоии ин зуҳуроти хатарнок алоқаманд буда, пайвастшавию ба ҳам алоқамандии ин тамоюлҳою омилҳо, пайдоишу паҳншавии хатарҳои террористиро дар миқёси ҷаҳон боз ҳам зиёдтар менамоянд. Омилҳои берунаи пайдоишу паҳншавии терроризм инкишоф ёфта истодаанд. Як қатор кишварҳо бо мақсади амалинамоии мақсадҳои геополитикию ғасбкории худ терроризмро ба сифати воситаи сиёсӣ истифода менамоянд. Гурӯҳҳои манфиатдори инкишофи экстремизму терроризм дар кишвари мо фишангҳои идеологию иқтисодиро фаровон истифода мебаранд, то ки иштирокчиёну пайравони гурӯҳҳои террористию экстремистиро ба самти барои онҳо лозима равона созанд [4].

Усулҳо ва шаклҳои фаъолияти террористӣ муттасил тамоюли инкишоф дошта, мустаҳкам ва бисёрсамта мебошанд. Ба васеъ гаштани доираи мақсаду объекти фаъолияти террористӣ, инкишоф ёфтани илм, техника ва технологияи муосир, шакл, восита ва тарзи гузаронидани амалҳои террористӣ низ тағйир меёбанд. Васеъшавии имкониятҳои бурдани фаъолияти террористӣ дар шароитҳои гуногуни ҷуғрофию сиёсӣ, фарох гаштани миқёси гузаронидани амалҳои террористӣ ва зиёд шудани натиҷаи харобиовари он, таъсиррасонии пуршиддату бадвоҳимаи фаъолияти террористӣ, омехташавии терроризм бо дигар шаклҳои таҷовуз сиёсӣ натиҷаи равандҳои дар боло зикр шуда мебошанд.

Шаклҳои терроризм ба монанди ташкилӣ, таҷовӯзи ва тарғиботӣ – итилоотӣ дар замони муосир ба ҷомеаи муосир хатари калон доранд. Гурӯҳҳои ифротию террористӣ дар инкишофу мукаммал шудани шаклу усулҳои корбарӣ, коркарду татбиқнамоии воситаю усулҳои нави фаъолияти террористӣ ва татбиқ намудани онҳо дар амал аз тамоми воситаҳои молиявию техникӣ истифода менамоянд. Як нуктаро бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон зиёда аз 80 ҷинояткориҳои самти ифротию террористӣ дошта ба қайд гирифта шудааст. Ин рақам барои кишвари хурд хеле зиёд аст ва бояд ҳар як сохтори давлатӣ дар мубориза ва пешгирии ин зуҳурот мӯваззаф бошанд.

Солҳои охир мушоҳида мешавад, ки фаъолияти террористӣ хосияти муташаккилонаро касб кардааст ва ин омил хатари терроризмро боз ҳам зиёд мегардонад. Махсусан, дар ин

самт терроризми самти динӣ, этномиллӣ дошта фаъолияти муташаккилонаи худро боз ҳам фаъол кардааст. Ин шаклҳои терроризм ба ташкили сохторҳои террористӣ ва ҳам ба ташкили тактикаи фаъолияти террористии таҷовузӣ, иттилоотӣ – тарғиботӣ ва дигар шакли зоҳиршавии он алоқаманд мебошад. Ташкили гурӯҳҳои калони террористӣ бо инфрасохтори инкишофёфта, мавҷудияти роҳҳою воситаҳои мустаҳкаму мукаммали робита бо доираҳои сиёсии кишварҳои хориҷӣ ва ҳаракатҳои ифротӣ ифодагари дақиқи тамоюлҳои дар боло зикршуда мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки сохторҳои террористӣ аз воситаҳои муосири алоқа, махсусан интернет, самаранок истифода мебаранд. Тамоми дастгоҳҳои тарғиботиро барои ҷалб кардани пайравони нав ба воситаи интернет ба роҳ монда, аз ин ҳисоб сафи худро аз тамоми ҷаҳон зиёд менамоянд. Гуфтан мумкин аст, ки интернет роҳи осону самараноки тарғиботи ифротию террористӣ мебошад ва гурӯҳҳои террористию ифротӣ ин афзалиятро дарк кардаанд.

Вобаста ба ин масъала муҳаққиқи рус А.П. Шевчик қайд менамояд, ки «Мавқеи асосиро дар таъсиррасонии ғоявӣ ба ҷавонон интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ишғол мекунанд, ки имкониятҳои мавҷудаи онҳо ба ҳайси воситаҳои робита барои ҳамоҳангсозии фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ, ҷустуҷӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, василаҳои ҷалбкунӣ ва фиреби аъзоёни нави ҳаракатҳои ифротию радикалӣ истифода бурда мешаванд» [5, с.27-31]. Аз ин рӯ, вокеияти нави иттилоотӣ-коммуникатсионии ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки муносибатҳои навинро ба ҳамкориҳои мутақобилаи ҷавонон ба роҳ монем, то ки пеши роҳи тарғиботи густурдаи гурӯҳҳои ифротию террористӣ гирифта шавад. Зарур аст, ки таъсири манфии сарчашмаҳои тарғиботи ифротию террористӣ коҳиш дода шавад ва ба ин минвол то андозае ғояҳои зӯроварӣ ва оштинопазирии нажоди барҳам дода шаванд.

Аён аст, ки сарчашмаҳои таъминоти моддӣ–техникӣ ва молиявии терроризми муосир хеле зиёданд. Ин раванд бо инкишоф ёфтани мақсадҳо ва ҳудуди фарогирию паҳншавии терроризм ва гурӯҳҳои ифротӣ алоқаманд мебошад. Дар ин раванд як қатор кишварҳои хориҷии аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда, доираҳои сиёсӣ ва корпоратсияҳои фаромиллӣ ба сифати ташкилкунандагони фаъолияти террористӣ баромад менамоянд ва гурӯҳҳои ифротиро ҳаматарафа дастгирӣ менамоянд [6, с.194-196]. Тамоюлоти мазкур ифодагари он мебошад, ки гурӯҳҳо ё кишварҳои алоҳида субъектҳои фаъолияти террористию ифротиро, ки дорои унсурҳои сохтории қонунию ғайриқонунӣ мебошанд, бо манбаъҳои мувофиқи молиявӣ ва моддӣ – техникӣ таъмин менамоянд. Таъминоти моддию молиявии фаъолияти террористӣ ва гурӯҳҳои ифротӣ ба воситаи фондҳои ғайридавлатӣ, бо иштироки намояндагони хадамоти кашшофӣ амалӣ карда мешаванд. Гурӯҳҳои динию этникӣ мувофиқи нишонаи қавмию динӣ гурӯҳҳои террористию ифротиро аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ менамоянд. Масалан, дар Ироқ ва Сурия гурӯҳи ифротию террористии “Ал-кудс” ва “Ҳизбуллоҳ”-ро, ки асосан аз пайравони шиамазҳаб ва алавиҳо ташкил ёфтааст, аслан Эрон дастгирӣ менамояд. Ҳаракати ифротии ДИИШ, ки асосан аъзоёнаш суннимазҳаб мебошанд, Арабистони Саудӣ, Қатар ва ИМА пуштибонӣ менамоянд. Гуфтан мумкин аст, дар Ироқу Сурия ҷанги динию мазҳабӣ рафта истодааст, аммо, мутаассифона, қурбони ин кашмакашиҳо асосан одамони бегуноҳ-кӯдакон, занон ва пирон мебошанд. ИМА ва Русия худро хайрхоҳи миллати мазлуми Сурия ва Ироқ нишон дода, дар амал тарҳҳо ва манфиатҳои геопалитикии худро пиёда карда истодаанд. Барои онҳо маргу қурбонии кӯдакон, ҷавонон, занон ва пирон ҳеҷ қурбу манзалате надорад.

Маълум аст, ки терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуб ба ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад ва рафъи ин омил диққати махсуси муҳаққиқони соҳа, давлат ва ҷомеаро талаб менамояд. Инкишофи қудрати ҷангии сохторҳои террористӣ, авҷ гирифтани таъсири таҷовузкоронаю бадвоҳимаи он, зиёдшавии қурбониёни амалҳои террористӣ вобаста ба инкишоф ёфтани воситаҳои харобиовару вайронкунандаи фаъолияти террористию ифротӣ, кӯшиши дастрасӣ ёфтани гурӯҳҳои террористию ифротӣ ба яроқи қатли ом ва истифодаи он хусусияти хосси ин равандро ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии арабии Сурия ҳолатҳои ҷой доштани истифодаи яроқи қатли ом ва биологию кимиё исботи худро ёфтанд. Аммо то ҳол маълум нашудааст, ки кадом гурӯҳҳои ифротӣ, монанди ДИИШ, Ҷабҳат – ан-Нусра ё қӯшунҳои давлатӣ яроқи биологиро истифода намудаанд. Абарқудратҳои манфиатдор ва гурӯҳҳо гуноҳи истифодаи яроқи биологиро ба якдигар вогузор менамоянд. Ҷолиби диққат аст, ки гурӯҳҳои террористию ифротӣ фаъолияти террористию тарғиботӣ, таҷовузкорӣ, қатлу куштори одамони бегуноҳро бо идеологияҳои гуногуни ифротӣ, радикалӣ ва махсусан бо дини ислом сафед ва асоснок менамоянд, ки мутлақо иштибоҳ мебошад.

Ба ақидаи муҳаққиқон, терроризму ифротгароии муосир барои паҳн кардани фаъолияти тахрибкоронааш ба ҳудудҳои васеи иҷтимоӣ – сиёсӣ ва кишварҳои мухталифи олам бо гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккилонаи фаромиллию миллӣ, ки ба бехатарии шахсият, ҷомеа ва давлат таҳдид менамоянд забон як карда, якҷоя фаъолият менамоянд. Гурӯҳҳои террористию ифротӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил ба ҳамкории якҷоя манфиатдор мебошанд. Масалан, дақиқ аст, ки гурӯҳи ифротии ДИИШ барои ноил шудан ба мақсадҳои худ оиди пурра фатҳ кардани ҳудуди Сурия ва Ироқ бо дигар гурӯҳҳои ифротию террористӣ, монанди Ҷабҳат – ан – Нусра ҳамкории зич доранд. Баъди танг шудани вазъияти ДИИШ дар Сурия ва Ироқ иштирокчиёни фаъол ва пайравони онҳо ба Афғонистон сар даровардаанд, ки метвонанд ба ин роҳ вазъияти сиёсӣ – иҷтимоӣ ва иқтисодии ин кишварро боз ҳам бадтар гардонанд. Кишварҳои ҳамсарҳади Афғонистон, ба монанди Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркменистон хатари ин ҳаракати ифротӣ – террористиро эҳсос менамоянд. Сафи аъзоёни ДИИШ дар Афғонистон бо маълумотҳои тасдиқнашуда ду ҳазорро ташкил медиҳад. Ба ҳайати ҳаракати ифротии ДИИШ намояндагони “Ҳизб – ут - таҳрир”, “Ансоруллоҳ”, “Ҷамоати Таблиғ”, “Ҳизби исломии Узбекистон” дохил мешаванд [7]. Бо пешниҳоди Прокуратураи генералӣ 17 созмону ҳаракат ва гурӯҳу равияҳо бо қарори суд экстремистиву террористӣ эътироф гардида, аввалин Стратегияи миллӣ оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм таҳия ва тасдиқ карда шуд [8].

Омили таъминоту дастгирии молиявию иқтисодӣ барои фаъолияти террористӣ ва гурӯҳҳои террористию ифроти нақши муҳим дошта, сохторҳои гуногуни давлатҳои алоҳида, як қатор фондҳои байналмилалӣ, махсусан аз Шарқи Наздик инчунин гурӯҳҳои ҷиноятпеша дар маблағгӯзории терроризм нақши муҳим доранд. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки гурӯҳҳои террористию ифротӣ дар асл ҳимоятгари манфиатҳои миллату қавмҳои алоҳида набуда, балки аз номи онҳо суиистифода намуда, манфиатҳои гурӯҳию шахсии худро тарғиб менамоянд. Муттаҳидшавии ҷиноятккории муташаккил ва терроризм равандҳои хатарнок буда, осоиштагии давлату ҷомеаро зери хатар мегузоранд. Дар баробари ин, ҳолатҳои мушоҳида шудаанд, ки равиши инкишоф ва сиёсати гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ва идеологияи онҳоро гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпешаи хосияти этникӣ дошта муйян менамоянд. Масалан, ибтидои солҳои 90–ум ба саҳнаи сиёсии Тоҷикистони мустақил шахсиятҳое баромаданд, ки ба олами ҷиноӣ дахл доштанд, ки баъдан фаъолияти террористию ифротиро пеша карданд ва ҳамчун қумондонҳои саҳроӣ машҳур шуда, минтақаҳои алоҳидаи кишварро муаррифӣ менамуданд [9, с.25-41].

Омилҳои пайдоишу инкишофи терроризм, ки дар боло таҳлил шуданд, сабабҳои объективию субъективӣ дошта, барои бехатарии миллӣ, низому тартиби ҷаҳонӣ, устувории муносибатҳои байнидавлатию дохилидавлатӣ ва ҷамъиятӣ хатар бунёд менамоянд. Таҳлили тамоюлҳои зикршуда дар ҳамбастагию робитаи мутақобила нишон медиҳанд, ки таҳқиқи раванди гуногунҷабҳаю инкишофи мазмун ва шаклҳои терроризм, ҳамчунин маҷмӯи сабабҳои терроризм, ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ ба амнияти миллии Тоҷикистон хатари ҷиддӣ дорад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки терроризмро тез бартараф карда намешавад, чунки асоси терроризмро зиддияту моҷароҳои гуногун ташкил медиҳад. Аммо мо бояд дар пешгирию мубориза бо ин вабои аср тамоми чораҳоро андешем, то онро дар ҳамбастагӣ бартараф намоем.

Терроризму ифротгароӣ вабои қарни XX1 буда, хатари он ба амнияти миллии Тоҷикистон гуногунҷабҳа ва дақиқ мебошад. Терроризму ифротгароӣ амнияти миллӣ ва ба ҷомеа, шахсият ва давлат таъсири мустақиму ғайримустақим дошта, асосҳои моддию маънавии ҷомеаро вайрону халалдор месозад. Раванди паҳншавии терроризму ифротгароӣ водор менамояд, ки давлат тамоми қувва ва истеъдоди дастгоҳҳои давлатиро мубориза бар зидди терроризм истифода намуда, манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шахсиятро ҳимоя намояд. Дар мубориза бар зидди ифротгароию терроризм Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор дастовардҳои назарас ноил гаштааст:

1. Барномаи муккамалии мубориза бо зуҳуротҳои ифротӣ, террористӣ қабул гаштааст ва тамоми сохторҳои давлатӣ онро иҷро менамоянд.

2. Қонунгузорӣ нисбати зуҳуротҳои ифротию террористӣ таҷдиди назар шуда, мувофиқи замон гардонида шудаанд.

3. Таблиғоти идеологӣ бар зидди гурӯҳҳои ифротию террористӣ, бегонапарастӣ мустаҳкам гаштааст. Гуфтан мумкин аст, ки тарғиботи идеологӣ зидди ин вабои асри XX1 ба қисми муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Истифодаи нерую қудрати созандаи давлат ва ҷомеа асоси сиёсати давлатӣ мубориза бар зидди зуҳуротҳои ифротию террористиро ташкил медиҳад. Ташаккули системаи давлатии мубориза бо ифротгароию терроризм қадами муҳим дар роҳи боло бардоштани сифату самаранокии ҳимояи давлат, ҷомеа ва шахсият дар баробари хатари паҳншавии терроризм мебошад. Воситаҳои муосири мубориза бо терроризму ифротгароӣ, аз қабили тарбияи ватандӯстӣ, тарғиби худшиносию худогоҳии миллӣ миёни ҷавонон ва дар маҷмӯъ тамоми ҷомеа бояд дуруст ба роҳ монда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. *Монография* / Н.Д. Маҳмадиев. -Душанбе, 2013. – С.31.
2. Холиқов А.Ғ. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм». *Монография* / А.Ғ.Холиқов. -Душанбе, 2014.- С.14.
3. Маҳмадиев Н.Д. «Проявление экстремизма в условиях глобализаций» / Н.Д. Маҳмадиев // ДМТ “Илм ва фановарӣ”. 2016. -С.64-68.
4. Эль Мюрид. «Исламское государство» и Россия. Столкновение неизбежно? *Монография* / Эль Мюрид. -М: Книжный мир, 2016.-256 с.
5. Шевчик А.П. Место и роль вуза в формировании антиэкстремистского и антитеррористического сознания молодежи / А.П. Шевчик. Создание воспитательной антиэкстремистской и антитеррористической среды в современном вузе: (Материалы Международной научно-практической конференции 14-15 апреля 2016 года) СПбГТИ(ТУ). – 2016. – С.27–31.
6. Майкл Вайс, Хасан Хасан. Исламское государство: Армии террора *Монография* // Майкл Вайс, Хасан Хасан; Пер. с англ. – М.: Альпина нон-фикшн, 2016. -С.194.
7. Таджикистан и Синьцзян под прицелом ИГИЛ. [Электроный ресурс]. – URL: http://www.gumilev-center.tj/tadzhikistan-i-sintsyan-pod-pritselom-igil/
8. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура. [Захираи электронӣ].– URL: http: // www. prezident.tj/ node/17248.
9. Н.В. Солоник. Страницы эпохи распада СССР: гражданская война в Таджикистане / Н.В. Солоник. [Электроный ресурс]. – URL: https://cyberleninka.ru.


## ТАМОЮЛОТИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ТЕРРОРИЗМУ ИФРОТГАРОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур тамоюлоти паҳншавии гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пош хӯрдани собиқ иттиҳоди шӯравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Аммо, вобаста ба инкишоф ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, зиддиятҳои ғоявию сиёсӣ байни абарқудратон, махсусан байни ИМА ва Русия зиддиятҳои фарҳангию қавмиро дар сатҳи ҷаҳонӣ боз ҳам тезонида истодаанд. Дар даҳсолаи охир вобаста ба равандҳои дар боло зикршуда вазъияти ҷомеаи мо тағйир ёфтааст. Махсусан, фаъолшавии ҳаракати ифротию террористии «Салафия», «Ансоруллоҳ» «Ҳизби исломии Узбекистон» ва эълон шудани ҲНИТ ҳизби ифротӣ-террористӣ вазъияти динӣ– сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷикро дигаргун кард. Дар сатҳи болои идоракунии сиёсӣ дарк ва азм карда шуд, ки пеши роҳи равандҳои моҷаро бунёдкунанда гирифта шавад, то ҳодисаҳои аввалҳои солҳои 90-ум такрор нашаванд. Истифодаи нерую қудрати созандаи давлат ва ҷомеа асоси сиёсати давлатии мубориза бар зидди зуҳуротҳои ифротию террористиро ташкил медиҳад. Ташаккули системаи давлатии мубориза бо ифротгароию терроризм қадами муҳим дар роҳи боло бардоштани сифату самаранокии ҳимояи давлат, ҷомеа ва шахсият дар баробари хатари паҳншавии терроризм мебошад.



**Калидвожаҳо:** терроризм, экстремизм, идеология, терроризми динӣ, ДИИШ, ҲНИТ, “ҷабҳат – ан-Нусра”, Ансоруллоҳ, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ИҶШС, Ироқ, Сурия, салафия.


## ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ТЕРРОРИЗМА И ЭКСТРЕМИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ


В статье делается попытка определить тенденцию развития терроризма в Таджикистане. Тенденция распространения экстремистских и террористических групп в Республике Таджикистан развивалась после развала СССР и началом гражданской войны в Таджикистане, и нужно подчеркнуть, что за последние годы появилось много научных исследований по данной тематике. Однако из-за развития глобализации, политических и идеологических противоречий между США и Россией, обострилось культурно - этническое противоречие и конфликты на глобальном уровне. В последнее десятилетие, в зависимости от вышеупомянутых процессов, и появлением религиозно - экстремистских и террористических организаций обострилась религиозная ситуация в Таджикистане. В частности, после активизации экстремистских течений «Салафия», «Ансоруллах», «ИГИЛ» и объявления Верховным судом ПИВТ как террористическое движение изменились религиозно-политическая и культурная ситуация таджикского общества. На высшем политическом уровне было принято решение о борьбе с проявлением экстремистских и террористических явлений во имя неповторения ситуаций похожих на те, которые были в начале 90 – х годов в Таджикистане. Созидательное использование государственной власти и общество составляют основу государственной политики против экстремистской идеологии. Создание эффективного государственного управления является основным условием противодействия экстремизму и терроризму. Развитие сильного государства является важным шагом в повышении качества и эффективности защиты самого государства, общества и личности.



**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, идеология, религиозный терроризм, ИГИЛ, ПИВТ, джабхат – ан-нусра, ансоруллах, гражданская война в Таджикистане, СССР, Ирак, Сурия, салафизм.

**MAIN TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF TERRORISM AND EXTREMISM IN TAJIKISTAN**

The article makes an attempt to determine the tendency of the development of terrorism in Tajikistan. The tendency of the spread of extremist and terrorist groups in the Republic of Tajikistan developed after the collapse of the USSR and the beginning of the civil war in Tajikistan, and it should be emphasized that in recent years there have been many scientific studies on this topic. However, due to the development of globalization, political and ideological contradictions between the United States and Russia, cultural and ethnic conflicts and conflicts at the global level have escalated. In the last decade, depending on the above-mentioned processes, and the emergence of religious extremist and terrorist organizations, the religious situation in Tajikistan has worsened. In particular, after the activation of the extremist currents "Salafia", "Ansorullah", "IGIL" and the announcement by the Supreme Court of the party of Islamic revival of Tajikistan as a terrorist movement, they changed the religious, political and cultural situation of the Tajik society. At the highest political level, it was decided to combat the manifestation of extremist and terrorist phenomenon in the name of not repeating situations similar to those that were the beginnings of the 1990 in Tajikistan. The creative use of state power and society forms the basis of state policy against extremist ideology. The creation of effective public administration is the main condition for countering extremism and terrorism. The development of a strong state is an important step in improving the quality and effectiveness of the protection of the state itself, society, individuals.

**Key words:** Terrorizm, extremizm, ideologi, religion тerrorizm, IGIL, PIRT, Jabhat – an – nusra, nansorulloh, civil war in Tajikistan, USSR, Irak, Suriy, salafiy.

**Сведения об авторе:** ***Махмадиев Н.Д.*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент, декан факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе Рудаки 17.
**E-mail: nozim2985@mail.ru** Телефон **93.932.59.42.**

**Information about the author:** ***Mahmadiev N.D.*** - Tajik National University, Candidate of Philosophy, Associate Professor Dean of the Faculty of Philosophye. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17.
E-mail: **nozim2985@mail.ru** Phone: **93.932.59.42.**

**УДК 101.1::316**

# ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ МАЪНАВИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ШАРТИ МУҚОВИМАТ БО ФАЪОЛИЯТИ ҲАРАКАТҲОИ МУОСИРИ ИФРОТИИ ИСЛОМӢ

***Саидов Д.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тайи солҳои охир дар кишвари мо низ ба қайд гирифта шудани зуҳуроти экстремизм боиси ташвиши ҷиддӣ гаштааст, ҳол он, ки дар гузаштаи на он қадар дур дар бораи ин ҳодисаи нангин ба ҷуз аз иттилооти барномаҳои ахбори телевизионӣ оид ба кишварҳои Ғарб тасаввуроте надоштем. Аммо мутаассифона, ҳоло истилоҳи экстремизм бо табиати ифлоси худ, ба шаҳри мо, ба деҳоти мо, ба куҳистони мо роҳ ёфтааст. Экстремизм дар шаклу намудҳои гуногун арзи вуҷуд намуда, дар вуҷуди мо, ақлу тафаккури мо таъсир кардааст. Агар дар марҳилаҳои аввали пайдоишаш экстремизм як навъ беморие маҳсуб меёфт, ки ба табақаҳои аҳолии шароити зисташон ногувор сироят карда бошад, ҳоло ба маризии умумиҷамъиятӣ, ба мисли майзадагӣ, нашъамандӣ, ҷинояткорӣ ва дигар намудҳои таназзули шахсият табдил ёфтааст.

Бахусус он далел боиси изтироб гардидааст, ки ба гурӯҳҳои дорои хусусиятҳои экстремистӣ бештар ҷавонон бо роҳу воситаҳои мухталиф ҷалб карда мешаванд. Роҳу воситаҳои афтидан ба доми гурӯҳҳои экстремистӣ метавонанд инҳо бошанд: истеъмоли маводи нашъавор, ки ақли касро тира гардонида, ӯро ба ҷинояткориҳо тела медиҳад; аз рӯйи ғояҳои иедологӣ; бо сабаби ба дарди хеш дармон наёфтан (раҳгумзадагӣ дар оила, хонаводаи худро хӯронидаву пӯшонида натавонистан); рашку ҳасад ба ҳамсояе, ки зиндагии хушу хуррамона дорад ва ин ҳасадхӯрӣ, албатта, оқибатҳои ногувор ба бор меорад: ҳасуд барои ноил гаштан ба мақсадҳои «сарватманд» шудан метавонад ҳатто ба ҷони одамони бегуноҳ қасд кунад; Чунин сабабҳо зиёданд ва номгӯйи онҳоро беохир идома додан мумкин аст.

Пас, экстремизм чист? Экстремизм аз калимаҳои франсавии extremisme, лотинии extremus – ниҳоӣ (охирин) гирифта шуда, пойбанд будан (мутеъ гаштан) ба нуқтаи назари ниҳоӣ, аз рӯйи хусусиятҳои меъёрӣ (одатан дар сиёсат)–ро ифода мекунад [1, с.165-172]. Яъне, «экстремизм» он шакли фаъолияти сиёсиест, ки бевосита ё бавосита принсипҳои демократияи парлумониро инкор мекунад [2;с. 637-638].

Муҳаққиқи тоҷик Н.Д. Маҳмадиев иброз менамояд, ки «Экстремизм идеология ва таҷрибаи як қатор гуруҳои ифротӣ, арбобҳои сиёсӣ – ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва

мазҳабҳо буда, ки мақсади асосиашон тағйир додани сохтори давлат ва ҷомеа мебошад. Ҳамин тавр, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, ки дар дилхоҳ шароит ба воситаи зӯрӣ ва таҷовуз мақсаду мароми тағйир додани сохтори ҷомеаро дорад, назару ақидае, ки зидди ғояву ақидаи дар ҷомеа ҳукмрон аст, нигаронида шудааст, экстремизм мебошад» [3, с.11].

Бо дарназардошти талаботи дар боло зикршуда метавон ҳар касро, шахсони дуюму сеюмро набошад ҳам, эктремист номид, аммо мақсад аз он иборат аст, ки амали ин қонун самаранок бошад ва нисбати он унсурҳое татбиқ шаванд, ки дар ҳақиқат фаъолияти экстремистӣ доранд ё қасди иҷрои онро.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Одил Нодиров «… терроризм ҳамчун ду самти мухталиф яке барои сӯхтан ва дигаре барои сохтан хизмат мекунад. Яке хайр аст ва дигаре шарр аст. Аз нуқтаи назари ислом беҳтарин инсонҳо онҳое ҳастанд, ки ба мардум манфиат меоранд ва бадтарини онҳо касоне ҳастанд, ки барои мардум зарар меоранд» [4;с.14]. Ба ҳамин хотир қувваи бузурги маънавӣ ва ахлоқи шахсони пешқадам бояд, ки тавассути радио телевизион, рӯзномаю маҷаллаҳо тарғиб карда шавад, то барои ҷавонон намунаи ибрат гардад.

Дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай низ барои пешгирӣ ва мубориза бо ифротгароию терроризм корҳои бузург ба роҳ монда шудаанд, то ки садди роҳи ин вабои асри XXI гирифта шавад. Вобаста ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик Н.Зоҳидӣ қайд менамояд, ки «мубориза бар зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ ва ҳама гуна зуҳуроти онҳо аз самтҳои муҳимми фаъолияти СҲШ маҳсуб гардида, бо мақсади фаъолияти бонизом ва мақсаднок дар ин росто хеле фаъол аст. Сохторҳои минтақавии зиддитеррористии СҲШ бомуваффақият амал менамоянд. Дар доираи ҳамкориҳои низомӣ ба таври мунтазам тамринҳои муштараки низомии зиддитерроистии кишварҳои аъзои СҲШ гузаронида мешавад» [5, с. 24].

Ҳаёти иҷтимоӣ исбот кардааст, ки байни наслҳои бузургу ҷавон ҳама вақт бархӯрду нофаҳмиҳо вуҷуд доранд. Асри XXI асри рушди технологияи итилоотӣ буда, давлатҳо ба рушди ҳаёти маънавӣ ва арзишҳои ахлоқӣ кам аҳамият медиҳанд, ки ин раванд бар зарари ахлоқ ва фарҳанги ҷомеаи инсонӣ мебошад. Мо борҳо шоҳиди он шудаем, ки ҷавонони даврони навин бемалол одамони калонсолро бо суханони дурушту носазо таҳқир менамоянд ва дар мавриди шикоят ба волидайни онҳо зиёдтар ба иззати нафсашон мерасанд, ҳамчунин «тӯдае» нафареро зери лату кӯб мегираду раҳгузарон, аз рӯйи мақоли «Сари худам дар амон аст, ба дигарон корам чӣ?!» аз он чашм мепӯшанду лаб фурӯ мебанданд. Дар чунин ҳолатҳо, дар чунин як даврони хараҷу мараҷ, душвории эҳёи анъанаҳои гузаштагон масъалаи аз нав зинда кардани арзишҳои фаромӯшшудаи маънавӣ ба миён меояд. Кадомҳоянд он арзишҳои фаромӯшшудаи маънавӣ? Миллати тоҷик, пеш аз ҳама, ба шуҷоату шуҷоату диловарӣ, иззати нафс, ҷавонмардӣ, дӯстию рафоқат, муҳаббату эҳтироми байниҳамдигарӣ, ки як вақтҳо ченаки умумии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ барои ҳамагон маҳсуб меёфтанд. Дар таърихи инкишофи миллати тоҷик марҳилаҳои буданд, ки ҳаёти шарафмандонаи инсонӣ қадри баланд дошт, пиронсолию бознишастагӣ боиси иззату икром буд, рафтори номуносиби ашхоси беахлоқу бетарбия бошад, аз ҷониби атрофиён сахт мазаммату маломат карда мешуд ва гунаҳкорон ҳатман ҷазои худро медиданд ва дар он даврон на калонсолон, на ҷавонон худро то он андозае, ки имрӯз чунин мешуморанд, одамони ба кишвар, ба ҷомеа «нодаркор» эҳсос намекарданд. Мутаассифона, иқтисоди бозоргонӣ қонунҳои худро дорад ва мақулаи марказии он сармоя ва пул мебошад, тафаккур, ахлоқ, одоб далерию шуҷоат дар сохтори иқтисоди бозоргонӣ ҳеҷ кадре надоранд. Сармоя ва пул меъёри тамоми муносибатҳо гаштааст.

Аз ин рӯ, ҷомеаи муосири тоҷик оид ба беҳдошти ҳаёти маънавӣ-ахлоқӣ бояд, ки ду поя ё мавқеъро эҳё намоянд: бозгашт ба сарчашмаҳо ( ба мероси гузаштаи аҷдодӣ) ва ҳаракат ба пеш, ба сӯйи тамаддуни муосир. Ҳар яке аз ин мавқеъҳо худро ҳақ мешуморанд. Мавқеи нисбатан қобили қабул таҷрибаи мусбати инсоният интиқол додани арзишҳои анъанавии маънавӣ-ахлоқӣ маҳсуб меёбад. Чунин тадбир рушди ботинии табиии фарҳанги маънавиро таъмин менамояд ва онро аз бухрони бедалелу беасос ҳифз мекунад. Раванди баланд бардоштани арзишҳои фарҳанги маънавӣ дар адабиёти махсус ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Масалан, муҳаққиқи тоҷик Н.Д. Маҳмадиев иброз менамояд, тӯли мавҷудияти собиқ давлати шӯравӣ миллати тоҷик аз як қатор унсурҳои фарҳангии худ дур шуда буд, чунки сиёсати фарҳангии ҳокимияти марказӣ аз он иборат буд, ки аксари ҳолат ба фарҳанги

бародари калонӣ-русҳо аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд, аммо ба фарҳангҳои дигар халқу миллатҳо аҳамият дода намешуд. Чунончи «… дар натиҷа истифодабарии унсурҳои фарҳангӣ миллӣ ба монанди забон, хат маҳдуд шуда, доираи амал ва истифодабарии онро танҳо дар доираи муносибатҳои маишӣ, яъне дар оила, кӯча ва авлод маҳдуд менамоянд. Мисоли равшани ин равандро мо метавонем дар инкишофи сиёсати фарҳангии якчанд давлатҳое мушоҳида кунем, ки фарҳанги ақаллиятҳои миллиро дар сатҳи хона ва маишат маҳдуд кардааст» [6;с.113-122]. Хоҳу нохоҳ раванди маҳдуд кардани фарҳангҳои миллӣ тӯли 70 соли мавҷудияти ин давлати абарқудрат боиси рушд кардани бухрони худшиносии миллӣ гашт. Тоҷикон таъсири манфии бӯҳрони худишиносиро дар худ зиёдтар ҳис карданд ва яке аз сабабҳои ҷанги шарҳрвандӣ дар Тоҷикистон ин пеш аз ҳама, буҳрони худшиносии миллӣ буд.

Бояд қайд кард, ки ин буҳрони як қишри ҳаёти ҷомеа нест. Ин буҳрони худшиносии миллатҳои хурду бузурге мебошад ва ин миллатҳо кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки гунаҳкорони асосии буҳронро пайдо намуда, ҷазо диҳанд. Саволҳои ҷавобталаб дар он зоҳир мешаванд, ки ин кадом миллатҳо ҳастанд? Барои чӣ ин тавр зиндагӣ мекунанд? Кӣ гунаҳгор аст? Чӣ бояд кард? Ба ин саволҳо, пеш аз ҳама, сиёсатмадорони манфиатдор ниёз доранд ва онҳоро ба манфиатҳои сиёсӣ ва гурӯҳии худ устокорона истифода мебаранд. Сиёсатмадорон ҳалли масъалаҳои миллию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсиро ба пайдоиш ва решаи миллат алоқаманд карда, ғаразҳои сиёсии худро амалӣ менамоянд. Идеологияе, ки сиёсатмадорон истифода мебаранд, аз омехтаи ақида ва идеяҳои динию миллатгароёна таркиб ёфтаанд. Сиёсатмадорони миллии нимаи аввали қарни XX барои озодии миллати худ аз вобастагии мустамликавӣ мубориза мебурданд, аммо сиёсатмадорони мавҷи нави миллӣ тамоми арзишҳои фарҳангию миллии бадастовардаи миллаташонро ба хотири манфиати сиёсию иқтисодӣ қурбон менамоянд. Сиёсатмадорони ватандӯст барои мустақилияти сиёсии миллат мубориза мебурданд, лекин ин хосият дар сиёсатмадорони мавҷи нав дида намешавад, чунки манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ аз манфиатҳои сиёсию иқтисодии миллат боло гузошта шудаанд. Гуфтан лозим аст, ки мавҷи нави сиёсатмадорони ҷаҳонбинии миллатгароёна дошта барои мустақилияти фарҳангии миллати худ то андозае мубориза мебаранд [6, с.113-122].

Намунаи барҷастаи ин мафҳум дар таърихи муосир таҷрибаи Япония ба шумор меравад, ки дар ин кишвар муносибатҳои бозорӣ ва сармоя моҳиятан ба ифодаи замонавии маънавиёти анъанавии ҷамъиятӣ (обшинагӣ) асос ёфтааст.

Ба наслҳои имрӯза зарур аст, ки фарзандони худ, фарзандони фарзандони худро дар заминаи талаботи зерини мусбӣ тарбия намоянд:

- омӯзонидани арзишҳои ахлоқӣ ва одоб ва таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир кардан ба камолоти фарзанд дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;
- барои ҷалби кӯдакон ба машғулиятҳои варзишӣ, мактабҳои рассомию мусиқӣ кӯшиш ба харҷ додан.

Ба мақомоти давлатӣ зарур аст, ки барои оилаҳои камбизоат ва дорои шароитҳои номусоиди иҷтимоӣ ба таври ройгон мактабҳои варзишӣ таъсис дода, машғулиятҳои барои ҳамагон дастраси варзиширо фароҳам оваранд. Ғайр аз ин, ҷавононро бояд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, новобаста ба тамоюли иҷтимоӣ, этникӣ, динӣ ва ҷинсии онҳо тарбия намуд. Ҷавононро бо кор таъмин бояд кард, дар байни ҷавонон корҳои тарбиявӣ, пешгирӣ аз амалҳои номатлуб ва муқовимат бо экстремизм ва ғ. бурдан зарур аст.

Қабули тарҳи нави иқтисодии рушди давлатдорӣ, шаклҳои моликияти хусусӣ ва муайянкуниҳои иҷтимоӣ пешниҳоди арзишҳои заминавии маънавиро ба миён гузоштанд, ки моҳиятан аз ғояҳои даврони шӯравӣ фарқ мекунанд. Вайроншавии аслҳои идеологие, ки дар замони шӯравӣ арзӣ вуҷуд мекарданд, дар мавриди омода набудани аслҳои нави идеологиву фарҳанги миллӣ барои ҳамагон яке аз сабабҳои асосии буҳрони ҳаёти маънавӣ гардид.

Дар вазъияти холигии фазои идеологӣ талаботи табиии инсон барои доштани заминаи зарурии маънавӣ мурочиат ба дин маҳсуб меёбад. Дин неруи муҳимтарин ва фавқулода муқтадири ҳамоҳангсозӣ буд ва хоҳад монд. «Чуноне ки таҷрибаҳои таърихӣ собит месозанд, дар шароити ноустувории сиёсӣ, вазъияти душвори оммаи васеи аҳолӣ ҷараёнҳои динӣ - ифротӣ метавонанд ба аслиҳаи сиёсӣ бо оқибатҳои хеле ногувори он табдил ёбад. Мутаассифона, аксари равияҳои ифротию террористӣ дин ва идеологияи диниро барои сафед кардани қатли инсон ва ғоратгарию пароканданамоии ҷомеа истифода менамоянд» [6, с.113-122].

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки гарави пешгирии бо муваффақият аз тамоюли иҷтимоӣ инҳоянд: иҷтимоикунонии насли наврас аз овони барвақти кӯдакӣ; мусоидат намудан ба ҳамкориҳои бемоҷарои босамари байнифарҳангӣ; ҳамоҳангсозии муносибатҳои байнимиллӣ ва байниконфесионалӣ; фаҳмонидани моҳият, хулқу атвор ва хавфи экстремизму терроризм; сари вақт пешгирӣ намудани фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ; таъминоти муҳити бехатари иттилоотӣ. Захираи асосии муқовимат бо зуҳуроти таҳрибкорона дастгирии иҷтимоӣ-педагогии ҷавонон маҳсуб меёбад, ки чунин ҳадафҳои иҷтимоӣ ва шахсиро дар бар мегирад: соҳиб шудан ба маълумоти сифатнок, майлу рағбат ба дастовардҳои касбӣ ва мақоми дилхоҳи иҷтимоӣ, кӯшишу ғайрат барои бунёди оилаи хушбахт ва тарбияи фарзандон ва ғ. Бешубҳа, ба кумак ва дастгирҳои махсус кӯдакон, наврасон ва ҷавононе эҳтиёҷ доранд, ки дар вазъияти душвори ҳаётӣ ва ҳолатҳои хатарноки иҷтимоӣ қарор доранд. Ба ақидаи мо, ба ташкили муқовимат ба экстремизм ва терроризм танҳо дар доираи муассисаҳои таълимӣ маҳдуд гаштан басанда нест. Дахолати пешгирикунанда бояд дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётии насли ҷавон сурат гирад. Самтҳои афзалиятнок ва ояндадори пешгирӣ аз зуҳуроти хавфноки экстремизм ва терроризм дар байни ҷавонон – ин ташкили фазои ягонаи пешгирикунанда дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётии онҳо маҳсуб меёбад (дар оила, муассисаҳои таълимӣ, дар соҳаҳои фарҳангу фароғат, маҳалли истиқомат ва ғ.). Ташкили ҳамкориҳои байниидоравӣ ва шарикии иҷтимоӣ, ҳамбастагии институтҳои мухталифи иҷтимоӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Ничипоренко О.М. Истоки и специфика российского политического экстремизма. Сборник статей / О.М. Ничипоренко // Актуальные проблемы России. -1997. -№4. -С.165-172.
2. Политическая энциклопедия. Учебник // Экстремизм В. 2 т. Изд-во «Мысль» 2000. -С.637-638.
3. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. *Монография* / Н.Д. Маҳмадиев. -Душанбе, 2013. – С.11.
4. Одил Нодиров. Мақоми тавозуъ дар ислом / Нодиров Одил // Терроризм ва ифротгароӣ роҳҳои пешгирии он / Маҷмӯи мақолаҳо -Душанбе, 2015. – С.14.
5. Н.Зоҳидӣ. Нақши Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва дар таъмини амният дар Осиёи марказӣ / Зоҳидӣ Н. / Маҷмӯи мақолаҳо // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. -Душанбе, 2015. – С.24.
6. Маҳмадиев Н.Д. «Маҳдудиятҳои фарҳангӣ ҳамчун яке аз омилҳои пайдоиши терроризм / Н.Д. Маҳмадиев // Маҷаллаи илмӣ – сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -№1. -Душанбе, 2016. -С.113-122.
7. *Омарова З.У.* Духовно-нравственные воспитание молодежи как фактор противодействия национальному экстремизму / *З.У. Омарова* // Экстремизм. [Электронный ресурс]. URL: http://www.ekstremizm.ru/publikacii/item/646-duhovno-nravstvennye-vospitanie-molodeji-kak-faktor-protivodeystviya-nacionalnomu-ekstremizmu-/ (дата обращения: 22.12.2017).


## ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ МАЪНАВИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ШАРТИ МУҚОВИМАТ БО ФАЪОЛИЯТИ ҲАРАКАТҲОИ МУОСИРИ ИФРОТИИ ИСЛОМӢ


Тайи солҳои охир дар кишвари мо низ ба қайд гирифта шудани зуҳуроти экстремизм боиси ташвиши ҷиддӣ гаштааст, ҳол он ки дар гузаштаи на он қадар дур дар бораи ин ҳодисаи нангин ба ҷуз аз иттилооти барномаҳои ахбори телевизионӣ оид ба кишварҳои Ғарб тасаввуроте надоштем. Аммо, мутаассифона, ҳоло истилоҳи эктремизм бо табиати ифлоси худ ба шаҳри мо, ба деҳоти мо, ба кӯҳистони мо роҳ ёфтааст. Экстремизм дар шаклу намудҳои гуногун арзи вуҷуд намуда, дар вуҷуди мо, ақлу тафаккури мо таъсир кардааст. Агар дар марҳилаҳои аввали пайдоишаш экстремизм як навъ беморие маҳсуб меёфт, ки ба табақаҳои аҳолии шароити зисташон ногувор сироят карда бошад, ҳоло ба маризии умумиҷамъиятӣ, ба мисли майзадагӣ, нашъамандӣ, ҷинояткорӣ ва дигар намудҳои таназзули шахсият табдил ёфтааст. Бахусус он далел боиси изтироб гардидааст, ки ба гурӯҳҳои дорои хусусиятҳои экстремистӣ бештар ҷавонон бо роҳу воситаҳои мухталиф ҷалб карда мешаванд. Роҳу воситаҳои афтидан ба доми гурӯҳҳои экстремистӣ метавонанд инҳо бошанд: истеъмоли маводи нашъавор, ки ақли касро тира гардонида, ӯро ба ҷинояткориҳо тела медиҳад; аз рӯйи ғояҳои иедологӣ; бо сабаби ба дарди хеш дармон наёфтан (раҳгумзадагӣ дар оила, хонаводаи худро хӯронидаву пӯшонида натавонистан); рашку ҳасад ба ҳамсояе, ки зиндагии хушу хуррамона дорад ва ин ҳасадхӯрӣ, албатта, оқибатҳои ногувор ба бор меорад: ҳасуд барои ноил гаштан ба мақсадҳои «сарватманд» шудан метавонад ҳатто ба ҷони одамони бегуноҳ қасд кунад; чунин сабабҳо зиёданд ва номгӯйи онҳоро беохир идома додан мумкин аст.



**Калидвожаҳо:** маънавиёт, ахлоқ, бехатарии маънавӣ, идеология, манфиатҳои сиёсӣ, экстремизм, терроризм, ҳаракатҳои ифротӣ.

## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ДУХОВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ОБЩЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА КАК УСЛОВИЯ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СОВРЕМЕННЫХ ЭКСТРЕМИСТСКО-ИСЛАМСКИХ ДВИЖЕНИЙ

В последние годы, экстремистские явления в нашей стране стали причиной серьёзных волнений, в недавнем прошлом не имели представления об этом позорном инциденте, за исключением телевизионных информационных программ из зарубежных стран. Но, к сожалению, теперь термин «экстремизм с его грязной природой» проник в наш город, село и горные поселения. Экстремизм существует в разных формах и влияет на наше тело и мышление. Если на первых этапах возникновения экстремизма рассматривалось, как болезнь заразила слои населения, имея неприятное состояние жизни, а теперь превратилась в общественную болезнь, такую как алкоголизм, наркомания, преступность и другие виды рецессии человечество. Особенно этот факт стал причиной волнения, что большинство молодых людей по-разному привлекались к группам экстремистского характера. Пути и средства попадания в ловушку экстремистских групп могут быть следующими: Использование наркотических веществ, скрывающих ум человека, который отталкивает человека при совершении преступления; по идеологическим устремлениям; не находить утешения для своих страданий (заблуждение в семье, неспособное обувать и одевать семью); зависть соседа, который имеет счастливую жизнь, и, конечно же, эта зависть приносит неприятные последствия: зависть к достижению цели стать «богатой» может также совершить покушение на жизнь невинных людей; Таких причин очень много, и их списки можно продолжать бесконечно.

**Ключевые слова:** духовность, нравственность, духовное безопасность, идеология, политические интересы, экстремизм, терроризм, экстремистские организаций.

## PROMOTE MORAL SAFETY OF THE SOCIETY OF TAJIKISTAN AS A CONDITION FOR COMBATING THE ACTIVITY OF MODERN ISLAMIC EXTREMISM MOVEMENTS

Over the past few years, the registration of manifestations of extremism has become a serious concern in our country, since in the past, not too far we had no idea about this disgraceful incident, except for the information from TV programs on Western countries. But unfortunately, nowadays the term of extremism with its own sensory nature has come to our people in our city, our village and our mountain area. Extremism has emerged in different forms and has been affected in our intellect and our thinking. If the extremism is consider to be a type of disease at the first stage of appearance that infected in the disadvantaged groups of the population, now it has become a global disease, like alcoholics, drug abuse, crime, and other types of personal degradation. Especially the fact is causing anxiety that mostly young people are attracted by different ways and means to extremist groups. Ways and means can be attributed to the extremist groups are:
Consumption of narcotics, which steals the mind and pushes the slayer into crime; by societal ideas; due not to find solution to his issues, (repression in the family, cannot provide his families with food and clothing); jealousy and envy to a neighbor who enjoys a pleasurable and dignified life, and this envy brings in unpredictable consequences: envies plans to reach the goal becoming "rich”, it can even hurt the lives of innocent people; There are many such reasons and their list can be continued without end.

**Keywords:** spirituality, morality, spiritual security, ideology, political interests, extremism, terrorism, extremist organizations.

**Свдения об авторе:** ***Саидов Далер Мухибуллоевич*** – Таджикский национальный университет, докторант (PHD) кафедры история философии и социальной философии факультета философии ТНУ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе Рӯдаки 17. E-mail: **dalersm1992@mail.ru** Телефон: **98.733.66.08.**

**Information about the author*: Saidov Daler Mukhibulloevich***. - Tajik National University, Doctor of Science (PHD) of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. E-mail: **dalersm1992@mail.ru** Phone: **98.733.66.08.**

**УДК: 313**

# ИНСТИТУТҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ: МОНЕАҲО ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ

***Баҳромбеков Д.А., Миров Ф.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пас аз барҳам хӯрдани сохтори тоталитарии шӯравӣ эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ масъалаи асосии давлатҳои собиқ шӯравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳисоб меравад. Таваҷҷуҳ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ пас аз заиф гардидани режимҳои тоталитарӣ ва авторитарӣ (дар охири асри XX) зиёд гардид, ҳаракатҳо ва ҷамъиятҳои шаҳрвандӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба фаъолияти густурда шурӯъ намуданд. Таъсисёбии ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандӣ дар шароити муосири равандҳои глобализатсионӣ, пешрафти босуръати истеҳсолот, прогресси илмӣ-техникӣ ва васоити коммуникатсионӣ ба тамоюли қонунӣ ва воқеӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ, бо боварӣ метавон гуфт, ки ҳолати ояндаи ҷомеа ва навъи ташкилоти муносибатҳои иҷтимоӣ ҷомеаи ҳуқуқбунёду шаҳрвандӣ хоҳад буд.

Айни замон мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» таваҷҷуҳи доираи васеи донишмандони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб намуда, батадриҷ мазмуну муҳтавои тозаро ба худ касб менамояд. Мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» мазмуни васеъ ва мураккаб дошта, бо мафҳумҳои "ҷомеаи ҳуқуқбунёд", "давлати иҷтимоӣ", "демократия", "волоияти қонун", "иқтисоди бозоргонӣ", "ҷомеаи кушод" ва амсоли ин алоқаманд буда, яке ба сифати омили рушди дигаре хизмат менамоянд. Асоси ҷомеаи шаҳрвандиро мафҳуми "шаҳрвандӣ" ташкил медиҳад.

Баъзе аз мутафаккирон идеяи «ҷомеаи шаҳрвандӣ" – ро ба идеяи "коммунизм" монанд мекунанд, ки хело диққатҷалбкунанда аст, аммо ҳеҷ гоҳ амалӣ намешавад. Ба ақидаи онҳо, дар вақташ шаҳрвандон чунин умедвориро нисбати демократия доштанд, ҳарчанд нишонаҳои ҷомеаи демократӣ пайдо шуданд, аммо бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилоти иҷтимоӣ торафт меафзоянд. Донишмандони дигар аслӣ ва воқеӣ будани идеяи ҷомеаи шаҳрвандиро тасдиқ намуда, аз он интизориҳои зиёд доранд, барои исботи фикри худ далелҳои эътимоднокеро пешниҳод менамоянд. Бо вуҷуди нуқтаи назарҳои мухталиф дар ин самт баҳсу мунозираҳо ва тадқиқотҳо идома доранд.

Аз таҳлилҳои бешумори донишмандон хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ зинаи махсуси рушди ҷомеа, шакли ташкилоти иҷтимоӣ ва навъи сохтори сиёсиест, ки соҳибихтиёрӣ, мухторият, имкониятҳои якхелаи рушд ва зиндагии шоёну арзандаи ҳар як шаҳрвандро таъмин намуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шахсии одамонро кафолат медиҳад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, қабл аз ҳама, ифодагари манфиатҳо, озодиҳо, талаботҳои шаҳрвандон, ҷомеаи мутамаддини демократӣ ва ҳуқуқбунёд буда, дар он барои истисмор, ҳокимияти истибдодии як шахс ё гурӯҳ, идораи бераҳмонаи бюрократӣ ва маъмурӣ, тоталитаризм, зӯроварӣ нисбати одамон ва поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ҷой нест ва дар он ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, принсипҳои гуманизм ва адолат эҳтиром гузошта мешавад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ низоми муносибатҳо ва институтҳои иҷтимоии ғайриҳукуматиест, ки амалишавии ҳуқуқу озодиҳо ва қонеъ гаштани талаботу манфиатҳои аъзоёни ҷамъиятро кафолат медиҳад, ҷомеаи бисёрсохтораи дорои иқтисодиёти омехта, фазои мусоиди соҳибкорӣ, тадбиқи ташаббусҳои наҷиб ва мувозинати манфиатҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ буда, шаҳрвандон фаъолияти мақомоти давлатиро тавассути ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва васоити ахбори омма зери назорат мегиранд, дар ҳолати зарурӣ ба он таъсир расонида метавонанд. Рисолати асосии сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ зери назорат гирифтан ва таъсир расонидан ба элитаи ҳукмрон, иштироки васеи шаҳрвандон дар идораи давлатӣ, тарбияи инсони озод, худшинос, фаъол ва дорои шуур ва маданияти баланди ҳуқуқӣ, муттаҳид намудани шаҳрвандон дар як фазои ҳуқуқӣ ва таъмини шароити мусоиди фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мустақилият, ташаббускорӣ, қобилияту тавоноӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва дигар сифатҳои иҷтимоии шахс мавқеи марказиро ишғол намуда, ҳар як инсон барои рафтору амали худ масъул мегардад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ин саҳнаи мубориза шаҳрвандон аст, ки барои талаби риоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо, зиндагии шоён ва арзандаю сазовор талош мекунанд. Муҳимтар аз ҳама, дар ҷомеаи шаҳрвандӣ дахолати мақомоти давлатӣ ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон кам мегардад. Давлату ҳукумат дар хизмати халқ мебошанд. "Мувофиқи ақидае, ки гӯё фард торафт аз давлат ва ҷомеа бегона мешавад, бо телевизион ва компютер танҳо мемонад, дар ҳаёти ҷомеа иштирок намекунад, асоси воқеӣ надорад. Аммо моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ на дар шаклҳои гуногуни таъсири байниҳамдигарии одамон, балки дар он зоҳир мешавад, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ фард дар зери муҳофизати ҳуқуқ барои интихоби худ пурра ҷавобгар аст. Давлат ҳуқуқ надорад ба ҳаёти шахсии инсон дахолат кунад, то агар ягон ҳуқуқвайронкунӣ содир накунад. Рисолати ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бо ҳам овардани ҷомеа, пайваст намудани манфиатҳои шахсӣ ва умумиҷамъиятӣ, миёнаравӣ байни шахс ва ҳокимияти давлатӣ ифода меёбад" [5, с. 106].

Ҷомеаи шаҳрвандӣ унсурҳои зеринро, мисли умумиятҳои ибтидоии худидоракунандаи одамон (аз ҷумла оила, ширкатҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ассотсиатсияҳо, иттиҳодияҳои касбӣ, эҷодӣ, этникӣ, варзишӣ, фарҳангӣ ва амсоли ин), муносибатҳои ғайридавлатии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва ғайраро фаро мегирад [4, с. 48]. Мақсад аз созмон додани ин гуна умумиятҳо ва ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ халос хурдан аз идора ва назоратӣ қатъии мақомоти давлатӣ, қонеи муҳимтарин манфиату талаботҳои иҷтимоӣ ва

амалигардонии имкониятҳои нуҳуфтаи одамон барои некуаҳволии ҳамаи аъзоёни ҷомеа мебошад. Дар ҷомеаи шаҳрвандӣ одамон ба давлат умед набаста, некуаҳволии худро бо неруи худ таъмин кардан мехоҳанд ва ин иқтидорро низ доранд. Инъикос гаштани манфиатҳои шахсӣ тавассути манфиатҳои гурӯҳӣ, муҳимтарин шакли зоҳиршавии манфиатҳо дар ҷомеаи муосир мебошад. Аз ин рӯ, барои шаҳрвандон ворид шудан ё тааллуқ доштан ба гурӯҳ ё иттиҳодияи муайян аз намояндаи гурӯҳ дар байни аҳолӣ будан аҳамияти бештар дорад [10, с. 53-54].

Ҷомеаи шаҳрвандӣ низоми худтанзимшаванда, худташкилкунанда ва худрушдёбанда мебошад, ки муносибатҳои байни одамон бештар характери горизонталӣ (уфуқӣ) дорад, аз маҷмӯи унсурҳои иҷтимоии мустақилу мухтор (одамон, ташкилоту муассисаю иттиҳодияҳои таъсисдодаи онҳо) таркиб ёфтааст, ки тавассути муносибату робитаҳои озоду баробар иродаи худро ифода менамоянд, манфиатҳои худро амалӣ гардонида, талаботҳои муҳимми ҳаётии хешро қонеъ мегардонанд ва дар баробари ин барои фаъолият ва рушди бомуваффақияти худ шароитҳои заруриро муҳайё месозанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ на танҳо ҷомеаест, ки одамон дар он сазовор ва шоиста зиндагӣ мекунанд, балки иттиҳодияест, ки дар он инсон худро иштирокчии комилҳуқуқи равандҳои демократӣ эҳсос менамояд.

Дар Тоҷикистон айни замон ба маънои пуррааш ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд надорад, ҳанӯз ҷуз идеал ва ё орзуе беш нест, ҳарчанд баъзе унсурҳои ин гуна ҷомеа дида мешаванд, аммо идеяҳои асосии он дар байни оммаи васеъ, шуури ҷамъиятӣ ва маданият паҳн нагардидааст. Чи хеле ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд: “Мо ҳанӯз дар оғози эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорем. Таҷрибаи таърихии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон собит месозад, ки бунёди чунин давлат раванди тӯлонӣ мебошад. Ҳарчанд ки аз замони ба истиқлол расидани давлати мо ҳанӯз давраи зиёд нагузаштааст, вале мо аллакай шоҳиди густариши раванди гуногунандешии сиёсӣ, рушди босуръати фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва ниҳодҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварамон ҳастем ва дар ин самт аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои фаъолияти озоди онҳо ҳамаи шароити мусоид фароҳам оварда шудааст” [7].

Ҷомеаи шаҳрвандиро мисли сохтмони “коммунизм” – и даврони шӯравӣ бо шиору ҳангомаҳо сохтан имконнопазир аст. Тахмин кардан мушкил аст, ки давлат худ ба худ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёбад. Ин табдилёбӣ дар ҳолати пурра демократӣ гардидани сохтори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва рушди бетанаффуси ҷомеа имконпазир мегардад. Имрӯз мо низоми ташкилотҳои худмухтору худфаъолияти шаҳрвандонро, ки барои ҳимояи манфиатҳои худ дар радифи давлат талош менамоянд, дар манотиқи гуногуни ҷаҳон мушоҳида мекунем. Ҳатто дар давлатҳое, ки шакли идоракунии демократӣ заиф аст, унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мисли ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ассотсиатсияҳо ва амсоли инҳо ба мушоҳида мерасанд. Дар илми муосир нишондиҳандаҳо (индексҳо)-и гуногуни ченкунии сатҳи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода мешаванд. Ба сифати ин нишондиҳандаҳо ҷанбаҳои гуногуни ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ, мисли сифати зиндагӣ, ҳифз ва риоя гардидани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, худэҳсоснамоии аҳолӣ, сатҳи озодӣ, таъсири иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба қарорҳои мақомоти давлатӣ, муносибати аҳолӣ ба институтҳои асосии сиёсӣ, фаъолии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра баромад менамоянд.

Мувофиқи мушоҳидаҳо демократия дар он ҷомеаҳое нисбатан тадбиқшуда ва устувор аст, ки дар онҳо низоми институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ рушд ёфтаанд ва озодона амал мекунанд. Дар давлатҳои рушдкардаи демократӣ ҳуқуқу озодиҳо ва ташаббускориҳои шаҳрвандон тавассути иштироки васеъ доштан дар ҳизбҳои сиёсӣ, ассотсиатсияҳо, ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту институтҳои ҷомеаи шаҳрвандии фаъолияташон худмухтор тадбиқи худро меёбанд. Ба институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, ташкилотҳо, ҳаракатҳо ва ҷамъиятҳои ҷавонон, ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, экологӣ, фарҳангӣ-маърифатӣ, хайриявӣ, ассостсиатсияҳо, иттиҳодияҳои эҷодӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии соҳибкорӣ, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои касбӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва амсоли ин дохил мешаванд. Умуман, ҷомеаи шаҳрвандӣ аз маҷмӯи институтҳое иборат аст, ки аъзоёни он дар низоми мураккаби фаъолияти ғайриҳукуматӣ, мисли соҳаи истеҳсолот, маданият, ҳаёти оилавӣ, ассотсиатсияҳои ихтиёрӣ ва амсоли ин иштирок намуда, аз фишори доимии мақомоти ҳокимияти давлатӣ озоданд ва баръакс, фаъолияти ин мақомотро зери назорати қатъӣ мегиранд. Дар ин бора донишманд Ҷон Кин чунин менависад: “Воқеан дар баробари пайдо шудани кӯшишу майли одамон ба иттиҳодияи иҷтимоӣ давлати мустабид ба

харобшавӣ рӯ меорад. Чи қадаре ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар қобилияти худ ба худидоракунӣ боварӣ пайдо намояд, ҳамон қадар ниёзмандӣ ва талаботи он ба институтҳои ҳокимияти давлатӣ кам мегардад... Таваҷҷуҳ ва манфиати умумӣ ба устуворӣ – ин "қонуни" ҷомеаи шаҳрвандист" [2, с. 49].

Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо хоҳишу ташаббуси шаҳрвандон ва мусоидати давлат ташкил мешаванд. Давлат барои фаъолияти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фазои ҳуқуқиро фароҳам месозад. Ҳоло барои ташкили институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд, аммо дар ояндаи наздик институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шаклгирии ҳокимияти давлатӣ нақш мегузоранд ва ҳатто давлат ба унсури асосии ҳаёти ҷамъиятӣ табдил меёбад (на баръакс). Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои гуфтугӯи омма бо ҳокимият, таъсир расонидан ба мақомоти давлатӣ ва назорати фаъолияти онҳо хеле муҳим аст. "...Институтҳои ҳокимияти давлатӣ бояд ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳисоботдиҳанда бошанд, ки ба шарофати ин ҳокимияти давлатӣ ҳаёти шаҳрвандонро нисбатан муташаккил ҳамоҳанг, ҳифз ва танзим менамояд" [2, с. 49].

Президенти кунунии Россия В. Путин дар яке аз баромадҳояш гуфта буд, ки дар шароити демократия равандҳои сиёсиро бе иттиҳодияҳои ғайриҳукуматӣ, бе назардошти мавқеъ ва афкори онҳо тасаввур намудан ғайриимкон аст, махсусан бе институти асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ - ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ё ба ибораи дигар, "сектори сеюм". «Ҷомеаи шаҳрвандӣ барои он шаҳрвандӣ аст, ки дар асоси низоми алоқаҳои мутаносиб созмон меёбад, ки байни институтҳои ҳокимияти сиёсӣ ва шаҳрвандон, байни институтҳои ҳокимият ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барқарор мешаванд. Ба ибораи дигар, ин низомест, ки давлат одамонро гӯш карда метавонад... Тамоми хизматчиёни давлатӣ бевосита ва бавосита ҳам дар шакли электронӣ бояд бо одамон муошират кунанд. Ин ҳолат фосила ва масофаи байни ҳокимият ва одамонро кам менамояд. Чи қадаре ки ин фосила кам гардад, ҳамон қадар ҷомеаи шаҳрвандӣ рушд меёбад» [4].

Ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар байни дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле назаррасанд, зеро дар Тоҷикистон шумораи онҳо торафт меафзояд. Зоҳиран, ин ташкилотҳо дар ҳамаи равандҳои иҷтимоӣ иштирок доранд, аммо фаъолияти онҳо комилан ба грантҳо, донорҳо ва маблағгузории ташкилотҳои хориҷӣ ва шахсони алоҳида вобастагӣ дорад. Кор то ба дараҷае расидааст, ки субъектони алоҳидаи муносибатҳои иҷтимоӣ барои гирифтани кумаки молиявӣ ва ё грантҳои хориҷӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ мекушоянд ва ҳамин ки аз тарафи сарчашмаҳои номбаршуда маблағгузорӣ қатъ шуд, бештари онҳо зуд аз фаъолият мемонанд, яъне минбаъд мустақилона кори худро пеш бурда наметавонанд. Аз ҷониби давлат ба онҳо қариб кумаке расонида намешавад. Дар бештари ҳолат дар симои ташкилотҳои ҷамъиятӣ неруи мухолиф ё оппозитсиониро мебинанд. Ҳарчанд ин ташкилотҳо ба ном худмухтору, худташкилкунанда ҳастанд, аммо низомнома ва доираи фаъолиятҳои онҳо аз тарафи давлат муайян карда шуда, зери назорати ҷиддӣ қарор доранд. Мақоми ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҷамъият батадриҷ паст мегардад.

Низоми мустақили назорати ҷамъиятии ҳокимияти давлатӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мақоми баландро соҳиб мегардад. Як воситаи назорати ҷамъиятии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони алоҳидаи масъул васоити ахбори омма (ВАО)-и мустақил ва озод мебошад, ки дар ташаккули заминаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур мебошанд. Дар рӯзҳои таҷлил аз ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигори шабакаи телевизионии "Евронюс" мусоҳиба ороста, аз ҷумла гуфта буданд: «Шоҳид ҳастам, ки дар соли аввали истиқлолият Тоҷикистон дорои чор газетаи хусусӣ, як телевизион, як агентии иттилоотии давлатӣ буд, ҳоло дар Тоҷикистон қариб 3 ҳазор созмонҳои ҷамъиятӣ, ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, қариб 500 рӯзномаву маҷалла мавҷуданд, ки 60 фоизи онҳо хусусиянд. Ҳамзамон, чилу чор шабакаи телевизионӣ фаъол аст, ки аз ин танҳо чортояшон давлатиянд. Дар риояи ҳуқуқи инсон мо қадам ба қадам корҳои зиёдеро анҷом медиҳем. Албатта, мушкилоти зиёде дорем, ки ҳамаи он зина ба зина ҳалли худро меёбанд» [8].

Имрӯз ВАО – ро ба маънои пуррааш озод гуфта наметавонем, ҳоло ҳам ВАО ба манфиати гурӯҳҳои гуногуни неруманд хизмат менамояд. ВАО бояд аз сензураи давлатӣ озод ва мустақил бошад, он бояд минбари озоде бошад, ки шаҳрвандон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ нуқтаи назари худро оиди дилхоҳ масъала ва раванду ҳодисаҳои рӯйдодаистода озод баён карда тавонанд. Бо вуҷуди ҳамаи мушкилиҳо, ВАО роҳе ёфта, ахбори заруриро ба ҷомеа пешниҳод мекунанд, махсусан, дар шароите ки ВАО бо интернет, телевизиони рақамӣ ва

технологияи навтарини коммуникатсионӣ мусаллаҳ мегарданд, ҳарчанд ин ахборот на ҳама вақт пурра, объективӣ ва аз овозаҳо ориананд. Шабакаи иҷтимоии глобалӣ ба воситаи мубодилаи маълумот, амали мустақилона, нишон додани ташаббусҳо ва ҳалли масъалаҳои пайдошуда табдил меёбад. Дар ин самт нақши глобалии Internet бағоят бузург аст. ВАО-и анъанавӣ мақоми қаблии худро бо сабаби рушди истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ (мисли Facebook, Твитер ва ғайра), ки дар байни аҳолӣ маъмул мегардад ва барои мустаҳкам шудани робитаҳои байни одамон мусоидат менамояд, аз даст медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳадс зада метавонем, ки дар солҳои наздик технологияи навтарини коммуникатсионӣ ба минбари асосии паҳн намудани ахбороти зарурӣ ва майдони фаъолияти густардаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёбад. Бояд ёдовар шавем, ки озодии сухан дар ҷомеаи демократӣ бемаҳдуд нест, дар шароити мушаххас ва ба мақсадҳои муайяни барои миллату давлат муҳим маҳдуд карда мешавад.

Иттифоқи касаба низ муҳимтарин институти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷое, ки иттифоқи касаба воқеан рисолати хешро ба анҷом намерасонад, он ҷо ҳатман поймолнамоии ҳуқуқи кормандон ҷой дорад, зеро дар мавриди мавҷудияти иттифоқи касабаи неруманд ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон ҳифз гардида, баҳсҳои меҳнатӣ объективан ҳалли худро меёбанд. Ҳоло иттифоқҳои касаба ба ном вуҷуд доранд, кормандон ҳангоми поймол гардидани ҳуқуқҳои меҳнатии худ аз ин институт ҳеҷ умеде надоранд ва ба он такя намекунанд, мақоми онҳо дар назди ҷомеа хело поён рафтааст.

Дигар институти муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ, ин мавҷудияти оппозитсия ё мухолифони ҳокимияти сиёсӣ мебошад. Маҳз мавҷудияти оппозитсия ҳамчун неруи сиёсӣ ва инъикосгари фаъолии шаҳрвандон ба рушди ҷомеа роҳ мекушояд, камбудиҳои намояндагони мақомоти давлатии ҳукмронро ошкор намуда, роҳҳои алтернативии ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаро нишон медиҳад. Ба ақидаи донишманди рус С. А. Кислистин, «бе мухолифини созанда дар давлат тамоюли авторитарӣ ва диктаторӣ меафзояд, вайроншавӣ ва таназзули қувваҳои ҳукмрони идоракунанда оғоз гардида, интихобот хусусияти расмӣ касб карда, ба авторитаризм ва тоталитаризм замина гузошта мешавад» [3, с. 138-139]. Дар саҳифаҳои матбуот ва маҳфилҳои гуногун гуфта мешавад, ки ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон танҳо дар арафа ва замони интихоботҳои парлумониву президентӣ фаъол мешаванд ва номи баъзе аз ҳизбҳо аввалину охирин бор танҳо дар интихобот садо медиҳад. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи ҷойивазнамоии ҳокимият неруманд нестанд. Ба ақидаи коршиносон ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ қариб ки ягон нақше намебозанд. "Ба назар чунин мерасад, ки раисону аъзои ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон рисолати худро танҳо дар гузаронидани анҷуману интихоб кардани раисони худ ва пешбарӣ кардани номзадҳои ҳизб ба интихобот мебинанду тамом. Ҳол он ки дар дигар кишварҳои мутамаддин маҳз ҳизбҳои сиёсӣ платформаи рушди иқтисодии мамлакат, самти сиёсати хориҷӣ, афзалиятҳои ҳаёти сокинони кишварро дар асосҳои илмиву таҷрибаҳои таърихӣ пешбарӣ ва амалӣ мекунанд" [1].

Аз таҳлилҳои сарчашмаҳои дастрас ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон монеаи асосии эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ - ин мустақилу озод, рушдёфта ва соҳибихтиёр набудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Институтҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле заифанд, дар байни ҷомеа қариб мақоме надоранд, ба сиёсат қариб таъсире расонида наметавонанд. Оиди худидоракунии маҳаллӣ, иттифоқҳои касабаи мустақил, озодии матбуот ё ВАО ҳоҷати сухан гуфтан ҳам нест. Ҳол он ки ташаккулёбии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои элитаи ҳукмрон манфиатҳои зиёд дорад. Масалан, ҳама гуна ҳокимият барои ошкор намудани мушкилоти ҷамъият ва ёфтани роҳҳои ҳалли онҳо ҳавасманд аст, ки дар ин самт институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ кумак мерасонанд. Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ "оина"-е мебошанд, ки дар он элита симои сиёсии худро ба тартиб дароварда метавонад. Аз ин сабаб, ҳамкориҳои байни ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ манфиати мутақобила доранд.

Монеаи дигари рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ он аст, ки худи шаҳрвандон одат накардаанд, ки худро мухтор, озод, масъулиятшиносу ташаббускор эҳсос кунанд ва барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ мубориза бурда тавонанд. Одамон барои фаъолияти мустақил омода нестанд, манфиатҳои худро пурра намефаҳманд ва барои қонеи онҳо тарзи мубориза бурданро намедонанд. Ҳарчанд сохтори давлат тағйир ёфтааст, аммо қолабҳои даврони тоталитаризми шӯравӣ, мисли одат кардан ба низоми фармонфармоӣ, ҳамеша интизори таъйиноти нав будан, ҳамеша дар ҳолати тарсу ноумедӣ зиндагӣ кардан, худро оҷизу нотавон эҳсос кардан,

рӯҳияи итоаткорӣ, беташаббусӣ, пассивӣ, конформизм, хушомадгӯӣ, маҳалпарастӣ ва монанди инҳоро то ҳол аксарияти шаҳрвандони мо пайгирӣ мекунанд. Шаҳрвандон қариб ба корҳои сиёсӣ таваҷҷуҳи лозима надоранд, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дастгирӣ намекунанд ва худ низ иштирокчии фаъол нестанд. То ҳанӯз аксарияти шаҳрвандони мо ба мафҳуму моҳияти "ҷомеаи шаҳрвандӣ" ва унсурҳои асосии он сарфаҳм намераванд. Маҳз ин хислатҳои инсонӣ ба ташаккули институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ монеа мегарданд.

Умуман, дар рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёду шаҳрвандӣ монеҳои зиёде садди роҳанд, бартараф намудани онҳо ҳам ба иродаи қавию ҷасорати шаҳрвандон ва ҳам мусоидату ҳамкории байни ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагии зиёд дорад. Нишонаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамон вақт ташаккул меёбанд, ки шаҳрвандон ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои худро донанд, сохтори демократӣ ба маънои пуррааш ташаккул ёбад, аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ пеш равад, накуаҳволии мардум беҳтар шавад, халқ худшинос бошад. Унсури асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ «шахси фаъол, эҷодкор ва ташаббускор мебошад, ки ба ҳифзи манфиатҳои шахсӣ, фардӣ ва гурӯҳии худ омода аст» [9].

Умуман, барои эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амал тадбиқ гаштани чунин тадбирҳо мусоидат менамоянд:

- Таъмини волоияти воқеии ҳуқуқ ва эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.
- Таъмини шароитҳо барои рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки васеи онҳо дар ҳаёти сиёсии ҷомеа.
- Иштироки васеи омма дар идораи сиёсии ҷомеа новобаста ба маҳал, минтақа ва мутааллиқияти этникӣ-динӣ.
- Муҳайё намудани шароитҳои баробари рушд ва пешрафти шахсӣ ба ҳамаи шаҳрвандон новобаста ба синну сол, маҳал, минтақа ва мутааллиқияти этникӣ-динӣ.
- Оид ба масъалаҳои муҳимтарини рушди ҷамъиятӣ гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ ва чопу паҳн намудани натиҷаҳои он дар ВАО ва ғайраҳо.

Хулоса, дар давлатҳое, ки нишонаҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёду шаҳрвандӣ устувор аст, ба сӯйи тараққиёти ҷамъиятӣ роҳ ёфтаанд. Мо бояд таҷрибаҳои давлатҳои пешрафтаи хориҷиро омӯзем ва бо назардошти хусусиятҳои миллӣ дар рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳм гузорем.

## АДАБИЁТ


1. Акрами Санг. Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон бедор мешаванд? [электронный ресурс]. www. faraj.tj/politics/7693-1202izb1203oi-siesii-to1207ikiston-bedor meshavand.html0 / (06.01.15)
2. Джон Кин. Демократия и гражданское общество / Джон Кин; пер. с англ. Послесл. М. А. Абрамова. - М.: Прогресс – Традиция, 2001. – 400 с.
3. Кислицын С.А. Формирование гражданского общества в условиях российской демократической реформации. Монография / С.А. Кислицын. – 2-е изд., перераб. и доп. /СКАГС. - Ростов н/Д., 2005. – С. 138-139.
4. Маршалла Т. Проблемы формирования гражданского общества / Т. Маршалла. - М., 1993. – 321 с.
5. Орлова О.В. О роли права в самореализация личности в гражданском обществе / О.В. Орлова // Государство и право. – 2008. - №6. – С. 106.
6. Официальный сайт Президента РФ [электронный ресурс]. www.kremlin.ru/transcripts/10106
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [электронный ресурс]. www.president.tj/node/4318
8. Рӯзномаи "Чархи гардун" [электронный ресурс]. www.gazeta.tj/chg/4582-yemomal1251-ra1203mon-ziyoni-ta1203rim1203o-ba-avrupovu-1206opon-1203am-rasidaast.html
9. Скобелина Н.А. Гражданское общество в России: проблемы институционализации / Н.А. Скобелина // Политэкс. - 2007. - №3. – С. 63-69.
10. Черниловский З.М. Гражданское общество: опыт исследования / З.М. Черниловский // Государство и право. - 1992. - № 6. - С. 53-57.


## ИНСТИТУТҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ: МОНЕАҲО ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ


Дар мақола нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди ҷомеа ва устувории системаи сиёсӣ дида баромада шудааст. Инчунин, омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқии рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд. Ба ақидаи муаллифон институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо хоҳишу ташаббуси шаҳрвандон ва мусоидати давлат ташкил мешаванд. Давлат барои фаъолияти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фазои ҳуқуқиро фароҳам месозад. Ҳоло барои ташкили институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд, аммо дарояндаи наздик институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шаклгирии ҳокимияти давлатӣ нақш мегузоранд. Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои гуфтугӯи омма бо ҳокимият, таъсир расонидан ба мақомоти давлатӣ ва назорати фаъолияти онҳо хеле муҳим мебошанд. Дар мақола нақш ва ҷойгоҳи ҳар як институти ҷомеаи шаҳрвандӣ, мисли ташкилотҳои ҷамъиятӣ,

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма, иттифоқи касаба, ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайраҳо бо далелҳои равшан нишон дода шудаанд. Ба ақидаи муаллифон, демократия дар он ҷомеаҳое нисбатан тадбиқшуда ва устувор аст, ки дар онҳо низоми институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ рушд ёфтаанд ва озодона амал мекунанд. Аз замони ба истиқлол расидани Тоҷикистон ҳанӯз давраи зиёд нагузаштааст, вале фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва ниҳодҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ густариш меёбанд ва дар ин самт нақши давлат назаррас мебошад.

**Калидвожаҳо:** ҷомеаи ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, институти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахс, ташкилоти ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма, ҳизби сиёсӣ, иттифоқи касаба, интернет.

## ИНСТИТУТЫ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА: ПРЕПЯТСТВИЯ И ПУТИ РАЗВИТИЯ

В статье изложена роль институтов гражданского общества в развитии общества и стабилизации политической системы. А также всесторонне ализируются социально-экономические и правовые факторы развития институтов гражданского общества в Республике Таджикистан. По мнению авторов, институты гражданского общества создадут пространство для деятельности правового государства. Для диалога власти с институтами гражданского общества, СМИ очень важно роль СМИ. В статье показаны место и роль каждого института гражданского общества, а также общественной организации, общественных объединений, средств массовой информации, профсоюзов, политических партий и т. п. По мнению авторов, они свободно действуют в системе развития институтов гражданского общества. В период независимости Таджикистана наблюдалось ускоренне развитие различных институтов гражданского общества, расширения деятельности в этом направлении политических партий.

**Ключевые слова:** правовое общество, гражданское общество, институты гражданского общества, права и свободы личьности, общественные организации, средства массовой информации, политические партии, профсоюзы и Интернет.

## CIVIL SOCIETY INSTITUTIONS: OBSTACLES AND SOLUTIONS DEVELOPMENT

The article describes the role of civil society institutions in the development of society and the stabilization of the political system. As well as comprehensively liziruut socio-economic and legal factors in the development of civil society institutions in the Republic of Tajikistan. According to the authors of the initiative, will contribute to the organization choice citizens and the state with civil society institutions. Creates space for institutions of civil society and legal state. Currently, to create institutions of civil society and the promotion of state bodies, civil society institutions, state power, but puts in salvirii role in the near future. For dialogue of the government with civil society institutions, mass media, state bodies of control and affect their activity, is very important. In the article the place and role of each institution of civil society as public organizations, public associations, mass Media, trade unions, political parties, etc. that is clearly shown. According to the authors cited in this democracy and sustainable implementation regarding olaae that they operate freely in the system of development of civil society institutions and found. Ongoing period after independence, Tajikistan still plenty of time, but also accelerated the development of various civil society institutions, expansion in this direction, political parties the role of the state is growing considerably.

**Key words:** legal community, civil society, civil society, human rights and freedoms lichnost, NGOs, the media, political parties, trade unions and the Internet.

**Сведения об авторах*: Бахромбеков Вафобек Ахмадбекович*.** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, заведующий кафедрой социологии. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-549-38-18**. E-mail: **daler04@mail.ru**
***Миров Фируз Сафаралиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры социологии. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон: **93-733-33-11**. E-mail: **mirov2010@mail.ru**

**Information about the author:** ***Bahrombekov Vafobek Amadbekovich*** – Tajik National University**,** Candidate of Philosophy, senior lecturer of the Department of Sociology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17.
Phone: **93-549-38-18**. E-mail: **daler04@mail.ru**
***Mirov Firuz Safaralievich*** – Tajik National University**,** Candidate of Philosophy, senior lecturer of the Department of Sociology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **93-733-33-11**.
E-mail: **mirov2010@mail.ru**

УДК:371(575.3)

# ЛИЧНОСТЬ И ЕЕ ФОРМИРОВАНИЕ В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИИ ОБЩЕСТВА (на примере таджикского общества)

*Тураев Ф.*
**Таджикский технический университет им. М. Осими**

Исследование и решение проблемы личности всегда стояли в центре внимания социальной философии. В советский период стояла задача воспитания всесторонне развитой личности, воспитание нового человека, отвечающего требованиям великого советского проекта - строительства нового общества. Задача ученых сводилась, главным образом, к тому, чтобы теоретически объяснить и решить проблему формирования личности нового типа в условиях перехода народов от докапиталистических отношений к социализму. Это касалось, в первую очередь народов Центральной Азии, в частности Таджикистана, миновавших в своем развитии стадию капитализма. Справедливости надо отметить, что на этом пути в советскую эпоху были проведены масштабные работы по воспитанию молодого поколения в духе преданности идеалам гуманизма и социальной справедливости.

Однако эта проблема остается актуальной и в постсоветский период, когда вновь образованные государства получили независимость и свободу как самостоятельных субъектов международного права. По мнению таджикского философа Х. Идиева, «трансформационные процессы обычно разворачиваются не в плоскостях отрицания прошлого опыта социотворчества социума, а, наоборот, на основе позитивной трансляции социотворческого опыта предыдущих поколений, его использования при формировании ценностных ориентаций людей, определении ориентиров и оснований их идентичности и т.д.» [5, с. 186].

Жизнь ставит перед философией новые и новые вопросы. К числу их относится и рассматриваемая нами проблема формирования личности современного типа эпохи глобализации в таджикском обществе. Каков облик и главные черты современной личности? Каковы должны быть приоритеты этой личности? Какие препятствия существуют на пути формирования всесторонне развитой личности? Что должна предпринимать власть во избежание разного рода конфликтов в молодежной политике? Какие изменения социальной среды необходимы для благоприятствования становления гармоничной и всесторонне развитой личности? Эти и другие вопросы определяют важнейшие траектории решения проблемы личности в современном обществе. В данной статье лишь делается попытка наметить лишь общие контурные задачи в этом направлении и пути их решения.

Становление и формирование личности имеет первостепенное значение для молодого и независимого государства, таких как Таджикистан. Воспитание нового поколения, свободного от всяких идеологических штампов, является актуальной проблемой, ибо от воспитания мировоззрения молодежи зависит ее будущее. По мере укрепления государственного строительства и независимости изменялись мировоззренческие позиции и идеалы молодежи.

Если условно разделить этапы развития Таджикистана как независимого государства и становления его государственности, то с момента приобретения независимости и по настоящее время таджикское общество прошло три основных этапа: первый этап охватывает 1991 по 1997 гг. – это этап обретения независимости и начала гражданской войны в Таджикистане. Второй этап охватывает период с 1997 по 2006 гг. – период укрепления институтов государственной власти и поиск модели светского и демократического развития.

Третий этап – охватывает период с 2006 по настоящее время, направлен на решение стратегических задач для обеспечения политической , экономической независимости, развитие демократических институтов гражданского общества, а также построение и выход на индустриально –аграрный уровень развития. Каждому из этапов соответствует определенный тип личности, который доминирует в социальном пространстве, прежде всего, среди молодежи и других социальных групп и слоев населения.

На первом этапе, несмотря на крах прежней коммунистической идеологии и ослабление функционирования государственной власти, который сопровождался гражданской войной, доминирующей тенденцией стало столкновение, с одной стороны, сторонников законно избранной власти, нацеленной на построение демократического, светского государства, а с другой –

фанатично настроенных сторонников исламского государства. Особенного опасными стали рост и радикализация религиозного сознания молодежи. Воспользовавшись предоставленной политической свободой и обретением независимости, под видом «демократизации общества», фанатично настроенные религиозные лидеры и примкнувшая к ним часть интеллектуальной элиты открыто призывали к построению исламского государства на основе норм и ценностей мусульманского шариата. Для осуществления данного проекта в массовом порядке начали привлекаться подростки и молодежь. Проявляя нетерпимость к прежней коммунистической идеологии, религиозная верхушка открыто выступала против институтов светской государственной власти, что стало катализатором гражданской войны в стране. В условиях нестабильности, ослабления государственной власти и отсутствия идеологии стала развертываться борьба за власть **деконструктивны**х сил, поддерживаемых ортодоксальными мусульманскими государствами. Страна оказалась в глубоком экономическом, политическом и духовном кризисе.

Запущенные рычаги рыночной экономики начали функционировать в самом наихудшем диком варианте, что привело к обогащению кучки олигархического меньшинства и обнищанию значительного большинства народа. Рыночная экономика требует и рыночной психологии, а значит, иных ценностных ориентаций, основанная на идеологии "индивидуализма". «Характер современного общественного развития требует рассматривать человеческую индивидуальность как общекультурную ценность. формирование такой личности возможно лишь через ее приобщение к высшим достижениям мировой цивилизации». [6, с. 285] Деиндивидуализация подавляла активность и инициативу человека, препятствуя проявлению личностных характеристик и самостоятельности мышления. Деиндивидуализация по сути являлось идеологией, направленная на воспитание послушных граждан, выступающих в качестве "винтиков" или необходимого звена в сложной иерархической цепи власти.

Общество оказалось психологически неготовым к перемене общественного строя, и некоторое время находилось в состоянии шока. Переход от административно-командной системы к рыночной экономике и процесс адаптации для населения осуществлялся болезненно, неся с собой огромные материальные и моральные потери. И чем быстрее общество освобождалось от иждивенчества, полагаясь лишь на собственные возможности в обустройстве своей жизни, тем эффективнее зарабатывали его экономические механизмы. Лишенный индивидуальности человек не может относиться критически к своим поступкам и нести ответственность за свою судьбу или старается переложить это бремя на плечи других.

Другая не менее важная задача была связана с преодолением в сознании людей негативного отношения к частной собственности, основанного на личном труде. Этому мешал, с одной стороны, привитый на протяжении 70 лет менталитет соборности, коллективности, основу которой составляет подавление интересов личности и принцип всеобщего равенства, на деле ведущий не к социальной справедливости и равенству, а к уравниловке и "равенству" в нищете. Однако не следует абсолютизировать в личности психологию индивидуализма и коллективизма, тем более противопоставлять их друг другу. Как отмечает К. Вальверде, «великие коллективные системы стали жертвами своих ошибок и, прежде всего, попытки растворить личность в тотальности» [3, с. 360]. Но индивидуализм также не может служить в качестве образца, ибо без нравственного измерения он проявляет себя с негативной стороны как эгоизм и «безразличный одинокий атом».

Второй этап (1997 - 2006) условно обозначенный как поиск «идентификационной ментальности», связан с окончанием гражданской войны и укреплением институтов государственной власти. В этот период главной задачей государства были, наряду с восстановлением разрушенного войной народного хозяйства, решение ряда социально-экономических вопросов, поиск идеологии, национальной идеи, формирование и воспитание чувства патриотизма, национальной идентичности, формирование научного мировоззрения личности молодежи, и на этой основе построение светских и демократических основ государственной власти. При отсутствии целостной идеологии в роли идеологии выступала идеология независимости и патриотизма. Для осознания своей независимости и свободы и укрепления национального патриотизма большое значение имело глубокое изучение и осмысление своей прошлой славной истории. Консолидирующей идеей в сплочении нации послужило государство Саманидов – первое в истории государство таджиков во главе с эмиром Исмаилом Сомони, с которым связывают эпоху мусульманского Ренессанса. Конструированию национальной идентичности и сплочению нации также способствовали чествование великих персидско-

таджикских философов, ученых, поэтов, писателей, таких как Рудаки, Фирдавси, Ибн Сина, Джалаледдин Руми, Насир Хусрав, а также видных религиозных деятелей Имоми Аъзам Абу Ханифа, Имом аль-Бухори и других деятелей науки и культуры таджикского народа. Вдохновленные их идеями были проведены международные конференции, симпозиумы, круглые столы, что способствовало подъему национального самосознания и воспитанию сознания и мировоззрения молодежи на новых идеалах и ценностях, становлению новой личности в условиях суверенитета и национальной независимости. Однако этот процесс проходил в условиях острых идеологических столкновений и внутренних и внешних противоречий.

Демократизация общественно-политической жизни общества открыла широкие возможности для различных слоев населения, особенно для молодежи, воспользоваться конституционными правами и свободами. Впервые в Центральной Азии была легализована религиозная партия – Партия Исламского Возрождения Таджикистана, костяк которой составляла бывшая Объединенная таджикская оппозиция (ОТО). На волне демократизации открылся доступ к получению качественного образования за рубежом, в частности, в странах ближнего зарубежья (главным образом в России), а также дальнего зарубежья (Европа, Китай, Индия, США, Ближний и Средний Восток и др.). Государство само оказывало необходимую финансовую помощь в отправке талантливой молодежи за рубеж с целью подготовки высококвалифицированных кадров для различных отраслей народного хозяйства.

Ущерб, нанесенный гражданской войной, откинул республику на несколько десятилетий назад, что негативно отразилось на экономике государства и, соответственно, на экономическом положении населения. Охвативший республику социально-экономический кризис вынудил граждан республики, прежде всего молодежь, покинуть ее пределы и податься в трудовую миграцию.

Третий этап (2006-2013) в становлении государственности проходил в борьбе против терроризма и тех негативных явлений, имеющих место в молодежной политике. В первую очередь нужно было вернуть молодых граждан Таджикистана, оказавшихся в сетях международных террористических организаций и преступных группировок, ведущих идеологическую и информационную войну с вновь образованными на территории Центральной Азии молодыми светскими демократическими государствами. Несмотря на предпринятые меры со стороны государства по возвращении обманутой таджикской молодежи, определенная часть из них вступила в ряды международных террористических организаций, таких как Хизб-ут-тахрир, аль Каида, ИГИЛ и др. и непосредственно принимала участие в боевых действиях на территории Ирака и Сирии. Эти процессы начали негативно отражаться на духовном воспитании подрастающего поколения, где наметились, не без помощи иностранных агентств, тенденция радикализации религиозного сознания молодежи и угрозы светскому государству.

Однако наряду с этим наметилась другая тенденция, когда родители самостоятельно отправляли своих детей в мусульманские страны Ближнего и Среднего Востока для получения религиозного образования, не давая себе отчет о качестве, уровне и цели обучения в этих странах. Как показала практика, в своей массе отправленные учащиеся и студенты, неконтролируемые государством и его соответствующими институтами, попадали в руки экстремистских и террористических групп. В так называемых «университетах» и медресе их обучали не канонам ислама: Корану, фикху (исламской юриспруденции) или основам шариата, а главным образом военному делу для проведения террористических актов против неверных. Фактически их готовили к роли мучеников ислама – шахидов, моджахедов - борцов за веру, которые должны пожертвовать свою жизнь за будущее построение исламского государства ИГИЛ, а в целом, установление «Великого Халифата» во всем мире.

В связи с этим государством были предприняты меры, направленные на искоренения этих негативных явлений в таджикском обществе. Конкретно были приняты законодательные меры об ответственности родителей за воспитание своих детей». Выступая по проекту закона Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за воспитание и обучению детей» президент Таджикистана Эмомали Рахмон, в частности, сказал: На всех уровнях обучения, воспитания и совершенствования этики и духовности основная ответственность воспитания детей ложится на их родителей. Ибо отцы и матери находятся у истоков формирования мышления, чувства и мировоззрения своих детей, они видят и познают мир глазами своих родителей и определяют своё отношение с окружающей средой с точки зрения родителей» [1, с. 3].

На третьем современном этапе главная задача государства направлена на формирование личности с высоким уровнем **образования,** профессионализма, особенно молодых специалистов с высоким научно-техническим **образованием**, подготовку специалистов в области информационно-коммуникативных технологий, способных работать с новейшими передовыми технологиями и оборудованием и способных реализовывать, стоящие перед ней грандиозные задачи и планы, поставленные государством в различных областях экономики, промышленности и в целом народного хозяйства. Не случайно правительство взяло курс на технологизацию производства и объявило **2016** год – годом научно – технического прогресса, а 2017г. – годом молодежи. В этот период приоритеной политикой правительства является выдвижение в массовом порядке молодых кадров на руководящие должности во всех отраслях и областях социально-экономической и политической жизни страны.

В формировании личности, наравне с внутренними факторами, значительную роль играют внешние факторы. Во второй декаде текущего века значительно активизировались экстремистские и террористические деструктивные силы. От одноразовых террористических актов они перешли к масштабным военным действиям, собрав под свои знамена огромные вооруженные группировки террористов со всего мира, с целью содания исламского государства и образования “Великого Халифата”. Развернув тотальную информационную войну, идеологи и их эпигоны призывали молодежь со всего мира вступить в их ряды в борьбе с неверными. Многие молодые люди из Таджикистана, поддавшись на посулы вождей ИГИЛ о райской жизни, вступили в ряды террористов и начала воевать против законного правительств в Ираке и Сирии.

Таджикское правительство предприняло ряд мер по борьбе с международным терроризмом и распространением экстремистских идей в стране. В частности, вне закона и террористическими были объявлены такие партии и движения, как “Хизб-ут-тахрир”, “Салафия”, “ИДУ”, “аль-Каида” “ИГИЛ” и др. Несмотря на это, исламский экстремизм в нашем обществе перешел на нелегальную форму деятельности, распространяя свои экстремистские идеи внутри страны. Руководство страны вынуждено было запретить деятельность ПИВТ за их антигосударственную пропаганду и деятельность. Вскоре духовными вождями этой партии и их иностранными покровителями была организована попытка государственного переворота, который был подавлен правительственными войсками.

В настоящее время государство взяло курс на модернизацию общества во всех сферах экономики и главных ее отраслей – промышленности и сельского хозяйства, а также наращивание научно-технического потенциала с целью обеспечения этих отраслей высококвалифицированными и профессиональными кадрами. Это позволит решить стратегическую задачу государства – переход от аграрно - индустриальной к качественно новому уровню развития - индустриально-аграрному уровню развития.

Для решения этих и других задач стоящих перед обществом и государством потребуется подготовка и воспитание всесторонне развитой личности, оснащенной высоким интеллектуальным потенциалом, качественно новым образовательным уровнем мышления, обладающей широким научным мировоззрением, а с другой - отвечающим мировым научным стандартам. Кроме того, намеченные цели и задачи требуют подготовки специалистов с преимущественным уклоном с инженерно-техническим образованием, способных не только работать с высокотехнологическим оборудованием, но и создавать и внедрять в производство современное технологическое оборудование, конкурентоспособными на мировом рынке труда. Костяк этой «технической элиты» или «технократов» (в позитивном смысле) - должны составить местные выпускники, закончившие ведущие технические вузы страны и за рубежом, а также параллельно создавать элитные научно-технические центры по аналогии «Кремневой долины» в США или «Сколково» в России, Индии и др. странах, где сосредоточена интеллектуальная научная элита из числа молодых специалистов. Для этого необходимо поднять на новый уровень качество среднего и высшего образования в стране и первым шагом на этом пути должен стать переход от количественного подхода к качественному уровню подготовки специалистов высшей категории.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Э.Рахмон. Выступление президента страны по проекту закона Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за воспитание и обучению детей» / Э.Рахмон. Душанбе, 14 февраля 2010. – 12 с.
2. Бубер М. Проблема человека. Киев: Ника-Центр, 1998. – 96 с.
3. Вальверде К. философская антропология. -М.: Христианская Россия, 2000. – 411 с.

4. Зинченко В. П. Проблема личности в контексте культурно – исторического подхода / В. П. Зинченко // Гуманитарные исследования в Восточной Сибири и Дальнем Востоке . № 3, 2013. – С. 32 – 42.
5. Идиев Х. У. Трансформирующееся таджикское общество / Х. У. Идиев. -Душанбе: Ирфон, 2004. - 200 с.
6. Полежаев Д. В. Русский менталитет и демократизация общества / Д. В. Полежаев // Личность. Культура. Общество. М., 2004. – С. 276 -285.
7. Попович М. В. Личность и свобода: культурные стандарты / М. В.Попович // Национальное самосознание народов стран СНГ и Балтии. -М.: Прогресс-Традиция, 2009. – С. 14 – 20.
8. Резвицкий И. И. Личность.Индивидуальность. Общество / И. И. Резвицкий. -М.: Политиздат, 1984. – 140 с.
9. Кемеров В. Е. Проблема личности: методология исследования и жизненный смысл / В. Е. Кемеров. -М.: Политиздат, 1977. – 254 с.

## ЛИЧНОСТЬ И ЕЕ ФОРМИРОВАНИЕ В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИИ ОБЩЕСТВА
### (на примере таджикского общества)

Данная статья посвящена формированию личности: ее мировоззрения, идеалов, убеждений, ценностных ориентаций в таджикском обществе в условиях трансформации общества. В статье автор исследует основные этапы формирования личности в условиях независимости. Автором условно указываются три этапа становления и формирования личности – с момента обретения независимости (1991) по настоящее время. На каждом этапе развития личность подвергается тщательному анализу с точки зрения факторов, которые обуславливают важнейшие черты становления личности и формирования ее мировоззрения. В ходе исследования автор выделяет как положительные, так и отрицательные черты личности, влияющие на нее как субъекта гражданского общества. Среди этих черт следует выделить такие черты, как совмещение светского и религиозного, традиционного и инновационного, черт индивидуализма и иждивенческой психологии, общинной психологии и радикализации религиозного сознания молодежи и др.

**Ключевые слова:** личность, трансформация, самосознание, идентичность, индивидуализм, радикализация, национальная идея, независимость, менталитет, светское государство.

## ШАХС ДАР ШАРОИТИ ТРАНСФОРМАТСИЯИ ҶОМЕА
### (дар мисоли ҷомеаи тоҷик)

Мақолаи мазкур ба ташаккули шахс, ҷаҳонбинӣ, ормон, эътиқод ва арзишҳои маънавии ӯ дар ҷомеаи тоҷик дар давраи гузариш аз даврони шӯравӣ ба давлати дунявии демократӣ бахшида шудааст. Дар мақола муаллиф давраҳои асосии ташаккули шахсро дар шароити истиқлолият мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф шартан се давраи асосии ташаккули шахсият: аз давраи ба даст овардани истиқлолият (1991) то замони муосирро баррасӣ мекунад. Дар ҳар як марҳилаи мазкур шахс аз нуктаи назари омилҳое, ки хислатҳои муҳимми шахсро оид ба ташаккули шахс ва ташаккули ҷаҳонбинии ӯ муайян мекунанд, мавриди таҳлили амиқ қарор дода шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф ҳам хислатҳои мусбӣ ва ҳам манфии шахсиятро чун субъекти ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷудо мекунад. Дар байни ин вижагиҳо, пеш аз ҳама, чунин нишонаҳои шахс, ба мисли ҳамзистии унсурҳои дунявӣ ва динӣ дар шуури ҷавонон, анъана ва навоварӣ, психологияи фардпарастӣ ва ҷамоавӣ, кайфияти туфайлихӯрӣ ва тундгароии шуури динии ҷавонон муфассал таҳлил шудаанд.

**Калидвожаҳо:** фардият, худшиносӣ, ҳувият, шахс, индивидуализм, тундгароӣ, андешаи миллӣ, истиқлолият, давлати дунявӣ, ҷаҳонбинӣ.

## PERSONALITY IN THE CONDITION OF A SOCIETY'S TRANSFORMATION
### (On the case of Tajik society)

The paper is devoted forming of a personality: his world view, ideals, persuades moral values in Tajik society in the condition of society's transformation. In the paper author investigates main periods of forming of personality in condition of Independence. Author relatively indicates three stage of becoming and shaping of individual – since moment of acquisition of independence **until present**. On the each stage of development a personality undergoes to the careful analyze with point of view of factors that determine significant traits of becoming of individual and forming his world view. During his research indicate positive traits and negatives traits of personality as well impacting on his as subject of civil society. Among those traits needed underline so traits as combining of a secular and religion, traditionally and innovation, traits of individualism and independent psychology, a community psychology and radicalization of young people's consciousness.

**Key words:** individual, transformation, self-consciousness, identity, individualism, radicalization, national idea, independence, secular state, world view.

**Сведения об авторах:** ***Тураев Файзали*** - Таджикский технический университет им. М.С. Осими, ассистент кафедры общественных наук. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект академиков Раджабовых 10. E-mail: **Rajabalievich-83@mail.ru** Телефон: **907-75-43-60**

***Information about the authors: Turaev Fayzali*** - Tajik Technical University. M.S. Osimi, assistant of the Department of Social Sciences. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academician Rajabov Avenue 10. E-mail: **Rajabalievich-83@mail.ru.** Phone: **907-75-43-60**

УДК. 37.015

# КУЛЬТУРНО-ПРОСВЕТИТЕЛЬНАЯ РАБОТА СРЕДИ ВЗРОСЛОГО НАСЕЛЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА: ПЕРВАЯ ЧЕТВЕРТЬ XX В.

*Сафаралиев Б. С.*
**Челябинский государственный институт культуры**

Одной из основных задач, стоящих перед молодой страной Советов, которая освободила трудящихся всех национальностей и народностей нашей страны от социально- экономического и духовного порабощения, где значительное большинство населения не умело читать и писать, создала все необходимые объективные и субъективные условия для преодоления культурной отсталости народа, было, по выражению В.И. Ленина, «…всю массу трудящихся…просветить, организовать, воспитать, дисциплинировать», чтобы «сделать из некультурной дикой капиталистической страны культурную, коммунистическую страну» [9, с.184].

Бояд зикр кард, ки компоненти ангезавӣ дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои аз дидгоҳи шахсиятӣ муҳим водор карда, сабаби сатҳи он мешавад. Меъёри рушди компоненти ангезавӣ қувваи нисбии сабабҳои марбут ба ниёзҳо мебошад, ки барои машғулиятҳо бо фарҳанги ҷисмонӣ водор месозанд. Бо назардошти ин меъёр чаҳор сатҳи рушди компоненети ангезавӣ ҷудо мешаванд: 1) вазъиятӣ - тасаллути сабабҳои берунаи воҷибӣ ба фарҳанги ҷисмонӣ. Қонеъ гардонидани вазъияти ниёзҳо дар фаъолнокии ҳаракатӣ ва равонӣ дар муошират; 2) эҳсостӣ - тасаллути сабабҳои дохилии процессуалии марбут бо қонеъ гардонидани ниёзҳо дар фаъолнокии ҳаракатӣ ва равонӣ, дар муошират аз тариқи машғулият бо тамринҳои ҷисмонии ҷолиб; 3) оқилона - тасаллути сабабҳои дохилии натиҷадори марбут бо қонеъ гардонидани ниёзҳо дар худтасдиққунии беруна, саломатӣ, дастёбӣ ба муваффақият, худрушддиҳии шахсиятӣ, худтатбиққунии шахсиятӣ; 4) шахсиятӣ - зуҳурёбии фаъолнокии идрокӣ ва ҷисмонӣ дар соҳаи фаъолияти ҷисмонӣ аз хусусиятҳои хислат вобастагӣ дорад. [1]

Компоненти шинохти фаъолнокиро дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои барои шахсият муҳимро равона ва танзим менамояд. Меъёри рушди он доро будани донишҳо оид ба тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонӣ ва ташкили фаъолнокии ҷисмонӣ мебошад. Бо назардошти ин меъёр чаҳор сатҳи рушди шинохтӣ ҷудо карда мешавад: 1) ҳиссиётӣ - донишҳои нопурраи тамринҳои ҷисмонӣ дар сатҳи матои ҳиссиётии шуур, ки фаъолнокии ҷисмониро равона мекунад.Чунин фаъолнокӣ ағлаб бо таҳрикҳои беруна – сабабҳои воҷибӣ водор карда мешавад; 2) доро будани донишҳои эмпирикӣ оид ба тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонӣ аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили машғулиятҳои мустақилона бо ин тамринҳо дар сатҳи тақлид, сатҳи миёнаи қобилиятҳои ҳаракатӣ; 3) оқилона - донистани қонуниятҳо ва механизмҳои биологӣ ва равонию педагогии таъсиргузории тамринҳои ҷисмонӣ ба инсон, ки фаъолнокии ҷисмониро бо сабабҳои дохилии процессуалӣ ва натиҷанок; 4) шахсиятӣ - идроки маънои шахсиятии донишҳо ҳамчун васила барои ташкили оқилонаи машғулиятҳо бо фарҳанги ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои барои он муҳим. [1, 18]

Компоненти рафторӣ татбиқи амалии фаъолнокиро дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои барои шахсият муҳимро таъмин менамояд. Меъёри рушди он доштани тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонӣ, ташкили фаъолнокии ҷисмонии худ, сатҳи қобилиятҳои ҳаракатӣ мебошад. Бо назардошти ин меъёр чаҳор сатҳи рушди компоненти рафторӣ ҷудо карда мешаванд: 1) поин - доро будани тарзҳои иҷрои тамринҳои алоҳидаи тамринӣ дар сатҳи тақлид, ғайриқобил будан ба ташкили мустақилонаи машғулият бо ин тамринҳо, сатҳи поини қобилиятҳои ҳаракатӣ; 2) репродуктивӣ - доро будани тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмони аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили машғулиятҳои мустақилона бо ин тамринҳо дар сатҳи тақлид, сатҳи миёнаи қобилиятҳои ҳаракатӣ; 3) оқилона - доро будани тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонии аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили машғулиятҳои мустақил бо ин тамринҳо дар сатҳи идрок, сатҳи қобилиятҳои ҳаракатӣ аз миёна боло аст; 4) эҷодӣ - доро будани эҷодӣ бо тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонии аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили мустақили машғулиятҳо бо ин тамринҳо, сатҳи баланди рушди қобилиятҳои ҳаракатӣ.

Компоннетҳои ангезавӣ, шинохт ва рафтори аз ҷониби мо ҷудошуда дар таомул байни худ боиси амалкард ва рушди алоқамандии шахсият ба фарҳанги ҷисмонӣ ҳастанд.

Технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ бояд тамоми аломатҳои низоми технологиро дошта бошад. Дар чаҳорчӯби равиши трансформатсионӣ технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун раванди тадриҷии гузариш аз як сохтори стратегия ба дигар (мушкилтар ва самараноктар) ба назар гирифта мешавад, ки ба қонуни трансформатсия, интиқоли мусбии сифатҳои ҷисмонӣ, пурра намудани рушди ҷомеи онҳо бо кори мустақил (беруназдарсӣ); андӯхтани донишҳо ва баланд бардоштани дараҷаи илмияти онҳо, инчунин сатҳи азхудкунии фарҳанги ҷисмонӣ дар маҷмӯъ тобеъ мебошад.

Ба сифати усулҳои истифодабарии равиши технологӣ дар ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонӣ баромад мекунанд: ягонагии робитаи унсурҳои низоми технологияи педагогӣ; ташхиснокии мақсадгузорӣ; тамомияти функсионалӣ; илмияти донишҳо; иртиботи функсионалии мухтаво, шаклҳо ва методҳо; кушодагии тасмимоти функсионалию методӣ; арзёбии объективонаи натиҷаи ниҳоӣ; равиши фарҳангшиносӣ; ворисият ва тамомияти худмуайянкунӣ дар фарҳанги ҷисмонӣ; вариантнокии воситаҳо ва методҳои истифодашаванда; оптимизатсия.

Дар маҷмӯъ бошад, ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсият ба сифати раванди мақсаднок, ташкилшуда бо кӯмаки методҳои махсус, воситаҳои мухталиф ва шаклҳои робитаи фаъоли тарафайни муаллимон ва донишҷӯён ба назар гирифта мешавад. Зимни нақши пешбаранда ва ҳидояткунандаи муаллим азхудкунии пурарзиши донишҳо, қобилиятҳо, малакаҳои рушди нерӯҳои зеҳнию ҷисмонӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ таъмин карда мешаванд. Фаъолияти амалиявии таълимӣ азхудкунии арзишҳои фарҳанги ҷисмониро аз ҷониби донишомӯзон таъмин карда мешавад. Он ҷанбаи маъногии раванди педагогиро актуалӣ намуда, онро бо муҳтавои воқеӣ пурра месозад.

Симои марказии низомбахши оғози технологияи педагогӣ, раванди фарҳанги ҷисмонӣ муаллим – ҳомили муҳтавои таҳсилот, ташкилотчии шароити педагогии таъминкунандаи натиҷаноки фаъолият мебошад. Дар шахсияти он арзишҳои объективию субъективии педагогӣ ба ҳам меоянд. Тахассунокӣ – ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродию равоншиносӣ ва ҷисмонии машғулшавандагон, вазнии ба имкониятҳои онҳо мутобиқ, ҳаллу

фасли вазифаҳои солимгардонӣ, таҳсилотию тарбиявӣ, ба инобат гирифтани хоҳишҳо ва алоқамандиҳои донишомӯзон, гуногунӣ, навигарӣ, эҳсосотнокии машғулиятҳо, инчунин шахсияти муаллим (сатҳи умумифарҳангии он, донишмандӣ, омодагии илмӣ ва методӣ, масъулиятнокӣ, меҳнатдӯстӣ, эътиқодмандӣ, талабнокии оқилона, маҳорати педагогӣ) шартҳои равоншиносию педагогии омилии таъминкунандаи сифати раванди тарбиявӣ мебошанд.

Тибқи ҷамъшавии технологияи педагогӣ таркиби амалиётӣ бояд дар мавриди хоҳиш натиҷаи кафолатшударо дар сатҳи арзёбии мусбӣ таъмин намояд. Ва он чизе, ки ба назар мерасад дар технологияи педагогӣ дорои аҳамият мебошад, ин: муҳтавои фаъолияти хонандагон бояд дар намуди низмои вазифаҳои шинохт ва амалиявӣ, тарбияи қобилиятҳои мутобиқ ба таркиботи асосии фарҳанги ҷисмонии шахсият татбиқ карда шавад.

Дар давраи муосири гузариши ҷомеа ба ҳолати нави таърихӣ, ки боиси тағйироти объективӣ дар рушди инсон мегардад, ба таври объективӣ ташкили усулан нави чунин соҳаи муҳим ба сифати низоми таҳсилотии барои омодакунии инсон ба ҳаёт, барои ташаккул додани тавони фарҳангии он масъулро тақозо менамоянд. Дар ин ҷо сухан дар бораи таҳаввули таҳсилот, дар бораи усулҳо, шаклҳои нави ташкилотӣ, фаннӣ ва муҳтавоӣ, сохторӣ, маъноӣ меравад, на дар бораи ягон тағйирот, на дар бораи ворид кардани ягон чизи нав. Ҳамин тариқ, зарурати ворид кардани тағйироти усулӣ ба муҳтавои он ташаккулёфта, ки дар аксар ҳолатҳо талабнашуда чи дар ҳаёти мактабӣ, ва чи дар ҳаёти пасазмактабии кӯдакон ба сифати яке аз хатҳои муҳимтарин боқӣ мемонад. [2, 48-70]

Мактаби олии имрӯза ба самти ташаккули мутахассисе равона карда шудааст, ки дорои сатҳи ба таври кофӣ салоҳиятнокии касбӣ мебошад. Бозсозии низоми таҳсилот дар назди макотиби олӣ вазифаи фаъолияти тарбияи ҷисмонию валеологӣ ва беҳбуд бахшидан ба омодасозии касбии мутахассисони ояндаро гузоштааст. Чи хеле ки дар боло зикр шуд, дар чаҳорчӯби парадигмаи нави таҳсилоти олии касбӣ аҳамияти хосеро масъалаҳое пайдо мекунанд, ки марбут бо рушди шахсиятии донишҷӯён дар раванди таълим мебошад, ки худ масъалаи педагогӣ, таъмини созгории иҷтимоии таълимгирандагон ба шароити тағйирёбандаи ҳаётӣ, ташаккулёбии мутахассиси рӯҳан ва ҷисман солимро бо хислатҳои рушдёфтаи шахсиятӣ муаррифӣ менамояд. Гузоштани ин масъалаҳо махсусан дар иртибот бо тамоюлоти арзишии тағйирёфтаи низоми ҷамъиятӣ ва таҷдиди назар нисбат ба фаъолият дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ аҳамият дорад, ки дар он яке аз ҷойгоҳҳои калидӣ ба фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯёни макотиби олии Тоҷикистон ҷудо карда шудааст.

Инчунин бояд зикр намуд, ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи педагогика ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсият ҳамчун раванди идоракунии ташаккул ва рушди он; дар асоси истифодабарии низомноки консепсияҳои раванди махсус ташкил ва ба мақсад равонакардашудаи ташхис, тарроҳӣ, татбиқи амалӣ ва мониторинги ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди шахсиятӣ ва омодасозии касбии донишҷӯён; манобеи тарбияи ҷисмонию солимгардонии актуалишуда дар фаъолияти таълимӣ, касбӣ ва берунаztаълимии фаъолияти донишҷӯён фаҳмида мешавад.Ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯёни мактаби олӣ, ба ҳайси сифати касбию шасиятии мутахассис, дар навбати худ, бояд тадриҷан аз курси якум то курси панҷум дар рафти таълими махсус ташкилшуда, бо истифода аз методикаи ташаккули фарҳанги ҷисмонии шахсият ва компонентҳои он: фарҳангнокии ҷисмонӣ, омодагии психофизикӣ ва салоҳиятнокии тарбияи ҷисмонию валеологӣ сурат гирад. [3, 40]

Омодагии психофизикӣ бошад як қисми омодагии касбиро ба фаъолияти ояндаи педагоги муаррифӣ менамояд, ки дар асоси маҷмӯи сифатҳои касби муҳими рушди психофизикии шахсият ташкил меёбад. Он ба ҳайси компоненти калидии фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯ дар ҷанбаи таъмини ягонагии омодагии касбию шахсиятӣ ба меҳнати педагогӣ баромад мекунад. Муҳтавои омодагии психофизикии педагоги оянда дар рушди оптималии сифатҳои психофизикии шахсият ва доштани тарзу сабки варзишӣ зуҳур меёбад.

Салоҳиятнокии варзишию валеологӣ иборат аст аз таркиби калидии фарҳанги ҷисмонии шахсият. Ин тавсифи ҳамгироёнаи шахсиятии педагоги оянда мебршад, ки дар вазъиятҳои типикӣ ва ғайриоддии педагогӣ муваффақиятнокии фаъолияти созандагиро таъмин месозад. Ба сохтори он шомиланд: самаранокии тафаккур ва фаъолияти варзишӣ; қобилияти ёфтани воситаҳои нав, тарзҳои ҳаллу фасли вазифаҳои касбию педагогӣ дар соҳаи фарҳанги ҷисмонӣ ва тарзу сабки варзишии ҳаёт, қобилияти дастгирии салоҳиятноки

худрушдёбии варзишию валеологии хонандагон. Омодагӣ ба худтакмилдиҳии касбӣ; омодагӣ ба фаъолияти созандаи варзишию солимгардонӣ дар фаъолиятиояндаи касбӣ. [4, 247-252]

Ҳамин тариқ, фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯро метавон ҳамчун сифати касбию шахсиятии мутахассиси оянда тавсиф кард, ки шомили маҷмӯаи зерин мебошад:

- ҷаҳонбинии варзишӣ ва муносибати ангезавию арзишӣ ба фаъолияти варзишӣ;
- сатҳи оптималии омодагии психофизикӣ ба фаъолиятиояндаи касбӣ;
- салоҳиятнокии варзишию валеологӣ бо шумули донишҳои варзишию валеологӣ ҳам дар тарзу сабки варзишии ҳаёт татбиқи ахлоқии онҳо, дар раванди азхуд кардани фарҳанги ҷисмонӣ ва созандагии он.

Ҳамин тариқ, дар мактаби олии инсоншиносӣ интихоби равишҳо ва усулҳо барои ташаккули фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯ дар асоси саъю талош ба кушода додани раванди мазкур аз мавқеиятҳои гуногун, ҳамаҷониба, сурат мегирад, ки ба дастёбӣ ба натиҷаи ҳамгирой, ва маҳз рушди шахсияти омӯзанда мусоидат мекунад. Баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҷисмонии мутахассис барои ҷамъбаст намудани равишҳои тарроҳии педагогӣ, ҳамчун раванди марҳилавии низомӣ ба назар гирифта мешавад. Тағйироти афзалияти дар арзишҳо ва аҳдофи омодасозии педагогӣ шиносоӣ шуда боис гардиданд, ки равишҳо татбиқи он мавриди муқоиса ва интихоб гардиданд, ки иртиботи моделҳо ва ягонагии равандро таъмин месозанд: равандҳои низомӣ, инноватсионӣ, шахсият – меҳвар, фарҳангшиносӣ, фаъолиятӣ, салоҳиятӣ ва низомию инноватсионӣ.

## АДАБИЁТ


1. Софронов И. Л. Педагогические условия формирования у студентов интереса к физической культуре в процессе обучения в вузе. – Чебоксары, 2014. С. 18.
2. Фельдштейн Д. И. Проблемы психолого-педагогических наук в пространственно-временной ситуации XXI века: Доклад на общем собрании РАО / Фельдштейн Давид Иосифович. // Проблемы современного образования. 2012. - №6. С. 48 — 70
3. Груздева М.Л. Методическая система формирования информационной культуры студентов вуза экономического профиля: автореф. дис. докт. пед. наук: 13.00.08: защищена 24.02.11: / Груздева Марина Леонидовна. - Шуя, 2011. - 49 с.
4. Осипов П. Н., Осипова Л. Н. О валеологической культуре будущего инженера. / П. Н. Осипов, Л. Н. Осипова. // Вестник Казанского технологического университета. - 2011. - № 5. С. 247 – 252.


## ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ АЗ РӮИ ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ШАХСИЯТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ


Илми педагогика имрӯз маҷмӯи васоити технологияҳои таълимиро пешниҳод месозад ва роҳҳои истифодаи амалии онҳоро нишон медиҳад. Технологияҳои педагогии иттилоотикунонии компютерии таълим, технологияҳои трансформатсионӣ ва фосилавӣ имрӯз стратегӣ масҳуб меёбанд. Инчунин технологияҳои суръатноки таълимӣ, шахсиятӣ – фаъолиятнокӣ, пешбаранда ва ғайра оммафаҳм гардонида шудаанд. Тамоми онҳо дар як дараҷаи муайян дар технологикунонии раванди тарбияи ҷисмонии ҷавонони донишандӯз истифода бурда мешаванд. Ғайр аз ин, дар назария ва амалияи муосири педагогӣ равандҳои ҳамгирой мушоҳида мегарданд, ки ба бунёди дониши педагогӣ дар асоси фалсафа, иҷтимоиёт, фарҳангшиносӣ (этика, эстетика, эргоиқтисод, метрология, глоболистика ва ғайра) мусоидат менамоянд. Дар мақола тавсияҳои методӣ аз рӯи технологияи педагогии рушди шахсиятии донишҷӯён дар раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Хулоса карда мешавад, ки дар мактаби олии инсоншиносӣ интихоби равишҳо ва усулҳо барои ташаккули фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯ дар асоси саъю талош ба кушода додани раванди мазкур аз мавқеиятҳои гуногун, ҳамаҷониба, сурат мегирад, ки ба дастёбии натиҷаи ҳамгирой ва маҳз рушди шахсияти омӯзанда мусоидат мекунад.



**Калидвожаҳо**: тавсияҳои методӣ, технологияи педагогӣ, рушди шахсиятӣ, донишҷӯён, раванди таълим, тарбияи ҷисмонӣ.


## МЕТОДИЧЕСКИЕ РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ТЕХНОЛОГИИ ЛИЧНОСТНОГО РАЗВИТИЯ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ФИЗИЧЕСКОМУ ВОСПИТАНИЮ


Педагогическая наука предлагает в настоящее время комплекс средств образовательных технологий и показывает пути их практического применения. Стратегическими на сегодня признаются педагогические технологии компьютерной информатизации образования, трансформационные и дистанционные технологии. Популяризируются также технологии интенсивного, личностно-ориентированного, личностно-деятельностного и опережающего обучения и д.р. Все они в определенной степени могут быть использованы в технологизации процесса воспитания физической культуры учащейся молодежи. Более того, в современной педагогической теории и практике наблюдаются интегративные процессы, которые способствуют выстраиванию педагогического знания на основе философии, социологии, культурологии (этики, эстетики, эргономики, метрологии, глоболистики и т. д.). В статье рассматриваются методические рекомендации по педагогической технологии личностного развития студентов в процессе обучения физическому воспитанию. Подчеркивается, что в гуманитарном вузе выбор подходов и принципов к формированию физической культуры личности студента обусловлен стремлением раскрыть сущность данного

процесса с разных позиций, всесторонне, что способствует достижению интегративного результата, а именно развитию личности обучающегося.

**Ключевые слова**: методические рекомендации, педагогическая технология, личностное развитие, процесс обучения, физическое воспитание.

**METHODICAL RECOMMENDATIONS ON PEDAGOGICAL TECHNOLOGY OF THE PERSONAL DEVELOPMENT OF THE STUDENTS IN THE PROCESS OF PHYSICAL EDUCATION**

The pedagogical science offers now a complex of means of educational technologies and shows ways of their practical application. Strategic today are recognized pedagogical technologies of computer Informatization of education, transformational and remote technologies. Also popularized are the technologies of intensive, personality-oriented, personality-activity and advanced training, and etc. all Of them can be used to a certain extent in the technologization of the process of physical education of students. Moreover, in modern pedagogical theory and practice there are integrative processes that contribute to the formation of pedagogical knowledge based on philosophy, sociology, cultural studies (ethics, aesthetics, ergonomics, Metrology, globolistics, etc.). The article deals with the methodical recommendations on pedagogical technology of the personal development of the students in the process of physical education. It is underlined that in humanitarian higher education the choice of approaches and principles in formation of physical culture of the personality of a student determined by efforts to recover the essence of the given process from various positions, comprehensively, which contribute to the achievement of integrative result, i.e. the development of the personality of a student.

**Key words**: methodical recommendations, pedagogical technology, personal development, education process, physical education.

**Сведения об авторе:** ***Оёхмадов Шерафган Раджабалиевич*** – Таджикский институт физической культуры им.С.Рахимова, преподаватель кафедры теории и методики физического воспитания. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Лучоб, 53. Телефон: **987-23-31-31**

**Information about the author:** ***Ahmadov Sherafgan Radjabovish*** **-** Tajik Institute of physical culture.S. Rakhimova, lecturer of the Department of theory and methodology of physical education. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Luchob, 53. Phone: **987-23-31-31**

**УДК:371.13**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ҲАМГИРОИИ ДОНИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА РАФТОРИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР МУҲИТИ ХОНАВОДАГӢ ВА МАКТАБ

***Шарипов А.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ муносибат нисбат ба инкишоф, ҳифз ва баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷомеа аҳамияти махсусро касб менамояд. Дар ҷаҳони имрӯза, ки зудивазшавии ахбор мушоҳида карда мешавад, вобаста ба ин, бархӯрди ақидаҳо низ ба вуҷуд меояд. Аз ин нуқтаи назар ноустуворию тағйирёбандагии ақидаҳо мушоҳида карда мешавад ва ин моро водор месозад, ки дар масъалаи тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагон, аз ҷумла мактаббачагони хурдсол масъулияти бештарро эҳсос намуда, ба ин масъала бо нигоҳи нав муносибат намоем. Аз ин рӯ, замони муосир ҷорӣ намудани навгонии педагогиро ба миён мегузорад: аз нав дида баромадани вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои томактабӣ, аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо додан ба таъсири воситаҳои ахбори омма, институтҳои сершумори ҷомеашиносӣ ва тарбияи кӯдакон ва ғайра.

Айни замон муҳим аст, ки ба самти инсондӯстии тарбияи кӯдакон диққати бештар дода шавад, чунки он барои ташаккули чунин шахсияте шароит фароҳам меорад, ки ба ӯ эътиқоди маънавӣ-ахлоқӣ ва шаъну эътибори инсонӣ хос бошад. Бисёр муҳим аст, ки ба чунин сифатҳои ахлоқӣ, ба монанди кӯшиши ба халқ содиқона хизмат кардан, ба нокомии дигарон бодиққат будан, соҳиби қалби хайрхоҳ будан, доштани ҳиссиёти ғамшарикӣ ва меҳрубонӣ, ҳақталошӣ ва меҳрубонӣ диққат дода шавад.

Вобаста ба талаботу дархостҳои замона ва ҷараёнҳои пешқадами дар ҷомеа вуҷуддошта, баланд бардоштани сатҳу сифати тарбияи ахлоқии насли наврас иқдоми шоистаи фаъолияти якҷояи мактаб ва оиларо тақозо мекунад. Аз ин ҷост, ки такмилдиҳии низоми кори тарбиявӣ вазифаи муҳимми ҳам мактаб, ҳам оила ва ҳам ҷомеа ба ҳисоб меравад. Масъалаи тарбияи насли навраси дорои ахлоқи ҳамида дар муҳити хонаводагӣ ва мактаб аз замонҳои қадим диққати олимон, падару модарон ва аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб кардааст. Масъалаи ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи ахлоқии насли наврас ҳанӯз ба

замони Зардушт рост меояд, ки дар китоби муқаддаси «Авесто» зикр ёфтааст. Зардуштиён насли наврасро аз хурдсолӣ дар ҳамкорӣ бо омӯзгор дар рӯҳияи илмдӯстӣ, поквиҷдонӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, ягонагии қавлу амал, саховатпешагӣ, хайрхоҳӣ, эҳтироми калонсолон ва ғайра тарбия менамуданд. Зардуштиён сухани хуб ва муносибати хайрхоҳонаро беҳтарин сифати ахлоқӣ мепиндоштанд.

Асоси системаи педагогии Зардуштиёнро, пеш аз ҳама, масъалаи омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсон, нақши оила дар тарбияи насли наврас, идеяи дар маълумотгирӣ баробарҳуқуқ будани фарзандони ҳама табақаҳои ҷомеа, идеяи тарбияи ватандӯстию инсонпарварӣ ва меҳнатдӯстӣ, қимати илму дониш дар ҳаёт ва зиндагии инсон, мавқеи омӯзгор дар таълиму тарбияи насли наврас ташкил мекунанд.

Мутафаккирони форсу тоҷик Восифӣ, Сайидои Насафӣ, Ҳилолӣ Унсурулмаолии Кайковус, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Имом Ғазолӣ, Имоми Аъзам Абӯҳанифа, Мир Сайид Алиии Ҳамадонӣ, Наҷимиддини Кубро, Баҳоваддини Нақшбанд, Мирзо Абдуқодири Бедил, Аттор, Саноӣ, Низомии Ганҷавӣ ва дигарон таълимоти зардуштиёнро дар бораи тарбияи инсони комил идома дода, дар ақидае буданд, ки асоси тарбияи шахсият дар оила гузошта мешавад ва баъдтар ба таври густурда ҳангоми ба дабистон қадам ниҳодани кӯдак, дар фаъолияти якҷояи мактаб ва оила амалӣ мегардад.

Собит шудааст, ки мактаб бе ҳамгироӣ бо волидон дар ҳеҷ самт ба комёбиҳо муваффақ шуда наметавонад. Дар фаъолияти якҷояи ин ду қувваи бузург, албатта, мавқеи калидиро мактаб ва омӯзгор ишғол менамоянд. Имрӯз якчанд шаклҳои ҳамкории мактаб ва оила вуҷуд доранд: гузаронидани маҷлисҳои падару модарон; суҳбатҳои инфиродӣ бо падару модарон; мукотиба бо падару модарон; паҳн намудани донишҳои психологию педагогӣ дар байни падару модарон; ба роҳ мондани фаъолияти ассотсиатсияи волидон; ташкили суҳбату машварат, баргузории мизи мудаввар дар мавзӯъҳои мубрами тарбияи ахлоқӣ ва ғайра.

Ҳамкории мактабу оила ва ҷомеа аз ҷумлаи муҳимтарин омили тарбияи ахлоқии мактаббачагон, аз чумла мактаббачагони хурдсол ба ҳисоб меравад. Албатта, барои дарки моҳияти ҳамкорӣ бо мактаб, падару модарон бояд шахсони бомаърифату масъулиятшинос бошанд, нисбат ба тақдири фарзандони худ, рушди маънавии онҳо барои имрӯзу фардо бепарвоӣ зоҳир накарда, таҳкурсии боэътимоди ташаккули шахсияти комили дорои ахлоқи шоистаро гузоранд.

Вақте ки сухан дар бораи ҳамкории мактабу оила меравад, пеш аз ҳама бояд имконияти оилаи муосир дар тарбияи кӯдакон ба ҳисоб гирифта шавад. Оила дар меҳвари ҷомеа қарор дорад. Солимии ҷомеа аз солимии оила сарчашма мегирад. Ҳамзамон, солимии оила ба пурзӯр намудани шаклҳои ҳамкории оила ва мактаб ба ташаккули ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол мусоидат мекунад.

Падару модарон бояд дар шароити кунунӣ масъулияти ҷиддиро дар тарбияи кӯдакон эҳсос кунанд. Чи тавре ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» зикр гардидааст: «Падару модарон бояд фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд. Дар ҷойи ҷамъиятӣ навиштан, ифлос намудан ва расонидани зарарро аз ҷониби фарзанд манъ намоянд» [9, с. 130].

Мушоҳидаҳои аз ҷониби мо гузаронидашуда ба саъю кӯшиши оила ҷиҳати дар кӯдакон ташаккул додани меъёр ва қоидаҳои рафтор далолат мекунанд. Қобил ба тазаккур аст, ки асоси хулқу атвори нек ва ҳам бадахлоқии кӯдакон дар оила ниҳон аст. Аз ҷониби кӯдкон зоҳир намудани дағалӣ, сангдилӣ, гуфтани алфози қабеҳ дар ҳамон кӯдаконе мушоҳида карда мешавад, ки ё «таҷрибаи калонсолони оила»-ро нусхабардорӣ намудаанд, ё ҳамчун аломати норозӣ будан аз волидайни худ ин корро анҷом медиҳанд.

Падару модаронеро дучор намудан мумкин аст, ки нисбат ба тарбияи кӯдакон бепарвоӣ зоҳир менамоянд, ба тартибу низоми хонаводаи худ аҳамияти даркорӣ намедиҳанд. Дар баъзе оилаҳо ба тарбияи меҳнатии кӯдакон аҳамияти даркорӣ дода намешавад. Падару модарон кӯдаконро аз кори хона озод намуда, онҳоро бештар ба дарстайёркунӣ ҷалб менамоянд. Ҳатто, дар ҳолати серкорӣ низ кӯдакон ба корҳои хона ёрӣ намерасонанд. Ҳолатҳоеро низ дучор кардан мумкин аст, ки падару модарон бачаҳоро ба корҳои меҳнатию ободонии ҷойи истиқомат, кӯча, тайёр намудани ҷойи бозӣ сафарбар намекунанд. Дар натиҷа, ҳаёти чунин кӯдакон паси парда мемонад ва дар онҳо нисбат ба меҳнат кардан муносибати манфӣ пайдо мешавад. Баъзе волидон уҳдадории худро танҳо таъмини моддии

фарзандон меҳисобанд, тарбияи онҳоро бошад, дар мадди дуюм мегузоранд, ё худ ба зиммаи мактаб ва омӯзгор вогузор менамоянд.

Бояд зикр намуд, ки камбудии тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оила аз бемаърифатии падару модарон гувоҳӣ медиҳад. Бинобар надоштани донишҳои зарурии педагогӣ аксари падару модарорн ба ҳайси воситаи тарбиявӣ танҳо ҷазои ҷисмониро истифода мебаранд, ки ин ба якравию тарсончакии кӯдак оварда мерасонад. Баъзе волидайн ин ё он намуди ҷазову танбеҳро нодуруст истифода мебаранд. Масалан, «Ту имрӯз бо ҷӯраҳоят бозӣ намекунӣ», «Имрӯз ту ба яхмолакбозӣ намеравӣ» ва ғайра. Падару модарон хаёл мекунанд, ки бо чунин тарзи таъсиррасонӣ кӯдакро тарбия мекунанд. Баръакс, онҳо фаромӯш мекунанд, ки бо чунин муносибат ба кӯдакон таъсири бади психологӣ мерасонанд.

Кори озмоишии мо ба роҳҳои самараноки таъсиррасонии мактаб ва оила бо мақсади ташаккул додани донишу рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсол равона шуда буд. Амалӣ намудани ин масъалаҳо аз ошноии муаллимон бо падару модарон ва омӯзиши шароити зисти ҳар як кӯдак дар оила оғоз гардид. Хусусиятҳои хосси тарзи муносибати инсондӯстонаи омӯзгорон ва волидайн ба пуррагӣ ба ҳамдигар бовар кардан мебошад. Падару модарон бояд боварӣ дошта бошанд, ки ҳама гуна шубҳаи онҳо, изтироб ё баҳо додан ба рафтори кӯдакон, ки аз ҷониби омӯзор пешниҳод мешавад, бар зарари фарозандони онҳо нест.

Дар давраи томактабӣ омодагии кӯдак барои таҳсил дар мактаб шурӯъ мегардад, ки ин, пеш аз ҳама, ба масъулият ва ҷидду ҷаҳди падару модарон вобаста мебошад. Пеш аз ҳама, падару модарон дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон кӯдакро барои ба мактаб рафтан аз ҷиҳати психологӣ бояд омода намоянд, ки ин дар фаъолияти минбаъдаи ӯ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Инкишофи тасаввуроти ахлоқии кӯдак, шинос намудани ӯ бо қоидаҳои асосии муошират дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ташаккули майлу рағбат, шавқу завқ ва муҳаббати самимӣ нисбат ба мактаб ва донишомӯзӣ низ дар кӯдакон пеш аз ба мактаб рафтан бояд ташаккул дода шаванд.

Ҳар як падару модар бояд хуб дарк намоянд, ки ба остонаи мактаб қадам гузоштану ба таълим фаро гирифтани фарзандони онҳо рӯзи фараҳбахшу хотирмон ва марҳалаи аз ҳама ҳассос ва масъулиятталаб мебошад. Вазифаи аввалиндараҷаи падару модарон ва омӯзгорон дар ин давра аз он иборат аст, ки онҳо барои мутобиқшавӣ ба муҳити нав ва низоми дохилимактабӣ, риояи қоидаҳои таҳсил ва тарзи муошират бо ҳамсинфон ба кӯдакон ёрии амалӣ расонанд.

Вақте ки кӯдак ба остонаи мактаб қадам мегузорад, акнун тақдири минбаъдаи ӯ, фаъолнокию муносибати ӯ ба таълим ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ аз бисёр ҷиҳат ба шаклҳои дурусти ҳамкории муаллим бо кӯдак ва волидони ӯ вобаста мебошад. Аз ҳама муҳим он аст, ки падару модарон хуб дарк намоянд, ки ба дасти омӯзгор супоридани фарзандонашон масъулияти онҳоро нисбат ба таълиму тарбияи фарзанд маҳдуд накарда, баръакс эҳсоси масъулияти онҳоро дучанд мегардонад.

Воқеан, волидон бояд аз мақом ва обрӯ ва рисолати омӯзгор хуб огоҳӣ дошта бошанд, ӯро эҳтиром намоянд ва ҳамчун падари маънавии фарзандашон ба расмият шиносанд. Дар баробари ин, ҳар як омӯзгор дар рафти ҳамкорӣ бо оила бояд бо мурури замон аз муҳиту шароити хонаводагии кӯдак, муносибати байниҳамдигарии волидон ва шахсони калонсоли оила, дараҷаи маърифатнокии падару модарон хуб огоҳӣ пайдо намояд. Масъулияти омӯзгор боз дар он зоҳир меёбад, ки дар баробари ба таълиму тарбияи фарзандони аҳли ҷомеа машғул шудан, боз волидонро низ то ҷое роҳбаладию маърифатомӯзӣ карда тавонанд. Волидон бояд ҳамеша алоқаро бо омӯзгорони фарзандонашон мустаҳкам карда, дар маҷлису маҳфилҳо, ҷаласаҳои мактабӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои мактабӣ фаъолона иштирок карда, дар муҳокима намудани масъалаҳои мубрами рӯз оид ба тарбияи кӯдакон иштирок варзанд.

Падару модарон ҳамеша бояд дарк намоянд, ки ҳамкории мактабу оила муҳим буда, дар ин раванд роҳнамоӣ ва назоратро аз болои фарзандон пурзӯр намудан ва ба рафтору кирдори онҳо баҳои воқеӣ додан гарави муваффақиятҳои кори тарбиявӣ мебошад. Волидон бояд аз аввал ба он муваффақ шаванд, ки фарзандонашон бо хоҳиши худ ва амри дил ҳар субҳ бо майли том хотири болида ва бо омодагии ҳамаҷиҳата барои ба мактаб рафтан одат намоянд. Одатҳои маданию гигиенӣ ва маънавию ахлоқиро тариқи нишон додан, фаҳмонидан, машққунонӣ ҳанӯз дар оила ба роҳ мондан зарур аст. Ногуфта намонад, ки тарбияи одат ва рафторҳои ахлоқиро кӯдак, пеш аз ҳама, аз падару модар ва шахсони

калонсоли оила меомӯзад. Ҳамзамон, дар тарбияи рафторҳои ахлоқии кӯдакон муҳити созгори оила мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Чи тавре ки педагоги барҷаста В.А. Сухомлинский менависад: «Одамият, самимият, ҳассиёти гарм, меҳрубонӣ – ин ҳама арзишҳои маънавӣ муқобили зоҳуроти бадӣ – дар сурате ба даст оварда мешаванд, ки агар инсон ҳанӯз аз овони бачагӣ мактаби хайрхоҳӣ, ибрати комили робитаҳои инсониро гузашта бошад. Ин ҳама тимсоли барҷастаи иттифоқи азалии ду дилҳои саршори муҳаббат–падару модар намуна шуда метавонад» [10, с. 86].

Дар сурати бо мактаб робитаи мустаҳкам барқарор намудан, падару модарон ба шарофати роҳбаладии омӯзгор аз усулҳои тарбияи фарзанд, муносибати шоиста бо ӯ, рафтор дар вазъиятҳои махсус ва умуман аз қоидаҳои маъмултарини тарбияи ахлоқӣ ва рафтори фарзандон маълумоти бештар пайдо мекунанд. Вобаста ба ин, муаллим ба падару модарон дар бораи аҳамият ва моҳияти иҷтимоию сиёсии тарбияи фарзандон маълумот дода, таваҷҷуҳи онҳоро нисбат ба ояндаи фарзанд равона сохта, оид ба ташаккули ахлоқу одоби ӯ тавсияҳои судбахши педагогию психологиро пешкаш менамояд.

Ҳангоми ба роҳ мондани ҳамкории мактабу оила ҷиҳати ташаккул додани донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол, пеш аз ҳама, ба масъалаи дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва суннату арзишҳои миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ тарбия ёфтани онҳо аҳамияти аввалиндараҷа додан зарур аст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ ҳангоми ба роҳ мондани ҳамкории муаллими синфҳои ибтидоӣ бо мактаб ҷиҳати тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба назар гирифтани тавсияҳои зеринро ба мақсад мувофиқ меҳисобем:

– мураттабсозии нақшаҳои фаъолияти муштарак;

– таҳияи нақшаи кори муаллими синфҳои ибтидоӣ бо оила;

– роҳандозии фаъолияти кумитаи волидони синф ва мактаб;

–ҳамкории падару модарон дар баргузории корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ;

– мушкилоти тарбияи кӯдак дар оила;

– ташкили машғулиятҳо бо волидон оид ба масоили педагогию психологии ташаккул додани донишҳои ахлоқӣ ва рафтори кӯдакон;

– ташкили ҳамкории волидон ҷиҳати дарстайёркунии фарзандонашон;

– баргузор намудани суҳбату машварат бо падару модарон оид ба хониш ва рафтору ахлоқи кӯдакон;

– мураттабсозии реҷаи рӯзи кӯдак;

– ғанӣ намудани донишҳои педагогию психологии падару модарон оид ба тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии фарзандон ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки шакли маъмулии ҳамкории омӯзгор бо оила, ин шиносоӣ бо шароити зист, дарстайёркунӣ ва истироҳати кӯдак ба ҳисоб меравад. Омӯзгор минбаъд низ дар давраи муайян ҳангоми пайдо шудани зарурият ҳамкориро вусъат мебахшад. Ӯ бо ин мақсад дар бораи хониш, давомоти кӯдак, рағбати ӯ ба таълим, тарзи ҳаёти аҳли оилаи хонанда маълумоти саҳеҳ пайдо мекунад. Дар ин раванд, омӯзгор дафтари қайди матни суҳбат бо падару модарони шогирдонашро ташкил намуда, дар он оид ба фаъолияти ҳар як хонанда далелу маълумоти мушаххасро ҷамъ меоварад ва минбаъд таҳлилу муқоиса карда, хулосаҳои аниқи психологию педагогӣ мебарорад.

Қобили зикр аст, ки ҳар як ташрифи омӯзгор ба хонаи падару модар бояд барои аҳли хонадон воқеаи хурсандиовар ба шумор равад. Ҳамкории омӯзгор бо падару модарон дар сурате пурсамар мегардад, ки агар омӯзгор ба хонаи падару модарон танҳо барои шикоят кардан нисбат ба рафтору кирдори нодурусти кӯдакон наравад. Омӯзгор бояд барои корҳои неку рафторҳои шоистаи кӯдак низ ба хонаи волидон ташриф оварад ва волидонро барои тарбияи неки фарзандонашон рӯҳбаланд намояд. Чунин шакли ҳамкорӣ эҳсоси масъулиятшиносии кӯдакро ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ зиёд карда, ӯро барои рафторҳои минбаъдаи ахлоқӣ раҳнамун месозад.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки зимни ташриф овардан ба хонаводаи ҳар як хонанда омӯзгор сӯҳбатро аз хислатҳои хуби бача, давомоту хониши ӯ оғоз намояд ва минбаъд бо далелу маслиҳатҳои судбахш ба волидон бобати беҳтар шудани хулқу одоб ва таҳсили фарзандон маслиҳатҳои муфид диҳад.

Бояд таъкид намуд, ки дар замони муосир дар тарбияи ахлоқии кӯдакон, пеш аз ҳама, муҳити оила ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ таъсири муайян мерасонанд.

Гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба оила, мактаб ва дигар муассисаҳои тарбиявӣ бо ҳар роҳу восита таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз, рушди ахлоқию маънавии кӯдак дар зери таъсири се ниҳоди иҷтимоӣ -оила, мактаб ва ҷомеа шакл мегирад. Бидуни таъсири мутақобилаи ин се ниҳоди иҷтимоӣ тарбияи сифатҳои маънавӣ-ахлоқии бачаро мувофиқи мақсад ба роҳ мондан номумкин аст. Бинобар ин, берун аз муносибатҳои иҷтимоӣ, шаклҳои муносибат дар гурӯҳ, рушди маънавию ахлоқии бачаро тасаввур намудан душвор аст. Зеро бе муоширати байниҳамии фард дар ҷомеа, инсон чун шахсияти комил ташаккул намеёбад.

Дар ҷомеа садҳо гурӯҳҳои хурд вуҷуд доранд. Ин гурӯҳҳо ба якдигар дар иртибот буда, ба якдигар таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд. Фард танҳо дар рафти муошири байниҳамӣ дар гурӯҳ ва ҷамоаҳои гуногун сифатҳои маънавии якдигарро меомӯзад ва дар ин замина дар ӯ хислатҳои неки инсонӣ ташаккул меёбанд.

### АДАБИЁТ


1. Азбука нравственного воспитания / под редакцией действилтельного члена АПН СССР И.А. Каирова и доктора педогогических наук О.С. Богдановой. – М.: Просвещение,1979. – 304 с.
2. Ананьев Б.Г. Воспитание характера школьника / Б.Г. Ананьев. –Ленинград, 1946. – 65 с.
3. Анисимов С.Ф. Социальная сущность, структура и функции морали. Монография / С.Ф. Анисимов. – Москва: Изд-во МГУ, 1977. – 325 с.
4. Архангельский Л.М. Марксистская этика: предмет, структура, основные направления Монография / Л.М. Архангельский. – М.: Мысль, 1987. – 239 с.
5. Афанасьева Т.М. Оила. Монография / Т.М. Афанасьева. – Душанбе: Маориф, 1987. – 256 с.
6. Бардиан А.М. Воспитание детей в семье. Психолого-педагогические очерки / А.М. Бардиан. – М.: Педагогика, 1973. – 208 с.
7. Божович Л.И. Личность и её формирование в детском возрасте. Монография / Л.И. Божович. – М.: Просвещение, 1968. – 464 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2011. -№7. 8. -Мод. 8.
9. Лиханов А. Дети без родителей. Монография / А. Лиханов. – М.: Просвещение, 1987. – 271с.
10. Сухомлинский В.А. Родительская педагогика. Монография / В.А. Сухомлинский. – М.: Знание, 1978. – 96 с.


## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ҲАМГИРОИИ ДОНИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА РАФТОРИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР МУҲИТИ ХОНАВОДАГӢ ВА МАКТАБ


Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки имрӯз замони муосир дар низоми тарбияи насли наврас ворид намудани навгонии педагогиро ба миён мегузорад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки вазифаҳои тарбиявии муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои томактабӣ аз нуқтаи назари танқидӣ таҷдиди назар карда шаванд. Айни замон муҳим аст, ки ба самти инсондӯстии тарбияи кӯдакон диққати бештар дода шавад, чунки он барои ташаккули чунин шахсияте шароит фароҳам меорад, ки ба ӯ эътиқоди маънавӣ-ахлоқӣ ва шаъну эътибори инсонӣ хос бошад. Бисёр муҳим аст, ки ба чунин сифатҳои ахлоқӣ ба монанди кӯшиши ба халқ содиқона хизмат кардан, ба нокомии дигарон бодиққат будан, соҳиби қалби хайрхоҳ будан, доштани ҳиссиёти ғамшарикӣ ва меҳрубонӣ, ҳақталошӣ ва меҳрубонӣ диққати махсус дода шавад. Ба он ноил шудан даркор, ки кӯдакон аз синни хурди мактабӣ на танҳо қоида ва меъёрҳои ахлоқиро аз худ кунанд, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ онҳоро истифода баранд, яъне дар кӯдакон ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтор ташаккул дода шавад. Аз ин нуқтаи назар қайд карда мешавад, ки асоси сифатҳои ахлоқии зикргардида дар муҳити хонаводагӣ ва мактаб дар мактаббачагони хурдсол ташаккул дода мешаванд. Дар мақола аҳамияти ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол дар муҳити хонаводагӣ ва мактаб аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳлил карда шудааст. Имконияти оилаи муосир дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол муайян карда шуда, ҳамзамон сабабҳои бухрони тарбияи оилавӣ ва роҳҳои раҳоӣ аз он пешниҳод карда шудаанд. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда роҳҳои самарабахши ташаккули ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол дар муҳити хонаводагӣ ва мактаб пешниҳод карда шудаанд.



**Калидвожаҳо***:* муҳити хонавода, муҳити мактаб, ҳамгироӣ, донишҳои ахлоқӣ, рафтори ахлоқӣ, мактаббачагони хурдсол.


## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИНТЕГРАЦИИ НРАВСТВЕННЫХ ЗНАНИЙ И ПОВЕДЕНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В СЕМЕЙНОЙ И ШКОЛЬНОЙ СРЕДЕ


В статье утверждается, что сложившаяся нынешняя ситуация в сфере образования требует внедрения новой педагогической парадигмы в воспитании подрастающего поколения. Происходит качественный пересмотр функций образовательных и детских учреждений. В настоящий период следует придавать особое значение гуманистическому направлению в воспитании детей, так как оно создаёт условия для формирования такого типа личности, которой присущи духовно-нравственные убеждения и чувство собственного достоинства. Важны такие качества личности, как стремление честно служить народу, быть внимательным к чужой беде, иметь душевную щедрость, обладать чувством сострадания и милосердия, справедливости и отзывчивостью. Следует добиваться того, чтобы дети с младшего школьного возраста не только усваивали правила и нормы нравственности, но и руководствовались ими в процессе

повседневной жизни, т.е. формировать интеграцию нравственных знаний и поведения. Исходя из этого, в статье подчёркивается, что основы вышеназванных нравственных качеств у младших школьников воспитываются в семейной и школьной среде. В статье анализируются теоретические и практические значения интеграции нравственных знаний и поведения младших школьников. Определены возможности современной семьи в нравственном воспитании младших школьников, причины кризисов семейного воспитания и пути выхода из них. На основе проведённого исследования предлагаются эффективные пути интеграции нравственных знаний и поведения младших школьников в семейной и школьной среде.

**Ключевые слова:** семейная среда, школьная среда, интеграция, нравственные знания, нравственное поведение, младшие школьники.

**PEDAGOGICAL BASES OF FORMATION OF INTEGRATION OF MORAL KNOWLEDGE AND BEHAVIOR OF YOUNGER SCHOOLBOYS IN FAMILY AND SCHOOL ENVIRONMENT**

The article states that the current situation in the sphere of education requires the introduction of a new pedagogical paradigm in the upbringing of the younger generation. There is a qualitative review of the functions of educational and children's institutions. In the present period, it is necessary to attach special importance to the humanistic direction in the upbringing of children, as it creates the conditions for the formation of this type of personality, which has spiritual and moral beliefs and dignity. Personality qualities such as the desire to serve the people honestly, to be attentive to someone else's misfortune, to have spiritual generosity, to have a feeling of compassion and mercy, justice and responsiveness are important. It should be ensured that children from primary school age not only learn the rules and norms of morality, but also guide them in the process of everyday life, that is, form the integration of moral knowledge and behavior. Proceeding from this, the article emphasizes that the foundations of the above-mentioned moral qualities in younger schoolchildren are brought up in the family and school environment. The article analyzes the theoretical and practical implications of the integration of moral knowledge and behavior of younger schoolchildren. The possibilities of a modern family in the moral education of younger schoolchildren, the causes of the crises of family upbringing and the way out of them are determined. On the basis of the conducted research, effective ways of integrating the moral knowledge and behavior of younger schoolchildren in the family and school environment are proposed.

**Key words:** family environment, school environment, integration, moral knowledge, moral behavior, younger schoolchildren.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Анвар*** – Кулябский государственный университет им. Абуабдуллох Рудаки, старший преподаватель кафедры психологии. **Адрес:** город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Телефон: **900631563**

**Information about the author:** ***Sharipov Anvar*** **-** Kulyab State University. Abuabdulloch Rudaki, senior lecturer of the Department of Psychology. Address: Kulyab city, Sangaka Safarova street 16. Phone: **900631563**

**УДК 681.1422, А-954**

## НАҚШИ СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ДАР СИСТЕМАИ ТАЪЛИМ

***Ахмедова Б.С.***

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ**

Ҷомеаи муосир талаботҳои зиёдро нисбати соҳаи маориф, барномаи таълимӣ вогузор менамояд, ки ба ҳар як донишҷӯ дар як муддати кӯтоҳ кабул кардан, коркард, баҳодиҳӣ ва дар амалия истифода намудани миқдори зиёди иттилоот бояд таълим дода шавад. Қайд кардан зарур аст, ки дар раванди таълим, бояд ҳар як донишҷӯ фаъол гардад ва бо рағбати зиёд дар синф кор кунад, самараи меҳнати худро бинад ва мустақилона онҳоро муайян намояд. Дар ҳалли ин мушкилот усулҳои анъанавии таълим ва технологияҳои муосири иттилоотӣ, аз ҷумла компютер бо истифодабарии сомонаҳои интернетӣ кумак мерасонанд. Истифода аз компютер дар раванди таълим имконият медиҳад, ки рафти омӯзиши мобилӣ, шахсӣ ва интерактивӣ ба роҳ монда шавад [12, с.89-93].

Компютери замонавӣ метавонад ҳамчун телевизор, видеомагнитофон, китоб, ҳисобкунак, телефон ва таҷҳизоти универсалӣ истифода шавад ва инчунин қобилияти як қатор ҳолатҳои забономӯзии гуногунро зуд, ки аз тарафи донишҷӯён талаб карда мешаванд, самаранок ҷавоб гӯяд. Ин усули таълим барои муаллимон низ хеле ҷолиб ба шумор рафта ва ба онҳо барои беҳтар арзёбӣ кардани малака ва дониши донишҷӯён, боиси ҷустуҷӯи нав, шаклҳои ғайримуқаррарӣ ва усулҳои анъанавии таълим, фазо барои эҷодиёти педагогӣ кумак расонад. Ҳамин тавр компютер муаллимро иваз намекунад, балки танҳо нақши онро

пурра менамояд. Компютер аз воситаҳоест, ки истифодабарии он ба таври назаррас самаранокии раванди таълимро меафзояд. Бо пайдо шудани шабакаҳои интернетӣ бо ёрии компютер дастрасии васеи муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонию олӣ ва хонаю корхонаҳо таъмин шуданд. Аз ин лиҳоз омӯзгорон имконият пайдо намуданд, ки ҳамаи маълумотҳо ва маводҳои заруриро аз тамоми нуқтаҳои ҷаҳон дастрас намоянд. Ба воситаи шабакаҳои телекоммуникатсионии ҷаҳонӣ дастрасии фаврӣ ба захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ имконпазир мебошад.

Забони англисӣ ба монанди дигар забонҳо нақши коммуникативиро иҷро менамояд, барои ҳамин ҳамчун фанни таълимӣ ҳам мақсад ва ҳам маводи омӯзиш ба шумор меравад. Дар шабакаи интернет як қатор файлҳои мултимедӣ ба забони англисӣ чоп шудаанд, ки аз маълумотҳои илмӣ ва таълимию, методӣ иборатанд. Ин имконият медиҳад, ки машваратҳои амалиётӣ, фаъолияти илмӣ ва машғулиятҳои таълимӣ (семинар, лексия) дар вақти воқеӣ гузаронида шаванд. Дар рафти тайёрӣ муаллимон ба дарси забони англисӣ имконият доранд, ки маводҳои таълимии гуногуни дохилӣ ва хориҷиро истифода баранд [8, с. 68-73].

Агар ба муаллимони забони англисӣ дар раванди истифодаи захираҳои интернетӣ душвориҳое дар машғулиятҳо ва рафти тайёрӣ ба онҳо ба миён ояд, метавонанд аз сомонаи **Media Awareness Network** (http://www.media-awareness.ca/english/teachers) маълумоти муфассал барои гузаронидани машғулиятҳо, инчунин маводҳо барои баланд бардоштани маҳорати касбии педагогӣ дастрас намоянд. Дар сомона мақолаҳои олимону устодоне, ки бо технологияҳои интернетӣ кор кардаанду бахшҳои худро рушд додаанд, оварда шудааст. Ин сомона маълумотҳоро дар рафти кор бо интернет таҳлил ва арзёбӣ мекунад. Дастрасӣ ба ҳамаи маълумоту маводҳои дар ин сомона озод мебошад. Бо дастгирии шӯрои Британӣ якчанд сомонаҳои интернетӣ барои муаллимони забони англисӣ ва шахсоне, ки забони англисиро меомӯзанд, таъсис дода шудаанд. Сомонаи **Teaching English** (http://www.teachingenglish.org.uk) хусусан барои муаллимони забони англисӣ тарҳрезӣ шудааст. Дар ин сомона мақолаҳои олимоне, ки ба соҳаи забономӯзи сару кор доранд, оварда шудаанд.

Дар замони муосир бо рушди илму техника ва технология ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна бо синфхонаҳои лингофонӣ, таҷҳизотҳои компютерӣ бо дастрасии сомонаҳои интернетӣ таъмин мебошанд. Дар ин ҳолат омӯзгорони забонҳои хориҷӣ метавонанд бевосита дар рафти машғулиятҳо аз захираҳои интернетӣ истифода баранд. Қайд кардан зарур аст, ки компютер дар ҷои китоби таълими шуда наметавонад, танҳо онро пурра месозад, рафти машғулиятро бисёр ҷолиб намуда, донишҷӯёнро дар омӯзиши забон фаъол мегардонад. Истифодаи интернет технологияҳо самаранокии машғулиятҳоро баланд мебардорад, дар он ҳолате, ки маводҳо барои омӯзиш ба сатҳи дониши донишҷӯён, ба синну сол ва шавқи онҳо мутобиқ бошанд. Ҳар як донишҷӯ бояд маҳорати одии бо компютер кор карданро дошта бошад ва омӯзгор бошад, ба таври дуруст ва дақиқ мавзӯи дарсиро шаклбандӣ намояд. Дар ин ҳолат равиши машғулият ба кадри кофӣ баланд шуда, барои иҷрои машқ дар компютер 15-20 дақиқа вақти донишҷӯро мегирад, ки ин ба қоидаи санитарию-эпидемиологӣ ва нормативӣ мувофиқат мекунад [13, с. 82-92].

Дар интернет шумораи зиёди сомонаҳоро дарёфт кардан мумкин аст. Ин сомонаҳо махсус барои онҳое тарҳрезӣ карда шудаанд, ки забони англисиро меомӯзанд. Материалҳои пешниҳодшударо ҳам дар рафти машғулиятҳо ва ҳам дар хона барои иҷрои кори мустақилона истифода бурда метавонанд. Истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия ба омӯзгорон барои амалӣ намудани нақшаҳои эҷоди, барои мубодилаи таҷрибаи байниҳамдигарии омӯзгорон имконият медиҳад ва инчунин донишҷӯён ҳам имконият доранд, ки озодона нақшаи инфиродии худро оиди вазифаҳои бевоситаи ба

сатҳи донишашон мувофиқ, машқҳои омӯзишро интихоб намоянд. Бо ҳамин роҳ талаботи асосии таълими замонавӣ амалӣ хоҳад шуд.

Дар ҳолати тағйир додани техникаи раванди таълими муосир, зарурати ба даст овардани сифати нави таълимро метавонад ба инобат гирифт, инчунин раванди таълимро барои рушди ҷомеи шахси воқеӣ таъмин менамояд, вале мо метавонем дар раванди таълим суҳбатҳо гузаронем, то ин ки ҳар як донишҷӯ миқдори зиёди иттилоотро дар машғулиятҳои амалӣ қабул карда, истифода бурда тавонад. Яке аз роҳҳои самаранок, дар асоси шабакаҳои технологӣ таъсиси марказҳои таълимии компютерӣ ба шумор меравад. Якчанд марказҳое мавҷуданд, ки метавонанд ин гуна мушкилотро ҳал намоянд. Барои истифодаи интернет дар системаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, шароити таълимии иттилоотии додашуда имконият медиҳад, ки раванди таълимӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад [3, с.116-119].

Бо вуҷуди ин, барои фароҳам овардани тамоми шароит барои ташаккул ва рушди малакаю маҳорати забономӯзӣ ва муоширатӣ барои донишҷӯён имкониятҳои дастрас таъмин карда мешавад. Ҳамаи ин манбаъҳои шабака барои ба вуҷуд овардани муҳити иттилоотӣ-фаннӣ ҳамчун асос ба шумор рафта, инчунин талабот ва манфиатҳои шахсии донишҷӯёнро барои худомӯзӣ қонеъ мегардонад. Аз тарафи дигар, дастрасӣ ба шабакаи интернетӣ барои тез ва сифатнок таълим гирифтан кафолати аниқ дода наметавонад. Дар шароити муосир усулҳои нави таълим дар шабакаи интернет муаррифӣ гардидаанд, ки ин раванди таълимро беҳтар мегардонанд. Дар айни замон барои сохтани ҷомеаи иттилоотӣ дар байни донишҷӯён ҳаракати пайгирона ва устувор мушоҳида мешавад. Барои чунин як раванди таълим рушди босуръати технологияҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ мавҷуд аст ва инчунин рушди муҳити иттилоотӣ – таълимӣ дар ҳамаи муассисаҳо.

Дар ҷаҳони муосир интернет метавонад ба донишҷӯён барои беҳтар намудани малакаҳои нави сухангӯӣ, инчунин омӯзиши саривақти луғат ва грамматика кумак расонад, ҳатто донишҷӯён имконият доранд муколамаи аслӣ бо мусоҳибони худ дар мавзӯъҳои ҷорӣ бо истифодаи интернет гузаронанд. Бо вуҷуди ин, интернет метавонад шароитҳоеро фароҳам оварад, ки донишҷӯён имконият доранд маълумотҳои зарурии дар нуқтаҳои гуногун ҷаҳон бударо дастрас намоянд.

Мақсади гузаронидани таълими забонҳои хориҷӣ дар байни донишгоҳҳои коммуникативӣ – ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ба шумор меравад, ки қобилияти ба даст овардани маълумоти кофӣ дар рафти хондани матнҳои забони хориҷӣ, қобилияти дуруст дарк намудани ҳамсуҳбати худ ва изҳори фикру андешаҳои худро инчунин дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ дошта бошанд [4, с.68-85]. Яке аз усулҳои кор муҳити маҷозии дидактикӣ мебошад, ки метавонад раванди самараноки таълимро ба миён оварад. Вазифаи педагогӣ баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён, маҳорат ва малакаи онҳо ва инчунин имконияти ҳамкорӣ, ки асоси фаъолияти интернет ба шумор меравад, мебошад [11, с. 46-49].

Шабакаи интернетӣ мавҷудбуда вазифаҳои гуногунро аз рӯйи имкониятҳо муайян месозад, ки онҳоро метавонанд дар раванди таълим ҳал намоянд. Дар раванди таълим ва истифодаи манбаъҳои интернетӣ дар ҳар як донишҷӯ шавқи омӯзиши забонҳо пайдо мешавад ва ҳар як донишҷӯ имконият дорад худаш маълумоти заруриро барои омӯзиш дастрас намояд. Аз ҳама вазифаҳои муҳиме, ки метавонанд ба воситаи истифодаи технологияҳои интернетӣ дар донишгоҳҳо дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ амалӣ гарданд, инҳо мебошанд:

- инкишоф додани малакаҳои муошироти забони хориҷӣ дар соҳаҳо ва ҳолатҳои гуногун;
- тартиб додан ва беҳтар намудани маҳорати забондонӣ;

- инкишоф додани маҳорати мустақилона пеш бурдани корҳои тадқиқотӣ дар донишҷӯён бо истифода аз технологияҳои интернетӣ, ки ба бартараф намудани камбудиҳо, андӯхтани дониш, малака ва маҳоратҳо мусоидат мекунад;

- баланд бардоштани ҳавасмандкунӣ ва ҷалби донишҷӯён ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ;

- татбиқи равишҳои инфиродӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродии донишомӯзон ба воситаи истифодаи хизматрасонии шабакаи интернет;

- ташаккули маҳорати коммуникативӣ ва муоширати маданӣ.

Технологияҳои иттилоотии муосир ба муаллим дар раванди таълим бо маводҳои таълими иҷозат медиҳад, инчунин барои тайёр намудани маводҳои таълими имкониятҳои заруриро фароҳам месозад, барои дарёфти маълумотҳои зарурии иловагӣ ба донишҷӯён кумак мерасонад. Ҳамчунин, дар рафти омӯзиш муоширати интерактивӣ ва муносибати ҳаматарафа байни муаллиму донишҷӯ пайдо мешавад. Агар сифати таълими табииро муайян кунем, омӯзгор дорои имкониятҳое мебошад, ки хосият ва вазифаи дидактикии техникаи навинро дар раванди таълим муайян менамояд [6, с. 81-85].

Яке аз маводи зарурии техникӣ дар раванди таълим ин компютер ба шумор меравад, ки он маводи техникии боарзише мебошад, ки омӯзгор метавонад, интернетро ба воситаи компютер ҳамчун манбаи маводҳои иловагӣ дар рафти таълим истифода барад. Инчунин, омӯзгор имконияти ҳама намуд маводҳои зарурӣ оиди омӯзишро аз сомонаи интернетӣ метавонда дастрас намояд. Ҳамин тариқ, танҳо як қисми манбаи интернет барои ин ҳадаф истифода бурда мешавад [8, с. 445].

Дар замони муосир ҳамаи донишҷӯён бо системаҳои техникӣ шинос мебошанд ва қобилияти кор кардан дар компютерро дошта, онҳо метавонанд ба қадри кофӣ озодона ба воситаи компютер забонҳои хориҷиро омӯзанд. Масалан: донишҷӯён метавонанд машқҳо ва луғату ибораҳои зарурирро барои беҳтар кардани нутқашон аз сомонаҳои интернетӣ дарёфт намуда, барои иҷрои супоришҳои инфиродӣ аз адабиётҳои аслӣ бо забонҳои хориҷӣ истифода намоянд ва донишу малакаи худро сайқал диҳанд.

Танҳо бо ҳамин роҳҳо воситаҳои техникӣ дар ҳақиқат дар раванди таълим як маводи зарурӣ ба шумор рафта ҷойи махсусеро дар воситаҳои омӯзиш ишғол менамоянд. Ҳамин тариқ, компютер дар замони муосир барои таълимгирандагон як воситаи техникии боарзиш мебошад. Чи хеле ки педагоги англис Энтони Маллан қайд намуд «Агар компютер як воситаи техникии умумӣ ихтироъ намешуд, онро бояд махсусан барои мақсади омӯзиш истифода мекарданд» [10, с. 424].

Компютер воситаи техникии самаранок буда, онро дар раванди омӯзиш бештар истифода менамоянд, ба воситаи он донишҷӯён имконияти дар муҳити маҷозии забонӣ буданро пайдо мекунанд, инчунин, онро барои хондан, дидан, шунидани муоширати забонҳои хориҷии муосир худ истифода намоянд. Истифодаи сомонаҳои зарурии интернет дар раванди таълим ба рушди малакаи забондонии донишҷӯён мусоидат менамояд, ба монанди:

-мактуб (мукотибаи почтаи электронӣ);

- хониш (шиносоӣ бо мазмуни сомонаҳои матнӣ, хондани паём дар почтаҳои электронӣ);

- шунавоӣ (шунидан ва тамошои маводҳои садоӣ/видеоӣ, шунидани суханҳои шахси ҳамсуҳбат ба воситаи барномаи Skype);

-сухангӯи (муошират ба воситаи барномаи Skype, дар равиши машғулиятҳои амалии донишҷӯён дар асоси маълумотҳо аз сомонаҳои интернетӣ).

Иттилоотикунонии ҳамаи зинаҳои таҳсилот баландшавии сифати таълимро аз ҳисоби ҳаматарафа ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди педагогӣ таъмин менамояд. Ҳамчунин, иттилоотикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёна дар

оянда компютерикунонӣ бо мақсади ба даст овардани нишондодҳои ҷаҳонӣ дар таъмини техникаи компютерӣ, пайваст кардани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба сомонаи интернет, коркард ва ҷорӣ намудани системаи омӯзиши фосилавӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёна бо нашриётҳои таълимии умумии электронӣ ва сарчашмаҳоро дар назар дорад.

## АДАБИЁТ


1. Ахмедов Н. Б. Формирование модели применения ИКТ в школе / Н.Б. Ахмедов // Материалы Международной конференции-выставки «Информационные технологии в образовании» (ИТО-2004).–М., 2004.
2. Бакушин А.А. Инновационные процессы в технологиях обучения. Учебник / А.А. Бакушин. - М.: Гардарики, 2011. - 287 с.
3. Ажель Ю. П. Особенности внедрения Интернет-технологий в организацию самостоятельной работы студентов при обучении иностранным языкам в неязыковом вузе / Ю. П. Ажель. Молодой ученый. - 2011. - №6. Т.2. - С. 116-119.
4. Беляков С.А. Управление образованием и инновации / С.А. Беляков - Университетское управление: практика и анализ. - 2013. - N 2. - С.68-85.
5. Болонский процесс: традиции и инновации в педагогическом образовании - Волгоград:Перемена, 2010.–140 с.
6. Буран А.Л. Педагогические технологии, используемые в обучении иностранным языкам с применением информационно-коммуникационных технологий / А. Л. Буран // Молодой ученый. - 2011.- №12. Т.2. - С. 81-85.
7. Г. Ш. Джонмахмадова. Современные компьютерные технологии в школьном образовании как инновационная форма обучения / Г. Ш. Джонмахмадова // Вестник ТНУ 2015 №3110 (188). -С. 68-73.
8. Подопригорова Л.А. Использование Интернета в обучении иностранным языкам / Л. А. Подопригорова, Г.О.Корзан. Использование интернет-ресурсов при обучении английскому языку. ИЯШ.-2003.-№ 5 445 с.
9. П.Н. Ермакова. Психология личности: Учеб. пособие / П.Н. Ермакова, В.А. Лабунской. -М.: Эксмо, 2007.
10. Энтони Маллан. Информационные технологии. Учебник/Э. Маллан - М.: Литера, 2008. - 424 с.
11. Титаренко Н.В. Методика организации ролевых игр проблемной направленности при дистанционном обучении иностранным языкам: дисс. ... канд. пед. наук / Н.В. Титаренко. -М., 2007. -С. 46-49.
12. Фадеева И.Л. „Проблемы и перспективы лингвистической подготовки студентов в вузах негуманитарного профиля" / И.Л. Фадеева // Материалы международной научно-практической конференции. Горки 9-10 ноября 2000. -С.89-93.
13. Панюшкина О.А. Некоторые особенности преподавания иностранного языка с использованием информационных технологий в современных условиях.Обучение и воспитание: методики и практика / О.А. Панюшкина. 2013, -С. 82-92.


## НАҚШИ СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ДАР СИСТЕМАИ ТАЪЛИМ


Дар мақолаи мазкур муаллиф оиди истифода бурдани интернет ва аҳамият доштани он дар замони муосир ва таъсири он ба забономӯзии донишҷӯён маълумот медиҳад. Таълим барои инсон асосӣ буда, омӯзиши забонҳо бо ин роҳ хело муҳим мебошад. Технологияи коммуникативӣ ҳамаи асосҳои мусбии омӯзишро пайваст карда, манбаи мултимедия мебошад. Инчунин, иттилоотикунонӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот сифати таълимро аз ҳисоби ҳаматарафа ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ таъмин менамояд. Компютер воситаи техникии самаранок буда, онро дар раванди омӯзиш бештар истифода менамоянд. Ба воситаи компютер донишомӯзон метавонанд ба сомонаҳои интернетӣ пайваст шуда, маълумотҳои заруриро дастрас намоянд. Инчунин, ин як маводи иловагӣ барои омӯзгорон мебошад, ки метавонанд аз он дар раванди таълим истифода баранд. Танҳо бо ҳамин роҳҳо воситаҳои техникӣ дар ҳақиқат дар рафти таълим як маводи зарурӣ ба шумор рафта, ҷойи махсусеро дар дигар системаи воситаҳои омӯзиш доро мебошад. Технологияҳои иттилоотии муосир ба муаллим дар раванди таълим барои тайёр намудани маводҳои таълимӣ имкониятҳои зарурира фароҳам месозад.



**Калидвожаҳо:** мошин, интернет, гурӯҳ, муҳокима, технология, телекоммуникатсия, гиперматн, маводҳо, компютер.


## РОЛЬ ИНТЕРНЕТ - САЙТОВ В СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ


В статье рассматриваются вопросы использования интернета в системе обучения иностранному языку, обеспечения возможности создания для студентов условий формирования и развития лингвистических и коммуникативных навыков, максимально учитывая их потребности и особенности. А также на всех этапах образования для повышения его качества можно употреблять всестороннее обеспечение информационно коммуникационных Технологий в процессе обучения. Компьютер является техническим средством, которое все больше употребляется во время проведения занятий. С помощью компьютера студенты могут зайти на разные сеты интернета и найти необходимую информацию для себя. А также он являются одним из важнейших средств, которое преподаватели могут использовать как дополнительный материал во время преподавания. Таким путём технические возможности на самом деле является самым необходимым средством во время проведения занятий и занимают важное место в других сферах обучения. Сегодняшние современные информационные технологии дают возможность преподавателям заранее подготовить нужную информации и материалы для качественного проведения занятий, а также позволяют искать необходимые материалы, которые нужны для обучения.

**Ключевые слова:** машина, интернет, группа дискуссии, технология, телекоммуникация, гипертекст, материалы, компьютер.

**ROLE INTERNET - SITES IN EDUCATION SYSTEM**

In the given article, the author gave information how to use internet and how it is important for modern life. It influences as well to human life. The education is the main for the modern young people and it is important to learn foreign languages by this way. Informational communicative technology is joined all positive features of education that are multimedia resources. Also informing in all the stage of education for increasing its quality may use providing all sides of Informational Communication Technologies during teaching process. Computer is a technical mean that use more during education process. Using the Computer all the students can enter to the different Internet sites and find necessary information for themselves. It is important technical mean, which all teachers can use it as an additional material during teaching process. By this way, technical opportunities are the main necessary means for education and can give all other opportunities to different education sphere. Nowadays modern informational technologies give an opportunity to modern teachers and youth to prepare beforehand necessary documents, informations and materials for conducting lessons with a high quality. In addition, it lets to search necessary documents and informational materials that all teachers need during education process.

Key words: machine, internet, discussion groups, technology, telecommunication, hypertext, materials, computer.

**Сведение об авторах:** ***Ахмедова Бунафша Саймузафаровна*** Таджикский технический университет им. М.С. Осими, ассистент кафедры Языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект академиков Раджабовых 10. E-mail. **abunafsha@mail.ru,** Телефон: **985053454**

**УДК:371(575)**

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ФАЪОЛИЯТИ МУШТАРАКИ МУАЛЛИМИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА ВОЛИДАЙН ДОИР БА АМАЛИГАРДОНИИ УРФУ ОДАТ ВА АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ОИЛАВӢ

***Бобоева М.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Амалисозии муваффақонаи тарбияи ахлоқии хонандагон аз мактаб, омӯзгорон ва оила саъю талоши муассир, ҳамчунин дарки амиқ ва дониши педагогиро талаб менамояд.

Дар ин иртибот саволе ба миён меояд: агар анъанаҳои оилавӣ аз нигоҳи педагогӣ баррасӣ шаванд, нақши онҳо дар тарбияи ахлоқии хонандагон чӣ гуна хоҳад буд ва хусусияту қонунмандии асосии онҳо чӣ гуна аст?

Бояд таъкид намуд, ки моҳияти анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагон дар суханрониҳо ва гузоришҳои худи муаллимони синфҳои ибтидоӣ, қабл аз ҳама, дар семинарҳо, конференсияҳои доирнамудаи мактаб чун низоми тадбирҳои гуногуни тарбиявии беруназдарсӣ татбиқи амалии худро меёбанд. Ҳарчанд суҳбату ҷамъомадҳо, мулоқотҳои гузаронидашуда ва дигар чорабиниҳо дар сатҳи баланд ба роҳ монда шаванд ҳам, моҳияти тарбиявии онҳо дар баъзе мавридҳо ҳаматарафа дарку истифода намегарданд. Гузашта аз ин, дар чорабиниҳои гузаронидашуда баъзан шакли зоҳирии урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ амалӣ ва ба инобат гирифта мешаванд, вале аксар вақт механизмҳои психологӣ – педагогӣ, асари ахлоқии онҳо ба хонандагон, махсусан ба рушди ахлоқии кӯдакон, аз назарҳо дур мемонанд.

Мавриди зикр аст, ки бе дарку фаҳмиши амиқи моҳияти истифодаи анъана ва урфу одатҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагон ва шаклу усулҳои амалисозии он ҳадафмандиашонро пай бурдан ғайриимкон аст. Аммо ба ошкор намудани моҳияти анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон чун раванди педагогӣ бояд чӣ гуна муносибат кард? Барои ин мо бояд аз дарку фаҳмиши худи урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ шурӯъ намоем.

Солҳои охир омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷамъиятчигӣ изҳор менамоянд, ки пояи тарбия то андозае суст шуда, ахлоқу одоби наврасону ҷавонон коста гардидааст. Омилҳои суст шудани пояи тарбияи ахлоқии насли наврас гуногун мебошад. Ба ақидаи мо, яке аз сабабҳои паст рафтани ахлоқи насли наврас то андозае фаромӯш сохтани анъанаҳои неку пешқадами мардумӣ ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, бисёре аз урфу одатҳои пешқадами аҷдодонамон, ки дар таълиму тарбияи насли ҷавон арзишманд буданд, дар даврони рукуд чун моҳияти динидошта маънидод гардида, ҷашнгирӣ ва истифодаи онҳо манъ карда мешуд.

Имрӯз истиқлолияти давлатӣ имконияти васеъ фароҳам овардааст, ки арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик ба таври амиқ ва ҳаматарафа омӯхта шаванд. Дар ин самт халқи тоҷик солҳои охир тавонист ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таърихи қадима ва пурғановати фарҳангӣ доштани худро муаррифӣ намояд.

Суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ яке аз дастовардҳои маънавии халқи тоҷик буда, барои рушду камоли насли ҷавон хизмат мекунанд. Аз ин ҷост, ки ҳар халқу миллат маҳз тавассути суннат ва анъаноти пешқадамаш дар тамаддуни башар бозшинохта мешавад. Тоҷикон, ки яке аз қабилаҳои шарқии Эрон ба ҳисоб меравáнд, дар тӯли асрҳо суннатҳо ва анъаноти хешро нигоҳ доштаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи урфу одат ва аъанаҳои халқӣ касро ба гузаштаи дур, ба шаклҳои қадимтарини маданият, ахлоқ ва ҷаҳонбинӣ ошно месозад.

Пайдоиши урфу одат ва анъанаҳои халқӣ ҳанӯз ба замони Зардушт рост меоянд, ки дар китоби муқаддаси «Авасто» зикр ёфтаанд. Зардуштиён насли наврасро аз хурдсолӣ дар рӯҳияи илмдӯстӣ, поквиҷдонӣ, хоксорӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, ягонагии қавлу амал, саховатпешагӣ, хайрхоҳӣ, эҳтироми калонсолон ва ғайра тарбия менамуданд. Зардуштиён сухани хуб ва муносибати хайрхоҳонаро беҳтарин сифати ахлоқӣ мепиндоштанд. «Агар мо бодиққат ба мазмуни сурудҳо, готҳо, гимнҳо, яштҳо ва ниёишҳои «Авасто» назар афканем, бовар ҳосил менамоем, ки табиат ва ҷамъият аз нуқтаи назари некӣ-бадӣ, ростию ҳақиқат, дурӯғу беадолатӣ, зебоию зиштӣ, яъне вобаста ба мафҳумҳои ахлоқӣ инъикос ёфтаанд» [6, с.39].

Анъанаҳои қадимаи халқи тоҷик дорои аҳамияти бузурги итҷимоӣ мебошанд. Имрӯзҳо омӯхтану ба шароити имрӯза мутобиқ гардонидани анъанаҳои пешқадами халқи тоҷик вазифаи таъхирнопазири мактаб, оила ва аҳли ҷомеа мебошад, чунки дар шароити имрӯза аҳамияти тарбиявии анъанаҳои халқӣ, урфу одат ва расму оинҳои миллӣ торафт зиёд мегардад. Ҳамчунин арзиши тарбиявии анъанаҳои халқӣ он вақт меафзояд, ки агар онҳо бо анъанаҳои имрӯза ва дар алоқамандӣ бо мақсади тарбияи насли наврас истифода бурда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки урфу одат ва анъанаҳои неки оилавӣ ва арзишҳои ахлоқии дар замони зардуштиён бамиёномада баъдтар дар замони Ҳахоманишиҳо, Сосониён, Кушониён ва минбаъд ҳамчун меъёри тарбияи арзишҳои ахлоқӣ хизмат кардаанд.

Қобили зикр аст, ки чунин анъанаҳои нек имрӯз низ моҳияти ахлоқии худро гум накардаанд. Олимон ва зиёиёни Тоҷикистон барои эҳтиёткорона муносибат кардан ба дурдонаҳои мероси маънавии халқ кӯшиши зиёд намуда, барои омӯхтану тарғиби анъанаҳои пешқадами халқ корҳои шоистаеро амалӣ сохта истодаанд. Зеро омӯхтан ва дастраси умум гардонидани мероси бойи гузашта, аз ҷумла, анъанаҳои пешқадами мардумӣ ба ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми ҷараёни сохтмони ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёди Тоҷикистон ёрии калон расонида, дар тарбияи идеявии одамон ва ташаккули насли наврас ёрии амалӣ мерасонанд.

Ин нукта махсусан муҳим аст, ки иштироки хонандагон дар намудҳои гуногуни кори тарбиявии берун аз дарс доир ба истифодаи анъанаҳои оилавӣ ҷанбаи худихтиёрӣ дорад ва бояд, асосан ба хоҳишу шавқи онҳо асос ёбад. Барои ҳамин ҷолибият ва шавқангезии ташкилу амалисозии анъанаҳои оилавӣ бояд ҷузъи муҳимми раванди фаъолияти педагогии муаллими синфҳои ибтидоӣ ҳамчун роҳбари синф ба ҳисоб равад.

Таҳлилу баррасии масъалаи мазкур собит месозад, ки амалисозии анъана ва одатҳои оилавӣ аз тарафи муаллими синфҳои ибтидоӣ дар амалияи кор бо оилаҳо бо мушкилоти муайян рӯ ба рӯ мешавад. Мураккабӣ дар он аст, ки муаллими синфҳои ибтидоӣ зимни риояи усули иҷрои худихтиёрии анъанаҳо бояд дар хонавода дар бобати амиқ кардани аҳамият ва арзишҳои педагогии анъана ва одатҳои оилавӣ кори мунтазамро ба роҳ монад. Айни замон, ба инобат гирифтани нуктаи ҷиддии зерин - манфиати ҷомеа, ки заминаи онро асоси маънавӣ ташкил медиҳад ва он рушди бемайлони мабдаи ахлоқиро талаб менамояд, зарур аст. Далелҳои сершумори таҷрибаи тарбияи ахлоқии хонандагон дар оилаҳои тоҷик аз он шаҳодат медиҳанд, ки анъана ва одатҳои нав дар муқобили анъанаҳои бамеросмондаи замони пешин, ки умрашон ба охир расидааст (қалин, хонанишин кардани зан, никоҳ ва талоқ аз рӯйи шариат, никоҳи маҷбурӣ, никоҳи барвақтӣ, гаҳворабахшӣ, хунбаҳо ва ғайра) гузаронида мешаванд. Яке аз шартҳои асосии таъминкунандаи тамоюлоти мусбат дар оила шуурнокӣ ва фаъолнокии волидайн нисбат ба анъана ва одатҳои нав мебошад. Вале таҳлилу мушоҳидаҳо собит месозанд, ки на ҳамаи волидайн дар тарбияи кӯдакон нисбат ба

истифодаи урфу одат ва анъанаҳои халқӣ муносибати бошуурона ва фаъолона зоҳир менамоянд.

Бояд зикр намуд, ки дар оила ҷорӣ намудани муҳити созгор аз қадим яке аз анъанаҳои нек ба ҳисоб меравад.

Б.Г. Ананев менависад: «Муҳити маънавии оила ин ҳамдигарфаҳмии даркорӣ дар муносибати тарафайн, қаринии падару модарон нисбат ба кӯдакон, умумияти зербино ва зерсохтори тарбия аз бисёр ҷиҳат нисбат ба мақому вазъи оила дида, ба вазифаи иҷтимоӣ ва нақши волидайн вобастагӣ дорад» [2, с.107].

Мушоҳидаҳо ва далелҳои раднашаванда собит месозанд, ки аз рӯзҳои аввали ба дунё омадани кӯдак дар рӯҳияи анъанаҳои неки оилавӣ тарбия намудани кӯдакон дар такомули шахсияти кӯдакон мавқеи муҳимро касб менамояд. Иқтидори тарбиявии анъанаҳои оилавӣ аз он иборат аст, ки дар сурати самаранок ва моҳирона истифода бурдан аз онҳо ба азнавтарбиякунии кӯдакон ҳоҷат намемонад. Чи тавре ки педагоги намоён Г.Н. Волков менависад: «Анъанаҳо аз ҷиҳати мантиқи таъсиррасонӣ, ба рӯҳу равони тарбиягирандагон таъсири пурқувват мерасонанд» [4, с.8].

Бояд зикр намуд, ки дар оилаи тоҷик аз замонҳои қадим дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида тарбия намудани насли наврас ба ҳукми анъана даромада аст. Дар байни халқ як мақоле ҳаст: «Бача азиз, одобаш аз вай азизтар». Ё ин ки мегӯянд: **«Фарзанди нек - боғи падар, фарзанди бад - доғи падар».** Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки дар оилаи тоҷик хушбахтии падару модар ба воситаи батарбия будани кӯдакон арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, дар ҳар як оила кӯшиш карда мешавад, ки кӯдакон дар рӯҳияи арзишҳои умумиинсонӣ тарбия карда шаванд. «Кӯдакон дар оила на танҳо дарси одию мушаххаси иҷтимоиро аз худ мекунанд, балки ба маҷмӯи муносибатҳое дучор мешаванд, ки мазмуни ҳаёти оядаи онҳоро ташкил медиҳанд» [9, с. 57].

Зимни гузаронидани кори озмоишӣ дар байни падару модарон бо фарогирии 100 волидайи пурсишнома гузаронида шуд. Бо истифода аз маҷмӯи усулҳои таҳқиқот ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада вобаста ба сатҳи дарки аҳамияти тарбиявии анъанаҳо ва одатҳои оилавӣ, ки аз онҳо бевосита фаъолнокии истифодаашон дар хонавода вобаста аст, оилаҳо шартан ба гурӯҳҳои зеринро ҷудо карда шуданд:

1. Дар бисёр оилаҳо сатҳи баланди фаҳмиши аҳамияти иҷтимоӣ ва арзиши педагогии истифодаи анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи хонандагон ва фаъолнокии баланди истифодаи онҳо ба мушоҳида расид.

2. Оилаҳое ҳастанд, ки сатҳи баланди фаҳмиши аҳамияти иҷтимоӣ ва арзиши педагогии истифодаи анъана ва одатҳои оилавиро дар тарбияи фарзандон хуб дарк мекунанд, аммо аз онҳо чандон самаранок истифода намебаранд.

4. Намояндагони дигар гурӯҳ, баръакс, дониши нисбатан қаноатбахшро дар соҳаи анъана ва одатҳои оилавӣ доранд, вале дар ин оилаҳо усули фармонфармоии тарбияи фарзандон вуҷуд дорад, яъне дар ин оилаҳо ҳанӯз ҳам, усули ҳукмфармоӣ ҷорӣ аст.

5. Гурӯҳи дигари падару модарон оид ба аҳамияти иҷтимоӣ ва арзиши педагогии анъана ва одатҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон тасаввуроти комил надоранд ва дар тарбияи фарзандон аз онҳо истифода намебарад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили умумии пурсишномаи гузаронидашуда, суҳбат бо волидайн ва мушоҳидаҳо ошкор карда шуд, ки падару модарон аз анъанаҳо ва одатҳои оилавӣ дар ташаккули тарбияи ахлоқии хонандагон истифода мебаранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада тақозо менамоянд, ки зимни амалисозии урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон нисбат ба ҳар як гурӯҳи падару модарон кори гурӯҳию инфиродиро ташкилу ба роҳ мондан зарур аст ва ба ҳар кадом гурӯҳ бояд муносибати ҷудогона кард. Ба ин хотир, ки падару модарон моҳияти анъанаҳо ва одатҳои оилавӣ, аҳамияти истифода, инчунин мазмун ва роҳҳои татбиқи онҳоро сарфаҳм раванд.

Яке аз вазифаҳои кори таҳқиқотии мо ин тавсифи имконияти эҳтимолии дар ҳаёти оилаи муосири тоҷик ҷорӣ ва истифодаи хусусиятҳои хосси урфу одат ва анъанаҳои пешқадам маҳсуб мешавад.

Байни чунин шароитҳо мо инҳоро ҷудо кардем:

– сатҳи амалисозӣ ва тарғиби урфу одат ва анъанаҳои миллӣ дар амалияи кори тарбиявӣ бо кӯдакон дар шароити мактаб ва оила аз ҷониби муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва волидайн;

– хусусияти ҳамкории муаллими синфҳои ибтидоӣ, ки бевосита тарбияи ахлоқии кӯдаконро тавассути истифодаи анъанаҳои оилавӣ амалӣ менамояд.

Мутобиқи чунин асоснокқунӣ дар гурӯҳи аввал шартҳои алоқаи бевоситаи муаллими синфҳои ибтидоӣ бо волидайн тавассути шакли кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ ба роҳ монда шуд, ба монанди:

– фаъолияти шӯроҳо ва комиссияҳои махсуси ҷамъиятӣ доир ба паҳнкунӣ ва фаҳмондадиҳии ғоя ва дониш дар бораи урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ дар ҷомеа;

– фаъолияти махсуси тарғиботии мактаб якҷо бо волидайни фаъол доир ба паҳнкунии анъана ва одатҳои оилавӣ, ки дар он авлавият ба муаллими синфҳои ибтидоӣ тааллуқ дорад.

Гурӯҳи дувум, шартҳои алоқаи бавоситаи муаллими синфҳои ибтидоӣ бо намояндагони волидайн аз тариқи корҳои оммавӣ, истифодаи васоити ахбори омма, адабиёт ва санъатро дар бар мегирад, яъне ба таври мушаххас:

– аз тариқи рӯзнома, маҷаллаҳои педагогӣ ба таври мунтазам ва ҳадафнок таъсир расонидан ба тафаккури волидайн бо роҳи шинос намудани онҳо бо урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ, бо хусусиятҳои истифодаи онҳо ва илман асоснок кардани методикаи ин раванд;

– истифодаи барномаҳои шабакаҳои мушаххаси радиоӣ ва телевизионӣ бо мақсади ба намояндагони волидайн шарҳ додани моҳияти анъана ва одатҳои оилавӣ;

– таъсиррасонӣ ба шуури волидайн бо мақсади амалисозии анъана ва одатҳои оилавӣ дар амалияи тарбияи ахлоқии фарзандон ба воситаи матбуоти даврӣ;

– истифодаи адабиёти бадеӣ, театр, кино бо мақсади таъсиррасонӣ ба шуури волидайн барои татбиқи анъанаҳои оилавӣ дар амалияи тарбияи ахлоқии хонандагон.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари гуфтаҳои фавқуззикр дар раванди амалисозии урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ муаллими синфҳои ибтидоӣ инчунин ҳамоҳангсозии кори муассиса ва ташкилотҳои фарҳангиро низ бояд ба эътибор гирад. Ин шартро мо ба сифати муҳимтарин кори муаллими синфҳои ибтидоӣ оид ба шарҳи моҳияти урфу одат ва анъанаҳои хонаводагӣ чун масъалаи мубрами татбиқи онҳо дар амалияи тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол баррасӣ намудем.

Ба сифати яке аз доираҳои асосии низоми тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол мо фаъолияти тарғиботиро дар мавриди паҳнкунии анъанаҳои халқии оилавӣ, арзишҳои ахлоқии ҷомеа, меъёр ва усулҳои тарзи ҳаёти солим, такмили созмондиҳии фароғату истироҳати кӯдакон, аз байн бурдани анъанаҳои зараровар ва татбиқи анъана ва одатҳои навро роҳандозӣ намудем.

Акнун ба тавсифи хусусиятҳои хосу роҳҳои мушаххас ва шартҳои амалисозии анъана ва одатҳои оилавӣ дар дохили хонавода ба воситаи муаллими синфҳои ибтидоӣ мегузарем.

Бояд зикр намуд, ки анъана ва одатҳои нав наметавонанд ба таври сунъӣ сохта шаванд. Зуҳури ҳар гуна анъанаи нав аз ҳаёт, аз талаботи воқеии рушди иҷтимоии ҷомеа бармеояд. Зимни қонеъсозии тамоюли одамон ба зебоӣ ва идеяҳои олӣ, расму одатҳои нав тарзи ҳаёти одамонро инъикос карда, ҷанбаи сирф байналмилалӣ пайдо мекунанд.

Дар Тоҷикистон шӯроҳо оид ба фарҳанги миллӣ таъсис ёфтаанд, ки ба омӯзиш ва ҷорисозии урфу одат ва анъанаю маросимҳои нав дар рӯзгор машғуланд. Бисёр муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар ҳайати чунин шӯроҳо ва комиссияҳо шомил буда, вазифаҳои зеринро анҷом медиҳанд:

– дар кори фаҳмондадиҳӣ бо волидайн нақшу ҷойгоҳи расму одат ва анъанаҳоро дар тарбияи насли наврас ва умуман шаҳрвандон нишон медиҳанд;

– моҳият ва аҳамияти расму анъанаҳои оилавиро чун падидаи иҷтимоӣ – педагогӣ барои тарбияи ахлоқии насли наврас ошкор месозанд;

– бо волидайн масоили баррасии тарбияи ахлоқии хонандагон роҳандозӣ мешаванд;

– анъана ва одатҳои нави оилавиро ба воситаи расонаҳои хабарии оммавӣ фаъолона таблиғ менамоянд;

– якҷоя бо волидайн ба муқобили анъана ва одатҳои куҳна мубориза мебаранд;

– таҷрибаи мусбати анъана ва одатҳои оилавӣ таҳлилу ҷамъбаст ва паҳн карда мешавад;

– ба тарҳрезӣ ва баргузории тадбирҳои вобаста ба амалисозии урфу одат ва анъанаи оилавӣ мусоидат менамоянд.

Ба туфайли фаъолияти муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва комиссияҳои иҷтимоӣ анъанаи баргузории маросимҳои тантанавӣ дар ҷойҳои шарафи ҷангӣ ҷорӣ карда мешавад. Масалан, дар бисёр шаҳрҳои Тоҷикистон ҳангоми маросими никоҳи арӯсу домод ба ёдгории оташи абадӣ ва сарбози гумном расми гулгузорӣ баргузор мегарданд.

Бо назардошти ин ки муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба амалисозии ин қисмати махсуси кори тарбиявӣ комилан омодаанд, мо фаъолияти якҷояи онҳо ва волидайн ба воситаи АВО ва баргузории ҳар гуна чорабиниҳои муштарак роҳандозӣ намудем. Ҳамзамон, нашр кардани иттилоот дар воситаҳои ахбори омма низ яке аз шаклҳои муассири таблиғот ва ҷорисозии урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи хонаводагӣ мебошад.

Яке аз шаклҳои муаррифии урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ аз тарафи муаллимони синфҳои ибтидоӣ ташкил намудани гурӯҳҳои таблиғотӣ мебошад. Ба гурӯҳи таблиғотӣ намояндагони миллатҳои гуногун, волидайни фаъол, омӯзгорон, духтурон, кормандони шӯроҳои деҳот дохил мебошанд. Гурӯҳи таблиғотӣ ҳам дар мактаб ва ҳам дар манзили зисти волидайн оид ба аҳамияти истифодаи урфу одат ва анъанаҳои хонаводагӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон корҳои зиёди фаҳмондадиҳию таблиғотиро роҳандозӣ менамоянд.

Шакли дигари паҳнкунии анъанаҳои хонаводагӣ дар деҳот дар гурӯҳҳои гуногун муттаҳид намудани нафақагирону собиқадорони меҳнат мебошад. Собиқадорони меҳнат зимни мулоқот бо волидайн пайдоиши анъана ва одатҳои халқиро таблиғ мекунанд, волидайн ва талабагонро бо дониши мушаххас дар бораи хислат ва мазмуни маросимҳои неки гузашта, дар бораи шартҳои истифодаи онҳо дар замони муосир ҷиҳати тарбияи ахлоқи шоистаи насли нав дар рӯҳияи фаъолнокӣ, шуурнокӣ ва муҳаббат ба миллати худ мусаллаҳ месозанд. Аксар вақт худи собиқадорони меҳнат дар баргузории ҷашну маросимҳои гуногуни хонаводагӣ иштирок мекунанд ва дар бобати роҳҳои беҳтари гузаронидани чорабиниҳои зикргаршуда маслиҳату машварат медиҳанд.

Шакли дигари фаъолияти маърифатии иштироки фаъолонаи сухангӯён ва муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар масъалаи истифодаи расму одатҳои пешрафта дар тарбияи ахлоқии талабгон мебошад. Бояд зикр намуд, ки муколамаи озоду самимӣ бо падару модарон ҷиҳати тарғиб ва амалисозии урфу одат ва анъанаҳои хонаводагӣ ҷойгоҳи махсусро касб менамояд.

Таҷрибаи бисёрсола нишон медиҳад, ки воситаҳои ахбори умум (матбуот, радио, телевизион, кино) дар ҳаёти ҷомеаи мо нақши муассир доранд ва ба шахсияти хонандагон таъсири зиёд мерасонанд. Вале самаранокии ҳар гуна таъсирот аз худи тамошобин, шунаванда, хонанда ва фаъолияти ӯ дар раванди муносибат бо манбаи иттилоот вобаста аст. Ҷаҳонбинии шахсият ҳамчунин аз вазъияти иҷтимоӣ вобаста аст, ки ӯ дар он қарор дорад.

Васоити ахбори умум дар ҷомеа дар раванди ташаккули шахсият вазифаи муайянро иҷро мекунанд. Ин вазифаро бояд ҳар як омӯзгор ва падару модар эҳсос намояд ва ба инобат гирад. Бинобар ин, шакли муассири таблиғот ва воситаи амалисозии расму анъанаҳо дар амалияи тарбияи оилавӣ нашр кардани иттилоот дар воситаҳои ахбори умум мебошад. Ба воситаҳои ахбори умум рӯзномаҳои илмӣ – оммавӣ, маҷаллаҳои ҳам дорои аҳамияти минтақавӣ ва ҳам ҷумҳуриявӣ ва ғайра дохил мешаванд. Алҳол дар ҷумҳурӣ ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ даҳҳо рӯзномаю маҷаллаҳо ба нашр мерасанд.

Ба ғайр аз нашрияҳои ҳукуматӣ, ҳоло дар ҷумҳурӣ рӯзномаҳои ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ нашр мешаванд. Рӯзнома ва маҷаллаҳои «Бонувони Тоҷикистон», «Оила ва мактаб», «Омӯзгор», «Ҳақиқати Хатлон», «Минбари халқ», «Садои мардум», «Чархи гардун», «Оила» ва ғайра аз ҷумлаи он васоити ахбори омма маҳсуб мешаванд, ки дар байни мардум маъруфияти зиёд ва хонандагони худро доранд. Дар ин нашрияҳо муаллифон тарзи баргузории идҳои мардумии анъанавиро дар ҷумҳурӣ инъикос менамоянд, дар бораи эҳёи анъанаҳои хонаводагии гузашта ва падидаҳои анъанаҳои нави оилавӣ, масалан, дар доираи оила қайд кардани рӯзи аввали ба мактаб қадам ниҳодани фарзанди мактабхони синфи 1; гирифтани гувоҳиномаи хатми мактаб, гирифтани диплом дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус ва дар бораи решакан кардани анъанаҳои осебрасон ба солимии маънавии оила қиссаву мавод ба чоп мерасонанд.

Ҳамин тариқ, тавассути рӯзномаю маҷаллаҳои илмӣ – педагогӣ ба таври ҳадафманд ба тафаккури волидайн дар шакли ошно намудани онҳо бо анъана ва одатҳо, бо хусусиятҳои истифодаи онҳо ва асосноккунии илмию методии ин раванд таъсир расонида мешавад.

Мутаассифона, бисёр нашрияҳои номбаршуда ҳанӯз ба саҳнаи баррасии васеи проблемаи амалисозии урфу одат ва аъанаҳои миллӣ дар зиндагии ҳаррӯзаи одамон ба мақсади истифодаи онҳо дар тарбияи маънавии кӯдакон табдил наёфтаанд. Махсусан, набудани маҷалла ё рӯзномаи махсуси бахшида ба масоили тарбияи оилавӣ, дар таблиғу муаррифии васеи анъана ва одатҳои оилавӣ дар ҷумҳурӣ мушкилот ба вуҷуд меоварад.

Фаъолияти чунин нашрияҳо бояд ба дастрасӣ ба ҳадафи асосӣ – тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва башарии шахсият, ба инкишофи эҷодии мероси пешрафтаи маънавии халқ ва рушди намунаҳои беҳтарини он равона шуда бошанд.

Истифодаи шабакаҳои радио ва телевизион бо мақсади ба волидайн шарҳу эзоҳ додани моҳияти анъана ва одатҳои оилавӣ яке аз муассиртарин роҳҳои ҷорисозӣ ва муаррифии урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ мебошанд, зеро радио ва телевизион дар ин самт аз имкониятҳои зиёд бархӯрдоранд.

Барои омода кардани муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба амалисозӣ ва муаррифии унсурҳои пешқадами расму ойинҳо ва анъанаҳои халқӣ ва дар амалияи оилавии тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ татбиқ намудани онҳо, дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ батадриҷ курсҳои махсуси истифодаи расму ойину анъанаҳои хонаводагӣ дар тарбияи насли наврас ҷорӣ карда мешаванд. Гузашта аз ин, дар шароити мавҷуда барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ лозим аст, ки дар кори худ шароити минтақавӣ ва миллии синфҳои ибтидоӣ, инчунин хусусиятҳои таъсири онҳо ба инсон; хусусиятҳои миллии самтгирӣ дар соҳаи меҳнат ва фароғат; хусусиятҳои минтақа ва фазои этнофарҳангӣ дар фароҳам овардани шароит барои худинкишофдиҳӣ ва худсозии инсон дар тамоми марҳалаҳои синнусолиро дар назар гирад.

Бад-ин тартиб, яке аз вазифаҳои асосии фаъолияти муаллими синфҳои ибтидоӣ омӯзиши тарзи зиндагии хонаводагӣ ва хусусиятҳои миллии волидайн мебошад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ошноии комили муаллими синфҳои ибтидоӣ бо оинҳои тарзи зиндагии миллӣ ва ҳаётиашон гуногун, истифодаи шаклҳои инфиродӣ ва коллективии кор ҷиҳати пайдо кардан ва дар кори худ бо хонавода ҷорӣ кардани технологияи педагогӣ ба фаъолсозии имкониятҳои тарбиявии оила мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Азбука нравственного воспитания. Пособие для учителя / Под ред. И.А. Каирова и О.С. Богдановой. – 3-е изд., перераб. и доп.– М.: Просвещение, 1979.–318 с.
2. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания. Монографияя. / Б.Г. Ананьев. – Л., изд- во ЛГУ, 1968.-339 с.
3. Волков, Г.Н. Этнопедагогика: Учебник для средних и высших педагогических учебных заведений / Г.Н.Волков.– **М**.: Педагогика, 1999. – 376 с.
4. Гербенников И.В. Ошибки родителей в создании воспитательного климата семьи и пути их устранения / И.В. Гербенников // Изучение общественного мнения о причинах педагогических ошибок в семейном воспитании и пути их преодоления. – М.: Пед.об-во РСФСР, 1979. – С.11– 31.
5. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. Монография / Ф. Гулмадов. -Душанбе: Ирфон, 2014. – 299 с.
6. Қодиров Қ. Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён. Монография / Қ. Қодиров. –Душанбе, 2012. – 240 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7– 8, мод. 8.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Санаи қабул: 28.08.2007 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017, №6. Мод.7.


## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ФАЪОЛИЯТИ МУШТАРАКИ МУАЛЛИМИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ВА ВОЛИДАЙН ДОИР БА АМАЛИГАРДОНИИ УРФУ ОДАТ ВА АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ОИЛАВӢ


Амалисозии муваффақонаи тарбияи ахлоқии хонандагон аз мактаб, омӯзгорон ва оила саъю талоши муассир, ҳамчунин дарки амиқ ва дониши педагогиро талаб менамояд. Бо назардошти ин, дар мақола моҳият, мазмун, қонуният, тавсиф ва принсипҳои анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол муайян карда шуда, ҳамзамон роҳҳои самараноки татбиқи урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ аз нуқтаи назари педагогӣ нишон дода шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки бе амиқ дарк намудани моҳияти истифодаи урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон ва механизмҳои дохилии он самаранок татбиқ намудани онҳо ғайриимкон буда, дар бораи афзалиятнокии онҳо сухан рондан зарурият надорад. Дар мақола ақидаҳои олимон дар бораи амалисозии урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ дар фаъолияти муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва падару модарон таҳлил карда шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки эҳёи анъанаҳои миллӣ дар замони муосир на танҳо ҷиҳати мустаҳкам намудани саломатӣ ва инкишофи ҷисмонии насли наврас, балки барои пешгирии ҳодисаҳои номатлуб байни кӯдакону наврасон, ташаккули онҳо ҳамчун шахсият, мустаҳкам намудани арзишҳои оилавӣ аҳамияти назаррас доранд. Ба амалисозии масоили мазкур танҳо бо дастгирии аҳли ҷомеа ва бо ёрии сохторҳои дахлдори давлатӣ ноил шудан мумкин аст.



**Калидвожаҳо:** анъанаҳои оилавӣ, оила, падару модарон, муаллимони синфҳои ибтидоӣ, мактаббачагони хурдсол, оилаи муосир.

**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОВМЕСТНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ И РОДИТЕЛЕЙ ПО РЕАЛИЗАЦИИ СЕМЕЙНЫХ НАРОДНЫХ ТРАДИЦИЙ И ОБРЯДОВ**

Успешное осуществление нравственного воспитания младших школьников требует от учителей начальных классов и родителей совместных эффективных усилий, также глубокого осмысления и знания его педагогической сущности. В этой связи в статье раскрываются сущность, содержание, характер, закономерности и принципы семейных традиций в нравственном воспитании младших школьников и их эффективные пути осуществления с педагогической точки зрения. Между тем отмечается, что без обстоятельного осмысления сущности использования семейных традиций и обычаев в нравственном воспитании детей и его внутренних механизмов нельзя эффективно осуществлять данную работу и придавать ей необходимую целенаправленность. В статье анализируются подходы учёных к реализации семейных традиций и обрядов в работе учителей начальных классов и родителей. Отмечается, что возрождение национальных традиций в современных условиях не только имеет большое значение для укрепления здоровья подрастающего поколения, его физического развития и физической подготовки, но и также может способствовать профилактике негативных явлений среди детей и подростков, формированию их как личностей, укреплению семейных ценностей. Решение этой проблемы возможно только усилиями всего общества и с помощью соответствующих государственных структур.

**Ключевые слова:** семейные традиции, семья, родители, учителя начальных классов, младшие школьники, современная семья.

**PEDAGOGICAL BASES OF JOINT ACTIVITY OF TEACHERS OF PRIMARY CLASSES AND PARENTS ON REALIZATION OF FAMILY NATIONAL TRADITIONS AND CEREMONIES**

Successful implementation of moral education of junior schoolchildren requires from the teachers of primary classes and parents joint effective efforts, as well as deep comprehension and knowledge of his pedagogical essence. In this connection, the article reveals the essence, content, character, regularities and principles of family traditions in the moral education of junior schoolchildren and their effective ways of implementation from a pedagogical point of view. Meanwhile, it is noted that without a thorough understanding of the essence of the use of family traditions and customs in the moral education of children and its internal mechanisms, it is impossible to effectively carry out this work and give it the necessary purposefulness. The article analyzes the approaches of scientists to the implementation of family traditions and rituals in the work of primary school teachers and parents. It is noted that the revival of national traditions in modern conditions is not only of great importance for strengthening the health of the younger generation, its physical development and physical training, but it can also contribute to the prevention of negative phenomena among children and adolescents, their formation as individuals, and the strengthening of family values. The solution of this problem is possible only through the efforts of the whole society and with the help of appropriate state structures.

**Key words:** family traditions, family, parents, primary school teachers, junior schoolchildren, modern family.

**Сведения об авторе:** ***Бобоева Махбуба*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, преподаватель кафедры педагогики. **Адрес:** город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Телефон: **988-16-67-26**

I**nformation about the author:** ***Boboeva Mahbuba*** – Kulyab State University named after Abuabdulloch Rudaki, teacher of the chair of pedagogy. **Address:** Kulyab city, Sangak Safarova street, 16**.** Phone: **988-16-67-26**

**УДК:371(575.3)**

# РУШДИ МАФҲУМҲОИ БИОЛОГӢ ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШИ БИОЛОГИЯ

***Бояҳмадов Ш.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Фанни таълимии биология системаи асосии мафҳумҳои илмии биология, махсусан, коркардшуда, мантиқан ва пай дар пай рушд ёфта, байни ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Албатта, системаи мафҳумҳо дар асоси илм муайян карда мешаванд, ки дар фанни таълимии мактаб инъикос меёбанд. Дар миёни онҳо чунин мафҳумҳои асосии илмӣ арзи ҳастӣ доранд: ботаника, экологӣ, эвалютсионӣ, морфологӣ, анатомӣ, физиологӣ, системавӣ, генетикӣ, онтогенетикӣ, ҳифзитабиатӣ, сохторӣ-сатҳӣ, ҳамчунин, амалӣ (биотехникӣ ва гигиенӣ).

Мафҳум шакли тафаккури инсонӣ мебошад, ки дар он аломатҳои умумӣ ва асосии предметҳо, ҳодисоти ҷаҳони ҳақиқӣ инъикос меёбанд. Тавассути мафҳумҳо инсон фикр ва амал мекунад. Мафҳум шакли маҷмӯъ ё умумии дониш ва ҳамзамон шакли тафаккури хонандагон дар ҷараёни азхудкунии фанни таълимӣ мебошад ва мазмуну мундариҷаи фанни биологияро ифода месозад.

**Се давра ё марҳала дар мафҳумҳо асосан инҳоянд:** Давра ё марҳалаи якум ҷамъоварӣ, бадастоварӣ, рушди донишҳои асосӣ (далелҳо, омилҳо, мафҳумҳои баробар тобеъкардашуда), ҳамчунин, элементҳои асосии мазмуну мундариҷаи мафҳуми муайяншуда.

Давра ё марҳалаи дуюм, ҳамҷояшавии элементҳои мазмуну мундариҷа ва муайян кардани асоси мафҳум.

Давра ё марҳалаи сеюм истифодабарии мафҳумҳои ташаккулёфта ҳамчун дониши пурра дар самти мустаҳкамгардонӣ, ифоданокшавӣ ва рушди давомдор (васеъшавӣ, муттаҳидшавӣ бо дигарон ва ғайраҳо).

Мафҳумҳо мунтазам рушд меёбанд, васеъ мешаванд. Масалан, мафҳуми «Фотосинтез» дар синфи 7-ум «ин ҷараёни сохтани предметҳои органикӣ бо ёрии хлорофилла» мебошад. Ҳангоми омӯзиши биологияи умумӣ ин мафҳум ба таври зайл садо медиҳад: «Фотосинтез»-ин биосинтези карбогидрадҳо аз предметҳои ғайриорганикӣ (карбогидрати кислотаи газ ва об), гузашташуда ё рухдодашуда бо ёрии нури барқ дар хоначаи сабз мебошад». Мазмун ва мундариҷаи мафҳум дар бораи фотосинтез пурратар мешавад, ки дар чунин ҳолатҳо хлороплестҳо, моддаҳои рангдиҳандаи организми ҳайвонҳо ва растаниҳо (пигментҳо), хатти торикӣ ва равшанӣ, нақши рӯшноӣ, об ва гидроген, додани диққати асосӣ ба пайдоиши кислород, ҷамъоварии қувваи химиявӣ дар АТФ мебошад.

Ҷараёни ташаккулёбии мафҳумҳо дорои чунин хосиятанд:

- ✓ Мафҳумҳо дар «шакли тайёр» аз худ карда намешаванд, барои инкишофи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ танҳо тариқи садо додани қоидаҳо ва таърифҳо ҷудо карда мешаванд ва ташаккул меёбанд.
- ✓ Мафҳумҳо дарҳол аз худ карда намешаванд, дар як лаҳза не, балки оҳиста-оҳиста, вобаста ба давру дараҷаи омӯзиши курсҳо, предметҳо, беист вобаста ба ҳаҷм ва умқу амиқӣ аз худ карда мешаванд.

Мафҳумҳо системаеро пешниҳод месозанд, ки дар он як қатор мафҳумҳои бо дигар мафҳумҳо алоқаманд мебошанд:

- ✓ Ҷараёни ташаккулёбии мафҳумҳо идорашаванда мебошад, он таҳти роҳбарӣ ва назорати омӯзгор рух медиҳад, характери мақсаднок дорад.

Ба ташаккулёбӣ ва рушди мафҳумҳо дар методикаи таълими биология аз давраҳои хеле ҳам пеш диққати зиёд дода мешавад. Ба ҳолатҳои асосии назария дар бораи рушди мафҳумҳои предмети биологияи мактабӣ инҳо шомил мегарданд:

- ✓ Фанни таълимии биология, ки системаи асосии мафҳумҳои илм ва таҷриба мебошад.
- ✓ Дар мафҳумҳо мазмун ва мундариҷаи фанни биология ифода мешавад.
- ✓ Мафҳумҳо нақши муҳимро дар ҷараёни рушди тафаккур ва таълиму тарбияи хонандагон мебозанд.
- ✓ Ташаккулёбӣ ва рушди мафҳумҳои биологӣ дар ҷараёнҳои давравию марҳалавӣ суръат мегиранд: тахассусӣ, маҳдудию маҳаллӣ ва умумибиологӣ.
- ✓ Мафҳумҳои мураккаб дар ҷараёни рушдёбиашон васоити ҷамъбастгардонии мафҳумҳои одӣ, муттаҳидшавӣ, якшавӣ, якҷояшавӣ ва дар алоқамандии байниҳамдигарӣ бо мафҳумҳои дигари фанҳои таълимӣ ташаккул меёбанд.
- ✓ Мафҳумҳо ҷудо карда мешаванд ба алоқаҳои байнифаннӣ ва дохилифаннӣ, дурнамоӣ ва тарҷеӣ, рушди муфҳумҳо.
- ✓ Алоқаҳои байнифаннӣ ва дохилифаннӣ шартҳои муҳимми рушди мафҳумҳо, воситаҳои онҳо-«картаҳои синхроникии ҷараёни таълим» мебошад.

Шаклҳои гуногуни рушди мафҳумҳо вуҷуд доранд: доимӣ, даврагӣ, дуҷониба, баробар овардашуда ё пайдошуда ва бо қисмат ё порчаи хурди маводи таълимӣ ва давраи омӯзиши он;

- ✓ Дар ташаккулёбии пай дар пай, пайваста ва рушди мафҳумҳо азхудкунии давомнок ва бошууронаи онҳо рух медиҳад.
- ✓ Ҳаракати мафҳумҳо дар фанни таълимии мактабӣ васоити инъикоси пурра, комилан мувофиқ ба табиати предметҳо ва ҳодисот дар муошират қарор мегиранд.

Мафҳумҳо ба одӣ ва мураккаб тақсим карда мешаванд. Дар биологияи мактабӣ мафҳумҳои махсус ё хос ба он ҷой дода мешаванд, ки берун аз як фан рушд ёфтаанд (ботаника, зоология) ва умумибиологӣ дар ҳамаи курсҳои предметҳои рушдёфта.

Мафҳумҳои махсус ё хос бо предмет ё фанни таълимӣ онҳое мебошанд, ки берун аз як курс рушд меёбанд. Дар байни онҳо мафҳумҳои маҳдуд ё ба ягон маҳал хосбударо нишон додан мумкин аст. Яъне, рушдёбанда берун аз мавзӯъҳо ё дарсҳои алоҳида. Мафҳумҳоеро умумибиологӣ меноманд, ки онҳо дар бораи қонуниятҳои биологии мансуббуда ба ҳамаи организмҳои зинда ва умумияткунандаи мафҳумҳои махсуси курсҳои алоҳидаи биологӣ мебошанд: қафас ё хонача ҳамчун воҳиди ҳаёт, иттиҳодияи барқароркунӣ ва функсияҳои

организмҳо, алоқамандии байни организмҳо ва муҳит, организм ҳамчун системаи худтанзимкунанда, ивазкунии предметҳо ва гардиши қувва, рушди эволютсионии ҷаҳон, системаи биологӣ ва ташаккулёбии материяи зинда мебошад. Ин мафҳумҳо аз мафҳумҳои махсус ташкил меёбанд ва дар ҳамаи курсҳои биологияи мактабӣ вобаста ба маводҳои ҳар яки онҳо рушд меёбанд.

Вазифаи таълим ва омӯзиш дар маълумоти банақшагирифташуда ва рушди мафҳумҳо мебошанд. Ҳар як мафҳум дар рушди худ аз ҷониби хонандагон то ба дараҷае бояд аз худ карда шаванд, ки дар атрофи онҳо кору амал карда тавонанд.

Ба омӯзгор зарур аст донад, ки чӣ тавр ҳаракати мафҳумҳо аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар ва аз як курс ба курси дигар мегузарад. Аз ҳама лаҳзаҳои муҳим дар ташаккулёбии мафҳум нишон додани аломатҳои асосии он мебошад. Бинобар ин, таҳлили муқоисашавии аломатҳо, синтез ва умумияткунониро истифода мебаранд.

Вобаста ба ҷиҳатҳои махсус ҷараёни ташаккулёбӣ ва рушди мафҳумҳоро мумкин аст ба се давра тақсим намоем: ташаккулёбӣ, рушд ва ҳамҷоякунӣ.

Се тарзи ташаккулёбии мафҳумҳоро истифода мебаранд: аз таҷрибаи ҳиссиётӣ бо роҳи умумияткунонии индуктивӣ, ё ин ки бо роҳи хулосаи дедуктивии онҳо аз назарияҳои маълум ва машҳури традуктивӣ.

Индуксия намуди натиҷа ва хулосабарорие мебошад, ки дар асоси гузариши пай дар пай аз муҳокимаи баъзе паҳлуҳои предмет бо хосияти умумии он ташкил мешавад. Ташкилёбии индуктивии мафҳумҳо барои марҳалаи аввали омӯзиш хос мебошад, ки асоси он бахри ҷамъбасти маълумотҳои таҷрибавӣ хизмат мерасонанд. Дар ин ҳолат мақоми махсусро мушоҳидакориҳои объектҳо (табиатшиносӣ, ё ин ки ихтироъкорӣ), муқоисакунӣ ва ҷамъбасти мушоҳидаҳо ишғол менамоянд.

Барои ба роҳи индуктивӣ ташаккул ёфтани мафҳумҳо чунин пайдарпайии фаъолияти омӯзгор ва хонанда хос мебошад:

- ✓ Мушоҳидаи объектҳо ва ҳодисаҳо.
- ✓ Муқоисаи онҳо ва дар ин асос нишон додани аломатҳо ва хусусиятҳо.
- ✓ Ҷамъбасти (умумияти) онҳо.
- ✓ Кор бо қоида ва таърифи мафҳумҳо, ки дар онҳо аломатҳои муҳим нишон дода мешаванд.
- ✓ Истифодабарии донишҳо дар таҷриба.

Дедуксия ҳаракати баръакси фикрро шарҳ медиҳад-аз умумӣ ба ҷузъӣ -растаниҳо дорои фотосинтез мебошанд, барои он ки хлорофили доранд, ки бо ёрии вай дар равшанӣ моддаҳои органикӣ аз гази карбонат ва об ташкил мешаванд.

Аллакай дар давраҳои аввали омӯзиши биология як қатор мафҳумҳои абстрактиву назариявӣ (мувофиқаткунонӣ, гуногунии биологӣ, системаи организмҳои зинда, ҷойишғолкунӣ) ҷорӣ карда шудаанд, ки онҳо мафҳумҳои ибтидоӣ бахри рушди системаи яклухти донишҳои назариявӣ мебошанд (организм, намуд, қавм, қабила, оила, хонавода, эволютсия, таҳаввул, гузариш ва ғайраҳо). Бо роҳи дедуктивӣ:

- ✓ дар оғоз қоида ё таърифи мафҳумҳо дода мешавад;
- ✓ баъди ин азхудкунии аломатҳо ва алоқаҳои онҳо ба роҳ монда мешавад;
- ✓ мустаҳкамшавии аломатҳо ва алоқаҳо ба вуҷуд оварда мешаванд;
- ✓ алоқаҳо бо дигар мафҳумҳо барқарор карда мешаванд;
- ✓ гузаронидани машқҳо барои фарқ кардани аломатҳои мафҳумҳо.

Традуксия хулоса аз гирифтани дониш дар бораи дараҷаи умумиятнокӣ бо донишҳои нав бароварда мешавад, аммо дар дараҷаи умумӣ. Яъне, хулоса аз ягонагӣ ба ягонагӣ, ё ин ки аз ҷузъӣ ба ҷузъӣ, аз умумӣ ба умумӣ бароварда мешавад.

Нақши хеле ҳам муассирро дар ташаккулёбӣ ва рушди маҳфумҳои биологӣ муқоиса мебозад. Муқоиса қиёс кардани объектҳо бо мақсади муайян намудани аломатҳои монандӣ ва фарқияти байни онҳо мебошад. Он имконияти истифодабарии таҳлилро таъмин месозад, яъне тадқиқоти ҳамаҷониба ва муқоисавии хосиятҳои предмет ва ҳодисоти омӯхташударо.

Ҳамин тавр, бояд иброз намуд, ки мафҳумҳои биологӣ доимо дар ҳоли рушд мебошанд. Тадқиқотҳои мо нишон доданд, ки системаи мафҳумҳо дар асоси илм муайян карда мешавад, ки ба таври ҳатмӣ дар фанни таълимӣ инъикоси худро меёбад.

**АДАБИЁТ**

1. Евдакимова Р.М. Машғулияти беруназсинфӣ аз фанни биология / М.Е. Елизарова. Шиносони ношинос. Муҳити зист (2-3 синф). –Волгоград: Омӯзгор, 2006.

2. Колчис Т.П. Машғулиятҳои беруназсинфӣ ва ғайримактабӣ бо хонандагон / Т.П. Колчис. -М.: Маориф, - 1980.
3. Косаткина Н.А. Машғулияти беруназсинфӣ аз фанни биология / Н.А. Косаткина. - Волгоград: Омӯзгор, - 2004 с.
4. Кострынин Р.А. Соатҳои синфӣ дар мавзӯи «Пешгирии одатҳои зараровар» (синфҳои 9-11) / Р.А. Кострынин. -М.: Глобус, 2008.
5. Никимов А.И. Назария ва методикаи таълими биология / А.И. Никимов. -М.: Колос, 2007.
6. Никимов А.И. Машғулияти беруназсинфӣ доир ба биология / А.И.Никимов, З.А. Мокеева. -М. Маориф, 1980.

## РУШДИ МАФҲУМҲОИ БИОЛОГӢ ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШИ БИОЛОГИЯ

Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва инкишофи мафҳумҳои биологӣ дар раванди омӯзиши фанни биология бахшида шудааст. Мактаббачагон дорои донишҳои қонунҳои асосӣ дар зиндагӣ дар тамоми сатҳҳои ташкили маълумоти биологӣ мегарданд, бо кашфиётҳо дар соҳаи механизмҳои равандҳо ва падидаҳои биологӣ ошно мегарданд, ҷойгоҳи инсонро дар биосфера, дар бораи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории ӯ мефаҳманд. Мазмуни биологияи умумӣ бо системаи мафҳумҳо, қонуниятҳо, қонунҳо, ғояҳо пешниҳод гардидааст, ки қисмати зиёди онҳо синтези мафҳумҳои махсус - ботаникӣ, зоологӣ, мафҳумҳо дар бораи организм мебошад . Қисмати зиёди мафҳумҳои ин қисми мактабӣ аз рӯи мазмун мураккаб аст ва бо истилоҳоти хориҷии барои мактаббачагон ноошно ишорат гардидааст, ки кори махсусро бо онҳо талаб менамояд. Аз ҳама лаҳзаи муҳим дар ташаккули мафҳумҳо ин ҷудосозии нишонаҳои моҳиятноки онҳо мебошад ва барои ин амалиётҳои зеҳнӣ талаб карда мешавад - таҳлил, аниқгардонӣ, муқоиса, синтез, таҷрид ва хулосабарорӣ. Ҳангоми омӯзиши фанни биология амалиётҳои ишоратгардида бояд дар сохтори усулҳои муайяни ташаккули мафҳумҳо ҷой дошта бошанд. Дар таҷриба усулҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Интихоби онҳо аз категорияи мафҳум, сохтор ва ҳаҷми он, сатҳи ташаккулёбандагии донишҳои назариявӣ, аҳамияти мафҳуми аниқ дар тайёрии фаннии мактаббачагон вобастагӣ дорад. Дар методикаи таълими биология ду ақида истифода мегардад - ташаккули мафҳумҳо ва инкишофи онҳо. Мафҳуми биологӣ метавонад аз оддӣ ба мураккаб, аз эмпирикӣ ба назариявӣ ва аз муайян ба ҷамъбастӣ инкишоф ёбад.

**Калидвожаҳо:** мафҳумҳои биологӣ, раванди омӯзиши биология, ташаккули мафҳумҳо, амалиётҳои зеҳнӣ, тайёрии фаннии мактаббачагон.

## РАЗВИТИЕ БИОЛОГИЧЕСКИХ ПОНЯТИЙ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ БИОЛОГИИ

Мотив поступления в вуз связан с идеалами студентов, их ценностными ориентациями в будущей профессиональной деятельности, социальными установками, эмоциями, чувствами, нахождение своей позиции в обществе и т.д. С целью определения мотивов выбора профессии педагога будущим учителям было предложено ответить на вопрос: «С какой целью вы поступили в вуз?». Большинство респондентов указывало 3-4 целевые установки, которыми они руководствовались при поступлении в вуз. Данные, полученные в результате проведенного опроса, представлены в таблице №1.

**Таблица №1. Целевые установки на момент поступления (в%)**

| **№** | **Варианты ответа** | **Распределение ответов в % к общему числу высказываний** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 1к | 1к | 5к | 5к |
| 1. | Потребность в образовании | 48% | 47% | 66% | 67% |
| 2. | Уверенность в своих способностей | 16% | 15% | 37% | 36% |
| 3. | Потребность в самореализации | 8% | 7% | 37% | 36% |
| 4. | Желание иметь высшее образование | 27% | 26% | 38% | 38% |
| 5. | Легкость обучения на данном факультете | 3% | 4% | 0% | 0% |
| 6. | Потребность в материальном благополучии | 6% | 7% | 5% | 4% |
| 7. | Любовь к детям и педагогической деятельности | 53% | 54% | 82% | 81% |
| 8. | Желание стать хорошим учителем и спортсменом | 37% | 36% | 38% | 39% |
| 9. | Потребность в решении социальных проблем общества | 2% | 1% | 7% | 8% |
| 10 | Совет родителей и друзей | 46% | 47% | 5% | 5% |

Изучение динамики ведущих мотивов профессии учителя показало, что у будущих учителей главными являются: любовь к детям и педагогической деятельности; желание стать хорошим учителем и спортсменом; совет родителей, родственников и друзей и желание иметь высшее образование. По мнению 7% респондентов, они могут приобрести профессию, которая позволит им получить достаточное материальное вознаграждение. Желание получения высшего образования как средства самореализации, желание проявить себя, свои способности рассматривают 26-27% опрошенных. Между тем потребность в самореализации последние годы увеличивается. Следует отметить, что студенты первых курсов в большей степени ориентированы на личностное самосовершенствование средствами образования, повышение общего профессионального и

культурного уровня. Будущие учителя свое профессиональное становление не связывают с потребностью в решении социальных проблем в обществе, что свидетельствует об отсутствии у них мотивов.

46% студентов руководствовались при выборе профессии желанием других, особенно родителей, которые говорят о соответствии и неосознанности профессиональных намерений. Около 6% студентов испытывали затруднение в определение целевой установки, считая, что особой цели не имели: «надо было куда-то идти», «потупил просто так» и т.д. Однако среди ответов респондентов встречались и такие, как «очень нравится профессия учителя физической культуры, постараюсь найти себя» и т.д., но процент подобных ответов из общего числа является незначительным.

Известно, что профессионально-педагогические знания создают теоретическую основу ответственности учителя. Исходя из этого, мы решили выявить академическую успеваемость по педагогическим и специальным дисциплинам. Когнитивный компонент ответственности включает в себя знания о сущности педагогических, социально-правовых, нравственных норм и предвидения их последствий [2, с.6]. Поэтому мы решили выявить академическую успеваемость по педагогическим дисциплинам теории и методики физического воспитания, которая оценивалась путем усреднения экзаменационных и зачетных оценок нескольких учебных периодов. Академическая успеваемость будущих учителей приведена в таблице №2

Таблица №2. **Академическая успеваемость будущих учителей физической культуры**

| Вузы | Курсы | Средний балл |
|---|---|---|
| ТИФК | 1 | 85,9 |
| КГУ | 1 | 85,7 |

Как видно из таблицы, несмотря на высокий и средний балл по педагогическим дисциплинам, многие студенты признают, что запас их педагогических знаний является явно недостаточным для реализации себя как ответственного учителя в школе, они чувствуют при мысли о предстоящей педагогической деятельности неуверенность, ощущение тревоги и т.д. Причины такого положения, на наш взгляд, кроются в том, что преподаватели **педагогических дисциплин работают по-старому**, тогда как данные дисциплины должны пробуждать у будущих учителей активность, направленную на самостоятельное овладение педагогическими знаниями, как основу формирования ответственного профессионала. Ведь именно общепедагогическая подготовка позволяет на основе идеи личностно- ориентированного образования и педагогической культуры будущего педагога осознать что главной ценностью в его деятельности будет выступать личность школьника.

В формировании и функционировании педагогической ответственности будущих учителей физическую культуры важную роль играют ценности, так как ценностные ориентации представляют собой единство мыслей, чувств, поведения, охватывают все компоненты ответственности будущего учителя в процессе его становления.

При выявлении общей направленности профессионально-ценностной ориентации студентов как показателя сформированности педагогической ответственности учителя, особую важность представляло предпочтение им выбора основных социально ориентированных, общечеловеческих ценностей, характеризующих личностно-профессиональные особенности будущего специалиста.

Используя методику изучения ценностных ориентаций, мы исходили из того, что каждой общечеловеческой ценности соответствует определенное качество личности, которое способствует формированию педагогической ответственности будущего учителя физической культуры в процессе общепедагогической подготовки.

Важно то, что интериозированные общечеловеческие ценности лежат в основе мотивации молодежи, ориентированной как на выбор своего профессионального пути, так и на свой личностный рост. Изучение научно-психологической литературы убеждает нас в том, что каждой из ценностей соответствует определенное качество личности, на основе признания которых формируется терминальная и инструментальная ценность[5, с.34].

Для всех курсов наиболее значимыми являются такие ценности личной жизни, как возможность сохранения и укрепления здоровья. Это объясняется тем, что с каждым годом увеличивается количество поступающих студентов с ослабленным здоровьем. Будущие учителя, во-первых, понимают, что от состояния физического и психического благополучия зависит полноценность и здоровье детей, во-вторых, успех в карьере, в общении и т.д. Однако существуют

также противоречия в их повседневной жизни: несоблюдение режима питания, гигиенических требований, следовать здоровому образу жизни и т.д.

Проведение опроса показало, что студенты в большей степени ориентируются на получение разнообразных жизненных благ, стремятся реализовать на практике интересы, связанные с благополучием и т.д., которые прежде всего отрицательно могут отражаться на формировании и саморазвитии личности в сфере культурно-познавательной, профессиональной деятельности и социальной активности.

Таким образом, систему ценностных ориентации личности, как и любую психологическую систему, можно представить как «многомерное динамические пространство», каждое измерение которого соответствует определенному виду общественных отношений и имеет у каждой личности различия «веса», связанное с изменением социального положения респондентов в процессе обучения в вузе.

Анализ полученных данных показал, что ранжирование студентами 1-5 курсов инструментальных ценностей по их значимости произведено следующим образом: наиболее предпочтительными в любой жизненной ситуации явились: образованность, воспитанность и честность. Следует отметить, что по, мнению большей части студентов, образ действия должен соответствовать хорошим манерам (76%); мотивации с точки зрения искренности и правдивости (32%); высокой общей культуре (76%).

Более предпочтительными оказались аккуратность, жизнерадостность, самоконтроль, терпимость, твердая воля, смелость в отстаивании своего мнения.

К менее предпочтительным и значимым отнесены: коммуникативность, рационализм, исполнительность, эффективность в делах, широта взглядов, чуткость, непримиримость к недостаткам в себе и в других. Анализ показал, что особых расхождений в предпочтении основной системы инструментальных ценностей первых и выпускных курсов не наблюдается в ранговых рядах.

Ценностные ориентации, утвердившись в структуре личности будущего специалиста, становятся ее руководящим мотивом поведения и поступков. А их относительная стабильность позволяет личности не реагировать и не приспосабливаться, к случайным обстоятельствам, действовать самостоятельно активно, сознательно и ответственно в своей профессиональной деятельности[10, с14]. Логика настоящего исследования предусматривает оценку уровня сформированности поведенческого компонента, ответственности как выбора определенной линии поведения, то есть систематическое выполнение своих обязанностей, доведение порученного дела до конца в профессионально-педагогической деятельности и ответ за результат и ее последствия.

При разработке и оценке уровня поведения будущего учителя мы исходили из структуры ответственности с позиций многомерно-функционального подхода, разработанного А.И.Крупновым, в основной идее которой является положение в функциональном единстве мотивационных, эмоциональных, когнитивных, динамических, регулятивных составляющих ответственности [1, с.4-12].

Действительно, в основе каждого свойства лежит определенное, конкретное стремление, что ответственность, так же как личностное свойства не исключение, поэтому может быть оценено стремление быть ответственным. В этой связи следует отметить, что за последние годы, последователи данного подхода использовали его для различных качеств субъекта: общительности, инициативности, настойчивости, ответственности и т.д. [9, с. 122].

Поведенческий компонент ответственности формируется в результате успешной реализации когнитивного, мотивационного, эмоционально-волевого компонентов и проявляет себя: в стремление к приобретению знаний, самообразованию, самостоятельности и инициативности при решении различных задач; в богатстве эмоциональной сферы и потребности общения; в проявлении общечеловеческих норм гуманистической морали в различных ситуациях учебно-воспитательной деятельности; в устойчивой мотивации к профессионально-педагогической деятельности, особенно в наличии разнообразных умений и навыков, в стремлении и желание самореализоваться и достичь высоких результатов в процессе профессиональной деятельности.

Поскольку все перечисленные качества данного компонента, направленны в основном на практические решения задач в педагогической деятельности, то при оценке и определении уровня сформированности поведенческой ответственности выбрали педагогические умения.

С этой целью для определения уровня сформированности профессионально-педагогических умений использовали опрос, представляющий задание на самоанализ, который составляет основу ответственности учителя. Будущие учителя использовали следующую шкалу:

- балл - «3» получают, если умения проявляются постоянно, типичны для данной личности, имеют высокий уровень развития при решении учебных и других практических задач;

- балл- «2»- умения проявляются непостоянно, достигают минимально необходимого уровня, не представляют собой систему; -балл- «1»- умения выражены слабо или вовсе отсутствуют.

Результаты самооценки представлены в таблице №3.

**Таблица №3.Уровень самооценки будущими учителями педагогических умений**

| № | Педагогические умения | Шкала оценок | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 3 | 2 | 1 |
| 1. | Умение устанавливать педагогически целесообразные отношенияе с учащимися, их родителями, педагогами на основе сложившихся коммуникативных умений. | 23% | 52% | 25% |
| 2. | Умение ориентироваться на субъект -субъектное взаимодействие в практической деятельности | 19% | 50% | 31% |
| 3. | Умение правильно воспринимать и учитывать своеобразие собственной личности и окружающих | 27% | 56% | 45% |
| 4. | Умение организовать себя, свою познавательную деятельность | 18% | 35% | 45% |
| 5. | Умение проявлять к себе повышенную требовательность, заниматься самосовершенствованием | 24% | 59% | 17% |
| 6. | Умение управлять своими эмоциями и волевые качества | 10% | 55% | 75% |
| 7. | Умение доводить дело до конца | 24% | 39% | 47% |
| 8. | Умение отчитываться определенной работе | 30% | 38% | 32% |

Поскольку основной общепедагогической подготовки для студентов физической культуры является педагогика, успешность изучения её отражает учебную ответственность, требующую твердых педагогических знаний.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Крупнов А.И. Системно-функциональный подход к изучению личности и ее свойства. Монография / А. И. Крупнов. Под ред. С.Н. Зинковской, А.В.Зинковского.- Екатеринбург: Урал гос.ун-т, Уралин-т ГПС. МЧС России, 2010.-412 с.

2. Крупнов А.И. Системно-диспозиоционный подход к изучению личности и ее свойства / А. И. Крупнов. под ред. С.Н.Зинковской, А.В.Зинковского.-Екатеринбург: Урал гос-ун-т, Уралин-т ГПС.МЧС России, 2010.-412 с.

3. Лутфуллоев М. Возрождение педагогики аджама / М.Лутфуллоев. -Душанбе: Дониш, 1997.-150 с.

4. Лутфуллоев М. Педагогика милосердия. Монография / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1994.- 48 с.

5. Ломов Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии. Методическое пособие / Б. Ф. Ломов. -М.: Наука, 1984.- 444 с.

6. Ильин Е.П. Психология физического воспитания. Учебник / Е. П. Ильин-СПб:,2000. – 486 с.

7. Лесгафт П.Ф. Психология нравственного и физического воспитания / П. Ф. Лесгафт, Избр.психол.тр / Под ред. М.П.Ивановой. -М. - Воронеж, 1998.-410с.

8. Матвеев Л.П.Физкультурное образование: Проблемы и перспективы развития. Монография / Л. П. Матвеев. – Москва: 1996. -38 с.

9. Махмадрасулов С. История таджикского спорта. Учебник / С. Махмадрасулов, Турсунов С. М. - Душанбе: Спорткомитет, 1997. – 286 с.

10. Морозова М.И. Формирование основ профессионализма у студентов педагогических вузов в процессе обучения педагогическим технологиям: автореф.дис… канд. пед. наук / М. И. Морозова. - Санкт-Петербург, 1979.-26 с.

## ТАШАККУЛИ МАСЪУЛИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Масъулият ҷузъи асосии тайёрии касбии омӯзгор мебошад, ки барорнокии фаъолияти педагогии ӯро муайян месозад. Таҳлили таҷрибаи мактабӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ то дараҷаи муайян дорои масъулияти ташаккулёфтаи касбӣ нестанд. Мақсади кори мазкур ошкорсозии сатҳи ибтидоии масъулияти донишҷӯёни курсҳои поении ихтисосҳои ба ҳам наздики як қатор макотиби олии ҷумҳурӣ, инчунин коркарди механизми ташаккули масъулияти касбӣ дар раванди омӯзиши фанҳои педагогӣ дар макотиби олӣ мебошад. Дар ташаккул ва амаликунии масъулияти педагогии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ нақши муҳимро арзишҳо мебозанд, чунки тамоюлоти арзишӣ инъикосгари ягонагии афкор, ҳиссиёт, рафтор, мебошанд ва тамоми ҷузъиёти масъулияти педагогии омӯзгори ояндаро дар раванди ташаккулёбии ӯ фаро мегиранд. Ҳангоми ошкорсозии самти умумии тамоюлоти касбӣ – арзишии донишҷӯён ҳамчун нишондиҳандаи ташаккулёбандагии масъулияти педагогии омӯзгор, авлотар донистани интихоби арзишҳои иҷтимоӣ, умумиинсонӣ, ки махсусиятҳои шахсиятӣ -касбии мутахассиси ояндаро таснифот менамоянд, аҳамияти махсус дорад. Бо истифодаи методикаи омӯзиши тамоюлоти арзишӣ мо онро ҳамчун асос қабул намудем, ки ба

ҳар як арзиши умумиинсонӣ сифати муайяни шахсият мувофиқат менамояд, ки ба ташаккули масъулияти педагогии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар раванди тайёрии умумипедагогӣ мусоидат менамояд.
**Калидвожаҳо:** масъулият, ҷузъи асосӣ, тайёрии касбии омӯзгор, барорнокии фаъолияти педагогӣ, ташаккули масъулияти педагогии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ, раванди тайёрии умумипедагогӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ СТУДЕНТОВ – СПЕЦИАЛИСТОВ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

Ответственность является основным элементом профессиональной подготовки учителя, определяющим успешность его педагогической деятельности. Анализ школьной практики в Таджикистане показывает, что учителя физической культуры не обладают в достаточной мере сформированной профессиональной ответственностью. Целью данной работы является выявление исходного уровня ответственности у студентов младших курсов родственных специальностей ряда вузов республики, а также отработка механизма формирования профессиональной ответственности в процессе изучения педагогических дисциплин в вузе. В формировании и функционировании педагогической ответственности будущих учителей физическую культуры важную роль играют ценности, так как ценностные ориентации представляют собой единство мыслей, чувств, поведения, охватывают все компоненты ответственности будущего учителя в процессе его становления. При выявлении общей направленности профессионально-ценностной ориентации студентов как показателя сформированности педагогической ответственности учителя, особую важность представляло предпочтение им выбора основных социально ориентированных, общечеловеческих ценностей, характеризующих личностно-профессиональные особенности будущего специалиста. Используя методику изучения ценностных ориентаций, мы исходили из того, что каждой общечеловеческой ценности соответствует определенное качество личности, которое способствует формированию педагогической ответственности будущего учителя физической культуры в процессе общепедагогической подготовки.
**Ключевые слова:** ответственность, основной элемент профессиональной подготовки учителя, успешность педагогической деятельности, формирование педагогической ответственности будущего учителя физической культуры, процесс общепедагогической подготовки.

## FORMATION OF PROFESSIONAL RESPONSIBILITY OF STUDENTS OF PHYSICAL CULTURE

Responsibility is the main element of the teacher's professional training, which determines the success of his pedagogical activity. Analysis of school practice in Tajikistan shows that teachers of physical culture do not have a sufficiently formed professional responsibility. The purpose of this work is to identify the initial level of responsibility for students of junior courses of related specialties of a number of higher educational institutions of the republic, and also to develop a mechanism for the formation of professional responsibility in the process of studying pedagogical disciplines in a university. In the formation and functioning of the pedagogical responsibility of future teachers of physical culture, values play an important role, since value orientations represent the unity of thoughts, feelings, and behavior, cover all the components of the responsibility of the future teacher in the process of its formation. When identifying the general orientation of the students' professional value orientation as an index of the formation of the teacher's pedagogical responsibility, special preference was given to choosing the main socially oriented, universal values that characterize the personality and professional characteristics of the future specialist. Using the methodology of studying value orientations, we proceeded from the fact that each human value corresponds to a certain quality of personality that contributes to the formation of the pedagogical responsibility of the future teacher of physical culture in the process of general pedagogical preparation.
**Keywords:** responsibility, the main element of the teacher's professional training, the success of pedagogical activity, the formation of the pedagogical responsibility of the future teacher of physical culture, the process of general pedagogical training.

**Сведения об авторе:** ***Зайдуллоев Х. Р.*** - Таджикский институт физической культуры им.С.Рахимова, декан горно-спортивного факультета, **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Лучоб, 53

**Information about the author:** ***Zaydulloev Kh. R.*** **-** Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rakhimov. Dean of Mining and Sports Faculty. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Luchob, 53

**УДК 37.018.1 +159.9**

# МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ОМОДАГИИ ҶАВОНОН БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

***Ризвонова З.П., Қамчибекова Г.Э.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Инсоният то ба дараҷаи тамаддун расидан, даҳҳо ҳазорсолаҳоро тай намуда, аз шакли зиндагии ваҳшоният то ба дараҷаи имрӯзаи ҳаёти инсонӣ расидааст.

Ҷомеа ба монанди матоест, ки дар он оилаҳо аз рӯйи функсияҳо ва нақшҳои худ ҷоеро, нахеро, ресмонеро ташкил медиҳанд, ки ҳар яке аз онҳо аз рӯйи рангҳо ва ҷойҳои худ дар он матоъ метавонанд нақшу нигореро ё тасвиреро инъикос намоянд ва ин ифодакунандаи ягон

асари эҷодкорона офаридашуда бошад. Аз ин рӯ, оила мураббии аввалин, роҳнамои ҳаёт, ташаккулдиҳандаи феълу атвори ояндаи насли наврас буда, тавассути он меъёрҳои ахлоқӣ аз худ карда мешаванд. Он ҳамчун рукни ибтидои ҷомеа иҷтимоишавии аъзоёни оиларо ба роҳ мемонад ва муносибатҳои байниҳамдигариро ба танзим медарорад.

Омӯзиши оила ва маърифати оиладорӣ аз мавқеи назарӣ ва амалӣ дар корҳои илмӣ – тадқиқотии психологҳо Мудрик А.В., Кон И.С., Божович Л. И., Андрева Т.В., Ковалев С.В., Сисенко В.А., Черкасова В.Ю. Шевандрин Н.И., Шнейдер Л.Б., Калмикова Е.Е., Юнусова Н.М., Давлатов М.Т., Амонов Н.Қ. ва дигарон инъикоси худро пайдо намудааст.

Дар асоси маълумотҳои сомонаи расмии Агенти омори назди Президенти ҶТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман шумораи умумии ақди никоҳ аз соли 2014 то 2017 ба 323330 адад ва шумораи умумии бекор кардани ақди никоҳ ба 363315 адад расидааст. Натиҷаи мушаххаси онро мувофиқи солҳо дар ҷадвали зерин ва диаграммаҳо овардаем[1;24]:

*Ҷадвал*

| Сол | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|
| Ақди никоҳҳо | 95435 | 76956 | 72389 | 78550 |
| Талоқҳо | 9061 | 8346 | 8856 | 10052 |

***Диаграммаи 1***




***Диаграммаи 2***




Аз таҳлили натиҷаҳои омор бармеояд, ки шумораи бекор шудани ақди никоҳ соли 2015 - 23% -ро ташкил медиҳад, ки он дар қиёс нисбат ба дигар солҳо шумораааш камтар аст.

Бинобар он ки соли 2015 соли «Соли оила» эълон шуда буд, тарғибу ташвиқи баланд бардоштани сатҳи «маърифати оиладорӣ» туфайли оила мактаб, ҷомеаи ҳамсолон, ВАО, аҳлии ҷамоатчигӣ ва масҷидҳо бештар бо ҷавонон гузаронида мешуд.

Ба ақидаи мо, инчунин барои пешгирии ин падидаи номатлуб дар ҳамон сол чунин омилҳо низ мусоидат кардаанд:

– ҷорӣ шудани фанни маърифати оиладорӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

– ба таври мунтазам тарғибу ташвиқ намудани донишҳои психологӣ тавассути ВАО ва барномаҳои бо бунёду пойдории оила ва ғайра;

– тарҳрезӣ ва пешниҳод гаштани «консепсияи маърифати оиладорӣ»;

– ба роҳ мондани муоинаи тиббӣ пеш аз никоҳ.

Саволе пайдо мешавад, ки маърифати оиладорӣ чист? Маърифати оиладорӣ маҷмӯи дониш, маҳорат, малака, тасаввурот ва таҷрибаҳое мебошад, ки тавассути он муносибатҳои дохилиоилавӣ ба нақша гирифта шуда, ба низом дароварда мешаванд. Вобаста ба ин дар Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки «маърифати оиладорӣ» имконият медиҳад, ки дар бунёдкунандагони оила тасаввуроти мувофиқи никоҳию оилавӣ ташаккул ёбад [9, с.8-9].

Мақсаду мароми маърифати оиладорӣ ифодагарии он аст, ки ба василаи он навхонадорон ба системаи муносибатҳои нави оилавӣ ворид гашта, бо расму русум, одат ва анъанаҳои нав, ки таҷассумкунандаи хусусиятҳои демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявианд, ошно мегарданд. Ин аст, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми телевизионӣ ба ифтихори «Рӯзи модар» аз 07 марти соли 2016 таъкид намуда буданд, ки «Ҳадаф аз эълон шудани Соли оила баланд бардоштани маърифати хонаводагӣ, устувор гардонидани мавқеи оила дар ҷомеа, тақвият бахшидани масъулияти волидайн дар самти таълиму тарбияи фарзанд, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва муносибати хубу ғамхорона дар хонавода, эҳтироми падару модар ва умуман калонсолон, инчунин ҳифзи оила ҳамчун арзиши ниҳоят гаронбаҳои фарҳанги миллиамон буд» [17].

Мақсадҳои баланд бардоштани маърифати оиладориро ба шакли зайл муайян кардан мумкин аст:

а) тавсифи оила ҳамчун рукни ибтидоии ҷомеа, ки таъминкунандаи раванди иҷтимоишавии фарзандон мебошад;

б) ташаккул додани шуури ҷамъиятӣ, ахлоқию манъавии ҷавонон ва эҳсоси масъулият нисбат ба нақшҳои оилавӣ;

в) ошкор ва муайян сохтани моҳияти нақшҳои гуногуни оилавӣ ва омода намудани ҷавонон ба он;

г) ташкили чорабиниҳои омӯзишию маърифатӣ бо ҷавонон доир ба вазифа ва моҳияти оилаю оиладорӣ.

Бояд қайд кард, ки ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла соҳаи тибб, психология, педагогика, ҳуқуқ, сотсиология ва ғ. барои баланд бардоштани маърифати оиладории ҷавонон мусоидат карда метавонад.

Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ аз маҷмӯи донишҳои муайяни педагогию психологӣ, ҳуқуқию иқтисодӣ маншаъ гирифта, дар асоси он дониш, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавӣ ташаккул меёбанд. Омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ вазифаи муҳимми оила, мактаб ва ҷомеа ба шумор меравад. Омӯзиш ва таҳлили сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавон аз он шаҳодат медиҳанд, ки бештари онҳо дар натиҷаи омода набудан ба ҳаёти оилавӣ сар мезананд.

Сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавонро дар адабиётҳои илмии психологию педагогӣ шартан чунин гурӯҳбандӣ намудаанд:

– набудани ягдигарфаҳмӣ байни зану шавҳар;

– натиҷаи тарбияи нодурусти фарзандон дар оила;

– паст будани маърифати оиладории ҷавонон;

– паст будани сатҳи иқтисодии оила;

– мудохилаи ноҷойи хешу табор ва волидон;

– никоҳи хешутаборӣ;

– муҳоҷирати меҳнатӣ;

– беморӣ ва безурётӣ ва ғ;

Аз ин рӯ, яке аз роҳҳои асосии пешгирӣ намудани ин падидаи иҷтимоӣ пеш аз хонадоршавӣ ё ход бунёди оила ба зиндагии мустақил омода кардани ҷавонон мебошад, ки ин, пеш аз ҳама, вазифаи падару модар, мактаб ва ҳамкории тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Истилоҳи «омодагӣ» аввалин маротиба дар корҳои илмию тадқиқотии психологҳо Б.Г. Ананев, В.А. Крутетский, Д.Н. Узнадзе ишора мешавад ва сипас дар соҳаҳои тадқиқоти педагогӣ, иҷтимоию психологӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ин мафҳум системаи

мақсадгузориҳои иҷтимоию психологӣ ва шахсиро фарогир буда, муайянкунандаи муносибатҳои эмотсионалию психологӣ ба образи ҳаёт ва арзишҳои оилавӣ мебошад. Воқеан, омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ аз камолоти иҷтимоӣ, психологӣ ва биологӣ иборат аст ва бояд ба ин унсурҳо эътибор дод. Дар адабиётҳои психологӣ ҳангоми тавсифи омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ чунин маҷмӯи масъалаҳоро ҷудо кардаанд:

– ташаккули арзишҳои муайяни маънавию ахлоқии навхонадорон ва эҳсоси масъулият ба уҳдадориҳои оилавии худ;

– мусаллаҳ будан бо тарзҳои муошарати байнишахсӣ ва ҳамкорӣ;

– фидокору бовафо будан нисбат ба ҳамсари худ;

– ҳамсарон бояд дорои маҷмӯи сифатҳое бошанд, ки ба василаи онҳо ба олами ботини якдигар ворид шаванду онро дарк кунанд;

– маҳорати оқилона ҳал карда тавонистани низоъҳои оилавӣ ва доштани қобилияти худидоракунӣ.

Вобаста ба ин масъала чунин ақидаи психолог Калмикова Л.С. қобили дастгирӣ аст: «Маҳорати ба таври асоснок ҳал карда тавонистани низоъҳои байнишахсӣ ва минбаъд барои инкишофдиҳии муносибатҳои заношӯӣ истифода бурда тавонистани он яке аз омилҳои муҳим дар раванди мутобиқшавии навхонадорон бо ҳам махсуб меёбад» [7, 83-89].

Дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба эътибор гирифтани синну соли ҷавонон ба мақсад мувофиқ аст. Гарчанде синни никоҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18–солагӣ муқаррар шуда бошад ҳам, вале таҷрибаву мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бештари ҷавонон дар ин синну сол ҳоло ба ҳаёти оилавӣ омода нестанд. Агар аз нуқтаи назари тиббӣ таҳлил намоем, барои зан синни 20-22 солагӣ ва барои мард 23-28 солагӣ ҳамчун давраи мусоид барои барпонамоии оила ва тавлиди фарзанд муқаррар шудааст. Аз назари психологӣ бошад, дар ин давра босуръат инкишофёбии тамоми протсессҳои психикӣ (хотир, тафаккур ва ғ.) сурат гирифта, мутобиқшавии психологӣ ба осонӣ ба амал меояд [6, 260].

Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад. Оила барпо намудан – ин маънои бо ҳам якҷояшавии ду шахс бо хусусиятҳои аллакай шаклгирифтаи фардии мураккаби психологӣ – физиологии худ мебошад, ки навхонадорон барои мутобиқшавӣ бо якдигар вақт ва мушкилоти зиёдро аз сар мегузаронанд.

Мувофиқ намудани одату рафторҳои худ дар шароитҳои нави оила ва иҷро кардани вазифаҳои нави иловашуда, махсусан дар моҳҳои аввали ҳаёти оиладорӣ хеле мушкил аст. Бояд дар назар дошт, ки сохти муошрати байниҳамдигарӣ дар оила се ҷанбаро дар бар мегирад: ахлоқӣ, гносеологӣ (маърифатӣ), аффективӣ.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки навхонадорон маҳз дар соли аввали ҳаёти оиладорӣ ҳангоми идроки якдигар бештар ба ҷанбаи аффективӣ, ки ба он хусусиятҳои ҳассосӣ, зиндадилӣ, бодиққатӣ дохил мешаванд, эътибор медиҳанд. Таҳлили ҳаёти минбаъдаи онҳо нишон медиҳад, ки онҳо ба ҷанбаи ахлоқӣ ва маърифатӣ диққат медодагӣ мешаванд. Аз ин лиҳоз, волидон вазифадоранд, ки ба навхонадорон дар мавзӯъҳои оиладорӣ, муносибатҳои заношӯӣ, рӯзғордорӣ, меҳмондорӣ, муносибат ба хешу табори якдигар ва тарбияи фарзанд суҳбатҳо гузаронанд ва дар ин кор анъанаҳои беҳтарини халқи тоҷикро истифода намоянд. Тарбияи маънавию фарҳангии рафтор аз оила сарчашма мегирад. Бинобар ин, сатҳи инкишофёбии маърифати оиладории волидон яке аз омилҳои асосии устуворгардонии мусоидаткунанда шуда метавонад.

Инчунин, дар баланд бардоштани сатҳи маърифати оиладории ҷавонон маърифати педагогии волидон низ нақши бузург бозида метавонад. Доир ба ин масъала дар мақолаи Қамчибекова Г.Э., Ризвонова З.П. чунин оварда шудааст: «*Маърифати педагогии волидон* – яке аз шаклҳои анъанавии алоқаи мутақобилаи муассисаҳои таълимӣ, оила ва мактаб буда, ҷараёни ҳамкории волидонро дар бар мегирад. Маърифати педагогии волидон маҳз тавассути ҳамкории оила ва мактаб сурат мегирад»[10, 255-260].

Обрӯ, эътибори волидон ва таъсири он ба насли наврасу ҷавон ба раванди иҷтимоигардии пешазникоҳии онҳо мусоидаткунанда буда, дар инкишофёбии соҳаи ҷисмонӣ – маънавии онҳо нақши муҳим мебозад. Доир ба ин андеша, назарияи А.В. Мудрик чунин аст: «Обрӯйи шахсияти волидон – ифодакунандаи сатҳи маънавию иҷтимоӣ ва эстетикии фарзанд шуда метавонад ва он дар системаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки арзи вуҷуд доранд, ҳамчун воситаи «таъсирбахш» баромад мекунад» [12, 45].

Аз ин лиҳоз, рафтори арзандаю шоистаи волидон ва доштани сатҳи баланди маърифати оиладории онҳо барои фарзандон ҳамчун намуна барои пайравӣ мегардад. Омӯзишҳо нишон

медиҳанд, ки дар замони имрӯза раванди зиёдшави талоқ ва афзоиши шумораи оилаҳои нопура, зӯроварихҳои оилавӣ, идроки нодурусти «образи оила» ва «модели намунавии рафтор» аз тарафи навхонадорон зиёд мушоҳида мешавад. Мутаассифона, ҷавонон бо сатҳи пасти маърифати оиладорӣ, бе дастури мувофиқи волидон, бе маҳорату малакаҳои одитарини техникию кадбонугӣ ба ҳаёти мустақилона қадам мегузоранд. Доир ба ин масъала психологҳо низ нигарон буда, чунин ибрози ақида намуданд, ки навхонадорони имрӯза ҳаёти оилавии шахсии худро аз ибтидо бо дастури «нодуруст» оғоз менамояд. Вобаста ба ин масъала яке аз тадқиқотчиёни соҳаи психологияи оилавӣ Линда Анзорг чунин қайд менамояд: «Он навхонадорони ҷавоне, ки сифатҳои манфии волидони худро ҳамчун «модели рафтор» қабул кардаанд, дар ҳаёт нисбат ба дигарон дида, мушкилиҳои зиёдро аз сар мегузаронанд, чунки аввал онҳо бозомӯзӣ намуда, сипас дар ҳаёти оилавӣ амалан рафтор мекунанд, ки ин сарфи қувваи иловагиро аз онҳо талаб менамояд» [3, с. 156].

Тадқиқотҳои психологии гузаронидаи психолог Л.Б. Шнейдер вобаста ба ин масъала исбот намудааст, ки суъбект «модели оилаи ояндаи худро» маҳз аз оилаи худ ба таври бешуурона аз худ карда, минбаъд дар тӯли ҳаёт нигоҳ дошта, дар шакли таҷрибаи ҳаётӣ дар системаи муносибатҳо истифода мебарад. Дар оила принсип ва тасаввуротҳои маънавию ахлоқӣ ба таври бешуурона аз худ шуда, ташаккул меёбанд. Ахбороти бешуурона идрокшуда тамоми умр дар хотири инсон нигоҳ дошта мешаванд [16, с.196].

Чунин ҳисобида шудааст, ки агар шахс то синни 16 – солагӣ қоидаи одитарини рафторро дар ҷомеа аз худ карда натавонист, он гоҳ ӯ дар муносибатҳои дохилиоилавӣ бештар бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад.

«Образи оила» дар шуури шахс ҳанӯз аз давраҳои тифлӣ пайдо шуда дар синни наврасӣ ва айёми ҷавонӣ шакл гирифта, бошуурона пурра фаҳмида мешавад.

Таҳлили натиҷаҳои тадқиқотҳои иҷтимоӣ–психологӣ собит менамоянд, ки давраи нисбатан сензитивии шаклгирии образи оилавӣ маҳз дар давраи наврасӣ, яъне синни миёна ва калони мактабӣ сурат мегирад, зеро маҳз дар ҳамин синну сол наврас бошуурона, пурра иҷро кардани нақшҳои иҷтимоию гендерии худро моҳиятан дарк карда, оид ба он хулосабарорӣ карда метавонад. Ба ибораи психолог Л.И. Божович, «синни наврасӣ – ин давраи дурударози гузариш аз кӯдакӣ ба калонсолӣ буда, дар он тағйирёбии муносибатҳои кӯдак ба олам ва нисбат ба худ сурат мегирад. Дар ин давра равандҳои худмуайянкунӣ ва худшиносӣ тез инкишоф ёфта, ташаккулёбии мавқеи ҳаётӣ ва образи «Ман»-и ӯ имконият медиҳад» [4, с.35]. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки волидон фазои солими психологиро барои ташаккулёбии ин «навташкилаҳо»- и наврасон фароҳам оварда тавонанд, то онҳоро ба ҳаёти оилавӣ пурра омода созанд.

Мувофиқи аксар тадқиқотҳои психологҳову ҷомеашиносон, тасаввурот дар бораи оилаи ояндаи худ дар духтарон ва писарон маҳз дар шароити хонаводаашон ташаккул меёбад ва онҳо метавонанд ин «модели рафтори волидайн» -ро дар ҳаёти оиладории худ такрор кунанд ва ё баръакси он рафтор намоянд [2, с. 130].

Масалан, натиҷаҳои машваратҳои психологӣ бо навхонадорон – арӯсон маълум намуд, бештари муроҷиаткунандагон тарзҳои носолими муоширати волидайни худро қабул надоранд ва дар оилаи худ такрор нахоҳанд кард.

Аз ин андешаҳо бармеояд, ки навхонадорон бояд ҳангоми оилабунёдкунӣ ба ҷанбаҳои мусбату устувори модели рафтори волидайн такя кунанд.

Психолог Н.И. Шевандрин чунин омилҳоро муайян намуд, ки дар ташаккули оилаи солим халалҳо эҷод менамоянд:

– рафторҳои зиддиахлоқии волидон (майнӯшӣ, рафторҳои девиантӣ ва ғ.);
– оилаҳои нопурра;
– сатҳи пасти маърифати оиладории волидон;
– муносибатҳои низоъангез байни волидон;
– муносибатҳои низоъангез дар байни азъоёни оила;
– дахолати ноҷойи хешу табор дар тарбияи фарзандон [15, с. 512].

Тадқиқотҳои иҷтимоию психологии солҳои охир нишон дода истодаанд, ки миқдори оилаҳои нопурра зиёд шуда истодаанд ва ин боиси ташвиш аст. Барои омода намудани навхонадорон ба нақшҳои иҷимоии гендерӣ «мард – шавҳар, зан – модар», дар оила мавҷуд будани ҳам падар ва модар аз нуқтаи назари психологӣ зарур дониста шудааст. Таҳлилҳои оморӣ собит менамоянд, ки аксарияти оилаҳои ҷавоне, ки зуд пароканда мешаванд, шуморашон аз оилаҳои нопурра зиёданд.

Тадқиқотҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки наврасдухтарон дар оилаҳои нопурра нисбат ба писарон дар идроки образи ҳамсари оянда мушкилиҳои психологию эмотсионалиро аз сар мегузаронанд, чунки образи мушахасси нақши падарро дар оилаи худ надидаанд. Аз ин лиҳоз, хуб мешуд, ки ин ҷиҳатҳоро волидон ба эътибор гиранд ва баҳри устуворгардии оилаи худ ҷаҳду кӯшишҳои зиёд намоянд.

Тадқиқотҳои В.А. Сисенко муайян кардаанд, ки волидон ҳангоми хонадор намудани фарзандон бештар ба ташаккулдиҳии чунон сифатҳо, ба монанди меҳнатдӯстӣ, масъулият, қобилияти ғамхорӣ зоҳир намудан ба фарзанд, маҳорати гузашт кардан, мустақилона маблағ ба даст овардан ва ғ. аҳамият дода, мавқеи муҳаббатро нисбати ҳамсар дар як қатор бо маҳорати қобилияти маблағбадасторӣ ва хӯрок пӯхта тавонистан мегузоранд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани низоъҳо дар давраи аввали хонадоршавии ҷавонон шуда метавонад. Волидон на ҳам вақт диққати фарзандони худро ба чунин арзишҳои оилавии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ ҷалб мекунанд: маҳорати дӯст доштан, ҳамҳис будан, ғамхор будан, зуҳуроти эҳтироми байниҳамӣ, дарки байниҳамӣ, инсондӯстӣ, маҳорати муоширатнамоӣ ва ҳал карда тавонистани масъалаҳои оилавӣ ва ғайра [13, с. 164].

Ҳамин тариқ, психологияи муосир чунин ҷанбаҳоро дар омодагии махсуси ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ муҳим медонад:

– ҷанбаҳои иҷтимоӣ. Яъне, сиёсати давлатро дар соҳаи муносибатҳои никоҳию оилавӣ ва демографӣ, моҳияти ҷамъиятии арзишҳои оилавӣ, нақшҳои иҷтимоии ҳамсарон ва волидайнро ифода намоянд;

– ҷанбаҳои маънавию ахлоқӣ. Яъне, тарбияи чунин сифатҳои ахлоқиро дар бар мегирад: муносибати дӯстонаю меҳрубонона доштан ба намояндаи ҷинси муқобил, эҳтиром намудани модару падар, талабот доштани онҳо ба тарбияи кӯдакон, бомасъулиятӣ, эҳсоси адои қарз дар назди ҳамсар, оила, кӯдакон, маданияти зуҳуроти ҳиссиёти маҳрамона;

– ҷанбаи ҳуқуқӣ. Яъне, шинос намудани ҷавонон бо асосҳои қонунгузорӣ доир ба никоҳ ва оила, бо санадҳои муҳимтарини ҳуқуқи оила, бо уҳдадориҳои ҳамсарон нисбати якдигар, кӯдакон ва ҷамъият;

– ҷанбаи психологӣ. Яъне, ташаккули фаҳмиши дуруст доир ба рушди шахс, дар бораи хусусиятҳои психологии муносибатҳои байнишахсии ҷавонон оид ба асосҳои психологии никоҳ ва ҳаёти оилавӣ, дар бораи маҳорати фаҳмида тавонистани психологияи одамони дигар ва инкишоф додани ҳиссиётҳое, ки барои ҳаёти ҳамсарӣ ва оилавӣ заруранд;

– ҷанбаи физиологию беҳдоштӣ. Яъне, ба ҷавонон бояд донишҳоро дар бораи хусусиятҳои физиологии организми мард ва зан, хусусиятҳои ҳаёти маҳрамона, масъалаҳои беҳдошти шахсӣ ва ғ. дод;

– ҷанбаи педагогӣ. Яъне, дар ҷавонон ташаккул додани тасаввурот дар бораи нақши оила дар тарбияи кӯдакон, хусусиятҳои тарбиявии оила, вазифаҳои тарбиявии падар ва модар ва роҳҳои баланд бардоштани маданияти педагогии волидайн;

– ҷанбаи хоҷагидорию иқтисодӣ. Яъне, мусаллаҳ намудани ҷавонон бо донишҳо дар бораи буҷаи оила, маданияти маишӣ, маҳорати бурда тавонистани хоҷагии хонагӣ ва ғ.

Аз ҷанбаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки тарбияи ҳамаҷонибаи оилавӣ зери таъсири омилҳои гуногун ба амал меоянд. Муҳаққиқони ин соҳа, пеш аз ҳама, оила, мактаб, ҷомеаи ҳамсолон, васоити ахбори омма, аҳли ҷамоатчигӣ ва масҷидҳоро ҳамчун ниҳодҳои иҷтимоие ҷудо мекунанд, ки омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ маҳз дар заминаи таъсири байниҳамдигарии ҳамин ниҳодҳои иҷтимоӣ сурат мегирад ва ба ин васила тасаввурот, нуқтаи назар, эътиқод, сифат ва одатҳое ташаккул меёбанд, ки ба ҳалли ин масъала мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумот оиди шумораи бақайдгирии таваллудшудагон- фавтидагон, никоҳ, бекор кардани никоҳ ва муҳоҷирати аҳолӣ дар соли 2017.- Душанбе, 2018.- С.24.
2. Азарова Е.А. Проблема формиравания стереотипов в моральном сознании: дис. канд. фил. наук/ Е.А. Азарова. -М., 2000. -С.130.
3. Анзорг Линда. Дети и семейный конфликт. учеб. пособие/ А. Линда.-М.; Просвещение, 1991.-С.156.
4. Божович Л.И. Этапы формиравания личности в онтогенезе/Л.И. Божович// Вопросы психологии №2, 1978.- С. 35.
5. Давлатов М.Т. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. Китоби дарсӣ / М. Давлатов.- Душанбе: Ирфон, 2014.-С. 48-50.

6. Запесоцкий А.И. Молодёжь в современном мире / А.И. Запесоцкий. Проблемы индивидуализации и социально- культурной интеграции.-М, 1996.-С. 260.
7. Калмыкова Е.С. Психологические проблемы первых лет супружеской жизни / Е.С. Калмыкова // Вопросы психологии, 1983. №3.- С.83-89.
8. Ковалев С.В. Подготовка старшеклассников к семейной жизни. Учебник для педагогических вузов / С.В. Ковалев.- М., Просвещение, 1991.- С. 128.
9. Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. -Душанбе, 2015. -№801.-С. 8-9.
10. Қамчибекова Г.Э. Ҳамкории мактаб ва оила-омили муҳимми маърифати педагогии волидон / Г.Э. Қамчибекова, З.П. Ризвонова // Паёми ДМТ. (Маҷаллаи илмӣ). №3/3 (2074). - Душанбе: Сино, 2016. –С.255-260.
11. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ) нашри 2.- Душанбе, 2016.-С. 12-13.
12. Мудрик А.В. Введение в социальную педагогику. Учебник для педагогических вузов / А.И. Мудрик. -М: 1987.-С.45.
13. Сисенко В.А. Новобрачные в зеркале собственных взглядов, суждений, оценок. Учеб. пособие / В.А. Сисенко. -М.: Мысль, 1985.-С. 164.
14. Холостова Е.И. Семейное воспитание и социальная работа: учебное пособие / Е.И. Холостова, Е.М. Черняк, Н.Н. Стрельникова.-М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и.К», 2010.-С. 293.
15. Шевандрин Н.И. Психодиагностика, коррекция и развитие личности. Учеб. пособие / Н.И. Шевандрин.-М.: Владос, 1999.-С. 512.
16. Шнейдер Л.Б. Практикум по психологии семьи и семейному консультированию. Учеб. пособие / Л.Б. Шнейдер, Е.М. Соломатина. М.: НОУВПО, Московский психолого – социальный университет, 2012.-С. 496.
17. Э. Раҳмон. Паёми телевизионӣ ба ифтихори «Рӯзи модар» / Э. Раҳмон. -Душанбе, 2016 [манбаи электронӣ]. URL: http://nansmit.tj/20968-2/?id=15325 (истифодабарӣ 07.03.2016).

## МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ ОМОДАГИИ ҶАВОНОН БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

Муаллифон дар мақолаи мазкур маърифати оиладориро ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон шарҳ додаанд. Маърифати оиладорӣ маҷмӯи дониш, маҳорат, малака, тасаввурот ва таҷрибаҳое мебошад, ки тавассути он муносибатҳои дохилиоилавӣ ба нақша гирифта шуда, ба низом даровarда мешаванд. Дар маҷмӯъ, синну соли мусоиди пешазникоҳӣ таҳлил шуда, мавқеи волидон дар дарки "моҳияти оила", "образи оила", "нақшҳои иҷтимоию гендерӣ", "модели намунавии рафторҳо"- и оилавӣ ва ғайра аз тарафи ҷавонон зарур дониста шудааст. Дар мақола диққати махсус маҳз, ба сатҳи маърифатии оиладории волидон дар тарбияи пешазникоҳии фарзандон дода шудааст. Ҷанбаҳои муҳимми омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар мавзӯи мазкур ошкор шуда, роҳҳои гуногуни баланд бардоштани маърифати оиладорӣ нишон дода шудаанд. Муҳаққиқон дар тарбияи ҳамаҷонибаи оилавии ҷавонон чунин омилҳои таъсиррасонро, аз қабили оила, мактаб, ҷомеаи ҳамсолон, васоити ахбори омма, аҳли ҷамоатчигӣ ва масҷидҳоро ҷудо кардаанд. Инчунин, нақши ҳамкории мутахассисони соҳаҳои гуногунро дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ зарур донистаанд.

**Калидвожаҳо:** маърифати оиладорӣ, нақши гендерӣ, мусоид, образи оила, фазои солими психологӣ, мутобиқшавӣ, иҷтимоишавӣ, омодагии психологӣ, арзишҳои психологӣ, модели рафтори волидайн, маърифат, ахлоқ.

## СЕМЕЙНОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ – ОСНОВНОЙ ФАКТОР ГОТОВНОСТИ МОЛОДЁЖИ К СЕМЕЙНОЙ ЖИЗНИ

В данной статье авторы поднимают вопрос о семейном просвещении как об одном из основных факторов в подготовке молодёжи к семейной жизни в современном обществе Таджикистана. Семейное просвещение – это совокупность знаний, умений, навыков, представлений и опытов, которые регулируются посредством межличностных отношений, планирования. В целом, анализируется возрастной сензитивный предбрачный период и важность роли родителей в восприятии «сущности семьи», «образа семьи», «гендерно-социальной роли», «модели эталонно-семейного поведения» и т. д. со стороны молодёжи. Рассматриваются основные аспекты готовности молодёжи к семейной жизни и пути повышения семейного просвещения. В статье особое внимание уделяется уровню семейной просвещенности будущих родителей в воспитании детей. К факторам воздействия всестороннего семейного воспитания молодёжи исследователи относят семью, школу, группу сверсников, СМИ, групповую общность, мечети и т. д. Также важна роль сотрудничества специалистов разных отраслей в готовности молодёжи к семейной жизни.

**Ключевые слова**: семейное просвещение, гендерная роль, сензитивный, образ семьи, психологический климат семьи, адаптация, социализация, психологическая готовность, психологические ценности, модель поведения родителей, гносеология, моральность.

## FAMILY EDUCATION - THE MAIN FACTOR OF YOUTH PREPAREDNESS FOR FAMILY LIFE

In this article, the authors raise the issue of family education as one of the main factors in the preparation of young people for family life in the modern society of Tajikistan. Family education is a combination of knowledge, skills, skills, ideas and experiences that are regulated through interpersonal relations and planning. In general, the age-sensitive pre-marital period and the importance of the role of parent in the perception of the "essence of the family", the "image of the family", the "gender-social role", the "model of standard-family behavior," etc. are analyzed on the part of the youth. The main aspects of young people's readiness for family life and ways to improve family education are considered. In the article, special attention is paid to the level of family enlightenment of future parents in the upbringing of children. Researchers refer to the factors of the impact of comprehensive family education of young people on the family, school, group of sisters, the media, group community,

mosques, etc. The role of cooperation between specialists in various fields in the youth's readiness for family life is also important.

**Key words:** family education, gender role, sensory, family image, psychological family climate, adaptation, socialization, psychological readiness, psychological values, model, parental behavior, gynecology, morality.

**Сведения об авторах:** ***Ризвонова З.П.*** –Таджикский национальный университет, ассистент кафедры психологии факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17.
Телефон: **(+992)919246681**
***Камчибекова Гулнора Эшоновна*** – Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогикии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17.
Телефон: **(+992) 908826400,** E-mail**: *gulnor_8912@mail.ru***

**Information about the authors:** ***Rizvonova Z.P.*** **-**Tajik National University, assistant of the Department of Psychology of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17.
Phone: **(+992) 919246681**
***Katchibekova Gulnora Eshonovna*** **-** Tajik National University, applicant of the University Department of Pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 908826400**

**УДК: УДК: 371(575.3)**

# НАРОДНАЯ ПЕДАГОГИКА-ПЕДАГОГИКА НАЦИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ

***Кармышева Б. Н.***
**Кулябский государственный университет им. А. Рудаки**

Народное педагогическое творчество представляет собой одну из важных сторон многовекового развития демократической культуры всего человечества. Народные взгляды на воспитание формировались и утверждались в течение тысячелетий и составили основу народной педагогики. Традиционно под этим термином понимают совокупность накопленных и проверенных практикой эмпирических знаний, сведений, умений, навыков, передаваемых из поколения в поколение преимущественно в устной форме, как продукт исторического и социального опыта народных масс. Народная педагогика – педагогика национального развития, подъема, возрождения, одновременно это и педагогика этнического самовоспитания, создающая личность патриота, сына народа с высокоразвитым чувством национальной гордости и человеческого достоинства. Народная педагогика сильна действенностью, практической направленностью, массовостью, перманентностью приемов воздействия. Она имеет чрезвычайно широкую аудиторию и, будучи непосредственным творением самого народа, имеет неограниченные возможности постоянно расширять сферу воздействия.

Естественность народного воспитания очень многообразна, многогранна и просматривается на всех уровнях межличностных и межнациональных отношений. В этой естественности и проявляется наилучшим образом демократизм и гуманизм народной педагогики, ибо они по своей сути тоже естественны. Народные воспитательные традиции сильны не научными аргументами и стройной системой доказательств, не обширными теоретическими обобщениями, а логикой быстрого, оперативного реагирования, надежной тактикой действия, дела, деятельности, результатами воздействия на психику воспитуемых и готовыми мыслями, отбираемыми и отшлифовываемыми в течение тысячелетий.

Каждый народ самобытен и вносит свою посильную лепту в общечеловеческую культуру. Интернациональная заслуга каждого народа состоит в том, что все лучшее, прогрессивное, положительное в области воспитания и обучения передается им в общий арсенал педагогической науки. Этнические ценности приобретают на различных исторических этапах (в силу тех или иных социально-педагогических обстоятельств) более предпочтительное положение в обществе и становятся приоритетными при определении цели и задач образования, однако актуальным неизменным остается изначально заложенное в них животворное (национальное, народное) ядро, содержание которого тесно связано с демократическими и гуманистическими традициями школы и народной педагогики.

Классики педагогической науки Я.А. Коменский, И.Г. Песталоцци, К.Д. Ушинский, В.А. Сухомлинский народную педагогику рассматривали как первоисточник научной, теоретической педагогики. К.Д. Ушинский впервые ввел в педагогическую терминологию научный термин «народная педагогика», обозначив ее одним из факторов, под влиянием которого складывалась

педагогическая наука. С развитием этнографии как науки именно материалы об образе жизни, быте, традиционном опыте воспитания различных народов способствовали научному изучению проблем народной педагогики. В этот период были предприняты попытки теоретической разработки проблем народной педагогики, определения ее структуры, содержания, методов исследования, в которых проанализированы средства и методы воспитания(А.М.Арипов, В.Х. Арутюнян, Г.Н. Волков, М.Лутфуллоев и другие). Г.Н. Волков основой народного воспитания считает жизнь и быт семьи. Он определяет народную педагогику как «совокупность и взаимозависимость целей, задач, путей и средств воспитания и обучения, педагогических навыков и приемов, применяемых народом в целях привития личности желательных ей качеств»[5.64]. В трактовке автора «народная педагогическая культура» составляет единство целей, средств и содержания народного воспитания.

Народная педагогика является основой, на которой базируется теория педагогики. При помощи теоретической педагогики народная педагогика становится наукой этнопедагогикой. Этот термин впервые в своем исследовании применил Г.Н. Волков, определив ее как науку «об опыте народных масс по воспитанию подрастающего поколения, об их педагогических воззрениях, науку о педагогике быта, педагогике семьи, рода, племени, народности и нации. Этническая педагогика исследует особенности национального характера сложившиеся под влиянием исторических условий»[6.42]. Если народная педагогика имеет отношение к опыту и его описанию, средствами и идеями народного воспитания, то этнопедагогика – к сфере теоретической мысли, сфере науки. «Если бы была составлена хрестоматия двух родов – по народной педагогике и этнопедагогике, то в первую бы вошли произведения устного народного творчества о воспитании, этнографические описания традиций, связанных с воспитанием подрастающего поколения, а вторая – содержала бы отрывки из сочинений деятелей педагогической науки о народной педагогике и народном воспитании» [6,с.52].

Начиная с 60 – годов и по настоящее время, значительно углубился интерес к методологии народной педагогики (А.М.Арипов, Р. Амонов, В.М.Асроров, Г.Г.Алиев, В.Х.Арутюнян, С.А.Арутюнов, Ю.Э.Бречель, Е.С.Бертельс, И.С.Брагинский, А.Н.Болдырев, М.И.Боганова, Г.Н.Волков, И.Н.Виников, В.А. Жуковский, Я.И. Калонтаров, Х.Т. Корочли, Р. Кодиров, С.Норматов, Б.Ниёзмахмадов, З.Османова, М.В.Попов, Б.Тилавов, М.Фозилов, М.Лутфуллоев, А.З.Розенфельд, Э.А.Шварц, Н.Шакармамадов, Б.Шермухаммадов и другие). Сегодня можно выделить три научных течения: - первое изучало педагогическую мысль таджикского народа преимущественно по фольклорным материалам (Р. Амонов, Р. Кодиров, Б.Тилавов, М.Фозилов и другие); - второе рассматривало педагогическую практику таджикского народа на основе его традиций и обычаев (Р. Кодиров, В.М. Асроров, А.Н. Болдырев и другие); - третье течение ориентировалось на изучение педагогических идей и педагогического опыта таджиков (М.А. Арипов, И.С. Брагинский, М. Лутфуллоев, Я.И. Калонтаров и другие).

В последнее время исследование традиционных форм воспитания детей проходит достаточно интенсивно, что позволяет всесторонне изучить культуру и быт таджикского народа, понять его психологию, раскрыть механизмы передачи этнокультурных традиций в процессе воспитания подрастающего поколения, определить наиболее продуктивные стороны таджикской традиционной педагогики.

Идея обращения к изучению мудрости народного воспитания через фольклор глубоко обоснована в педагогической концепции Я.А. Коменского. Он подчеркивал, что обучение детей должно строиться на родном языке, и свято верил в педагогическую эффективность фольклора, традиций. Я.А. Коменский начал свою просветительскую деятельность как собиратель произведений устного народного творчества чешского народа. Один из его выдающихся трудов «Мудрость старых чехов» посвящен чешским пословицам и поговоркам. «Афористичность в духе произведений устного народного творчества стала стилем творений и самого Коменского» [8.115].

Основоположник русской народной школы К.Д. Ушинский, выдвинув тезис «первый воспитатель–это народ», отмечал, что по идейному содержанию, силе наблюдательности, точности мысли и выражения народная мудрость о воспитании настолько оригинальна, что воистину «никто не в состоянии состязаться с педагогическим гением народа» [9.41]. В своих педагогических трудах он неоднократно обращал внимание на неоценимую роль произведений фольклора для детского чтения, подчеркивая, что произведение народной поэзии по своему содержанию близки детскому миру и отвечают их духовным запросам. Из этих произведений дети узнают жизнь

предшествующих поколений, эстетику народных традиций, что способствует воспитанию у детей чувства гражданственности, формированию их жизненной позиции. А поэтому, по справедливому замечанию этого выдающегося педагога, «на каждое такое произведение мы должны смотреть как на окно, через которое можем показать детям ту или иную сторону народной жизни» [9.41].

Проведено немало исследований народной педагогики таджиков по фольклорному материалу (И.С.Брагинский). Этнопедагогической афористике посвящены многочисленные исследования, в которых исследуется афористическая этнопедагогика в качестве единого многовидового комплекса, как часть общей системы традиционной культуры воспитания. Исследователи отмечают, что народное устно-поэтическое творчество воспитывало, сохраняло и пропагандировало идеи воспитания человека. Предполагают методику, адаптированную для использования этнопедагогической афористики в связи с этническим осмыслением содержания процесса воспитания и обучения.

Среди исследований проблем народной педагогики и фольклора представляет интерес докторская диссертация В.М. Асророва «Фольклор и творчество писателя в таджикской советской литературе»[1], где рассматривается воспитательный опыт таджикского народа. Автор отмечает роль фольклора в приобщении молодого поколения к ценностям устного народного творчества, рассматривает методы народного воспитания через анализ материалов фольклора.

Народная педагогика рассматривалась через содержание устного народного творчества. Р. Амонов, А.Н.Болдырев, М.И.Богданова, И.С.Брагинский проанализировав произведения таджикского эпоса, определили его основные воспитательные идеи. Ими раскрыты народные идеалы и представления о различных сторонах воспитания. Особенно близко нам по концепции методологии, практическим аспектам исследование А.Н.Болдырева «Народный эпос таджиков»[2]. В этой работе эпос «Гуругли» рассматривается как основной источник возрождения и становления национальной культуры, самосознания. Ученый раскрывает воспитательное и образовательное значение эпоса. И.С.Брагинский в книге «Из истории таджикской народной поэзии»[3] выделил главные, стоящие перед обществом, цели и задачи, которые заключаются в том, чтобы привить молодежи такие умения и навыки и формировать такое мировоззрение, которое больше всего отвечало бы насущным интересам данной общественной формации. И.С. Брагинский подчеркивает, что «у людей есть потребность воспитания подрастающего поколения. Этой духовной потребностью обеспечивается непрерывность процесса человеческого обновления. Прогресс общества за счет народного воспитания занимает вполне определенное место в человеческой истории. Мудрая поэзия эпоса убедительно расшифровывает исторические пути и возможности воспитания» [3.64]. Ученый глубоко проник в суть народного воспитания, основанного на традициях, а именно: на народном эпосе «Гуругли», обозначил возможности эпоса в воспитании подрастающего поколения, в передаче богатого жизненного опыта, традиций, обычаев. Научное обоснование И.С.Брагинским, эпоса как источника этнопедагогических идей близко нашему пониманию народной педагогики и роли эпоса в становлении национальной культуры [3.66].

Принципиальную значимость имеет вычленение традиций воспитания в таджикском фольклоре, раскрывающих своеобразие национальных традиций в народной педагогике таджиков и определяющих ориентиры педагогической деятельности в национальной культуре. Анализ работ Р.Амонова, В. Асрори, И.Н.Виникова, А.Мирзоева, А.Мазори, Я.Н.Больского, Ш.Нисормухаммадова, Б.Ниёзмухаммадова, Б.Тилавова и др. показали, что народные знания передавались от поколения к поколению, прежде всего через фольклор. В фольклоре педагогическая миссия была преобладающей. Идеи и опыт народного воспитания, виденье идеала совершенного человека, прямые регламентации поведения и подспудно присутствующая нацеленность на единение, доброту, любовь облекалась поэтическим гением народа в формы, пережившие века. В таджикском фольклорном творчестве, имевшем огромное значение в воспитании подрастающих поколений, можно выделить эпос «Гуругли» сказки, легенды, благопожелания и восхваления, пословицы, поговорки, загадки, песни, танцы.

Таджикская народная педагогика развивалась в тесной связи с фольклором. В.Г. Белинский утверждал, что необходимо изучить народную поэзию в её подлинном, неискаженном виде и считал необходимым уяснение её взаимосвязей с художественной литературой-первым долгом в интересах современности: «Вопрос о народной поэзии, говорил он, - и теперь принадлежит к числу

самых интересных вопросов современной литературы, потому что он сливается с вопросом о народности в поэзии» [4.35].

Ратуя за сближения литературы с фольклором в глубоком мировоззренческом смысле, В.Г. Белинский в то же время резко восставал против вульгаризаторов этой идеи, подменявших народность маскарадным изображением «простонародности». Выступал он и против стилизаторских подделок под народное творчество. В.Г. Белинский признавал законность использования художником изобразительных средств народной поэтики, однако при условии, если оно является творческим и не снижает идейного замысла создаваемого произведения до уровня неразвитого примитивного мышления. Идеи В.Г. Белинского поддержали Н.А. Добролюбов и Н.Г. Чернышевский. Они отнеслись чрезвычайно отзывчиво и чутко к появившимся в эти годы новым публикациям и исследованиям этнографических и фольклорных материалов, приветствовали их обнародование, подчеркивая их общественную историческую значимость.

В рецензии 1854 года на сборник М.Берга «Песни разных народов» Н.Г. Чернышевский писал, что народная поэзия «до сих пор остаётся единственною поэзию массы народонаселения; поэтому она интересна и мила для всякого, кто любит свой народ. А не любить своего родного невозможно. Другое достоинство её – чисто учёное: в народной поэзии сохраняются предания старины. Поэтому важность её неизмеримо велика и посвящать свою жизнь собиранию народных песен – прекрасный подвиг»[10.308].

Рецензируя в 1858 году сборник сказок В. Афанасьева и киевское издание украинских песен, Н.А. Добролюбов привёл эти же слова: «Кто любит свой народ и не ограничивает его тесным кругом людей, получивших европейское образование, тот поймёт радость, с какой приветствуем мы в литературе всякое порядочное явление, имеющее прямое отношение к народной жизни» [7.586].

Но за правильное истолкование фольклора надо было бороться и против сторонников мифологической школы, служителей «чистой науки», преклонявшихся перед стариной ради старины, и против таких заявлений реакционной критики, будто «Древние русские стихотворения» Кирши Данилова выше стихотворений Пушкина. Н.Г. Чернышевский говорил: «Наука должна быть служительницею человека. Чем более может она иметь влияния на жизнь, тем она важнее. Неприложимая к жизни наука достойна, занимать собою только схоластиков». Он имел тут в виду Гримма и русских последователей его мифологической теории, которые изучали в народном творчестве лишь то, что потеряло «серьезное значение в народной жизни», «перестало иметь смысл и важность в действительной жизни и кажется драгоценным для науки только как остаток древности» [7.506].

Н.А. Добролюбов, в полном согласии с Н.Г. Чернышевским, пропагандировал «новую науку, признающую своим началом и своим концом живую действительность». «Представители живых научных воззрений, - пояснил он, - вовсе не намерены возводить в идеал изящества и глубины мысли каждую из народных сказок или песен, но они обязаны знать «внутреннюю жизнь народа», если хотят что-нибудь сделать для его просвещения и облагорожения». «И тут же, - добавил Н. А. Добролюбов, - ничем пренебрегать не следует: наука и литература захватывают себе всю область живой действительности» [7.588-589].

Перед литературой, таким образом, критиком были поставлены те же задачи, что и перед наукой, познающей народную жизнь. Один же из основных источников её познания и для литературы, как для науки, - это, по его мнению, изучение и освоение словесного творчества народа.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Асроров В.М. Фольклор и творчество писателя в таджикской советской литературе / В.М. Асроров. – Душанбе, 1968. -290 с.
2. Болдырев А.Н. Народный эпос таджиков / А.Н. Болдырев. -Сталинабад, 1948.-109 с.
3. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии / И.С. Брагинский. – М.: Наука. 1956.-292с.
4. Белинский В.Г. Полное собрание сочинений. Т. 6 / В.Г. Белинский. СПб, 1901.-590с.
5. Волков Г.Н. Народная педагогика / Г.Н. Волков // Программа спецкурса и методические материалы. - М.: УРАО. 1999. -371 с.
6. Волков Г.Н. Этнопедагогика / Г.Н. Волков // Под ред. Огородникова И.Т. – Чебоксары., 1974.- 322с.
7. Добролюбов Н.А. Собрание сочинений в 3-х томах. Т. 1 / Н.А. Добролюбов. - М.: Госполитиздат. 1950.-422с.
8. Измайлов А.Э. Народная педагогика / А.Э Измайлов // Педагогические воззрения Средней Азии и Казахстана - М: Педагогика, 1991.- 322 с.
9. Ушинский К.Д. Педагогические сочинения. Т. 1/ К.Д. Ушинский. - М.-Л. 1988.-401с.

10. Чернышевский Н.Г. Полное собрание сочинений. Т. 2 / Н.Г. Чернышевский. - М.: Госполитиздат. 1949.-463с.

## ПЕДАГОГИКАИ МАРДУМӢ - ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛИИ ИНКИШОФ

Педагогикаи мардумӣ имкониятҳои педагогиро дар шароити муосир муқаррар менамояд ва мақсаднокии анъанаҳои миллиро муайян месозад. Педагогикаи мардумӣ таҷрибаҳои педагогиро барои педагогҳо пешниҳод менамояд. Тадқиқи муқоисавии анъанаҳои педагогии тоҷикон имконият фароҳам меорад, ки ин таҷрибаҳои педагогӣ аз тарафи педагогҳо мавриди истифода қарор дода шаванд. Предмети педагогикаи мардуми тоҷик - муҳити оилавӣ, мақолу зарбулмасал, тарбияи эстетикии насли наврас, сурудҳои мардумӣ умумияти фарҳангии педагогӣ доранд. Педагогикаи мардумӣ ин маҷмӯи таҷрибаҳои пешқадам аст, ки аз насл ба насл тариқи эҷодиёти ҷаҳонӣ гузаштааст, ки маҳсули таҷрибаи таърихӣ ва иҷтимоии оммаи халқ аст. Анъанаҳои тоҷикии мардумии педагогӣ дар ҳикояҳо, қиссаҳо, достонҳо ва анъанаҳо таҷассум ёфтаанд. Педагогикаи мардумии халқи тоҷик ҳамчун педагогикаи илмӣ имрӯз дар эҷодиёти олимон, шоирон ва нависандагон таҷассум ёфтааст.

**Калидвожаҳо**: педагогикаи халқӣ, ёдгориҳои педагогикаи халқи тоҷик, расму манъанаву анъанаҳои миллӣ, муҳити кӯдакону ҷавонон, функсияҳои педагогӣ, имкониятҳои педагогӣ.

## НАРОДНАЯ ПЕДАГОГИКА – ПЕДАГОГИКА НАЦИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

Народная педагогика выясняет педагогические возможности в современных условиях и определяет целесообразность национальных традиций, содействующих воспитанию подрастающего поколения. Она делает достоянием педагогов воспитательный опыт таджикского народа. Сравнительный анализ педагогических достижений таджиков позволяет выделять наиболее рациональное, наиболее объективное и ценное для современной педагогической теории и практики. Народная педагогика обращена лицом к практике, она служит ей, вооружая учителей педагогическими средствами, проверенными многовековой воспитательной практикой. Предмет таджикской народной педагогики - педагогика семейного быта; поговорки, пословицы и их значения при передаче нравственного опыта подрастающим поколениям, загадка как средство умственного восприятия, народные песни и их роль в эстетическом восприятии подрастающего поколения, самодеятельные игрушки и творчество детей; детская и молодёжная среда, его педагогические функции; колыбельные песни как выдающиеся достижения материнской поэзии, материнской школы и материнской педагогики, общность педагогических культур и национальная их самобытность. Народная педагогика – это совокупность накопленных и проверенных практикой эмпирических знаний, сведений, умений и навыков в устной форме, как продукт исторического и социального опыта народных масс. Памятники таджикской народной педагогики хранятся народом в созданных им сказках, легендах, эпосах, поговорках и пословицах преломяются через призму национальных обычаев и традиций и в конечном счёте имеют цель целенаправленно воспитывать и обучать молодое поколение в лучших идеалах народных масс. Народная педагогика таджиков стоит у колыбели научной педагогики, и сегодня питает творчество учёных, поэтов и писателей, олицетворяя преемственность, соединяя современность с древней педагогической культурой прошлого.

**Ключевые слова**: народная педагогика, памятники таджикской народной педагогики, национальные обычаи и традиции, детская и молодёжная среда, педагогические функции, педагогические возможности.

## PEOPLE'S PEDAGOGY - PEDAGOGY OF NATIONAL EDUCATION

Popular pedagogy finds out pedagogical possibilities in modern conditions and determines the expediency of national traditions that promote the upbringing of the younger generation. It makes the educational experience of the Tajik people available to educators. A comparative analysis of the pedagogical achievements of the Tajiks makes it possible to identify the most rational, the most objective and valuable for modern pedagogical theory and practice. Folk pedagogy is faced with practice, it serves it, equipping teachers with pedagogical means, proven age-old educational practice. The subject of Tajik folk pedagogy is pedagogy of family life; sayings, proverbs and their meanings in the transfer of moral experience to the younger generations, the riddle as a means of intellectual perception, folk songs and their role in the aesthetic perception of the younger generation, amateur toys and children's creativity; children's and youth environment, its pedagogical functions; lullabies as outstanding achievements of maternal poetry, mother school and maternal pedagogy, the commonality of pedagogical cultures and their national identity. Folk pedagogy is the totality of empirical knowledge, information, skills and habits accumulated and tested by practice, verbally, as a product of the historical and social experience of the masses. The monuments of Tajik folk pedagogy are kept by the people in the tales, legends, epics, proverbs and proverbs created by them, are broken through the prism of national customs and traditions and, in the final analysis, have the goal of purposefully educating and educating the younger generation in the best ideals of the masses. The Tajik people's pedagogy stands at the cradle of scientific pedagogy, and today it feeds the creativity of scientists, poets and writers, embodying continuity, combining modernity with the ancient pedagogical culture of the past.

**Key words:** folk pedagogy, monuments of Tajik folk pedagogy, national customs and traditions, children's and youth environment, pedagogical functions, pedagogical capabilities.

**Сведения об авторе:** ***Кармышева Бунавша Назруллоевна*** **-** Кулябский государственный университет им. Абуабдулло Рудаки, старший преподаватель кафедры русской и зарубежной литературы с МПРЯЛ, факультета русской филологии. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. Телефон: **988-00-74-44**

**Information about the author:** ***Karmysheva Bunavsha Nazrullevna*** **-** Kulyab State University. Abuabdullo Rudaki, senior lecturer of the Department of Russian and Foreign Literature with MPRYL, Faculty of Russian Philology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov St. 16. Phone: **988-00-74-44**

УДК:371(575.3)

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНФАҲМӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

*НороваЗ.И.*
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Ҳар як давра симои олами худро ба вуҷуд меорад. Ҷаҳони муосир низ аз тағйиру табодули давраҳо иборат аст. Дар тӯли асрҳои зиёд ҷаҳонбиние ҳукмрон буд, ки инсон дар маркази ҳастӣ қарор надошт. Илму маърифат ба рушди технологӣ ва шуури технократӣ нигаронида шуда буд. Дарки ҷаҳон аз тарафи хонандагон ба воситаи донишҳои пароканда аз илмҳои ҷудогона боиси ташаккулёбии тасаввуроти нопурра дар бораи олам гашта буд. Барои таҳқиқи пайваста ва фатҳи олами беруна ба хотири аз байн бурдани эҳсоси робитаи ногусастанӣ кӯшишҳо ба назар мерасиданд. Ҷомеаи муосир дар пешорӯйи зарурати ташаккули ҷаҳонбинии нав истодааст ва арзиши аслии он мавҷудияти инсон дар дунё ва муносибати ӯ ба табиат ҳамчун як узви зинда, касби имконоти ҳамгироии донишҳо барои тасвири ягонаи олам мебошад. Дарки олам, ки дар раванди аз худ кардани ҳунару фарҳанг ҳамчун инъикоси эҳсосию образнокии муносибатҳои одамон, одам бо ҷамъият, одам ба муҳити атрофро дар бар мегирад, алоқаи мустақими «ҳама бо ҳама чиз» ва фаҳмиши умумиҷаҳониро характернок аст. Фаъолияте, ки дар он дарки ҷаҳон ташаккул меёбад, фаъолияти «зинда» аст. Ин фаъолияти мусиқӣ-эҷодии (бадеӣ-эҷодӣ), дар асоси эҳсос ва тасаввури худи кӯдак бо ҷалби максималии имконоту кӯшишҳои ӯ, ки ба алоқаи муҳити атроф ва ҳаёти воқеии кӯдакон такя мекунад, сурат мегирад [2]. Бояд зикр кард, ки донишҳои мусиқавӣ (бадеӣ), малака ва маҳоратҳо чун воситаи идома додани робитаи инфиродӣ, эҷодии кӯдак бо муҳити атроф нақши муҳим доранд. Аломати характерноки шуури иҷтимоии муосир мурочиат на танҳо тавассути фанҳои табиӣ, балки ба масъалаҳои гуманитарӣ мебошад, ки барои ҳаллу фасли онҳо дарки гуманитарии олам зарур аст. Вақте ки инсон на ҳамчун восита, балки ҳамчун мақсади рушди иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар назди системаи маориф вазифае истодааст, ки раванди таълимро тарзе бояд ташкил кунад, ки донишҳои ӯ барои арзиш ва андешаҳояш ва дарки олам мусоидат намояд. Кӯдак дарки моҳияти объектҳо, падидаҳои табиӣ ва иҷтимоиро омӯхта, ба хулосаи дуруст ояд [1].

Бо вуҷуди ин таълими ҳамагонии мактабӣ ба дарки ҳаёт ва донишҳои табиӣ бештар нигаронида шуда, методҳои омӯзонидани арзишҳои фарҳангӣ дуюм дараҷа ба назар мерасанд. Баррасии раванди ташаккули шинохти олам аз тарафи хонандагони синфҳои ибтидоӣ то ба ҳол ҳамчун масъалаи муҳимми педагогӣ боқӣ мемонад, ки барои ҳаллу фасли он заминаҳо мавҷуданд.

Ҷаҳонфаҳмии инсон дар таҳқиқот ҳамчун фаъолияти махсуси ҷаҳонбинӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад, ки ба ҳамкории табиат ва муҳити иҷтимоию фарҳангие, ки бо тасаввурот дар бораи муҳити атроф, одамони дигар, дар бораи худ ва фаъолияти худ асос ёфтааст, равона карда шудааст. Ин масъала дар таҳқиқоти Е. Г. Залесский, С.В.Тарасов, Б.М.Селковников баён шудааст. Раванди ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун тарзи ҳамкории мутақобилаи шахсият бо муҳит, ки бо арзиши фардияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ вобаста аст, мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ба андешаҳои олимон Ш.А.Амонашвили, Б.С.Вулфов, М.А.Данилов, А.К.Кирпичник, Т.Д.Молодсова, В.Д.Шадриков дар бораи нақши пешбарандаи таҷрибаи ҳаётӣ дар рушди шахсияти кӯдак такя намуда, таҷрибаи зиндагиро ҳамчун омили потенсиалии (фардияти) субъективияти хонандагони хурдсол дар раванди таълим ҳисобидан мумкин аст [4]. Дар асоси

донишҳои иҷтимоӣ, тасаввурот, афкори мавҷуда таҷрибаи эҳсосӣ мактаббачаи хурдсол таҳаммулгароӣ, эҳтиром ба одамон, ба инобат гирифтани эҳсос ва андешаҳои дигаронро дар раванди ҳамкорӣ меомӯзад. Аз тарафи дигар, дар асоси маҳорату малакаҳо ва таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ, мактаббача худро дар ҳаёт месанҷад, муносибати худро бо муҳит муайян намуда, бо ин тимсоли олами худро ба вуҷуд меорад. Тайи ҳазорсолаҳои мавҷудияти инсоният майлу рағбат ва шавқи ӯ нисбат ба ситораҳо, дарки чизи нав, муайян кардани мақоми худ дар ҳаёт кам нашудааст. Табиатан инсон ба он бовар дорад, ки дар олам мавқеи муҳимро дорост. Албатта, барои ин далоили зиёде вуҷуд дорад, аз қабили тафаккури баланд, вокуниши сареъ, қобилияти эҷод намудан ва боз чизҳои зиёди дигар, ки фақат ба инсонҳо хос аст. Инсон аз давраҳои қадим мақоми сарварӣ дорад, аммо олам аз рӯйи мавҷудияти худ хеле бузургу беканор мебошад. Сохтори ин оламро нафаҳмида, ҳеҷ як фард наметавонад рушд ёбад [6].

Ҷаҳонфаҳмӣ мафҳуми сирф шахсӣ мебошад ва он наметавонад ба гурӯҳи одамон нисбат дода шавад. Бояд зикр кард, ки ҷаҳонфаҳмӣ ҳам дар асоси иттилооти муайяне, таҷрибаи бадастомада ва омилҳои дигар, ки метавонанд барои ҳамаи одамон умумӣ бошад, ташаккул меёбад. Ҷаҳонфаҳмӣ бо фардияти худ фарқ мекунад.Ҷаҳонфаҳмӣ дар маҷмӯъ- ин тарзи ба сухан табдилёбии образу андешаҳо, тафаккури инсон мебошад. Ин мафҳум дар худ тасвири тамоми образҳоеро дар бар мегирад, ки инсон онҳоро дарк мекунад. Худи шахсияти инсон асосан аз ҷаҳонфаҳмии ӯ иборат буда, аз донишу вокунишҳояш бартарӣ дорад.

Ҷамъияте, ки инсон дар он зиндагонӣ мекунад, ба ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии ӯ таъсири зиёд мерасонад. Ин таъсирро нодида гирифтан дуруст нест. Вай неруи бузург аст ва хеле барвақт, аз айёми кӯдакӣ, аз овоне, ки кӯдак маълумоти аввалинро дар бораи муҳити атроф қабул мекунад, меёбад. Ҳамаи он чизҳоеро, ки инсон то лаҳзаи марг меомӯзад, ҳатман дар қолаби образҳо шакл мегиранд ва сипас дар андешаҳо инъикос меёбанд. Табиатан бо мурури замон вай метавонад тағйир ёбад, аммо ин раванд бомаром ва тадриҷан сурат мегирад. Ба он иттилооти одамони муҳит низ таъсир мерасонад. Ҳар гуна қабули тасмим ба ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии инсон сахт вобаста мебошад. Дар ин ҳолат қобили қабул будан ва дараҷаи оқилона будани онҳо муҳим аст, чунки ин чиз барои қабули қарорҳои дуруст, ки ҳаёти минбаъда ва сифати он ба он вобаста мебошад, таъсиргузор аст [8].

Омӯзгор дар системаи муносибатҳои тарбиявӣ на фақат ҳамчун ташкилотчӣ ва роҳбари фаъолияти хонандагон мебошад, балки ҳамчун шахсияте, ки ҷаҳонбинии худ, арзишҳо, сифатҳои муайяни маънавӣ, мустақиман ба шуур, эҳсос ва рафтори мактаббачаи хурдсол таъсир мерасонад.

Дар айни ҳол тасаввуроти синергетикӣ ба фаҳмиши дарки олам на ҳамчун аз берун сохташаванда, балки ҳамчун аз дохил бавуҷудоянда, дар якҷоягӣ бо хонандагон ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, ҳамкории омӯзгору хонанда чун шароити хуби ташаккулёбии ҷаҳонфаҳмии хонандаи хурдсол хизмат менамояд. Фаҳмиши фалсафии (диалог) ин муколамаи устоду шогирд «асоси ҷустуҷӯи ҳақиқат дар байни одамон»-ро ташкил медиҳад.

Ташаккулёбии дарки олам дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷузъҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо дорад.

Меъёрҳо аз якчанд нишондиҳандаҳои ҷаҳонфаҳмӣ иборат мебошанд: ҳавасмандкунӣ, дараҷаи кӯшиши худтакмилдиҳӣ ва худнамоӣ, шавқу ҳавас ба чизи нав, номаълум, мавҷуд будани сабабҳо барои худомӯзӣ, мавҷуд будани талабот ба худнамоӣ дар фаъолият; корҳои санҷишии гуногун бо супоришҳои хислати репродуктивӣ, продуктивӣ ва эҷодӣ дошта.

Мазмуннокӣ. Донишҳои илмӣ, дуруст будани донишҳо дар бораи табиат, ҷамъият ва худ; маҳорати истифодаи донишҳо дар тафаккур истифодаи онҳо дар вазъиятҳои ғайриодӣ.

Категорияҳо. Сохтори категориявӣ, ки аз тарафи маҷмӯи мубрами категорияи забон дар шуур муайян карда мешавад. Методикаи С.В.Тарасов доир ба омӯзиши сохтори категориявии ҷаҳонфаҳмиро номбар кардан мумкин аст [9, с. 22].

Ҳадафҳои арзишманд. Мавҷуд будани муҳтавои шахсӣ ва муносибати эмотсионалию арзишмандӣ дар муҳокимаҳо.

Амалиётӣ. Қобилияти анҷом додани равандҳои рефлексӣ. Муҳокимаи интиқодии рефлексӣ дар бораи фаъолияти худ; мушоҳида аз болои фаъолият ва рафтори мактаббачаи хурдсол; таҳлили корҳои эҷодӣ, хаттӣ ва ҷавобҳои шифоҳии хонандагон; баҳодиҳии шавқу ҳаваси иҷтимоии мактаббачаи хурдсол.

Хулоса, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмӣ имрӯз ҳамчун мафҳумҳои барои ҳар як фард муҳим боқӣ мемонанд. Аммо набояд онҳоро бо ҳам омехта кард. Онҳо тафовут доранд ва решаи фарқияти онҳо дар роҳҳои дарки ҷаҳон ниҳон аст. Ҷаҳонбинӣ ин назари мутлақо субъективии як фарданд ба ҷаҳон, буда, он ба иттилооте, ки дар бораи ҷаҳон дорад, асос ёфтааст. Он метавонад аз образҳо, бӯй, садо ва эҳсосҳо ва амсоли инҳо иборат бошад. Иртиботи байни ин иттилоот ва донишҳои инсонро дар маҷмӯъ чун ҷаҳонбинӣ метавон маънидод кард. Мусаллам аст, ки одамоне, ки дар муҳити якхела зиндагӣ мекунанд, пайваста як иттилоотро ба даст меоранд ва ҷаҳонбинии аксари онҳо бо ҳам мушобеҳ мебошад. Ин ҳақиқати воқеӣ аз ҷомеаи ибтидоӣ шурӯъ шуда, то худогоҳии миллии замони муосир идома меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Алферов А.Д. Психология развития школьников. Учебное пособие по психологии / А.Д. Алферов. - Ростов - на - Д.: изд-во «Феникс», 2000. - 384 с.
2. Бахтин М.М. Архитектоника поступка / Михаил Бахтин // Социологические исследования. - 1986. - № 2. - С. 156-169.
3. Воронцова В.Г. Постдипломное образование педагога: гуманитарно-аксиологический подход: автореф. дис. ... д-ра пед. наук / В.Г. Воронцова. — СПб., 1997. — С 23.
4. Залесский Г.Е. Психология мировоззрения и убеждений личности / Г.Е. Залесский. — М.: Изд-во МГУ, 1994. - 138 с.
5. Коменский Я.А. Избранные педагогические сочинения. В 2-х т. / Я.А. Коменский; под ред. А.И. П'искунова и др. - М.: Педагогика, 1982. - Т.1. - 656 с.
6. Лебедева И.Л. Структура способностей младших школьников / И.Л. Лебедева // Научные труды МПГУ. Серия: Психолого-педагогические науки. Сборник статей. -М.: ГНО «Прометей» МПГУ, 2005. - С. 349-354 .
7. Рындак В.Г. Уроки Сухомлинского / В.Г. Рындак. - М.: Педвестник, 1998. - 232 с.
8. Сластенин В.А. Аксиологический аспект содержания современного педагогического образования / В.А. Сластенин Е.И. Артамонова // Педагогическое образование и наука. -2002. - № 3. - С.4-9.
9. Тарасов С.В. Психологический анализ категориальных структур мировосприятия школьников / С. Тарасов // Вопросы психологии. - 1998. - № 4.


## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНФАҲМӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф имконоти педагогии ташаккули ҷаҳонфаҳмиро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ баррасӣ менамояд. Ҷаҳонфаҳмӣ, ки дар заминаи тасаввуроти аёнӣ ба вуҷуд меояд, олам барои мо воқеӣ ва бо образҳои аз маҷмӯи малакаҳои эҳсосӣ-равонӣ ва омӯзиши одамон ҳосилшуда намоён мегардад.

Муаллиф дар асоси таҳлилҳои илмӣ ҷаҳонфаҳмиро ҳамчун ҳолати фардӣ, ки омодагӣ ба фаъолияти ҷаҳонбинӣ, иртиботи тарафайн бо муҳити атроф дар заминаи тасаввурот дар бораи олам ва худ, меъёрҳову арзишҳои иҷтимоӣ муайян намудааст. Муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки ҷаҳонфаҳмӣ дар асоси эҳсос ва дарки олам ташаккул меёбад. Хусусияти ҷаҳонфаҳмӣ баробари ташаккули дониш ба воситаи маълумоти бадастомада ошкор мегардад. Муҳтавои ҷаҳонфаҳмӣ аз он иборат аст, ки вай таҳкурсии рушди талабот ва ҷаҳонбинии инсон, афкору хулосаҳои ӯ дар бораи меъёрҳо ва арзишҳо ва бешубҳа, василаҳои фаъолиятро низ дар бар мегирад. Ташаккул ва такмили мафкура, шинохти олам ба сатҳи самаранокии муҳтавои ҷаҳонбинӣ ва неруманд шудани фаъолияти ӯ мусоидат менамояд.



**Калидвожаҳо:** ҷаҳонбинӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, шахсият, фаъолият, таконбахшӣ, мазмуннокӣ, фаъолият, ташаккул, хонандагони сирфҳои ибтидоӣ.


## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ МИРОВОСПРИЯТИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ


В данной статье автор рассматривает теоретические аспекты формирования мировосприятия учащихся начальных классов. В мировосприятии, которое базируется на наглядных представлениях, мир предоставляется нам в

его действительности, образы которой опосредованы соединением эмоционально-психологического и познавательного навыка людей.Анализируя научную литературу, автор рассматривает мировосприятие – это личностное состояние, которое определяет готовность к реализации мировоззренческой деятельности и которое выражено взаимным контактом с внешней средой на базе представлений о мире и о себе, социальных норм и ценностей. Модель мировосприятия состоит из мотивационного, содержательного и операционального компонентов. Автор в данной статье считает, что миропонимание строится на базе мироощущения и мировосприятия. Особенность миропонимания по мере формирования науки все больше раскрывается через полученные ею знания. Смысл миропонимания состоит в том, что оно является фундаментом развития потребностей и кругозора человека, его суждений о нормах и ценностях, и естественно, и аргументов деятельности. Формирование и усовершенствование мироощущения, мировосприятия и миропонимания подводит к росту эффективности сущности мировоззрения и повышению силы влияния его на активную жизнь.

**Ключевые слова:** мировосприятие, миропонимание, личность, деятельность, мотивация, содержательность, кругозор, развитие, учащиеся начальных классов.

**PEDAGOGICAL BASE of the DEVELOPMENT WORLDOUTLOOK PUPIL OF THE YOUNGER CLASSES**

World perception - a larval condition, which defines readiness to realization world outlook to activity, and which is expressed by mutual contact with external ambience on the base of the beliefs about the world and about itself, social rates and valuables. The Model world perception consists of motivation, profound and operation component. World understanding is built on the base world sensation and world perception. The Particularity world understanding on measure of the shaping the science all more open through got by her knowledge's. The Sense world understanding consists of that that he is a foundation of the development of need and outlook of the person, his (its) judgments about rate and value, and naturally and argument to activity. Shaping and improvement world sensation, world perception and world understanding leads to growing of efficiency to essence of the world outlook and increasing of power of the influence him (it) on active life.

**Keywords:** world perception, world understanding, personality, activity, motivation, content-richness, outlook, need.

**Сведения об авторе:** ***Норова Зарина Исломовна*** – Курган-Тюбинский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель. **Адрес:** 735140, Таджикистан, Хатлонская обл., г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **917 07 83 25.**

**Information about author:*****Norova Zarina Islomovna*** - Kurgan-Tube State University named after N. Khusraw. a competitor/ **Address**: Tajikistan, 735140, Khatlon region, Bokhtar, st. Ayni, 67. Phone:: 917 07 83 25.

**УДК: 371.66.687**

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛОТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РУШДУ ИНКИШОФИ МАОРИФ ВА ТАҲСИЛОТ

***Одинаев Р.С.***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии АТТ**

Соли 2017 барои мо ҷавонон бисёр ҳам самарабахш буд, чунки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017-ро соли ҷавоно эълон доштанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханварӣ ва вохӯриҳояш бо устодону омӯзгорон ва донишҷӯёну ҷавонон ва умуман бо тамоми таълимгирандагони муассисаҳои давлатии олӣ ва касбӣ таъкид менамоянд, ки асри XXI асри илму техника мебошад, аз омӯзгорон хоҳиш менамоянд, ки сатҳу сифати таълиму тарбияро барои пешрафти илму техника ва технология дар тамоми муассисаҳои соҳаи маориф дар сатҳи баланд ба роҳ монанд. Бештар ба ҷавонон диққат дода, таъкид менамояд, ки ояндаи давлат, сулҳу ваҳдати миллӣ, ободию, оромии мамлакат аз Шумо ҷавонон вобаста аст ва мо бошем такя бар Шумо менамоем.

Таъкидҳои Пешвои миллат мо омӯзгорони ҷавонро водор месозанд, ки дар ҷараёни ҳар як дарс аз технологияҳои нав истифода барем. Барои ноил шудан ба сифати баланди таълим шароити мусоид фароҳам овардан лозим аст. Асосан яке аз заминаҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим дар замони ҳозира тадбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Дар замони ҳозира бе техника ва технологияҳои иттилоотӣ ҷамъият пеш рафта наметавонад. Ҳамаи донишҳое, ки донишҷӯён ва таълимгирандагон тавассути техника ва технологияи иттилоотӣ, махсусан аз шабакаи интернет ва аз китобҳои электронию китобхонаҳо мегиранд, барои пешрафти илм, ҷаҳонбинии онҳо саҳмгузоранд [1].

Қайд кардан зарур аст, ки аз соли 2010 инҷониб ба воситаи шабакаи интернет Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озмунҳои фосилавии таълимгирандагонро аз фанҳои таълимӣ мегузаронад. Ин иқдомҳои пешгирифтаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи таълимгирандагонро дар ин асри илму техника бо технологияҳои иттилоотӣ мустаҳкам кард, ҳавасмандии ҷавонону наврасонро ба техникаю технологияи навин, инчунин барои баланд бардоштани савияи илму донишҳояшон аз фанҳои таълимӣ бештар гардонид. Озмуни фосилавӣ нишон дод, ки таъимгирандагон метавонанд донишу қобилияти худро дар самтҳои илму техникаи ҷаҳонӣ бисанҷанд.

Мушоҳоидаҳо нишон медиҳанд, ки дар охири асри XX ва аввали асри XXI техника ва технологияҳои иттилоотӣ бо суръати баланд тараққӣ ёфта, ҳама соҳаҳои ҷомеаи муосирро ба куллӣ дигаргун сохтаанд. Пешрафти илму техника ва технология ба ҷомеаи ҷаҳонӣ он гуна таъсир расонид, ки сиёсат, иқтисодиёт, маориф ва илмро дар замони ҳозира бе истифодаи техника ва технологияи иттилоотӣ тасаввур кардан душвор аст.

Асосан, дар ҳама бахшҳо-сиёсӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ, дар баромаду гузоришот техника ва технологияҳои дақиқи компютерӣ, проекторҳо, тахтаҳои электронӣ, барномаҳои компютерӣ, презентатсияҳо (намоишҳо) ва дигар таҷҳизотҳо мавриди истифода қарор доранд. Имрӯз 80%-и амалиёти ҳама гуна самтҳоро дар компютер иҷро мекунанд.

Рушди соҳаи маориф дар истифодаи техника ва технологияҳои навини замонавӣ дида мешавад. Дар ин соҳа бештари китобхонаҳо дар замони муосир ба таври электронӣ фаъолият карда истодаанд. Агар дар раванди таҳсилот барои таълимгирандагону донишҷӯён ва устодон иттилоот лозим шавад, онро метавонанд бемонеа аз шабакаи умумиҷаҳонии интернет дастрас намоянд. Имрӯзҳо аксар муассисаҳои таълимии соҳаи маориф дорои сомонаҳои худ мебошанд. Муваффақият дар он аст, ки барои сайқал додан, таҷриба омӯхтан ва такмил додани дониш донишҷӯён метавонанд тариқи шабакаҳои комптерӣ на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки берун аз он муошират намоянд, яъне ба воситаи почтаҳои электронӣ ва ғайра [2].

Дар ин самти илму техника, албатта, аввал саҳми масъулияти падару модарон дар таълиму тарбия фарзанд, баъдан, мактабу муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон бояд хеле назаррас бошад. Чунки дар боби 1-уми муқаррароти умумӣ дар моддаи 2, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» гуфта шудааст: «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикстон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад”[3].

Дар ҳама ҳолат баробари замон ва илму техника қадам задан, аз навовариҳои илму техника бархӯрдор шудан, албатта, хуб аст, зеро мо дар асри XXI, яъне дар асри илму техника умр ба сар бурда истодем ва кору фаъолият намуда истодаем. Албатта, набояд фаромӯш созем, ки техникаю технологияи нав, маданияти хосси истифодаи худро доранд.

Қайд кардан лозим аст, ки асри XXI асри техника ва технология дар ҷаҳон эълон гардидаст ва ин ҳамаи моро водор месозад, ки барои пешрафт дар роҳи илму техника дар муассисаҳои таълимӣ ҳангоми гузаронидани ҳар як машғулият (дарс) аз техника ва технологияҳои нав истифодаи амалӣ намоем. Масалан, аз синфхонаҳои компютерӣ, синфхонаҳои озмоишӣ, лабораторӣ, проекторҳо, тахтаҳои электронӣ, ҳар гуна расмҳо доири техникаи компютерӣ ва ғайра. Лекин бештар барои ноил шудан ба сифати баланди таълим шароити хубу мусоид фароҳам овардан лозим аст [4].

Асосан, истифодаи техника ва технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми бахшҳо, дар пешрафти илм нақши калидӣ мебозад. Асосан, рушди босуръати баланди техника ва технологияи навин, сатҳи зиндагии мардумро дар ҷомеъа бакуллӣ тағйир дод, муносибатҳои нави ҷамъиятиро ба вуҷуд овард. Ҳамарӯза дар ҷаҳон барои тамоми халқҳо ва миллатҳо садҳо техника ва технологияҳои нав ба нав бароварда мешаванд. Ҳама намуди ҳуҷҷатгузорӣ,

мукотиба, коммуникатсия дар тамоми соҳаҳо оҳиста-оҳиста аз шакли қоғазӣ ба шакли электронӣ гузаронида шуда истодаанд.

Ихтироъ шудани компютер ва баровардани шабакаҳои комптерӣ, локалӣ ва глобалии интернет аз зумраи кашфиётҳои асри XX ба ҳисоб меравад. Аммо дар асри XXI ин корҳо, яъне электронӣ гаштани маълумот якбора суръати баланд гирифта, кору фаъолияти мардумро хеле осон намуд. Асосан, рушди техника ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба мо таъсири мусбат расонида рушди илму техникаро дар ҷаҳон хеле боло бурд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамқадам бо давлатҳои дигари ҷаҳон будан, рушди илму техника ва технология басо муҳим буда, бо сохтани барномаҳои нав ба нави давлатӣ сол то сол ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардидан муҳим аст [5].

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун маводи ёрирасон ҳангоми таълими мавзӯъҳои нав барои омӯзгорон хеле муҳим аст. Дар тамоми муассисаҳои давлатӣ тавассути техника ва технологияи иттилоотӣ метавон таълимгирандагонро бо мавҷудоти зиндаи табиат, ё ин ки тариқи тахтаҳои электронӣ ба воситаи компютер барномаҳо, слайдҳо, презентатсияҳо сохта, диққати таълимгирандагонро бобати омӯзиши илму техника барои худ ва умуман барои пешрафти давлат ҷалб намоянд.

Техника ва технологияҳои иттилоотӣ дар якҷоягӣ бо методҳои маъмулии таълим имкон медиҳанд, ки ҳар як омӯзгор маҳорати тадқиқотӣ ва малакаи таълимгирандагонро бедор намояд ва самти психологиро пешниҳод созад. Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар якҷоягӣ бо усулҳои навини таълим сифати таҳсилот ва азхудкуниро баланд бардошта, суръати додани иттилоот ва имконияти қабули онро зиёд мекунад [6].

Бояд гуфт, ки таълимгирандагонро аз донишҳои технологияи навин бархӯрдор намудан лозим аст. Дарсҳои омӯзгорон дар ҳаёти имрӯза ба кашфиётҳои навини илму техника бояд манфиатбахш бошад. Барои он ки фарогирии ҷаҳонро имрӯз равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пешрафти илму техника ва технологияи навин фаро гирифтааст, татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ ва технологияи навин дар замони муосир яке аз омилҳои муҳимми дар амал татбиқшавии донишҳои нав буда, равандҳои ҷаҳонишавӣ илму техникаро осон мегардонад. Аммо яке аз масъалаҳои муҳим, компютеркунонии муассисаҳои таҳсилот миёнаи умумӣ ба шумор рафта, таълимгирандагонро хеле фаъол мегардонад. Пешрафти ҷаҳони муосир ба ду омили асосӣ, вобаста мебошад:

1. Илму техника ва технология.
2. Маънавиёт, ахлоқ ва пос доштани анъанаҳои ниёгон.

Оғози эҷодкории тафаккури насли наврас аз айёми кӯдакӣ, ин навоварию ихтироъкорӣ дар боғча ё дар мактаб мебошад. Ба ҳар як омӯзгор лозим аст, ки таълимгирандагонро бо донишҳои нав таъмин гардонад, онҳоро ба интихоби касб ҷалб намояд. Дар ин ҷо имкон дорад, ки бо тамоми нозукиҳои истифодаи техника ва технологияи навин шинос шуда, фарҳанги истифодаи техника ва технологияҳои муосирро дуруст дарк намоем [7].

Аз ҳама ҳадафи асосӣ ин аст, ки дар самти азхудкунии техника ва технология қобилият ва лаёқати таълимгирандагонро ташакул дода, раванди таълимро бо истифода аз техника ва технологияи замонавӣ ба роҳ монем. Омӯхтани техника ва технологияи навин асоси касбомӯзии насли ҷавон аст. Имрӯз касбомӯзии наврасон ва ҷавонон дар омӯзиши самтҳои техника ва технологияи муосир ба амал бароварда шуда истодааст.

Тарзи таълими техника ва технологияи нав дар шароити ҳозира онро талаб мекунад, ки бояд ҳар як шахс бо талаботи умумиилмии ҳозиразамон шинос шуда бошад ва афкори илмию техникии худро рӯз то рӯз бештар баланд бардорад. Маълум аст, ки асри XXI давраи пешрафти босуръати илму техника ва технология мебошад, ҷомеаро бе инкишофи технология тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳар як шахс бояд аз техника ва технологияи навин бархӯрдор бошад, чунки бо донистани техника ва технология кори мо хеле самарабахш мегардад. Чунонки мушоҳида мешавад, Тоҷикистон дар солҳои охир бо вуҷуди

мушкилоти муайян пеш рафта истодааст. Сатҳи истифодаи техника ва технологияи муосир дар Тоҷикистон рӯз то рӯз меафзояд [8].

Имрӯз корхонаҳое, ки ба истеҳсоли таҷҳизоти техникии нави муосир сарукор доранд, онҳоро зарур аст, ки барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар қатори муассисаҳои таҳсилоти ҳиссагузор бошанд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2017 дар самти технологияҳои иттилооти-коммуникатсионӣ чунин қайд шудааст: "Нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро беҳтар гардонем"[9].

## АДАБИЁТ


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2004 таҳти № 468 «Барномаи давлатии рушд ва ҷорикунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.11.2003 таҳти № 1174 Дар бораи «Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон".
3. Иноятова М А. Технологияҳои иттилоотӣ ва асосҳои системаи идоракунии захираҳои нишондодҳо / М А.Иноятова, Ҳ.М. Маликов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 220 с.
4. Щербо В.К. Стандарты по вычислительным локальным сетям / В.К.Щербо, В.М.Киреичев, С.И. Самойленко. Справочник. -М.: Радио и Связь. – 1990. – 204 с.
5. Ниёзов А.С. Технологияҳои иттилоотӣ ва идоракунии давлатии Тоҷикистон дар шароити муосир / А.С.Ниёзов // Паёми ДТИХДҶТ. – 2010. – №4. – С. 54-61.
6. Хлебалина Е. Информатика: энциклопедия / Е.Хлебалина. -М., 2003. – 460 с.
7. Шевченко А.В. Информационная устойчивость политической системы. Монография – М: РАГС, 2004. – 320 с.
8. Муассисаи давлатии «Маркази Ҷумҳуриявии технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсия» [Маводи электронӣ]. URL: http://mjtik.tj/index.php/87585/1385/n-vakhsh/38-asos/2-jpeg (санаи истифодабарӣ: 24.05.2018)
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/16771 (санаи истифодабарӣ: 25.05.2018)


## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛОТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РУШДУ ИНКИШОФИ МАОРИФ ВА ТАҲСИЛОТ


Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар охири асри XX ва аввали асри XXI техника ва технологияҳои иттилоотӣ бо суръати баланд тараққӣ ёфта, ҳама соҳаҳои ҷомеаи муосирро ба куллӣ дигаргун сохтаанд. Пешрафти илму техника ва технология ба ҷомеаи ҷаҳонӣ он гуна таъсир расонид, ки сиёсат, иқтисодиёт, маориф ва илмро дар замони ҳозира бе истифодаи техника ва технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан душвор аст. Асосан, дар ҳама бахшҳо-сиёсӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ, дар баромаду гузоришот техника ва технологияҳои дақиқи компютерӣ, проекторҳо, тахтаҳои электронӣ, барномаҳои компютерӣ, презентатсияҳо (намоишҳо) ва дигар таҷҳизотҳо мавриди истифода қарор доранд. Имрӯз 80%-и амалиёти ҳама гуна самтҳоро дар компютер иҷро мекунанд. Аз ҳама ҳадафи асосӣ ин аст, ки дар самти азхудкунии техника ва технология қобилият ва лаёқати таълимгирандагонро ташаккул дода, раванди таълимро бо истифода аз техника ва технологияи замонавӣ ба роҳ монем. Омӯхтани техника ва технологияи навин асоси касбомӯзии насли ҷавон аст. Имрӯз касбомӯзии наврасон ва ҷавонон дар омӯзиши самтҳои техника ва технологияи муосир ба амал бароварда шуда истодааст.



**Калидвожаҳо:** сиёсат, иқтисод, илм ва маориф, технология ва технологияи иттилоотӣ ва илм.


## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИИ В РАЗВИТИИ ОБРАЗОВАНИЯ И ПРОСВЕЩЕНИЯ


Полученные данные показывают, что в конце XIX века и в начале XX -го века технологии и информационные технологии быстро развивались и трансформировали сегодня все сферы мира. Развитие науки, техники и технологий повлияло на мировое сообщество, и в настоящее время трудно представить себе политику, экономику.Как правило, все политические, технические и социальные сектора используются в области интервью и других международных направлений с помощью компьютерных и компьютерных технологий, проектов, электронных документов, компьютерных программ, презентаций и другого оборудования. Сегодня на компьютере выполняется 80% всех операций. Самая важная цель - предоставить технологическим и технологическим возможностям наших студентов возможности и возможности учащихся, и мы сможем изучить процесс использования современных технологий и технологий. Поиск новейших технологий и технологий - основа молодого поколения. В настоящее время в современной технике и технологиях внедряется новое обучение в области образования и молодежи.

**Ключевые слова:** политику, экономику, образование и науку, технологии и технологической информации и образования

**THE ROLE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY IN THE DEVELOPMENT OF EDUCATION AND AWARENESS**

The data obtained show that at the end of the 20th century and at the beginning of the 20th century, technologies and information technologies developed rapidly and transformed all areas of the world today. The development of science, technology and technology has influenced the world community, and now it is difficult to imagine politics, economics, education and science, without using technology and technological information. As a rule, all political, technical and social sectors are used in the field of interviews and other international directions through computer and computer technologies, projects, electronic documents, computer programs, presentations and other equipment. Today, 80% of all operations are performed on the computer. The most important goal is to provide the technological and technological capabilities of our students with the opportunities and opportunities of students, and we will be able to study the process of using modern technologies and technologies. The search for new technologies and technologies is the basis of the younger generation. At present, new education in the field of education and youth is being introduced in modern technology and technologies.

**Keywords:** politics, economy, education and science, technology and technological information and education.

**Сведения об авторе:** ***Одинаев Рахмонали Саидмухторович*** **-** Институт развития образования имени Абдурахмони Джоми Академии образования Таджикистана, докторант PhD**. Адрес:** 734003, г. Душанбе, улица С.Айни, 45.
Телефон: **981057025**. E-mail: **rahmonali-91@mail.ru**

**About the author:** ***Odinaev Rahmonali Saidmikhtorovich*** - Institute of development of education named after Abdurahmoni Jomi Academy Education Tajikistan. **Address:**734003, Republic of Tajikistan,Dushanbe, Aini street, 45. Phone: **+992 981057025.** E-mail: **rahmonali-91@mail.ru**

**УДК: 37+378(575.3)**

## УСУЛҲОИ АНЪАНАВӢ ВА ИННОВАТСИОНИИ ТАҲСИЛОТ

***Сафаров М.В.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ба ақидаи муҳаққиқ М.С. Якушкина, аз мавқеи расмӣ методология бо моҳияту ҷавҳари дониш оид ба олами воқеӣ алоқаманд нест, балки эҳтимолан бо амалиёте вобастагӣ дорад, ки тавассути онҳо дониш ташаккул ёфтааст» [6].

Дар раванду ҷараёни муосири таълиму омӯзиш чи методҳои анъанавӣ ва чи инноватсионии таълим мавриди истифода қарор дода мешаванд. Мавзӯи мазкур эҳтиёҷ ба баррасию тадқиқ дорад, чаро ки дар он таҷрибаю собиқаи чандинасраи инсоният ва таълимию таълимотӣ ҷамъбаст гаштааст.

Гумони ғолиб он аст, ки проблема иборат на танҳо аз пешбурди методҳои инноватсионӣ аст, балки истифодаи методҳои анъанавиро низ фаромӯш набояд кард, ки онҳо низ дар мавридҳои зарурӣ таъсирбахшу натиҷадор низ мебошанд, ҳатто ҳолатҳое низ шуданаш мумкин аст, ки бидуни истифодаи онҳо кору фаъолияти таълимӣ пеш нахоҳад рафт. Масалан, дар назди муаллим вазифае дар пеш истодааст, ки мутааллимини синфи якумро хондану навиштан нишон диҳад, албатта, инро метавон ҳам тавассути экрани сенсорӣ иҷро кард, аммо хонанда наметавонад ба ҳадафи аслӣ ба тариқи пурра муяссар шавад.

Дар навбати худ, чунин шуморида мешавад, ки ҳар як муаллим бояд оиди рушду пешрафти сохтори таълиму маълумоту маърифат донишҳои худро сайқал диҳад. Пӯшида нест, ки дар замони ахир аксаран оиди идеяи зарурати пурраи бозсозию таҷдиди назари низоми маълумоту маърифат ҳарф зада мешавад. Дар маҷмӯъ ин низом ба тариқи муназзаму муфассал тағйиру таҳаввул наёфтааст ва ҳоло ҳам воситаи асосии тайёрию омодагиҳои хонанда ва мутааллиму муҳассил нисбати ҳаёти минбаъда таълими ӯ бо малакаҳои пешина ва интиқоли анъанаҳо мебошад. Мунтаҳо, чуноне ки тасаввур карда мешавад, имрӯз дар назди муассисаҳои таълимию маълумотӣ дигар ҳадафу вазифаҳои аслию усулӣ меистанд. Бо суръате, ки ҷаҳони имрӯза мавриди тағйиру таҳаввул қарор мегирад, ба он оварда мерасонад, ки донишҳои зиёд дар айёми наврасию ҷавонӣ ва миёнаумрию куҳансолӣ ба даст оварда шуда метавонанд кӯҳна ва ғайри қобили қабул шуда монанд. Маълумоту иттилооти босуръат мерасида дар ҷаҳони имрӯза, ки бо онҳо ҳамарӯза бояд сару кор гирифт, метавонанд барои инсон манбаъ ва сарчашмаи изтиробу ҳаяҷон ва асабоният гарданд, ки зимни малакаи корӣ надоштан мушкилоти зиёдеро ба бор меорад. Яке аз воситаҳои ҳаллу фасли ин мушкилоту

масъала метавонад низоми нави таълимию маърифатӣ гардад, ки қобил аст заминаю бунёди ҷиддиеро барои раванду ҷараёни таълимию маърифатӣ ба бор орад. Дар замони муосир парадигмаи нави таълимию маърифатӣ, ки дар асоси муназзамию доимият тарҳрезӣ шудааст ("таълиму маълумот то охири ҳаёт»), инфиродӣ гардонидани таълиму маърифат, бунёдигардии барномаҳои маърифатӣ мебошад ва дар асоси ба истилоҳ «низоми кушодаи таълиму маърифат» ва технологияи таълиму маърифати фосилавӣ роҳандозӣ мешавад. Таълими фосилавӣ имкон медиҳад, ки таълиму маърифати сифатан нав дар минтақаҳои дуртарин ба даст оварда шавад ва ё маълумоти олии иловагӣ бо сарфу харҷи ҳадди ақали вақту замон муяссар гардад. Таҳти истилоҳи таълиму маълумоти фосилавӣ шакли таълиму маърифатие фаҳмида мешавад, ки барои мутааллиму муҳассил интихоби озоди фанну предметҳои таълимию маърифатӣ, табодули мусоҳибаю муколама бо мутааллиму муҳассил муҳим аст, аммо зимнан раванду ҷараёни таълиму маърифати мутааллиму муҳассил дар фазою замон вобаста намебошад. Зимни таълиму маърифати фосилавӣ методҳои анъанавии педагогика истифода бурда мешаванд, такяи асосӣ ба технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва васоити техникӣ карда мешавад. Мунтаҳо, таълими фосилавӣ, чуноне ки маълум шуд, табдили ҷомеии воситаи анъанавии маълумоту маърифат буда, муаллим, ки аз техникаю технологияи иттилоотию мултимедӣ истифода карданӣ мешавад, бояд якчанд нуктаю мулоҳизаҳои муҳимро ба эътибор гирад. Масъалаҳои муҳимтарини таълимоти фосилавӣ ба тариқи мушаххас дар маърӯзаҳои В. П. Демкин, В. М. Вимятин, Г. В. Можаева, Г. А. Тарунин дар конфронси «Интернет – муҳити нави иттилоотӣ дар илми таърих» дар Барнаул соли 1998 баррасӣ гаштаанд.

Бозиҳои корӣ ҳама вақт ҷанбаи дастаҷамъона доранд ва тавассути озмоишу таҷрибаҳои иммитатсионӣ татбиқ карда мешаванд.

Шабакаҳои компютерӣ ва мултимедӣ имрӯз муҳимтарин ҷузъу унсури технологияҳои иттилоотӣ мебошанд, ки на танҳо барои муҳаққиқон арзишу манфиат доранд, балки барои дар маҷмӯъ педагогҳо ҳам зарурати воқеӣ мебошанд. Имрӯз бидуни техника ва технологияи иттилоотӣ фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳоро тасаввур кардан ҳам ғайриимкон аст. Истифодаи мултимедия ва технологияҳои шабакавӣ имкон медиҳанд, ки дар як навъу шакли кор маҷмӯи манбаъ ва сарчашмаҳои барои муҳаққиқ дастрасро тамаркуз бахшид (сарчашмаҳои матнӣ, хаттӣ, аудио ва видео - санаду ҳуҷҷатҳо) ва ба тариқи фаврию оҷилӣ натиҷаҳои тадқиқотро табъу нашр кард.

Васоит ва васоили технологияҳои иттилоотӣ – компютери шахсӣ, видеои интерактивӣ, мултимедия, телеконфронс, почтаи электронӣ – имкон медиҳанд, ки тавъам ва дар ҳамнишинӣ бо методи бозиҳои корию расмӣ сифати раванду ҷараёни таълим баланд бароварда шавад.

Муҳаққиқон В.В. Краевский ва Е.В. Бережнова чунин ақида доранд: «Вобаста ба дараҷаи баррасиҳо методология ба тариқи гуногун фаҳму дарк карда мешавад. Ба маънии васеъ он чунин шарҳу тафсир дода мешавад: низоми усулҳо ва методҳои бандубаст ва ташаккули фаъолияти назариявӣ ва амал ҳамчунин таълиму омӯзиш дар асоси ин низом. Таъйиноти дигари васеътар – ин таълимот оид ба усули дарки илмии маърифат ва таҳаввулоти олам» [1].

Ҷомеае, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, аллакай имрӯз онро ҷомеаи иттилоотӣ номидан мумкин аст. Рӯз то рӯз илмҳои наву замонавӣ зуҳур карда истодаанд. Информатика дар байни онхо мақоми арзандаи худро дарёфт кардааст.

Муҳаққиқон таъкид ҳам кардаанд, ки фақат содалавҳон ва ё инсонҳои гумроҳ метавонанд ҳадс зананд, ки педагогикаи инноватсионӣ табдили ҷомеии методҳои анъанавии таълим мебошад. Ин масъаларо фақат тавассути амалкарду робитаи муштараку якҷояи методҳои таълими анъанавӣ ва инноватсионӣ ба тариқи мусбат ҳаллу фасл кардан мумкин аст.

**АДАБИЁТ**


1. Краевский В. В. Методология педагогики: новый этап. Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / В. В. Краевский, Е. В. Бережнова. - М.: Издательский центр «Академия», - 2006. – 200 с.
2. Лазарев В. С. Мотивация учителей к инновационной деятельности /
С. Лазарев // Народное образование. - 2012. - № 4. - С. 107-114.
3. Лебедев О. Е. Стратегия модернизации образования и учитель: монологи об учителе / О. Е. Лебедев. - СПб.: СПбАППО, - 2003. - 225 с.
4. Макареня А. А. Образование взрослых в современном обществе /А.А. Макареня, Н.Н. Суртаева // Актуальные проблемы постдипломного образования педагогических кадров. - СПб.: ИОВРАО, - 2004. - С. 16-33.

5. Якvшкина М. С. Инновационная деятельность педагогов в системе непрерывного образования / М. С. Якушкина. - СПб: НМЦ Василеостровского района, 2002. – 170 с.
6. Adult Learning: A Key for the Twenty-First Century.-Pads.Unesco,1997
7. Amraabre statistiqne de la France. 1989.-Paris,1989- pp.312,313
8. Andragogy - a Sign of the Times//Studies in the Education of Adults.-Leicester, 1984.-V.16,October
9. Apprendre A 6tre - P., Шевсо, 1972.- p-XLHI
10. Boot R. L., Hodgson V.E. Open Learning: Meaning and Experience.- In: Beyond Distance Teaching Towards Open Learning.- Ed. By Hodgson V.E. et aL,Milton Keynes, 991/- p. 5.
11. Dewey J. Experience and Education.- N.Y.,1948
12. Dave R.H. lifelong Education and School Curriculum-Hamboui&,1973,
13. Ddvereaux M.S.Une personae sur cinq. Enqu6te sur l'ducatian des adultes am Canada.-Ottawa,1984.-p.63

## УСУЛҲОИ АНЪАНАВӢ ВА ИННОВАТСИОНИИ ТАҲСИЛОТ

Дар мақола хусусиятҳои усулҳои анъанавӣ ва инноватсионии таҳсилот дар шароитҳои нави низоми таҳсилот ва таълим баррасӣ гаштаанд. Ба андешаи муаллифи мақола, дар раванди муосири таҳсилот усулҳои анъанавӣ ва ҳам усулҳои инноватсионӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Мавзӯи мазкур тадқиқи ҷиддиро тақозо мекунад, зеро дар он мавриди таваҷҷуҳ тамоми таҷрибаи инсоният оид ба таҳсилот ва таълимот қарор дода мешавад. Ҷомеае, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, аллакай имрӯз онро ҷомеаи иттилоотӣ номидан мумкин аст. Рӯз то рӯз илмҳои наву замонави зуҳур карда истодаанд. Информатика дар байни онхо мақоми арзандаи худро дарёфт кардааст. Муҳаққиқон таъкид ҳам кардаанд, ки фақат содалавҳон ва ё инсонҳои гумроҳ метавонанд ҳадс зананд, ки педагогикаи инноватсионӣ табдили ҷомеии методҳои анъанавии таълим мебошад. Ин масъаларо фақат тавассути амалкарду робитаи муштараку якҷояи методҳои таълими анъанавӣ ва инноватсионӣ ба тариқи мусбат ҳаллу фасл кардан мумкин аст. Чуноне ки муаллиф таъйид мекунад, шабакаҳои компютерӣ ва мултимедӣ имрӯз муҳимтарин ҷузъу унсури технологияҳои иттилоотӣ мебошанд, ки на танҳо барои муҳаққиқон арзишу манфиат доранд, балки барои дар маҷмӯъ педагогҳо ҳам зарурати воқеӣ мебошанд. Имрӯз бидуни техника ва технологияи иттилоотӣ фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳоро тасаввур кардан ҳам ғайриимкон аст. Истифодаи мултимедия ва технологияҳои шабакавӣ имкон медиҳанд, ки дар як навъу шакли кор маҷмӯи манбаъ ва сарчашмаҳои барои муҳаққиқ дастрасро тамаркуз бахшид (сарчашмаҳои матнӣ, хаттӣ, аудио ва видео - санаду ҳуҷҷатҳо) ва ба тариқи фаврию оҷилӣ натиҷаҳои тадқиқотро табъу нашр кард.

**Калидвожаҳо**: педагогика, андрагогика, усулҳо, инноватсия, анъана, информатика, ҷараёни таълим, технологияҳои иттилоотӣ.

## ТРАДИЦИОННЫЕ И ИННОВАЦИОННЫЕ МЕТОДЫ ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматриваются особенности традиционных и инновационных методов образования в новых условиях в системе обучения и образования. По мнению автора статьи, в современном процессе образования применяются как традиционные, так и инновационные методы. Данная тема требует серьезного исследования, поскольку в ней принимается во внимание весь опыт человечества по образованию и обучению. Общество, в котором мы сегодня живем, теперь можно назвать информационным. С каждым днем появляются новые и современные науки. Информатика среди них приобретала свой подобающий статус. Как отмечает автор, исследователи подчеркивали, что только простые и заблудившиеся люди могут думать, что инновационная педагогика является комплексной трансформацией традиционных методов обучения. Данную проблему можно решить только посредством функционирования и взаимосвязи традиционных и инновационных методов обучения. Автор констатирует, что компьютерные сети и мультимедии сегодня являются главными компонентами информационных технологий, имеющими не только значимость для исследователей, а в целом очень ценными также для педагогов. Сегодня наличие техники и информационных технологий нельзя представить без деятельности высших учебных заведений. Применение мультимедии и сетевых технологий позволяет сконцентрировать в одной форме работу и деятельность комплекса источников, доступных для исследователей (текстовые, письменные источники, аудио - и видео -документы) и тиражировать оперативным образом результаты исследований. Ключевые слова: педагогика, андрагогика, методы, инновация, традиция, информатика, процесс обучения, информационные технологии.

## TRADITIONAL AND INNOVATIVE METHODS OF EDUCATION

The article examines the peculiarities of traditional and innovative methods of creating new conditions in the system of education and education. According to the author of the article, both traditional and innovative methods are used in the modern educational process. This topic requires a serious study, since it takes into account the weight of the experience of mankind in education and training. The society in which we live today can now be called informational. Every day there are new and modern sciences. Informatics among them acquired its proper status. As the author notes, the researchers emphasized that only simple and lost people can think that innovative pedagogy is an integrated transformation of traditional teaching methods. This problem can be solved only through the functioning and interrelation of traditional and innovative teaching methods. The author states that computer networks and multimedia today are the main components of information technologies, having not only significance for researchers, but in general are very valuable also for teachers. Today, the availability of technology and information technology can not be imagined without the activities of higher education institutions. The use of multimedia and network technologies makes it possible to concentrate a set of sources available for researchers (text, written sources, audio and video documents) in one form of work and activity, and to replicate the results of research in an operative manner.

**Key words:** pedagogy, andragogics, methods, innovation, tradition, informatics, learning process, information technologies.

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Мунир Ватанович*** – Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, кандидат педагогических наук, старший преподаватель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Телефон: **918665441**.E-mail: **munir11@list.ru**

**Information about the author:** ***Safarov Munir Vatanovich*** - Kulob State University named after A.Rudaki, candidate of Pedagogical Sciences, senior lecturer. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: **918665441**

**УДК 37.013**

# РАЗВИВАЮЩИЕ ИГРЫ КАК СПОСОБ ПОВЫШЕНИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ СПОСОБНОСТИ

***Юсупова Ф.М., Бобоева З.Х.***
**Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова**

За последние годы интерес к изучению учебных программ , в начале 90-х несколько спал, но за последние 5-10 лет, наоборот, вырос. Главной целью является изучение всех школьных программ. На сегодняшний день возникла необходимость научить школьников совершенствовать свои знания. Школьникам, помимо усвоения основных предметов, необходимо ещё развивать творческие способности.

Необходимая активизация познавательной деятельности учащихся обусловлена многими факторами. Первое, как отмечалось в Министерстве образования и науки Республики Таджикистан, это необходимость улучшения эффективности и качества учебно воспитательной работы, чтобы каждый урок, способствовал развитию познавательных интересов учащихся. В связи с этим возникли новые требования, которые внесли изменения в школьные программа. С точки зрения дидактов, к этой проблеме начали находить несколько иначе, используя различные методы проведения игр во время урока, которые дали удовлетворительные результаты. Степень усвоения нового материала полностью зависит от преподавателя именно в этом он должен проявить себя одновременно как хороший актёр и как хорошей игрок, потому, что именно от его способности преподнести и объяснить зависит ход познавательной деятельности учеников. Существует множество методов объяснения учебного материала учителем, он сам выбирает, какой выбрать и какой, по его мнению, лучше подходит его аудиторию. Опыт показывает, что хорошо подобранный метод обязательно дает хороший результат. От выбранного метода учителя зависит уровень усвоения всего учебного материала в целом. Многие ученые и методисты в ходе своих исследований выявили, что одним из путей, который даёт ожидаемый результат является развивающая игра.

На современном этапе обучения игре способствует развитию памяти, углублению и закреплению навыков, которые им понадобятся в трудовой деятельности. Во время игр учитель должен использовать индивидуальный подход к каждому ученику, так как это даёт возможность точно узнать, как тот или иной вид игры воспринимается учащимся. Здесь немаловажную роль играют игры во время урока.

Во время проведения различных игр школьники переключаются от одного вида деятельности на другой, до достижения учебной цели школьников. Как утверждает Селецкая Е.Э. «игры обогащают процесс обучения в связи с тем, что их использование даёт возможность учителю включать в учебный процесс нетрадиционные виды деятельности, неизмеримо обогащая этим процесс познавания» [8, с. 12]. К таким видам можно отнести оформительскую, организационную и коммуникативную деятельность. Если широко и точно использовать познавательные игры во время урока английского языка, можно развить скрытые способности и укрепить память учащихся, увлечения школьников во время игр может быть важным шагом в развитии интереса к предмету. Для развития и укрепления памяти можно использовать такие игры, предложив ученикам картинку классной комнаты, можно дать ему такое задание: Посмотри на картину, сравни классную комнату на картинке со своей классной комнатой. Употребляй предложения типа:In the picture there are 2 chairs and a table in my room. Для обработки глагола to have учащимся предлагается картинка. На ней даны предметы, которые дети берут с собой обычно в школу: пенал, линейка, карандаш, очки, книжка, ключ, часы, кошелек. Прилагается список слов, которые, наряду со словами, обозначающими предметы, изображеные на картинке, включены и некоторые другие. Школьникам даётся задание: какие из этих слов обозначают предмеры, затем задание можно усложнить;

скажите своему другу, какие из этих предметов у тебя сегодня в портфеле, также спросите, что он взял с собой в школу.

Глагол to have можно также закреплять в упражнениях типа Find your match. Учащиеся получают картинки, на которых изображены люди в разной одежде. Школьники задают вопросы: Have you got a picture of a boy or a girl? Has she got a skirt and a blouse on? Has she got a dress on? Has she got a blue dress on? Has he got black shoes on?

После проведенной игры, результат должен быть проанализирован и оценен, так как по результатам активности учащихся можно определить уровень освоения материала. Использование преподавателем различных игр на уроках английского урока часто организуется с целью расширения уровня знаний учащихся, а самое главное, развития способности самостоятельного их приобретения и использования в различных ситуациях. Приведём ещё варианты игр, которые можно использовать на уроках английского языка работу со словарями, сочинения на свободную тему или составление предложений или различных ситуаций. В начальных классах очень часто используются игры, такие как составление предложений из нескольких новых слов и т.д. Использование игр на уроках иностранного языка проводится, как правило, параллельно с обучением в классе, они способствуют углублению, совершенствованию знаний, умений и навыков. Все зависит от организованности и состояния дисциплины в классе, а также от контакта между педагогами, занимающимися этой работой. Основными задачами использования игр являются развитие умений и навыков устной речи, привитие интереса к изучению иностранного языка, любви к этому предмету. Из задачи подготовить обучаемых к усвоению английского языка в школе вытекает необходимость отобрать нужные материалы, которые легко будут усвоены учащимся. Для этого учитель сам должен сначала быть готовым провести игры по уровню своих учеников, так как они являются таким видом деятельности, значимость которой заключается в самом процессе. Множество игр применяются на уроках иностранного языка, туда входят и дидактическая и подвижная. Второй тип игры особенно используется в целях снятия напряжения. А дидактическая игра является мотивацией учащихся к изучению иностранного языка. Во все времена многие ученые обращались к дидактическим играм в процессе обучения. Поступление детей начало их познавательных и личностных развитий. Учебная игровая, трудовая и другие виды деятельности влияют на становление личности ученика. Учение для ребёнка -значимая деятельность. В школе он приобретает не только новые знания и умения, но и определенный социальный статус, меняются интересы, ценности ребенка, весь уклад его жизни. «Дидактические игры рассматриваются как одна из форм организации познавательной деятельности учащихся при изучении нового материала на уроках английского языка».

Игры могут включать в себе такие элементы, как соревнование, которое предполагает не только личную контрольно-оценочную деятельность, но и оценку учителя и других школьников. Учитель должен дать точные инструкции и правила проведения игры. Для решения поставленных задач, ученики включаются в поиск, где сталкиваются с необходимостью выбора материала и использование его в процессе игры. Игры таких видов известны в педагогическом уровне как частично-поисковыми. Мы можем использовать такие игры, например, ученикам можно предложить картинки из журналов и берём рисунок и составляем задание к ним: скажи классу, какие предметы тут изображены, назови их и составь множественное число этих предметов. Этот вид игры помогает школьникам описать изображённые картинки и хорошо запомнить эти слова и число этих предметов. Как отмечает В.А. Сухомлинский «Без игры нет и не может быть полноценного умственного развития. Игра – это огромное светлое окно, через которое в духовный мир ребенка вливается живительный поток представлений, понятий. Игра – это искра, зажигающая огонек пытливости и любознательности» [9, с.143]. Таким образом, мы можем повысить уровень освоения урока путем проведения различных дидактических игр на уроках английского языка. Например: *учитель может играть в игру «магазин»*. Эту игру можно провести после того как ученики ознакомятся с несколькими предметами, которые могут быть куплены в магазине, и конечно же, должны быть знакомы с числительными. Они должны усвоить счет хотя бы до десяти. Счету можно научить с помощью стишка.

Таких как:

*One, two, three*
*Kind children we,*
*Two, three, four*

*Open wide the door.*

Еще для закрепления числительных можно использовать игру с раздачей предметов. Для проведения этой игры можно использовать тетради, карандаши, ручки, книги и другие предметы, которые могут находиться в классе в большом количестве и которые легко передавать друг другу. Также для лучшего усвоения чисел можно использовать и упражнение в сложении чисел, если, конечно дети хорошо умеют производить эти действия. Можно, конечно, писать их на доске. Например: 3+4=7 (Three and four is seven)

Таким образом, преподаватель в зависимости от своих умений и навыков, и, конечно, фантазии может применять различные типы игр для получения хорошего и желаемого результата [5, с.53].

В ходе решения учебных задач путём дидактических игр мы можем наблюдать значительные изменения в мотивационной сфере. У подготовленных учащихся уже хорошо сформирован уровень познавательного умения. Игра помогает школьникам увидеть необычное в обычном и проявить находчивость. В конце хотим сказать, что опыт, приобретённый школьниками во время решения учебных задач, дидактических игр на уроках английского языка формирует комплекс организационных и познавательных умений.

Каждая игра должна иметь свои цели и задачи, которые способствуют развитию умственных и познавательных способностей.

Во время проведения познавательных игр, решение познавательных задач от учителя переходит к ученику, и в итоге на основе изменяющихся взаимоотношений учителя и учащихся увеличивается активность последних.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Аристова Л. П. Активность учения школьника /Л.П. Аристова. - М.: Просвещения, 1968 –С.139.
2. Волошкина М. И. Активизация познавательной деятельности младших школьников на уроках математики / М.И. Волошкина. – Нач. школа, 1993. - № -С. 5- 15-18.
3. Зак А. З. 600 игровых задач для развития логического мышления детей. Популярное пособие для родителей и педагогов /А.З. Зак. -Ярославль: Академия развития, 1998. - С.192.
4. Иностранные языки в школе. –М.: Просвещение, 1976. -№ 77. -С.74.
5. Каваленко В. Г. Дидактические игры на уроках математики / В.Г. Каваленко. - М.: Просвещение, 1990. - С. 96.
6. Каменский Я. А. Великая дидактика / Я.А. Каменский // Избр. Пед. Соч. – Москва, 1982. - Т. 1. -309-311.
7. Попова Ю. А. Активизация учебно-познавательной деятельности студентов вуза средствами игрового моделирования: автореф. дис. канд. наук:13.00.01/ Попова Юлия Александровна. - Нижний Новгород, 2008. -С. 21.
8. Селецкая Е. Э. Дидактические игры как средство активизации познавательной деятельности школьника: автореф. канд. пед. наук: 13.00.01/ Селецкая Елена Эдуардовна.- Ленинград, 1984. - С.23.
9. Сухамлинский В. А. Сердце отдаю детям / В.А. Сухамлинский. – Киев, 1974.-С. 288.
10. Тихомирова, Л. Ф. Развитие познавательных способностей детей/ Л.Ф. Тихомирова.-Ярославль: Академия развития, 1996.- С.192.

## БОЗИҲОИ МУКАММАЛГАРДОНӢ ҲАМЧУН УСУЛИ БАЛАНДБАРДОРИИ ҚОБИЛИЯТИ МАЪРИФАТНОКӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи баланд бардоштани қобилияти ақлронӣ ва қобилияти маърифатнокии хонандагон зимни дарсҳои забони англисӣ, дар асоси бозиҳои рушд бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳар як бозӣ бояд ҳадафҳо ва вазифаҳои худро дошта бошад. Бо бозиҳои фаҳмондадиҳӣ, шогирдон метавонанд фаъолияти эҷодиашонро нишон диҳанд. Чи хеле ки муаллиф қайд менамояд, ҳар як бозӣ бояд ҳадаф ва вазифаи худро дошта бошад. Пеш аз оғози бозиҳо, муаллим бояд мақсади ин бозиро фаҳмонад. Баъзе мутахассисони соҳаи дидактика якчанд усули бозиҳое, ки қобилияти эҷодӣ ва зеҳниро баланд мебардоранд, пешниҳод карданд. Дар давоми бозиҳо шогирдон дар ҳалли масъалаҳо фаъолнокии худро нишон медиҳанд. Дар натиҷаи бозӣ дараҷаи азхудкунии мавзӯъ аз ҷониби хонандагонро муайян кардан мумкин аст. Муаллиф таъкид мекунад, ки зимни гузаронидани бозиҳои маърифатӣ муаллим бояд синну сол ва қобилияти дарккунии шогирдонро ба назар гирад. Маводҳо бояд бо назардошти маводҳои азхудкардашуда интихоб карда шаванд. Дар бозиҳои хуб омода ва хуб ташкилшуда, ниҳоят натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда мешавад. Ин барои азхудкунии маводҳо аз ҷониби шогирдон кумак мерасонад ва шавқи онҳоро оиди омӯзиши фанни мазкур бедор менамояд.

**Калидвожаҳо***:* бозиҳо, омӯзиши назаррас, малака, муносибати фардӣ, усули муаллим, таҳлил ва баҳодиҳӣ, азхудкунӣ, васеъ намудани дараҷаи дониши шогирдон, ҳолатҳои гуногун, истифодаи бозиҳо.

## РАЗВИВАЮЩИЕ ИГРЫ КАК СПОСОБ ПОВЫШЕНИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ СПОСОБНОСТИ

Данная статья посвящена проблеме повышения умственных и познавательных способностей школьников во время урока английского языка, на основе развивающих игр. Автор подчеркивает, что каждая игра должна иметь свои

цели и задачи. Путём проведения познавательных игр, учащиеся смогут проявить свою творческую активность. Каждая игра как утверждает автор, должна иметь свою цель и задачу. Перед началом игры учитель должен объяснить цель данной игры. Некоторыми дидактами были выдвинуты несколько методов игр, которые способны повышать творческую и умственную способность. В ходе проведении игр учащиеся проявляют активность в решении задач. По результатам игры можно определить уровень освоения предмета школьниками. Автор подчёркивает, что во время проведения познавательных игр преподаватель обязательно должен принять во внимание возраст и способность восприятия школьников. Материалы должны быть выбраны с учётом пройденного материала. Хорошо подготовленная и хорошо организованная игра в конечном счёте обязательно даёт желаемый результат. Это поможет усвоению материала со стороны учащихся и повысит их интерес к изучению данного предмета.

**Ключевые слова:** игры, эффективное изучение, навыки, индивидуальный подход, метод учителя, анализ и оценка, освоения, расширение уровня знаний учащихся, различные ситуации, использование игр.

**DEVELOPING GAMES AS THE WAY OF INCREASING CONSIOUSNESS ABILITY**

This article is devoted to the enhance mental and cognitive abilities of learners during English lesson based on educational games. The author emphasize that every game must have its aims and objectives. Through the cognitive games the learners can express their creative activity. Before the beginning of the game, teacher should explain the goals of the given game. Some of the didacts have promoted several methods that can improve the creative and intellectual capacity. During the games, the learners take an active interest in solving the objectives. By the result of the game, one can determine the level of achievement of the subject by schoolchildren. The author point out that during the game teacher mast take to the concentration the age and abilities of the student in learning of the given material. All the materials must be chosen according to the learning materials. Well prepared and well organized game will give the expectable result. This will help shallots in learning and will increase their interest to the given subject.

**Key words:** Games, effective studying, skills, an individual approach, a method of the teacher, the analysis and an estimation, development, expansion of level of knowledge of pupils, various situations, usage of games.

**Сведения об авторах:** ***Юсупова Фируза Мухиддиновна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700,Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова 1 .
***Бобоева Зайнура Хомитжоновна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова 1 . Телефон: **92-978-78-95**. E.mail: **naim-0604@mail.ru**

**Information about authors:** ***Yusupova Firuza Muhiddinovna***- Khujand State University named after academician B. Gafurov ,the teacher of all University Department of Foreign languages - under. **Adress:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Мавлонбекова 1avenue.
***Uzbekova Kumrinisso Habibulloevna***- Khujand State University named after academician B. Gafurov, the senior lecture of all University Department of Foreign languages- under. **Adress:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Мавлонбекова 1avenue. Tel: **92-978-78-95**.E.mail: **naim-0604@mail.ru**

**УДК:37.01**

# МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

***Лолахонов Саид***
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Дар ҷаҳони муосир, дар шароити ислоҳоти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, дурнамои инкишофи шахс аҳамияти махсусро касб менамояд. Масъалаи мазкур бевосита бо амалияи инкишофи ҷомеаи муосир алоқаманд аст. Дар шароити ислоҳоти низоми ҷамъиятӣ, самтҳои дезинтегратсионӣ ва шикасти институтҳои анъанавии ҷамъиятӣ ба миён меоянд. Аз ин хотир, мутобиқгардӣ ба воқеияти нави инкишофи ҷамъиятӣ аҳамияти заруриро касб менамояд. Метавон қайд намуд, ки дар чунин шароит маърифати шаҳрвандӣ, ки ба муроҷиати мардум ба ҳиссиёт, арзишҳо ва анъанаҳо равона карда шудааст, муҳиммият пайдо менамояд.

Дар оғози солҳои 80-уми асри XX мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ» ба илм ворид гардида, ҳамчун таълим ва тарбия дар рӯҳияи демократия ва арзишҳои демократӣ баррасӣ карда мешуд. Барҳам хӯрдани режимҳои тоталитарӣ ва пайдо шудани давлатҳои нави демократӣ ба ташаккул ва инкишофи маърифати шаҳрвандӣ мусоидат намудаанд. Лекин ин маънои онро надорад, ки дар кишварҳои ғайридемократӣ маърифати шаҳрвандӣ ҷой надошта бошад. Маърифати шаҳрвандӣ дар кишварҳои тоталитарӣ ташаккули шахсиятҳои қонунпараст ва итоаткунанда ба догмаҳои идеологии мавҷударо пайгирӣ менамояд. Дар кишварҳои демократӣ бошад, маърифати шаҳрвандӣ шахсони мулоҳизакорро, ки дорои иттилоот ва фикрронии танқидӣ мебошанд, тарбия менамояд.

Дар назария ва амалияи педагогӣ барои ифода намудани маърифати шаҳрвандӣ як қатор мафҳумҳо истифода карда мешаванд. Дар Амрико ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ мафҳуми *«citizenship education» ё «civic education» истифода карда мешаванд. Дар тарҷумаи русии ҳуҷҷатҳои расмии Шӯрои Аврупо ва дигар созмону ташкилотҳои байналхалқӣ мафҳуми «гражданское образование» истифода шудааст. Дар забони тоҷикӣ мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ» мавриди истифода қарор дода шудааст. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки истифодаи ин мафҳум ҳанӯз маънои ошкор гардидани моҳият ва хусусиятҳои онро надорад.*

*Дар баррасии мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ», онро одатан бо мафҳуми «тарбияи шаҳрвандӣ» монанд менамоянд. Лекин таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки маърифати шаҳрвандӣ аз тарбияи шаҳрвандӣ фарқ дорад, ба он нигоҳ накарда, ки онҳо дорои мақсади умумӣ буда, характери ягонаи мушаххаси таърихӣ доранд.*

*Тарбияи шаҳрвандӣ ба ташаккули шаҳрвандият, ватандӯстӣ, интернатсионализм, муносибати ягона ба проблемаҳои глобалии муосир равона карда шудааст. Тарбияи шаҳрвандӣ, ин тарбияи шахсият ҳамчун шаҳрванди давлати ҳуқуқиву демократӣ аст, шахсиятро ба низоми ҳуқуқ ва масъулиятҳои шаҳрвандӣ ворид намуда, таҷрибаи фаъолият барои некуаҳволии давлат ва ҷомеа ва омодагӣ нисбати иҷроиши қарзи шаҳрвандиро ташаккул медиҳад. Тарбияи шаҳрвандӣ ба танзими низоми муносибати субъектҳои ҳуқуқ дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ равона карда шудааст [6, с.78].*

*Ҳамин тариқ, дар баррасии мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ» дар педагогика ва муассисаҳои низоми маориф ба тариқи доимӣ баҳсу мухолифатҳо ба миён меоянд. Чунин мешуморем, ки барои баррасии мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ» зарур аст, ки ҳар яке аз қисмҳои он дар алоҳидагӣ тасниф карда шаванд.*

*Шаҳрванд ҳамон нафарест, ки дорои нақшҳои муайяни иҷтимоӣ дар ҷомеа буда, дар фаъолияти ӯ муносибатҳои мухталифи иҷтимоӣ мушоҳида карда мешаванд. Дар чунин ҳолат, метавон оид ба чунин муносибатҳо, ба монанди муносибати шахс ва ҷомеа, муносибати шахсият дар доираи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои давлатӣ, муносибати байни шахсони алоҳида сухан ронд. Дар доираи ин муносибатҳо шахс меъёрҳои маънавӣ-ҳуқуқиро ба даст меорад. Бо дарки дақиқ ва эҳсоси масъулият дар ҷомеа амал намуда, шахс ҳуқуқ, масъулият ва озодиҳои худро амалӣ менамояд.*

*Қайд намудан зарур аст, ки дарки муосири шаҳрванд аз фаҳмиши ин мафҳум дар давраҳои пешинаи инкишофи таърихӣ фарқи назаррас дорад. Масалан, дар даврони шӯравӣ диққати асосӣ ба тобеъ намудани манфиатҳо ва талаботҳои шахсӣ ба манфиатҳои давлатӣ равона карда мешуд, аз ин рӯ низоми маориф дар асоси принсипи «манфиатбахшӣ»-и шахсият барои давлат ва ҷомеа бунёд карда мешуд. Имрӯз бошад, вазифа гузошта мешавад, ки шаҳрванди ҷаҳон бе аз даст додани решаҳои миллӣ тарбия карда шавад, ки дар шароити ҷаҳони бисёрфарҳангӣ, сермиллат, сермазҳаб тавонад худро амалӣ намояд [3, с.96].* Аз ин рӯ, қайд намудан зарур аст, ки фаъолияти педагогӣ оид ба ташаккули шаҳрванд тамоми сатҳҳои раванди таълимӣ-тарбиявиро дар мактаби муосир фарогир аст.

Ин раванд бо мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ» ифода карда мешавад. Т. Калтсоунис пешниҳод менамояд, ки ба ҷойи «маърифати шаҳрвандӣ», мафҳуми «маърифати шаҳрвандии демократӣ» истифода карда шавад, зеро «дар ҳолати истифода намудани мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ», мо на оиди тамоми арзишҳо, маҳоратҳо ва донишҳои шаҳрванд гуфта метавонем. Мо танҳо он арзишҳо, маҳорат ва донишҳоро зимнан дар назар дорем, ки барои ташаккул ва инкишофи институтҳои демократӣ заруранд. Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки мантиқан ба ҷойи «маърифати шаҳрвандӣ», мафҳуми «маърифати шаҳрвандии демократӣ» истифода карда шавад» *[2, с.33]*.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳолати дар назар доштани мундариҷа ва механизмҳои амалӣ намудани маърифати шаҳрвандӣ, метавон ба ҷойи он мафҳуми «маърифати шаҳрвандии демократӣ» -ро истифода намуд.

Қайд намудан зарур аст, ки таснифоти мухталифи мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ» ҷой дорад. Дар ин таснифот ҷиҳатҳои мухталифи ин падида баррасӣ карда шудаанд. Ба тариқи умумӣ, дар доираҳои илмӣ таснифоти зерин эътироф карда шудааст, ки мувофиқи он «маърифати шаҳрвандӣ – ин унсури муҳимми раванди умумии иҷтимоишавӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҷараёни он ҷалби доимии фард ба ҷомеа амалӣ мегардад» *[3,с. 34]*.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ин таснифоти маърифати шаҳрвандӣ ҷиҳатҳои муҳим ҷалби фард ба ҳаёти ҷомеа, ошкор намудани равандҳои мухталиф ва аҳамияти онҳо барои

фард ва инчунин имконияти ченаки ин равандҳо дар асоси иштироки шаҳрвандон баромад менамоянд.

П.П. Симоненко қайд менамояд, ки маърифати шаҳрвандӣ низоми ягонаи ташаккули фарҳанги маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии хонандагон мебошад, ки ҳамчун асоси инкишофи фаъолнокии ҳуқуқии шахсият баромад менамояд *[9, с.248]*.

Ҳамин тариқ, маърифати шаҳрвандӣ ба омӯзиши асосҳои ҳаёт дар ҷомеаи демократӣ ва давлати ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фаъолнокӣ ва масъулиятнокии иҷтимоӣ равона карда шудааст. Вазифаи умумии маърифати шаҳрвандӣ тарбияи шуури демократӣ ва тафаккури умумимиллӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси он дарки проблемаҳои мавҷудаи инсоният ҷой дорад.

Маърифати шаҳрвандӣ хонандагонро ба омӯзиши донишҳои таърихӣ ва сиёсиву идоракунӣ, тасаввуротҳо ва таҷрибаҳо равона карда, бо шарофати онҳо хонандагон дар оянда ба сифати аъзоёни низомҳои мухталифи ҳаётӣ, ба сифати истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, ба сифати шаҳрвандони давлат ва ҷаҳон баромад намуда, метавонанд дар сохторҳои таърихан ташаккулёфта фаъолона ширкат варзанд.

Ба сифати асосҳои назариявии маърифати шаҳрвандӣ муқаррароти муайяни фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, сотсиология баромад менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун шароити бунёди давлати демократии ҳуқуқӣ ва омили баланд бардоштани устувории иҷтимоӣ ва инкишофи устувори ҷомеа баромад менамояд.

Маҳз аз ҳамин хотир дар аксарияти ҳолатҳо маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун низом ё тарҳи маълумоти мактабӣ фаҳмида мешавад, ки дорои ду ҷиҳати асосӣ мебошад:

- дар фаҳми маҳдуд, предмети таълимӣ, ки ҷиҳати омӯзиширо пешниҳод менамояд;
- дар фаҳми васеъ, ин мафҳум соҳаи фаъолияти мактабро пешниҳод менамояд, ки ба тарбияи арзишҳои шаҳрвандӣ ва воситаҳои рафтори тамоми иштирокчиёни раванди таълимӣ мусоидат менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар солҳои охир консепсияи маърифати шаҳрвандӣ инкишоф ёфта, ҷиҳатҳои алоҳидаи он ба таври дақиқ бунёд карда шудаанд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки муносибати нисбатан муосири маърифати шаҳрвандӣ бунёди он дар асоси методи муқоисавӣ шуморида мешавад. Мувофиқи ин муносибат бунёди маърифати шаҳрвандӣ дар асоси таҷрибаи умумӣ, на маҳдуд намудани он дар доираи давлати алоҳида бунёд карда мешавад.

Ҳодисаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар доираи маърифати шаҳрвандӣ омӯзиши фарҳанги миллату халқиятҳои дигар зарур аст, зеро чунин омӯзиш омили зарурии дарк ва фаҳмиши якдигар ба ҳисоб меравад.

Аксарияти педагогҳо қайд менамоянд, ки «маърифати шаҳрвандӣ» синоними омӯзиши демократия ба ҳисоб меравад. Чунин фаҳми маърифати шаҳрвандӣ хосси аксарияти давлатҳои рушдкарда ва рӯ ба инкишоф аст. Лекин қайд намудан зарур аст, ки дар фазои пасошӯравӣ, демократия танҳо дар як қатор бо режимҳои дигари сиёсӣ омӯхта мешавад, яъне принсипҳои асосӣ ва унсурҳои демократия ба таври мушаххас ва ҳаматарафа омӯхта намешаванд.

Маҳз аз ҳамин хотир, дар аксарияти ҳолатҳо, демократия бо ислоҳоти иртиҷоӣ ва мушкилоти давраи гузариш монанд карда мешавад. Аз ин хотир омӯзиши демократияро дар доираи маърифати шаҳрвандӣ зарур мешуморем. Аксарияти муаллифон қайд менамоянд, ки дар омӯзиши демократия нигоҳ доштани рӯҳияи демократия ва шароити асосии он, ки дар ҳокимияти халқ, барои халқ ва аз тарафи халқ амалӣ мегардад, муҳим мебошад. Дар ҳолати нигоҳ доштани ин шароит плюрализм ва озодии ақидаҳо таъмин карда мешавад.

Мақсади асосии маърифати шаҳрвандӣ ташаккули шаҳрванд аст, ки ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқии муосир интегратсия гардидааст. Чунин мақсад тариқи ташкили мақсадноки раванди иҷтимоишавии шахс ба даст оварда мешавад. Хусусияти принсипиалии маърифати шаҳрвандӣ дар он зоҳир мегардад, ки он тамоми табақаҳои ҷомеаро фарогир буда, барои ҳар як шаҳрванд дар давоми ҳаёт идома меёбад. Мақсади асосии маърифати шаҳрвандӣ, тарбияи чунин шаҳрванд ба ҳисоб меравад, ки дорои дониши ҳадди ақал оиди механизми демократия бошад, ба арзишҳо ва бартариҳои тарзи ҳаёти демократӣ бовар намояд, дорои сифатҳои ақидаронии озоди мустақил ва танқидӣ ва инчунин қобилияти иштироки шаҳрвандӣ ва сиёсӣ бошад.

Метавон қайд намуд, ки дар фаҳмиш ва дарки маърифати шаҳрвандӣ гуногунназарӣ ҷой дорад, ки мавҷудияти чунин назарҳои мухталиф, зиддияти самтгириҳои арзишӣ дар

муносибатҳои мухталифи дарк ва таснифоти моҳият ва мундариҷаи маърифати шаҳрвандӣ ба миён меояд. Ба тариқи умумӣ метавон қайд намуд, ки таснифоти нисбатан васеи маърифати шаҳрвандӣ шаҳодат медиҳад, ки мундариҷаи тамоми фанҳои мактабӣ инсон-шаҳрвандро ташаккул медиҳад. Дар чунин фаҳмиш, маърифати шаҳрвандӣ маълумотгириест, ки ба тарбияи инсон-шаҳрванд, шахсият равона карда шудааст, ки ба ӯ ҳисси шаҳрвандият хос аст. Дар таснифоти маҳдуд маърифати шаҳрвандӣ бо маърифати шаҳрвандиву ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Илова бар ин, самтҳои байнифаннии маърифати шаҳрвандӣ ҷудо карда мешаванд, ки моҳияти он аз интегратсияи фанҳои ҷомеашиносӣ иборат аст. Дар доираи ин самт низ як қатор тарҳҳои консептуалии маърифати шаҳрвандӣ мавҷуданд. Мувофиқи тарҳи аввал мундариҷаи маърифати шаҳрвандӣ на дар асоси илмҳои ҷамъиятӣ – иқтисодиёт, сотсиология, сиёсатшиносӣ ва этика, балки дар асоси масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Маҳз масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ предмети мундариҷавии фанҳои таълимӣ ба ҳисоб меранд. Фанҳое, ки дар заминаи ин асоси консептуалӣ ташаккул меёбанд, чун қоида, дорои характери тарбиявӣ-таълимӣ мебошанд.

Мувофиқи тарҳи дуюми консептуалӣ, маърифати шаҳрвандӣ интегратсияи се фанни ташаккулёбии шаҳрванд - ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ ва этика ба ҳисоб меравад. Дар баъзе ҳолатҳо ба таркиби он иқтисодиёт ва фалсафаи иҷтимоӣ низ ворид карда мешаванд. Моҳияти ин муносибати консептуалӣ дар он зоҳир мегардад, ки хонанда аз омӯзиши мавзӯъҳои алоҳидаи маърифати шаҳрвандӣ, ба аз худ намудани илмҳо, ки асоси онро ташкил медиҳанд, мегузарад. Дар чунин ҳолат сухан дар бораи ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ меравад.

Мувофиқи муносибати консептуалии сеюм, маърифати шаҳрвандӣ системаи таълимотии мустақил набуда, яке аз самтҳои махсуси таълимоти ҷомеашиносӣ, ба монанди таълимоти ҳуқуқии мактаббачагон ба ҳисоб меравад.

Дар як қатор бо мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ», мафҳуми «шаҳрвандият» гузошта мешавад, ки сифати инсонро таҷассум менамояд. Чунин сифати инсон дар омодагӣ ва қобилияти ӯ дар иштироки фаъол дар корҳои ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Шаҳрвандият, дар чунин ҳолат, ҳисси дахл намудан ба корҳои ҷамъият фаҳмида мешавад.

Идеологияи мактаби шӯравӣ, чун қоида, диққати асосиро ба ташаккули тасаввурот оиди шаҳрвандият ва ватандӯстӣ дар хонандагон равона менамуд. Дар алоқамандӣ бо ин, дар шароити имрӯза як қатор мушкилиҳо дар бартараф намудани тасаввуротҳои кӯҳна ба миён омадааст. Аз ин хотир, нисбати зуҳуроти самтҳои неоэтетикӣ дар раванди ташаккули шаҳрвандият, ки хосси мактабҳои шӯравии даврони «бозсозӣ» буд, тайёр будан зарур аст. Метавон қайд намуд, ки пайдо гардидани чунин самтҳо барои ҳамон тарҳҳои маърифати шаҳрвандӣ актуалӣ мебошанд, ки дар асоси донишҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд.

Ҳамин тариқ, мақсади асосии маърифати шаҳрвандӣ барои мактаббачагон ошкор намудани дурнамои ҳаёт дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, ва тарбияи шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Амалӣ гардидани ин мақсад аз баназаргирии заминаҳои умумии иҷтимоии рушди ҷомеаи шӯравӣ дар самти ҷомеа шаҳрвандӣ вобаста аст.

**АДАБИЁТ**


1. Арон Р. Этапы развития социологической мысли / Р. Арон. - М., 1993.
2. Веденеев Ю.А. Политическая демократия и электорально-правовая культура граждан / Ю.А. Веденеев // Государство и право. - 1997. - №2. - С.33.
3. Гражданское образование: зарубежный опыт, проблемы развития / отв. ред. А.А. Михайлов, В.А. Дунаев. - Мн.: Пропилеи, 1999. - С. 96.
4. Гражданское образование: содержание и активные методы обучения /под редакцией С. Шехтера и Н. Воскресенской. При участии А. Иоффе и Ч. Уайта. -М.,1997.
5. Корнетов Г.Б. Общественно активные школы: образование ребенка как субъекта демократии. Хрестоматия / Г.Б. Корнетов. – М., 2007.
6. Педагогический словарь / под ред. В. И. Загвязинского, А. Ф. Закировой. – М.: Академия, 2008. – С. 78.
7. Раджабова С. Особенности воспитания таджикской молодёжи на принципах толерантности / С. Раджабова // ВЕСТНИК Таджикского Национального Университета (научный журнал) Серия гуманитарных наук. - Душанбе: Сино, 2013. -№3/3(112). – С. 256-261.
8. Рахматуллаева Ф.И. Воспитание культуры толерантности / Ф.И. Рахматуллаева // Вестник Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. -ТГПУ, 2012. -№5. – С. 79 – 82.
9. Ратинов А.Р. Структура правосознания и некоторые методы его исследования / А.Р. Ратинов // Методология и методы социальной психологии. - М., - 1981. - С.248.
10. Фрумин И.Д. Введение в теорию и практику демократического образования / И.Д. Фрумин. - Красноярск, 1998.

## МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур назария ва амалияи маърифати шаҳрвандӣ дар педагогикаи муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун таълим ва тарбия дар рӯҳияи демократия ва арзишҳои демократӣ баррасӣ карда мешавад. Пошхӯрии режимҳои тоталитарӣ аз бисёр ҷиҳат ба ташаккул ва инкишофи маърифати шаҳрвандӣ мусоидат намудааст. Дар кишварҳои ғайридемократӣ маърифати шаҳрвандӣ ба ташаккули шахсиятҳои қонунпараст ва итоаткунанда ба догмаҳои идеологии мавҷуда равона карда шудааст. Асосҳои назариявии маърифати шаҳрвандӣ аз муқаррароти муайяни фалсафа, сиёсатшиносӣ ва сотсиология бармеояд ва ҳамчун шароити бунёди давлати демократии ҳуқуқӣ ва омили баланд бардоштани устувории иҷтимоӣ ва инкишофи ҷомеа баромад менамояд. Муаллиф қайд менамояд, ки самтҳои байнифании маърифати шаҳрвандӣ ҷудо карда мешаванд, ки дар асоси интегратсияи фанҳои ҷомеашиносӣ ташаккул меёбанд. Дар ин самт якчанд тарҳи консептуалӣ ҷудо карда мешавад. Якум, мазмуну мундариҷаи маърифати шаҳрвандӣ дар асоси масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муайян карда мешавад, ки предмети омӯзиши фанҳои таълимӣ ба ҳисоб мераванд. Дуюм, маърифати шаҳрвандӣ ин интегратсияи ҳуқуқ, сиёсатшиносӣ ва этика ба ҳисоб меравад, ки ба ташаккули шаҳрванд мусоидат менамояд. Мақсади муҳимми маърифати шаҳрвандӣ ошкор намудани дурнамои ҳаёт дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккули шаҳрванд ва тарбияи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Чунин шаҳрванд ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқии муосир интегратсия гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки чунин мақсад тариқи ташкили мақсадноки раванди иҷтимоишавии шахс ба даст оварда мешавад.

**Калидвожаҳо:** маърифати шаҳрвандӣ, давлати демократӣ, давлати ҳуқуқӣ, тоталитарӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократия, тарбияи демократӣ, шаҳрванд, иҷтимоишавӣ, шаҳрвандият.

## ГРАЖДАНСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ В ТЕОРИИ И ПРАКТИКЕ СОВРЕМЕННОЙ ПЕДАГОГИКИ

В данной статье рассматривается теория и практика гражданского образования в современной педагогике. Автор подчеркивает, что гражданское образование рассматривается в духе демократии и демократических ценностей. Распад тоталитарных режимов во многом способствовал формированию и развитию гражданского образования. В недемократических государствах гражданское образование направлено на формирование законопослушных и покорных существующим идеологическим догмам личностей. Теоретические основы гражданского образования вытекают из определенных положений философии, политологии, социологии и выступают как условия создания демократического правового государства и фактором повышения социальной устойчивости и развития общества. Автор подчеркивает, что выделяются междисциплинарные тенденции гражданского образования, которые формируются на основе гуманитарных предметов. В этом направлении выделяются несколько концептуальных моделей. Во-первых, содержание гражданского образования определяется на основе жизненных проблем общества, которые являются предметом учебных дисциплин. Во-вторых, гражданское образование является результатом интеграции права, политологии и этики, которые способствуют формированию гражданина. Целью гражданского образования является раскрытие перспектив жизни в гражданском обществе, формирование гражданина и воспитания гражданственности. Такой гражданин интегрируется с гражданским обществом и правовым государством. Автор подчеркивает, что эта цель осуществляется через организацию целенаправленного процесса социализации личности.

**Ключевые слова:** гражданское образование, демократическое государство, правовое государство, тоталитарный, гражданское общество, демократическое воспитание, гражданин, социализация, гражданственность.

## CIVIL EDUCATION IN THEORY AND PRACTICE OF MODERN PEDAGOGICS

This article examines the theory and practice of civic education in modern pedagogy. The author emphasizes that civic education is viewed in the spirit of democracy and democratic values. The disintegration of totalitarian regimes greatly contributed to the formation and development of civic education. In non-democratic states, civic education is aimed at the formation of law-abiding and submissive personalities to existing ideological dogmas. Theoretical bases of civic education follow from certain positions of philosophy, political science, sociology and act as conditions for the creation of a democratic legal state and a factor in enhancing social stability and development of society. The author emphasizes that interdisciplinary tendencies of civic education are distinguished, which are formed on the basis of humanitarian subjects. In this direction, several conceptual models are distinguished. First, the content of civic education is determined on the basis of the vital problems of society, which are the subject of academic disciplines. Secondly, civic education is the result of the integration of law, political science and ethics, which contribute to the formation of a citizen. The goal of civic education is the disclosure of the perspective of life in a civil society, the formation of a citizen and the education of citizenship. Such a citizen integrates with civil society and the rule of law. The author emphasizes that this goal is carried out through the organization of a purposeful process of socialization of the individual.

**Key words:** civic education, democratic state, legal state, totalitarian, civil society, democratic education, citizen, socialization, citizenship.

**Сведения об авторе:** ***Лолахонов Саид*** - - Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава, соискатель. **Адрес:** 735140,Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **919-21-51-56**

**Information about the author:** ***Lolakhonov Said*** - Kurgan-Tube State University named after N. Khusraw, aspirant.
**Address**: Tajikistan, 735140, Khatlon region, Kurgan-Tube, st. Ayni, 67. Phone: **919-21-51-56**

УДК: 4+42+378(575.3)

# РОҲҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ МАЗМУНИ ТАҲСИЛОТ ВА САЛОҲИЯТНОКИИ ОМӮЗГОРИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАКТАБҲОИ ОЛИИ КАСБӢ

***Ёфтаков Ҳ.Ф.***
**Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов**

Дигаргуниҳои қатъие, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол пас аз солҳои 90 – ум рух доданд, ногузир ба системаи таҳсилот низ таъсири худро расониданд. Дар ин зимн, аллакай дар охири моҳи декабри соли 1993 Қонун "Дар бораи таҳсилот" қабул карда шуд, ки ба ислоҳоти таҳсилот ҳам дар мактаби миёна, ҳам дар мактаби олӣ дар шароити нави давлати соҳибистиқлол бахшида шуда буд. 14 апрели соли 2004 Қонун "Дар бораи таҳсилот" дар таҳрири нав қабул шуд, ки тибқи он таҳсилот дар системаи сиёсати давлат ҳамчун самти афзалиятнок баромад мекунад. Муҳим будани ҳалли проблемаи рушди мактаби олиро таъкид намуда, Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар соли 1995 қайд карда буданд, ки мактаби олӣ аз талаботи муосир ба сифати тайёр намудани мутахассисон ақиб мемонад ва ин ислоҳоти мактаби олиро тақозо мекунад. Чунин вазъият метавонист ба ҷомеа ҳам зиёни моддӣ, ҳам маънавӣ орад. Бинобар ин, зарурати бознигарии мазмуни таҳсилоти олӣ ба миён омад.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи барномаи татбиқи ислоҳоти системаи таҳсилот барои солҳои 2004 – 2009" якҷоя бо "Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳуҷҷатҳое буданд, ки рушди минбаъдаи соҳаи таҳсилотро муайян намуда, ба он равона карда шуда буданд, ки системаи таҳсилоти кишвар то сатҳи мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ бардошта шавад.

Дар соҳаи таҳсилоти забонӣ низ самтҳои умумии такмил додани он муайян карда шуданд: самтгирӣ ба тамоюлоти ҷаҳонии рушд, тамоюл ба марказзудоӣ, тағйир додани заминаи иҷтимоии забонҳои хориҷӣ, бознигарии мазмун ва вазифаи таҳсилоти бегоназабонӣ. Бо инкишофёбии ҳамкории байнифарҳангӣ ва рушди равобити интернатсионалистӣ бо кишварҳои хориҷӣ аҳамияти донистани амалии забони хориҷӣ боло рафта, тамоюл ба талаботи байналмилалӣ ба сатҳи донистани он тақвият ёфт. Дар робита ба ин, бояд махсус Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил додани таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004 – 2014" таъкид намуд, ки дар назди олимон ва мутахассисони мактабҳои олӣ, кормандони мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ як қатор вазифаҳои масъулиятнокро доир ба такмили қатъии таълими забони англисӣ гузошт [1].

Такмилдиҳӣ, зиёда аз он тасҳилоти тамоми кори таҳсилот ва тарбия дар робита ба тағйирот дар ҳаёти воқеии ҷамъият, ҳаллу фасли масъалаҳои сершуморро тақозо менамоянд.

Бояд қайд кард, ки номутобиқатии таҳсилот ба дархостҳои ҷомеа зуҳуроти худро дар ихтилофоти шиддатёфта байни сохтори предметӣ ва зарурати ба даст овардани натиҷаҳои тарбия, таъсис ва рушди коллективи донишҷӯён ва шахсияти толибилм; байни ҳаҷми афзояндаи иттилооти илмӣ дар предметҳои таълимӣ ва сарбории аз меъёр зиёди донишҷӯён, ки ба саломатии онҳо ба таври манфӣ таъсир мерасонанд, ба сифати раванди таълимию тарбиявӣ; байни тамоюлоти технократӣ дар мазмун, методҳо, шаклҳои таҳсилот, бартарии ҷанбаҳои иттилоотӣ, коммуникативӣ ва техникаи иҷроишӣ ва афзоиши аҳамияти омили инсонӣ, баландравии нақши гуманитаризатсия, гуманизатсияи асосҳои маънавӣ ва рушди ташаббуси донишҷӯён меёбад. Бидуни паси сар намудани ин ихтилофот баландравии самаранокии қатъии таълим ва тарбияро мунтазир шудан душвор аст.

Лаҳзаи калидӣ дар мазмуни таҳсилот таълиму тарбияи қобилиятҳои ҳал намудани проблема мебошад ва он метавонад тавассути супоришҳои зерин лоиҳақашӣ карда шавад:

1) супоришҳои таълимӣ, ки дар онҳо марҳилаҳои мушаххаси ҳалли проблема кор карда мешаванд;

2) супоришҳои таълимие, ки усулҳои фаъолиятро ташаккул медиҳанд;

3) вазъиятҳои таълимие, ки амал дар онҳо таҷрибаи ҳалли проблемаро ташаккул медиҳад [2, с.77-80].

Мазмуни таҳсилот яке аз омилҳои пешрафти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа буда, бояд ба таъмини худмуайянкунии шахсият, эҷоди шароит барои худтатбиқкунии он, рушди ҷомеа, тақвият ва такмил додани давлати ҳуқуқбунёд равона карда шуда бошад.

Мазмуни таҳсилот бояд сатҳи фарҳанги умумӣ ва касбии муносиби ҷомеаро таъмин намояд, тасвири ҷаҳони муносиби ба сатҳи муосири донишҳоро ташаккул диҳад, шахсиятро ба фарҳанги миллӣ ва ҷаҳоние, ки ба такмил, такрористеҳсол ва рушди потенсиали кадрии ҷомеа нигаронида шудааст, ҳамгиро созад.

Зимнан, яке аз роҳҳои такмили таълими забони хориҷӣ, ин баланд бардоштани сифатҳои касбии омӯзгори забони англисӣ мебошад, ки онҳо ба се қисм тақсим мешавад. Якум, ин дониши аълои амалӣ ва назариявии забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва забони мавриди тадрис – англисӣ ва фарҳанги халқе, ки ин забонро истифода мебарад. Ба қисми дуюм донишҳо ва маҳоратҳои методию усулии омӯзгор дохиланд. Қисми сеюмро бошад, донишҳои педагогию психологии омӯзгор ташкил медиҳанд. Дар поён ҳар як аз гурӯҳҳои сифатҳои касбии омӯзгори забони англисиро шарҳу тавзеҳ медиҳем.

*Сифатҳои предметӣ*. Дониши амалии забон асоси сифатҳои предметӣ буда, маҳорати ифода намудани фикр дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ, хондани адабиёти бадеӣ ва публитсистӣ дар асл бо фаҳмиши комил, фаҳмиши нутқи бо суръати муътадил талаффузшуда, бо гӯш фаҳмиданро тақозо менамояд. Доштани талаффуз ва интонатсияи дуруст, доро будани захираи васеи калимаҳо ва ибораҳо, донистани меъёрҳои грамматика талаб карда мешаванд. Ҳамаи ин салоҳияти коммуникативии омӯзгори забони англисиро таъмин менамояд. Барои ӯ инчунин лозим аст, ки сабкҳои нутқро фарқ карда тавонад, то ки дар дарс сленг истифода набарад. Ба омӯзгор зарур аст дорои донишҳо дар соҳаи забоншиносии умумӣ, назарияи забони мавриди тадрис (фонетика, лексикология, грамматика, унсурҳои таърихи забон) ва назарияи забони модарии донишҷӯён бошад.

Ба сифатҳои предметӣ инчунин донистани таърих ва фарҳанг, география, таърих, адабиёт, санъати тасвирӣ, мусиқӣ, фолклор, расму одатҳои кишвар (ё кишварҳо) – и забони мавриди тадрис дохил мешаванд. Доштани маълумот оид ба равобити фарҳангӣ ё дигари кишвар (кишварҳо) – и забони мавриди тадрис бо кишвари зисти донишҷӯён низ матлуб дониста мешавад.

*Сифатҳои методӣ*. Омӯзгори забони англисӣ дар масъалаҳои методикаи забони англисӣ бояд ба дараҷае бохабар бошад, то ки тавонад консепсияи методии китоби дарсиро, ки ба ӯ лозим аст бо он тадрис кунад (ё тавонад аз якчанд китобҳои дарсӣ мувофиқтаринашонро интихоб намояд) фаҳмида, баҳогузорӣ кунад. Аз ҳама муҳим, барои худ ҳадафи таълими забони англисиро дар мактаби олии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш маълум созад.

Бояд қайд кард, ки сифатҳои методӣ бо сифатҳои предметӣ робитаи зич доранд. Зимни риояи меъёрҳои методӣ дониши амалии забон имкон медиҳад нутқи шифоҳӣ, хониш, талаффуз, навиштан, интихоби дурусти маводи аудиоӣ ва китобҳо барои хониш бомуваффақият таълим дода шаванд. Дониши назарияи забонҳои хориҷӣ ва модарӣ имкон фароҳам меорад, ки душвориҳои донишҷӯён пешбинӣ карда шуда, барои онҳо машқҳои лозима интихоб карда шаванд. Истифодабарии донишҳои кишваршиносӣ ҷанбаи иҷтимоию

фарҳангии таълимро таъмин намуда, шавқу ҳаваси донишҷӯёнро ба забони мавриди омӯзиш, ба кишвари дигар, халқи он бедор намуда, дастгирӣ менамояд.

Аз мавҷудияти донишҳои методӣ ба дараҷаи зиёд маҳорати омӯзор дар банақшагирии ба мақсад мувофиқи занҷираи дарсҳо ва ҳар як дарси ба он шомил, бо назардошти зинаи таълим, мазмуни маводи дар китоб пешниҳодшуда, омодагии донишҷӯёни гурӯҳи додашуда, шавқу ҳавасҳо ва тамоюлоти онҳо вобаста мебошад.

Бояд қайд кард, ки сифатҳои методӣ ва предметӣ на танҳо дар дарсҳо, балки инчунин дар корҳои беруназдарсӣ тақозо карда мешаванд. Омӯзгор бояд маҳфил (клуб, шабнишинӣ) – и забони англисиро, бо интихоби маводи лозима барои ин, ташкил карда гузаронад.

*Сифатҳои педагогӣ*. На донишҳо ва маҳоратҳои предметӣ ва на методӣ муваффақиятро дар кор таъмин намесозанд, агар муносибаҳои омӯзгор ба донишҷӯён, ба фаъолияти худ, ба худ ташаккул наёфта бошанд. Ташаккулёфтагии чунин муносибатҳо дар сифатҳои педагогӣ зоҳир мешавад. Онҳо шомили дониши психологияи синнусолӣ, маҳорати ба таври дифференсиявӣ муносибат намудан бо донишҷӯён, ёфтани ҷанбаҳои қавӣ ва заифи ҳар як донишҷӯ ва расонидани кумак ба ӯ дар паси сар намудани душвориҳои омӯзиши забони хориҷӣ ва муносибатҳои мутақобила бо нафарони дигар мебошанд. Равиши инфиродӣ ва одоби муошарати педагогӣ махсусан зимни баҳодиҳии муваффақиятҳои донишҷӯён ва кӯшишҳои онҳо дар азхудкунии забон муҳим мебошанд. Набояд аз гузоштани баҳои “ғайриқаноатбахш” сӯиистифода бурд, баъзан мумкин аст баҳо гузошта нашавад, зеро аҳамияти бештарро назар ба баҳо барои донишҷӯ бояд баҳодиҳии омӯзгор, сарзаниш, ҳавасмандкунӣ, ишораи ӯ дошта бошанд.

Салоҳияти лингвокишваршиносии омӯзгори забони хориҷии мактаби олӣ ҷузъи салоҳияти касбию коммуникативии ӯ буда, сохтори зеринро шомил аст:

1. донишҳои асосии заминавии намояндаи типикии маълумотдори умумияти мавриди омӯзиши лингвофарҳангӣ;
2. дониши воҳидҳои луғавӣ бо ҷузъи миллию фарҳангии маънӣ ва маҳорати ба таври муносиб бакорбарии он дар вазъиятҳои коммуникатсияи байнифарҳангӣ;
3. маҷмӯи маҳоратҳои касбию педагогие, ки имкон медиҳанд самараноктар забони англисиро ҳамчун воситаи муошырати байнифарҳангӣ таълим диҳанд.

Дар марҳилаи муосир аксари омӯзгорони забонҳои хориҷӣ бо фарҳанги бегоназабон суст шиносанд, содагии монофарҳангиро доро буда, ба муошырати байнифарҳангӣ омода нестанд. Дар робита ба ин, зарурати такмил додани салоҳияти коммуникативии омӯзгор дар раванди фаъолияти касбии ӯ ба миён меояд. Ташаккулёбии салоҳияти бегоназабони иҷтимоию фарҳангии омӯзгор аҳамияти бештарро ҳамчун воситаи тарбияи шахсияти ӯ касб менамояд. Салоҳияти иҷтимоию фарҳангӣ, донистани заминаи иҷтимоию фарҳангии истифодаи забони англисӣ ва маҳорати муошират кардан дар заминаи додашуда мебошад. Нақши назаррасро дар раванди суръатгирии ташаккулёбии салоҳияти бегоназабони иҷтимоию фарҳангӣ шахсияти омӯзгор мебозад, ки дар он ба мадди аввал сатҳи баланди салоҳияти шахсии ӯ ва як қатор сифатҳои шахсиятие мебароянд, ки самаранокии муошырати педагогиро муайян месозанд: беғаразӣ, эҳтиром, таҳаммулпазирӣ ба мушобеҳ набудани мусоҳиб, қобилияти фаҳмиши ҳолати психологии ӯ, ҳамдардӣ бо ӯ.

Омӯзгори забони англисии муосир бояд на танҳо дорои илми таълим ва тарбияи донишҷӯён бошад, балки инчунин дорои ҳунари муошират бо онҳо ва бо ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ бошад, инчунин нисбат ба онҳо таҳаммулпазир ва одил, дар зоҳир намудани манфиатҳо ва эҳсосоти худ кушода бошад. Ба ӯ зарур аст раванди таълимиро мутобиқ ба талаботи муосири илм ва амалия ва бо назардошти се ҷанбаи бо ҳам вобастаи ин раванд: шахсиятӣ, протсессуалию психологӣ ва педагогӣ тамсиласозӣ намояд.

Доро будани омӯзгор бо донишҳо ва маҳоратҳои фавқуззикр, ки салоҳияти касбии ӯро ташкил медиҳанд, асос медиҳад чунин фикр кунем, ки ӯ метавонад сиёсати муосири таҳсилотиро дар соҳаи таълими забони англисӣ татбиқ намояд.

Танҳо дар шароити фаъолияти муштараки эҷодии омӯзгор ва донишҷӯён, ки барои ҳар яке аз онҳо маънии шахсиятӣ (яъне дар шароити ҳамкории шахсиятӣ) дорад, дар байни онҳо муносибатҳои шарики ташаккул меёбанд. Ин муносибатҳо дар робита ва таъсири мутақобилаи таълимдиҳанда ва таълимгиранда, дар мутобиқати рафторҳои нутқӣ ва ғайринутқии онҳо зуҳур меёбанд.

Ташаккулёбии салоҳиятнокии касбӣ раванди чархавӣ мебошад, зеро дар раванди фаъолияти педагогӣ баланд бардоштани доимии маҳорати касбӣ лозим аст ва ҳар дафъа марҳилаҳои номбаршуда такрор меёбанд, вале аллакай ба сифати нав. Дар маҷмӯъ, раванди худинкишофдиҳӣ аз ҷиҳати биологӣ вобаста буда, бо иҷтимоишавӣ ва инфиродишавии шахсият дар робита мебошад, ки бошуурона ҳаёти мустақилонаи худ ва, аз ин рӯ, рушди шахсии худро ташкил мекунад.

Раванди ташаккулёбии салоҳиятнокии касбӣ, инчунин ба таври қавӣ аз муҳит вобаста мебошад, аз ин рӯ маҳз муҳит бояд худинкишофёбии касбиро ба таҳрик дарорад.

Дар бораи роҳҳои баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии омӯзгор сухан гуфта, бояд дар бораи сохтани портфолиои омӯзгор қайд кард. Сохтани портфолио асоси хуби ангезавии фаъолияти педагог ва инкишофи салоҳиятнокии касбии ӯ мебошад. Бо кумаки портфолио проблемаи аттестатсияи педагог ҳал мегардад, зеро дар ин ҷо натиҷаҳои фаъолияти касбӣ ҷамъоварӣ шуда, ҷамъбаст карда мешаванд [3,с. 86-89].

Чи тавре ки дар боло қайд шуд, салоҳиятнокии касбии омӯзгор маҷмӯи маҳоратҳо барои сохторсозии донишҳои илмӣ ва амалӣ барои ҳалли беҳтари вазифаҳои педагогӣ ва тарбиявӣ мебошад. Яке аз абзорҳои худинкишофдиҳии омӯзгори забони англисӣ худтаҳлилкунии дарс мебошад. Маҳз он имкон медиҳад шуурнокии эҷодӣ ташаккул ва инкишоф дода шавад, ки дар маҳорати ифода намудан ва гузоштани ҳадафи фаъолияти худ ва фаъолияти донишҷӯ зуҳур меёбад [3, с.86-89].

Нишондиҳандаҳои асосии салоҳиятнокии касбии омӯзгори забони англисӣ бояд шомили зарурати маҳорати дар донишҷӯён инкишоф додани муоширати коммуникативӣ ва байнишахсиятӣ бошанд, ки ҷузъҳои асосии он салоҳиятҳои лингвистӣ, мавзӯотӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, таълимию маърифатӣ мебошанд.

Дигаргуниҳое, ки дар системаи муосири таҳсилот сурат мегиранд, баланд бардошатани ихтисос ва соҳибкасбии омӯзгор, яъне салоҳиятнокии касбии ӯро зарурӣ намудаанд. Ҳадафи асосии таҳсилоти муосир мутобиқат ба талаботи актуалӣ ва ояндадори шахсият, ҷомеа ва давлат, омодасозии шахсияти ҳаматарафа рушдёфтаи шаҳрванде мебошад, ки ба созгоршавии иҷтимоӣ дар ҷомеа, оғоз намудани фаъолияти меҳнатӣ, худтаҳсилотӣ ва худтакмилдиҳӣ қобил мебошад. Донишҳои психологию педагогӣ ва махсус зарурӣ мебошанд, вале асло шарти кофии салоҳиятнокии касбӣ намебошанд. Аксари онҳо, хусусан донишҳои назариявию амалӣ ва методӣ, пешзаминаҳои маҳоратҳо ва малакаҳои зеҳнӣ ва амалӣ мебошанд.

Педагоги озодона фикркунандае, ки натиҷаҳои фаъолияти худро пешбинӣ намуда, раванди таҳсилотиро тамсиласозӣ менамояд, кафолати ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда мебошад. Маҳз аз ин рӯ дар вақти ҳозир талабот ба шахсияти баландихтисос, мантиқан фикркунанда, рақобатпазири омӯзгор боло рафтааст, ки қобил аст шахсиятро дар дунёи муосири ба таври динамикӣ ивазшаванда тарбия намояд [3, с.86-89].

Дарси ҳамгирокардашудаи забони англисӣ ва тарбияи ҷисмонӣ кумак мерасонад ба омӯзиши забони англисӣ ва машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, ки шавқу ҳавас ва муҳаббат

ташаккул дода шаванд, ҷаҳонбинӣ васеъ карда шавад, ҳофиза ва диққат, суръатнокии вокуниш инкишоф дода шаванд.

Проблемаи омодасозии касбии омӯзгори забони англисӣ проблемаи куллии назария ва амалияи таҳсилоти педагогӣ мебошад, зеро он, моҳиятан, ба проблемаи ташаккул додани шахсияти педагог-соҳибкасб мебарояд, "... ки аз сатҳи фарҳанг ва омодагии ӯ ба интиқоли арзишҳои фарҳангӣ рушд ва тарбияи насли наврас, саҳми ӯ ба фарҳанги умумиинсонӣ вобаста мебошанд" [4, с. 106].

Омӯзгори нави забони англисии мактаби олиро бояд дараҷаи баланди худмухторӣ ва эҷодкорӣ тавсиф диҳад, ки дар баробари сатҳи баланди салоҳиятнокии касбӣ, дар чунин сифатҳои касбӣ, ба мисли инъитофпазирии тафаккури касбӣ, зудҳаракатӣ ва созгорӣ ба вазъиятҳои инноватсионии фаъолияти касбӣ, худтакмилдиҳии доимии касбӣ, қобилияти кор кардан дар тим, ҳамкорӣ кардан бо дигарон, ба уҳдаи худ гирифтани ташаббус ва масъулиятнокӣ зуҳур меёбад.

Ҳамин тариқ, ивазшавии афзалиятҳо дар системаи арзишҳои педагогӣ проблемаи баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорогони оядаи забони англисии мактаби олиро актуалӣ сохтааст.

Дар стратегияи муосиркунонии таҳсилоти кишвар дар бораи ҷорӣ намудани равиши салоҳиятнокӣ дар таҳсилот баён гардидааст, ки татбиқи он бакорбарии технологияҳои муайяни таҳсилотиро дар таълим, рефлексияи донишҷӯён, баҳодиҳии дастовардҳои шахсӣ дар таълим, мустақилияти бакорбарии маҳоратҳо ва малакаҳои касбиро дар фаъолияти касбӣ тақозо менамояд.

Бояд қайд кард, ки зимни эҷоди тамсилаи нави таҳсилотии омодасозии мутахассис дар чаҳорчӯбаи равиши салоҳиятнокӣ ба мафҳуми "салоҳиятҳои калидӣ" муроҷиат мекунанд, ки ҳамчун асоси универсалии спектри васеъ барои ташаккул додани салоҳиятнокии афзалиятноктар баррасӣ мегарданд. Азхудкунии салоҳиятҳои мазкур вазифаи муҳимтарини назария ва амалияи муосири педагогӣ мебошад, зеро "... онҳо ҳамчун яке аз меъёрҳои асосии сифати таҳсилот баромад мекунанд".

Ба ақидаи О.М.Бобиенко, мубрамияти салоҳиятҳои калидӣ ва мақоми асоси раванди таҳсилотии онҳо дар ҳамаи сатҳҳои системаи таҳсилоти доимӣ аз функсияҳои онҳо вобаста мебошад. Ин дар инсон ташаккул додани қобилияти таълим гирифтан ва бо худтаълимдиҳӣ машғул шудан; дар хатмкунандагон, кормандони оянда ташаккул додани инъитофпазирии бештар дар муносибатҳои мутақобила бо корфармоён; таҳким бахшидани репрезентативӣ будан ва, бинобар ин, муваффақиятнокӣ (устуворӣ) – и афзоишёбанда дар муҳити рақобатии сукунат мебошанд [5, с.146].

Ба сифати салоҳиятҳои калидие, ки сифати азхудкунии онҳо ҳамчун меъёри бебаҳси сифати таҳсилоти касбшуда баромад менамоянд, аз ҷониби муҳаққиқон [6, с.14-32] салоҳиятҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1) *Салоҳияти бисёрфарҳангӣ,* ки ба муносибатҳо дар ҷомеаи бисёрфарҳангӣ, дарки фарқиятҳо, эҳтиром ба якдигар дахл дорад.

2) *Салоҳияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ*, ки ба қобилияти ба уҳдаи худ гирифтани масъулият, иштирок намудан дар қабули якҷояи қарорҳо, танзими низоъҳо дахл дорад.

3) Салоҳияти забонӣ (коммуникативӣ), ки ба доро будани муоширати шифоҳӣ ва хаттӣ, донистани якчанд забонҳо дахл доранд.

4) Салоҳияти иттилоотӣ, ки бо пайдоиши ҷомеаи иттилоотӣ, маҳорати истифодабарии технологияҳои нави иттилоотӣ, фаҳмидани бакорбарии онҳо марбут мебошад.

5) Салоҳияти предметию фаъолиятӣ доштани донишҳо ва усулҳои зарурии фаъолиятро дар чаҳорчӯбаи фанҳои алоҳидаи таълимӣ ё соҳаҳои таҳсилот тақозо намуда, бо

қобилияти таълим гирифтан дар тӯли ҳаёт ҳамчуни асоси омодасозии доимӣ аз нуқтаи назари касбӣ, инчунин ба ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ робита дорад.

Ба назари мо, равиши Л.И.Корнеева доир ба он, ки тамсилаи салоҳиятнокии мутахассис, ки дар вақти ҳозир аз ҷониби олимон-педагогҳо таҳия гардида истодааст, ба ақидаи умумӣ бояд дорои ду таркиби асосӣ: махсус (касбӣ) ва забонӣ бошад, саҳеҳтар мебошад [7, с. 111-115].

Таҳлили корҳои муаллифон О.Е.Ломакина, Е.С.Семенова, К.В.Шапошников, О.В.Усачева имкон дод муайян карда шавад, ки салоҳятнокии касбии омӯзгори забонҳои хориҷӣ ҳамчун таҳсилоти сохторӣ мавҷудияти се ҷузъи асосиро тақозо дорад, ки, дар навбати худ, шомили як қатор салоҳиятҳои калидӣ мебошанд:

- *коммуникативӣ* (забонӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, лингвистӣ, иҷтимоию лингвистӣ, салоҳиятҳои дискурсивӣ);
- *дидактикӣ* (салоҳиятест иборат аз синтези донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳои фаъолияти эҷодкоронаи педагогие, ки дар намуди усулҳои фаъолият амал мекунад);
- *шахсиятӣ* (салоҳияти шахсиятӣ - танзимкунандаи дастовардҳои шахсиятӣ, бедоркунандаи худмаърифатӣ ва инкишофи касбӣ).

Ҳамин тариқ, салоҳиятнокии касбии омӯзгори забони англисӣ дар мактаби олӣ бояд ҳамчун тавсифи интегравии шахсияте бошад, ки дар маҷмӯи аломатҳои зерин ифода меёбад: ангезавӣ (мавҷуд будани ангезаи мусбӣ ба касби оянда); шинохтӣ (донишҳои касбӣ: забони англисӣ, методикаи таълим, донишҳои психологию педагогӣ); фаъолиятӣ (маҳоратҳо ва малакаҳои касбӣ: маҳорати муошırати педагогӣ, маҳорати фаъолияти худтаҳсилотӣ); ҷузъи шахсиятӣ (сифатҳои шахсиятии аз ҷиҳати касбӣ муҳим).

## АДАБИЁТ


1. Алиев С.Н. Научно–педагогические основы формирования профессиональной компетенции будущих учителей иностранных языков в педвузах Республики Таджикистан (на материале английского языка): автореферат докторской диссертации по педагогике по специальности: 13.00.01 – общая педагогика, история педагогики и образования (педагогические науки) / С.Н. Алиев. – Душанбе, 2009.
2. Осмоловская И. Ключевые компетенции и отбор содержания образования в школе / И. Осмоловская // Народное образование. - 2006. - № 5. - С.77-80.
3. Дубровина Т. С. К вопросу о профессиональной компетентности будущих учителей иностранных языков / Т. С. Дубровина // Молодой ученый. — 2011. — №4. -Т.2. — С. 86-89.
4. Педагогическое образование в университете: контекстно-биографический подход / под ред. А.Л. Гаврикова, М.Н.Певзнера; НовГУ им. Ярослава Мудрого. - Великий Новгород, 2001. -300с.
5. Бобиенко О.М. Ключевые компетенции профессионала: проблемы развития и оценки / О.М. Бобиенко. – Казань: КГУ, 2006. – 146с.
6. Байденко В.И. Базовые навыки (ключевые компетенции) как интегрирующий фактор образовательного процесса // Проф.образование и личность специалиста / В.И. Байденко, Б. Оскарссон. -М., 2002. -С.14-32.
7. Корнеева Л.И. Ключевые компетенции в многоуровневом образовании: языковая составляющая / Л.И. Корнеева // Вестник УГТУ-УПИ, 2006. - № 9. - С.111-115. -С. 111.
8. Гальскова Н.Д. Теория обучения иностранным языкам / Н.Д. Гальскова, Н.И. Гез. - М.: Издательский центр «Академия», 2007. – 336 с
9. Дубровина Т. С. К вопросу о профессиональной компетентности будущих учителей иностранных языков / Т. С. Дубровина // Молодой ученый. — 2011. — №4. Т.2. — С. 86-89.
10. Пассов Е. И. Программа - концепция коммуникативного иноязычного образования: Концепция развития индивидуальности в диалоге культур 5-11 классы / Е. И. Пассов. - М.: Просвещение, 2000. - 62 с.


## РОҲҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ МАЗМУНИ ТАҲСИЛОТ ВА САЛОҲИЯТНОКИИ ОМӮЗГОРИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАКТАБҲОИ ОЛИИ КАСБӢ


Муаллиф дар мақолаи худ роҳҳои такмил додани мазмуни таҳсилот ва салоҳиятнокии омӯзгори забони англисӣ дар мактабҳои олии касбиро ба риштаи таҳқиқ овардааст. Дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти кишвар муаллиф самтҳои умумии такмил додани онро муайян кардааст. Таъкиди махсус ба сифатҳои касбии омӯзгори забони англисӣ - сифатҳои предметӣ, сифатҳои методӣ, сифатҳои педагогӣ карда шудааст. Натиҷагирӣ карда шудааст, ки ҷузъи ангезишию ҳавасмандкунӣ шомили маҳорати дар донишҷӯён эҷод намудани талаботи дохилӣ ба истифодабарии забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират дар вазъиятҳои коммуникатсияи бавосита ва бевоситаи байнифарҳангӣ мебошад. Салоҳиятнокии касбии омӯзгори забони англисӣ дар мактаби олӣ бояд ҳамчун тавсифи интегравии шахсияте бошад, ки дар маҷмӯи аломатҳои

зерин ифода меёбад: ангезавӣ (мавҷуд будани ангезаи мусбӣ ба касби оянда); шинохтӣ (донишҳои касбӣ: забони англисӣ, методикаи таълим, донишҳои психологию педагогӣ); фаъолиятӣ (маҳоратҳо ва малакаҳои касбӣ: маҳорати муошираи педагогӣ, маҳорати фаъолияти худтаҳсилотӣ); ҷузъи шахсиятӣ (сифатҳои шахсиятии аз ҷиҳати касбӣ муҳим).

**Калидвожаҳо:** мазмуни таҳсилот, салоҳиятнокӣ, омӯзгор, забони англисӣ, мактаби олии касбӣ.

**ПУТИ УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СОДЕРЖАНИЯ ОБРАЗОВАНИЯ И КОМПЕТЕНТНОСТИ ПРЕПОДАВАТЕЛЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В ПРОФЕЕСИОНАЛЬНЫХ ВУЗАХ**

Автор в своей статье рассматривает пути усовершенствования содержания образования и компетентности преподавателя английского языка в профеесиональных вузах. На основе постановлений Правительства Республики Таджикистан в годы независимости страны автор определяет общие направления его усовершенствования. Он подчеркивает профессиональные качества преподавателя английского языка – предметные качества, методические качества, педагогические качества. Делается заключение, что мотивациионные и стимулирующие компоненты включают мастерство создания у студентов внутренних потребностей использования английского языка как средства общения в ситуациях опосредованной и непосредственной межкультурной коммуникации. Профессиональная компетентность будущего преподавателя английского языка в высшей школе должна быть как интегративная характеристика личности , которая выражается в комплексе слудуюших признаков: мотивационный (наличие положительной мотивации относительно будущей профессии); ознокомительный (профессиональные знания: знание английского языка, методики преподавания, психолого-педагогические знания); деятельностный (профессиональные умения и навыки: умения педагогического общения, умения самообучения); личностные элементы (важные для профессиональной деятельностит личностные качества).

**Ключевые слова:** содержание образования, компетентность, преподаватель, английский язык, профессиональное, вуз.

**WAYS TO IMPROVE THE CONTENT OF EDUCATION AND COMPETENCE OF THE TEACHER OF THE ENGLISH LANGUAGE IN PROFESSIONAL HIGH SCHOOLS**

The author in his article examines ways to improve the content of education and competence of an English teacher in professional universities. Based on the resolutions of the Government of the Republic of Tajikistan in the years of the country's independence, the author determines the general directions for its improvement. He emphasizes the professional qualities of an English teacher - subject qualities, methodological qualities, pedagogical qualities. It is concluded that motivational and stimulating components include the mastery of creating students' internal needs for using English as a means of communication in situations of indirect and direct intercultural communication. The professional competence of the future teacher of English in higher education should be an integrative characteristic of the personality, which is expressed in the complex of the following attributes: motivational (the presence of positive motivation for the future profession); oznokomitelny (professional knowledge: knowledge of English language, teaching methods, psychological and pedagogical knowledge); activity (professional skills: skills of pedagogical communication, self-study skills); personal elements (important for professional activities, personal qualities).

**Keywords:** the content of education, competency, teacher, the English language, the professional higher education.

**Сведения бо авторе:** ***Ёфтаков Хусейн Файзуллоевич*** – Таджикский институт физической культуры им.С.Рахимова, **соискатель. Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, , г. Душанбе, ул. Лучоб, 53
E-mail: **mehrpaivand@inbox.ru**, **toj-sport@mail.ru**

**Information about the author:** ***Yefakov Huseyn Faizulloevich*** - Tajik institute of physical culture named after s. Rakhimov, competitor. **Address:** 734026, Republic of Taijikistan, Dushanbe, Luchob- 53
E-mail: **mehrpaivand@inbox.ru**, **toj-sport@mail.ru**

**УДК 371.**

# НАҚШИ ЭТИКАИ ПЕДАГОГӢ ДАР САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

***Гулова Наҷиба***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Этикаи педагогӣ ба раванди самаранок гардидани раванди таълиму тарбия таъсири назаррас мерасонад. Самаранокии раванди таълиму тарбия яке аз фаъолиятҳои муайяни педагог ба ҳисоб рафта, қобилияти таъмин намудани натиҷаи ниҳоиро ифода менамояд [1, с.462]. Самаранокӣ ҳамчун мутобиқат байни натиҷаи банақшагирифташуда ва бадастовардашудаи фаъолият фаҳмида мешавад. Баҳогузории баланди самаранокӣ муқоисаи натиҷаҳои бадастовардашударо дар давраҳои гузаштаи фаъолият пешниҳод менамояд. Баҳогузории таъсири этикаи педагогӣ ба самаранокии раванди таълиму тарбия бо масъалаи тағйирёбии натиҷанокии раванди таълиму тарбия алоқаманд карда мешавад. Проблемаи

натиҷанокӣ ва баҳогузории раванди таълиму тарбия бо масъалаи андоза дар доираи раванди педагогӣ алоқаманд аст.

Этикаи педагогӣ имконият медиҳад, ки омӯзгорон дониш, маҳорат, қобилият ва таҷрибаҳои муайянро аз худ намоянд, ки онҳо бевосита ба самаранокии раванди таълиму тарбия таъсир мерасонанд. Баҳогузории динамикаи инкишофи сифатҳои касбии омӯзгорон на ҳама вақт бо ёрии нишондиҳандаҳои миқдорӣ имконпазир аст. Этикаи педагогӣ яке аз омилҳои асосии самаранокии раванди таълимӣ ба шумор меравад.

Этикаи педагогӣ ба омӯзгорон нишондиҳандаҳои миқдории баланд бардоштани самаранокии раванди таълиму тарбияро низ пешниҳод менамояд. Ба хотири ошкор намудани таъсири этикаи педагогӣ ба самаранокии раванди таълиму тарбия, баррасии вазифаҳо ва категорияҳои этикаи педагогӣ мақсаднок ҳисобида мешавад.

Вазифаҳои этикаи педагогиро баррасӣ намуда, тезиси Л.П. Крившенкоро ҳамчун асос истифода намудан мумкин аст, ки «ҳар як фанни таълимӣ таҷассум, шарҳу эзоҳ ва пешгӯии падидаҳои воқеиятро, ки онҳоро меомӯзад, амалӣ менамояд. Яъне, вазифаҳои умуминазариявӣ,ояндабинӣ ва амалиро иҷро менамояд» [7, с.11]. Мутобиқан, қайд намудан зарур аст, ки этикаи педагогӣ вазифаҳои умуминазариявӣ,ояндабинӣ ва амалиро иҷро менамояд.

Вазифаи умуминазариявии этикаи педагогӣ тадқиқ ва шарҳу эзоҳи пайдоиш ва табиат, сохтор, вазифа ва хусусиятҳои зуҳуроти ахлоқро дар фаъолияти педагогӣ пешниҳод менамояд. Вазифаиояндабинӣ дар пешбинии далелноки инкишофи воқеияти педагогӣ бо истифодаи имкониятҳои этикаи педагогӣ зоҳир мегардад. Пешбинии илман асоснокшуда имконият медиҳад, ки банақшагирии самаранокӣ ва натиҷаҳои баланд дар тарбия ва таълим ба даст оварда шаванд. Вазифаи амалии этикаи педагогӣ дар он зоҳир мегардад, ки бо ёрии он фаъолияти педагогӣ мукаммал гардонида мешавад, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои нави ташкили раванди таълимӣ дар амалия коркард ва истифода мешаванд.

Ба хотири омӯзиши таъсири ахлоқи касбии омӯзгор ба самаранокии раванди таълиму тарбия, зарур аст, ки категорияҳои асосии этикаи педагогӣ баррасӣ карда шаванд. И.С. Конт қайд менамояд, ки «категорияҳои этика, мафҳумҳои асосии этика ба ҳисоб мераванд, ки ҷиҳатҳо ва унсурҳои асосӣ ва муҳимми ахлоқ ва аппарати назариявии илми этикаро таҷассум менамоянд» [11, с. 126].

Уҳдадории ахлоқии педагог эҳтироми беҷунучарои шаъну шарафи инсонро дар шахсияти ҳар як иштирокчии раванди таълим, инсондӯстиро пешниҳод менамояд. Омӯзгор дар кори худ ва дар ҳаёт талаботҳои ахлоқиро амалӣ менамояд ва дар ин самт ақлу хирад ва виҷдонро бо худмуайяннамоии озод ба роҳбарӣ мегирад.

Як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки уҳдадориҳои педагогӣ, дар фарқият аз уҳдадориҳои касбӣ, дорои хусусиятҳои зерин мебанд:

- маҷмӯи талаботҳои он манфиати тамоми аъзоёни ҷомеаро инъикос менамояд;
- ин манфиатҳо бо манфиатҳои шахсии омӯзгор омезиш меёбанд, талаботҳои иҷтимоӣ мотивҳои дохилии ӯ мегарданд;
- мотивҳо ва ҳавасмандкуниҳои иҷроиши талаботҳо аз бисёр ҷиҳат ба якдигар омезиш меёбанд;
- дар уҳдадориҳои педагогӣ талаботҳои ахлоқии на танҳо дар характери рафтор ва муносибати омӯзгор дар доираи меҳнати педагогӣ, балки дар сифатҳои шахсӣ, дар муносибати ӯ нисбат ба касб таҷассум мегарданд [8, с.73].

Категорияи дигари этикаи педагогӣ меҳру муҳаббат нисбат ба кӯдакон ба ҳисоб меравад. Меҳру муҳаббатро ҳамчун категорияи этикиву психологӣ тадқиқ намуда, А.В.Разин қайд менамояд, ки «меҳру муҳаббат дар сатҳи олӣ амалҳо ва муносибатҳои шавқу рағбатдоштаро ба дигарон пешниҳод менамояд, ки бо сатҳи муайяни худқурбоникунӣ алоқаманд аст» [9, с. 477]. Меҳру муҳаббат бе равона намудани озоди шавқу рағбати худ ба нафари дигар – объекти меҳру муҳаббат ғайриимкон аст.

Меҳру муҳаббати педагог дар ҳаракати доимӣ ба пешвози хонанда, новобаста аз мушкилиҳо, дарк накарданҳо ё камбудиҳои кӯдак таҷассум мегардад. Он аз сазовор будани кӯдак ба интизориҳои омӯзгор, вайрон гардидани меъёрҳои иҷтимоӣ вобаста нест. Ин ҳиссиёт фаъолиятро, пеш аз ҳама, ба манфиат ва хушии хонанда пешниҳод менамояд. Заминаи асосии меҳру муҳаббат эҳтироми инсон ҳамчун инсон, дидани махлуқи беҳамтои маънавӣ дар он ба ҳисоб меравад. Қабули беҷунучаро, муносибати эҳтиромона, таваҷҷуҳ, шавқу рағбат ба хонанда ба омӯзгор имконият медиҳад, ки хусусиятҳои фардии ҷаҳони

дохилии ҳар як кӯдакро омӯзад. Намунаи шахсии педагог дар омӯзонидани кӯдакон ба муносибати боэътибору муътабар ба одамони дигар кумак мерасонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки меҳру муҳаббати омӯзгор ба кӯдакон кӯшиши онҳоро ба эҷодиёт, хоҳиши беҳтару хубтар гардиданро ҳавасманд менамояд. Сифатҳое, ки ба пуррагӣ моҳияти меҳру муҳаббатро ошкор месозанд, некӣ ва дарк намудан, ҳамдардӣ ва меҳрубониву мушфиқӣ, олиҳимматӣ ва ботаҳаммулӣ, хайрхоҳиву эҳтиром, сахтгирӣ ва дастгирӣ, хоҳиш ва худдорӣ намудан, бошарафӣ ва самимият, нафосат ва садоқат, адолатнокӣ ва масъулиятшиносӣ ба ҳисоб мераванд.

Категорияи дигари этикаи педагогӣ адолатнокӣ ба ҳисоб меравад. Ин мафҳум бо категорияи «уҳдадорӣ» алоқаи наздик дорад. Уҳдадорӣ ҳамчун мафҳуми ахлоқиву этикӣ «зарурати бечунучарои амалӣ намудани ғояи ахлоқӣ дар рафтор аст, яъне риоя намудани адолат, мусоидат намудан ба некиву хайрхоҳӣ ва кӯшиш ба худмукаммалдиҳии шахсӣ мебошад» [10, с. 281].

Адолатнокӣ дар манбаъҳои педагогӣ иваз намудани баробари сифатҳои ахлоқии байни иштирокчиёни раванди таълимиро пешниҳод намекунад. Равшан аст, ки бо хонанда ҳамчун бо шахсияти баробарҳуқуқ муносибат карда, омӯзгор бояд дар хотир дошта бошад, ки ӯ танҳо кӯдак аст ва ба агрессия ва ғалатфаҳмиву бадгумонии ӯ, боадолатона, бодиққат, ботаҳаммул, ва самимона ҷавоб гӯяд.

Омӯзгор мустақилона барои худ мазмуну мундариҷаи меъёрҳои педагогиро ошкор менамояд, зарурати риояи онҳоро асоснок мекунад, ё баръакс, худро ба ноадолатона ва ғайриҳатмӣ будани иҷроиши онҳо бовар мекунонад. Фаъолии эҷодии омӯзгор мутобиқати меъёрҳоро бо шароит, вазъияти педагогӣ, ҷустуҷӯи воситаҳои беҳтарини амалӣ намудани меъёрҳо ва инчунин коркарди сифатҳои ба ин зарурӣро пешниҳод менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки муносибати омӯзгор ба меъёрҳо ҳамчун инкишофи боисияти шахсӣ ва касбӣ, самтгирӣ дар кор, ё рад намудани ин ё он меъёр аз худи омӯзгор вобаста аст. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки ҳамаи меъёрҳо дар муҳити педагогӣ ба этикаи педагогӣ муносибати бевосита доранд.

Категорияи дигар, ки аз рӯйи маъно бо критерияи «уҳдадорӣ» наздикӣ дорад, мафҳуми «масъулият» ба ҳисоб меравад. Аксарияти муҳаққиқон қайд менамоянд, ки ин ду мафҳум ба якдигар хеле монанд мебошанд, ки ҷудо намудани фарқияти байни онҳо душвор ва мураккаб аст, лекин якҷоя намудани онҳо мувофиқи мақсад нест.

Агар уҳдадорӣ дар дарк намудан ва истифода кардан дар ҳолати мушаххас ва амалӣ намудани талаботҳои ахлоқӣ зоҳир гардад, масъулиятро чунин тасниф додан мумкин аст, ки масъулият ин мутобиқати фаъолияти ахлоқии шахсият ба уҳдадориҳои ӯ, ки аз нуқтаи назари имкониятҳои шахсият баррасӣ карда мешавад. Ҳар қадаре, ки ваколат ва имкониятҳои одамон баланд бошад, то ҳамон андоза масъулияти онҳо бланд мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки аҳамияти иҷтимоии фаъолияти педагог ошкор аст.

Омӯзгор шахсияти хонандагонро мувофиқи тасаввуроти худ оиди чӣ тавр будани он, ташаккул дода, онҳоро ба ҳаёти мустақилона дар ҷомеа омода месозад. Омӯзгор дар мактаб бояд на танҳо барои омӯзиш, балки барои тарбия, барои чӣ гуна ба воя расидани шаҳрванд ҷавобгӯ аст. Судмандии ҷамъиятии кори омӯзгор аз бисёр ҷиҳат аз мутобиқати фаъолияти ахлоқии омӯзгор ба уҳдадориҳои касбӣ, яъне аз масъулиятшиносии ахлоқии педагог вобаста аст.

Мувофиқи ақидаи Б. О. Николаевич «масъулияти ахлоқӣ дар худ қобилияти амалӣ намудани мақсадҳои ахлоқиро дар амалия, қобилият дар асоси донишҳои худ ва таҷрибаи ҳаётӣ нисбати дидани натиҷаҳои манфии амалҳои худ дар бар мегирад» [10, с.91].

Омӯзгори масъулиятшинос ба фаъолияти худ, пеш аз ҳама, ба муносибати эҳтиёткорона ба хонандагон, бунёди шароити муфид барои инкишофи ҳаматарафаи ягона ва мутаносиби шахсияти ҳар як хонанда, дастгирии худинкишофёбӣ ва худамалигардии қобилияти мусбии кӯдак такя менамояд. Ин муносибати муосирро нисбат ба масъулиятшиносии педагог ҳамчун хусусияти муҳимми касбияти педагог шарҳу эзоҳ медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки самаранокии кори педагог танҳо дар ҳолати иҷроиши як қатор талаботҳои касбӣ ба даст оварда мешавад. Ҷомеа ба одамон як қатор уҳдадориҳоро дар доираи касби мушаххас вогузор менамояд, ки иҷроиши босифати онҳо, асосан, бо мотивҳои ахлоқӣ, на бо муҷозоти беруна таъмин карда мешавад.

Вазифаи этикаи педагогӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба ташаккули муносибати пурмасъули омӯзгор ба ваколат ва уҳдадориҳои худ мусоидат намояд. Дар ин радиф,

проблемаи масъулиятшиносии омӯзгор як қатор масъалаҳоро фарогир аст.

Якум, омӯзгори масъулиятшинос ба тариқи дақиқ дарк менамояд, ки ба ӯ кадом талаботҳо ҳамчун ба намояндаи касби педагогӣ пешниҳод карда мешаванд. Дуюм, омӯзгорро зарур аст, ки сатҳи омодагии шахсии худро нисбати иҷроиши талаботҳои пешниҳодшуда ва мутобиқат ба меъёрҳои касбиро баҳогузорӣ намояд. Мутобиқат баҳогузории мутобиқи шахсияти худ, қобилиятҳо, манфиатҳо ва фаъолиятро пешниҳод менамояд. Баҳогузории худ, мутобиқати худ ба талаботҳои касбӣ, инчунин дарёфти самтгириҳо, ки ба он омӯзгор кӯшиш менамояд, имконият медиҳанд, ки методҳои ташхисӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Кӯшиш ба мутобиқат ба талаботҳои касбӣ дар ташаккули масъулиятшиносии педагогӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Зуҳуроти манфиати касбӣ ҳамеша ба муваффақияти фаъолияти касбӣ ва қонеият аз касб таъсири назаррас мерасонад. Мутобиқан, барои омӯзгор вазифаи муҳим – дарк намудани муносибати худ ба касб, мотивҳои интихоби ин касб пеш меояд. Метавон танҳо дар ҳолати муносибати устувори мусбӣ нисбат ба касб омӯзгор шуд, зеро он мукаммалгардии доимии симои ахлоқӣ, инкишоф ва маълумотгирии мутаносиби касбиро пешниҳод менамояд.

Ҳамин тариқ, баррасии раванди ташаккул ва инкишофи этикаи педагогӣ бо назардошти ҷиҳатҳои фарҳангиву таърихӣ ва алоқамандии он ба вазъияти имрӯза муҳим буда, барои дарки хусусиятҳои он мусоидат менамояд. Баррасии давраҳои асосии инкишофи этикаи педагогӣ муҳиммияти рушди ин илмро нишон дод. Бо ёрии он гузариши арзишҳо ба насли наврас, инчунин нигоҳ доштани арзишҳои иҷтимоӣ таъмин карда мешаванд. Қайд намудан зарур аст, ки меъёрҳои касбӣ ва талаботҳо ба омӯзгор метавонанд бо мурури замон тағйир ёбанд, лекин ба нигоҳ накарда, заминаи асосии этикаи педагогӣ арзишҳои умумиинсонӣ боқӣ мемонанд.

## АДАБИЁТ


1. Ахиезер А.С. Россия: критика исторического опыта (Социокультурная динамика России) / А.С. Ахиезер. – 2-е изд. Перераб. и доп. – Новосибирск: Сибирский хронограф, 1997. – Т.3: Социокультурный словарь.
2. Беляева Л.А. Философия воспитания как основа педагогической деятельности / Л.А. Беляева. – Екатеринбург, 1993. -126 с.
3. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход / А.А. Вербицкий. - М., 1991. -207 с.
4. Гоноболин Ф.Н. Книга об учителе / Ф.Н. Гоноболин. – М.: Просвещение, 1965. - 260 с.
5. Дубовицкая Т.Д. Методика диагностики направленности учебной мотивации / Т.Д. Дубовицкая // Психологическая наука и образование. – 2002. - №2. –С. 42-45.
6. Ковалев В.И. Мотивы поведения и деятельности / В.И. Ковалев. – М.: Наука, 1988. - 193 с.
7. Педагогика: Учебник / Л.П. Крившенко, М.Е. Вайндорф-Сысоева [и др.]; под ред. Л.П. Крившенко. – М.: Велби; Проспект, 2004. -432с.
8. Писаренко В.И. Педагогическая этика: Книга для учителя / В.И. Писаренко, И.Я. Писаренко. – Минск.: Народна асвета, 1986. -240с.
9. Разин А.В. Этика: Учебник для вузов / А.В. Разин. - М.: Академический Проект, 2006. -624с.
10. Российская педагогическая энциклопедия / Гл. ред. Давыдов В.В.: В 2 т. – Т.2. Н-Я. – М.: Большая Российская энциклопедия, 1998. -672с.
11. Словарь по этике / под ред. И.С. Кона. - 4-е изд.- М.: Политиздат, 1981.430с.


## НАҚШИ ЭТИКАИ ПЕДАГОГӢ ДАР САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ


Дар мақолаи мазкур, нақш ва мақоми этикаи педагогӣ дар таъмин намудани самаранокии раванди таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки пешбинии илман асоснокшуда имконият медиҳад, ки банақшагирии самаранокӣ ва натиҷаҳои баланд дар тарбия ва таълим ба даст оварда шаванд. Вазифаи амалии этикаи педагогӣ дар он зоҳир мегардад, ки бо ёрии он фаъолияти педагогӣ мукаммал гардонида мешавад, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои нави ташкили раванди таълимӣ дар амалия коркард ва истифода мешаванд. Ба хотири омӯзиши таъсири инкишофи ахлоқи касбии омӯзгор ба самаранокии раванди таълиму тарбия, зарур аст, ки категорияҳои асосии этикаи педагогӣ баррасӣ карда шаванд.



**Калидвожаҳо:** этикаи педагогӣ, самаранокӣ, талаботҳои касбӣ, масъулияти ахлоқӣ, мутобиқ, фаъолияти эҷодӣ, адолатнокӣ, талаботҳои касбӣ, банақшагирии педагогӣ, раванди таълим.


## РОЛЬ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ЭТИКИ В ЭФФЕКТИВНОСТИ ВОСПИТАТЕЛЬНОГО И УЧЕБНОГО ПРОЦЕССА


В данной статье рассматривается место и роль педагогической этики в обеспечении эффективности процесса воспитания и обучения. Автор подчеркивает, что научно обоснованный прогноз даёт возможность обеспечения эффективного планирования и высокий уровень результатов воспитания и обучения. Практическая деятельность педагогической этики заключается в том, что с ее помощью совершенствуется педагогическая деятельность, разрабатываются и используются методы, средства и формы организации процесса обучения. Автор считает, что для рассмотрения влияния профессиональной нравственности педагога на эффективность процесса воспитания и обучения

необходимо рассмотреть основные критерии педагогической этики.
**Ключевые слова:** педагогическая этика, эффективность, профессиональные требования, нравственная ответственность, адекватный, творческая деятельность, справедливость, профессиональные требования, педагогическое планирование, учебный процесс.

**THE ROLE OF PEDAGOGICAL ETHICS IN EFFICIENCY OF EDUCATIONAL PROCESS**

In this article the place and role of pedagogical ethics in maintenance of efficiency of process of education and training is considered. The author emphasizes, that the scientifically proved forecast enables to get efficiency of planning both high level of results of education and training. The practical activity of pedagogical ethics consists that with its help the pedagogical activity is improved, are developed and the methods, means and form of organization of process of training are used. The author considers that for consideration influence the development of professional morals of the teacher on efficiency of process of education and training is necessary to consider the basic criteria of pedagogical ethics.
**Key words:** pedagogical ethics, efficiency, professional requirements, moral responsibility adequate, creative activity, validity, professional requirements, pedagogical planning, educational process.

**Сведения об авторе:** ***Гулова Наджиба*** - Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры основ государства и права. **Адрес:** 735320Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3

**Information about the author:** ***Gulova Najiba*** **-** Dangara State University, assistant of the Department of the Foundations of State and Law. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifov, 3

**УДК: 37+930.25(575.3)**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПСИХОЛОГӢ ВА МЕТОДИИ ТАШКИЛУ БАРОҲМОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНАИ МАКТАБ

***Васихов М.М.***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар «Фарҳанги энсиклопедияи педагогӣ» омадааст: «Педагогикаи осорхонавӣ соҳае аз илм аст, ки таърих, вижагиҳои фаъолияти фарҳангӣ-омӯзишии осорхонаҳо, равишҳои асаргузории осорхона ба қишрҳои гуногуни тамошогарон ва ҳамкории осорхонаро бо муассисаҳои таълимӣ меомӯзад» [1, с.151].

Мавзӯи таълими осорхонавӣ аз масъалаҳое мебошад, ки ба муҳтаво, усул ва шаклҳои асаргузории осорхона, махсусият ва омилҳои муассири он ба қишрҳои ҷомеа рабт дошта, дарс равишшиносӣ (методология) ва самаранок ба роҳ мондани фаъолиятҳои назариявию амалии таълими осорхонавӣ муҳим аст. Зеро танҳо тавассути дарки бонизоми мафҳуми осорхона ҳамчун муҳити омӯзишӣ метавон ба ташхиси мавқеи педагогикаи осорхонавӣ ва масъалагузории ҳадафҳо ва вазифаҳои он пай бурд.

Педагогикаи осорхонавӣ ҷанбаҳои фарҳангӣ-омӯзишӣ ва иртиботии осорхонаро фаро гирифта, аз мо рӯйкарди вижаро ҳангоми раванди фаъолияту муошират ҷиҳати ташаккули шахсияти озод, эҷодкору ташаббускор - иштирокдори фаъоли гуфтугӯи тамаддунҳо тақозо менамояд.

Мафҳумҳои калидии педагогикаи осорхонавӣ чунинанд:

1. Ашёи осорхонавӣ -ашёи дорои арзиши илмӣ, таърихӣ ва ҳунарӣ, ки дар аснои боздид шахс ё тамошобин ба таърих, фарҳанг, ҳунармандӣ ва эҷодкории офарандагони ашё шинос мегардад.

2. Фарҳанги осорхонавӣ- аз як тараф, маҷмӯае аз ашёи таърихӣ ва аз тарафи дигар, маданияте, ки равандҳои истеҳсол, таҷдид, тавлиди осори фарҳангиро дар худ бозтоб менамояд.

3. Иртиботи осорхонавӣ - яке аз самтҳои зарурии фаъолият, ки мавҷудияти фарҳанги осорхонаро таъмин намуда, гузаштаро ба имрӯз мепайвандад.

**Мавқеъҳо дар мавриди ашё, фарҳанг ва иртибот дар фаъолияти осорхона чунинанд:**

- мавқеи эҷодкор (рассом, нависанда, олим, сиёсатмадор), истеҳсолкунандаи унсурҳои фарҳангӣ, ки шоистаи дарёфти мақоми ашёи осорхонавӣ ҳастанд;
- мавқеи шахси дарккунанда (тамошогар, шунаванда, зиёраткунанда)-и ашёи осорхонавӣ;
- мавқеи педагогикаи осорхона, ки на танҳо маҷмӯае аз донишҳои хосро оид ба ашёи дар намоиш ҷойдошта ба тамошогарон мерасонад, балки дар ниҳоди онҳо шавқи пажӯҳиши мустақилонаро бедор месозад ва баъзан, миёни тамошогар ва ашёи осорхона робитаро ба

роҳ мемонад. Гузашта аз ин, педагогикаи осорхона ба унвони созмондиҳандаи иртибот байни шахси эҷодкор ва тамошогар, қабулкунандаи ашёи осорхона маҳсуб мешавад.

Мавқеъҳои мазкур иртиботи осорхонаро ба тамошобин танзим намуда, бо **усул ва тарзҳои зер сурат мегирад:**

1. Намоиш ва нигориши диққатҷалбкунанда, хотирмон ва фаъол дар осорхона.
2. Шиносоӣ бо таъриху фарҳанг ва осори гузаштагон.
3. Ба роҳ мондани гуфтугӯ миёни тамошобин ва ашёи осорхона ва бад- ин васила муаррифии тамаддунҳо ва персонажҳои фарҳангӣ.

**Модели педагогикаи осорхона:** ҳадаф; вазифаҳо; самтҳо; талаботи хос; шакл ва усули кор; усул; технологияҳои педагогии осорхона.

**Ҳадафи педагогикаи осорхонавӣ** – фароҳам овардани шароит барои рушди шахсият бо роҳи ҷалби ӯ ба фаъолияти гуногунҷанбаи осорхонаи мактаб.

**Вазифаҳои педагогикаи осорхонавӣ:**

1. Равнақ ва баланд бардоштани ҳисси муҳаббат ба омӯзиш, эҳтиром ба омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ.
2. Равнақ ва баланд бардоштани ҳисси муҳаббат ба кишвар ва мардумон, ки барои рушду нумӯи Ватан талош меварзанд.
3. Рушди эҷодкорӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ошкор кардани шахсиятҳои нотакрор.
4. Ташаккули фаъолияти якҷояву мақсадноки наврасону ҷавонон ва осорхона.
5. Азхудкунии тарзҳои муосири машғулиятҳои таълимӣ, ташаккули салоҳияти касбии кормандони осорхона.
6. Танзим ва таҳкими фаъолияти осорхона ва фаъол намудани механизми арзёбии натиҷаҳои таълимии омӯзиши осорхонавӣ.

**Самтҳои фаъолияти осорхонаи мактаб:**

**1. Ҷустуҷӯӣ – ҷамъоварӣ.** Омодагӣ ба корҳои ҷустуҷӯӣ – гирдоварӣ дар раванди такмили осорхонаи мактаб иқдоми асосӣ маҳсуб мешавад. Ин самти фаъолият ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар ҷараёни фаъолияти пажӯҳишӣ асаргузор бошанд, тавоноии пажӯҳишии худро нишон диҳанд. Дар чаҳорчӯбаи тадқиқот метавон ҳар мавзӯеро, ки барои хонандагон шавқангез аст, мавриди таҳқиқ қарор дод. Дар марҳалаи муқаддамотӣ азхудкунии мавзӯъ аз адабиёт ва маводе, ки дар ҳоли ҳозир дар осорхонаи мактаб вуҷуд дорад, шурӯъ мешавад. Ҳамчунин, дарёфт кардани иттилооти изофӣ оид ба мавзӯи мазкур аз осорхонаи давлатӣ, бойгонӣ, марказҳои кишваршиносии маҳаллӣ ва аз мулоқот бо сокинони маҳал – шоҳидон ва иштирокдорони ин ва ё он воқеаҳо низ мумкин аст. Дар асоси иттилооти бадастомада роҷеъ ба масъалаи омӯхташуда гузориш тартиб дода мешавад. Дар он доираи ашхосе, ки бояд мавриди ҷустуҷӯ қарор дода шаванд, инчунин, рӯйхати ташкилоту одамоне, ки бо онҳо иртибот барқарор кардан зарур аст, мушаххас карда мешавад. Дар ҳамаи марҳалаи фаъолият бояд рӯзнома тартиб дода, навъҳои гуногуни сабт (наворбардорӣ, сабти овоз ва ғайра)-ро ба роҳ монд.

Яке аз аслҳои асосии ҳар кори пажӯҳишӣ фарогирии мукаммали илмӣ (комплексность) маҳсуб мешавад. Бо пайравӣ аз ин кишваршиносони ҷавон бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки мавзӯъро ҳамаҷониба тадқиқ намуда, саъй кунанд, ки воқеаҳои омӯхташударо бо равандҳои умумитаърихӣ алоқаманд кунанд, мушаххасоти онро муайян, дурустии иттилооти бадастомадаро исбот ва нақши шахсони алоҳидаро дар ҷараёни воқеаҳо аниқ созанд. Ин рӯйкард барои тартиб додани тасаввуроти воқеӣ перомуни рӯйдодҳои таърихии омӯхташаванда, ҳамчунин, барои дараҷаҳои инъикоси он дар ёдгориҳои таърихиву фарҳангии кашфшуда шароит фароҳам меорад.

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои (дафтари саҳроӣ, дафтар барои сабти хотираҳо ва ҳикояҳо, аксҳо) ҳангоми фаъолияти ҷустуҷӯӣ – пажӯҳишӣ тартибдодашуда низоми ҳуҷҷатҳои ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки тибқи он иттилооту маълумот доир ба ин ва ё он мавзӯъ гирд оварда шудааст. Ҳамаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳуҷҷатҳои саҳроӣ, ки ба фонди намоиш шомил шудаанд, бояд ба фонди осорхонаи мактаб супорида шаванд.

Дар давоми корҳои пажӯҳишӣ ҳамгироии иҷтимоии ҷустуҷӯгар ва кишваршиноси ҷавон сурат гирифта, дар ин замина муносибати шахсӣ ба масъала равшан мегардад.

**2. Тарроҳӣ – намоишӣ.** Ҷузъиёти намоиши осорхонаӣ дар он ифода меёбад, ки ин ва ё он воқеа, рӯйдоди табиӣ ва ё иҷтимоӣ дар он на танҳо тавассути ашёи осорхонавӣ, балки бо кумаки воситаҳои техникӣ ва ҳунарӣ инъикос мешавад.

Бинобар ин, дар таҳияи намоиши осорхонавӣ доираи васеи кормандон – кормандони илмӣ, рассомон, тарроҳон, техникҳо саҳм мегузоранд. Баргузории намоиш раванди мураккабе аст, ки бояд чандин марҳаларо тай намояд:

А) тарҳрезии консепсияи намоиш;

Б) тарҳрезии меъморӣ - ҳунарии намоиш.

Пас аз тасдиқи нақшаи мавзӯӣ -намоишӣ ва лоиҳаи меъморӣ -ҳунарӣ аз тарафи Шӯрои илмии осорхона метавон ба насб ва ҷобаҷогузории ашё шурӯъ кард. Агар ҳамаи иштирокдорон ба баргузории намоиш мароқ зоҳир намоянд, дар ин ҳангом баъзе аз масъалаҳои ин корро метавон ба нақшаи тадриси фанҳои таълимӣ шомил кард. Масалан, дар дарсҳои фанни таърих метавон консепсияи илмӣ - таърихии қисмҳои алоҳидаи намоишро таҳия кард. Дар машғулиятҳои нақшакашӣ метавон нақша ва тарҳи деворгӯшаҳо, рафҳо, минбар ва дигар таҷҳизоти намоиширо омода сохт, дар машғулиятҳои таълими меҳнат тайёр ва сохтани таҷҳизоти намоиширо ба роҳ монд, дар машғулиятҳои расмкашӣ метавон намунаҳои матнҳои ташреҳиро тартиб 300дод, дар дарсҳои математика ба ҳисобу китоб, муайян кардани нархи ашёи омодашуда ва дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ тарроҳии компютерӣ ва ороиши намоишро анҷом дод.

**3. Сайёҳӣ (экскурсионӣ).** Олимони соҳаи педагогикаи осорхонашиносӣ экскурсияро аз рӯйи хосияти мавзӯъ, мақсади таъйинотӣ, таркиби гурӯҳ, хоҳиши гурӯҳ ва вобаста ба дараҷаи огоҳии аъзои гурӯҳ аз фарҳанги осорхонавӣ ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд. Вале ҳама намуди саёҳатҳо як хусусияти умумӣ доранд. Ин умумият дар он зоҳир мешавад, ки ҳамаи онҳо бо такя ба як методи асосӣ – методи сайёҳӣ амалӣ карда мешавад.

«Сайри осорхонавӣ шакле аз фаъолияти омӯзишӣ - фарҳангии осорхона мебошад, ки бо мақсади боздиди дастаҷамъона таҳти сарпарастии мутахассис қаблан оид ба мавзӯи муайян ва хатсайри махсус ташкил мешавад» [7, с.18].

Намоиш ва нақл вижагии сайри осорхонавӣ буда, зимни он толибилмон усули суолу ҷавоб, навъҳои бозиҳои гуногуни маърифатӣ, намоишҳои хурди театрикунонидашуда ва фаъолияти эҷодии мақсаднок, аз ҷумла расмкашӣ ва моделсозиро истифода карда метавонанд. Ҳар шахсе, ки осорхонаро дӯст медорад, қобилияти нақли шавқоварро доро мебошад, барои азхудкунии донишҳои нав кӯшиш менамояд ва дар ин замина метавонад роҳбалад шавад. Омодагӣ ва баргузории сайр дар осорхонаи мактаб кори осон нест. Ин амал иродаи қавӣ, дониши амиқ, таҷрибаҳои махсусро тақозо менамояд. Омодагӣ ба интихоби мавзӯъ, тартиби матни сайри осорхонавӣ низ бояд таҳти сарпарастии омӯзгор сурат гирад. Дар асnои сайр бояд талаботи зер риоя шаванд:

- мақсаднок, бардавом ва бо мавзӯъҳои муҳиму дархӯри замон доир кардани сайр;
- бо роҳи намоишдиҳӣ ва таҳлили ашёи намоишии мушаххас мавриди интихоб қарор додани мавзӯи сайр;
- бо нақли ҷолиб ва бо далелҳо шавқовар гузаронидани сайр.

Барои он ки ин самти кор бомуваффақият ва хотирмон анҷом ёбад, гурӯҳи хонандагонеро, ки хоҳиши экскурсия (сайр)-ро доранд, дар як ҷой ҷамъ карда, онҳоро бо қоидаҳои асосии сайр шинос намудан зарур аст.

**4. Чорабинӣ ва корҳои оммавӣ – фарҳангӣ.** Яке аз меъёрҳои асосӣ дар арзёбии фаъолияти осорхонаи мактаб шаклҳои мухталифи корҳои оммавӣ ва тарбиявию таълимӣ, аз ҷумла баргузории сайрҳо ва машғулиятҳо бар асоси намоишҳо, мулоқоту вохӯриҳо бо иштирокдорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҷанговарони башардӯст, муҳофизони сохти конститутсионӣ, чеҳраҳои мондагори илм, фарҳанг ва санъат, кор бо сокинони маҳаллӣ маҳсуб мешавад. Осорхонаи мактаб бояд мутаносиб бо нақшаҳои кории ҳамаи муассисаҳои таълимии умумӣ фаъолият намояд.

**Шакл ва усули фаъолият**. Таълимоти иловагӣ, ки бар асоси рӯйкарди хонандамеҳвар, ҳамкорӣ дар омӯзиш, сайрҳои таълимии гуногун ва ҳаққи интихоби озоди хонандагон амалӣ мешавад, ҳарчанд дарсро иваз карда натавонад ҳам, онро мукаммал месозад, ҷиҳати фаъолгардонии шахсияти толибилмон ва мавқеъёбии иҷтимоии онҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Агар дар дарси таърих хонандагон доир ба шаҳр ва кишвар маълумоти асосӣ ба даст оранд, аммо дар фаъолияти беруназмактабӣ онҳо метавонанд дониши амиқ ва васеъ андӯзанд, гузашта аз ин, онро дар яке аз навъҳои корҳои амалии худ татбиқ менамоянд, таҷрибаҳои касбии роҳбалад, пажӯҳишгар ва корманди илмии осорхонаро аз худ мекунанд.

Имрӯз зарфияти эҷодии толибилмон бояд ҳам дар мактаб ва ҳам дар осорхона мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин, агар мактаби маъмулӣ бо низоми дарсиву синфии худ бо

мақсади паҳнсозии дониш аз муаллим ба хонанда тарроҳӣ шудааст у осорхонаи маъмулӣ ба ҳифозати арзишҳои фарҳангӣ, пас фаъолияти онҳо дар якҷоягӣ сифатан беҳтар мегардад, онҳо соҳиби имкониятҳои нав, усули ҷадиди кор мешаванд. Дар фаъолияти осорхонаи мактаб метавон шаклҳо ва усули мухталифи корро бо истифода аз маводи осорхонавӣ дар раванди таълим мушоҳида кард. Бо такя бар ин лоиҳаҳои осорхонавӣ, сомонаҳои осорхона, шаклҳои нави ҳамкории таълимӣ дар мактаб ба вуҷуд омадаанд.

Ҳангоми таҳия ва баргузории чорабиниҳо ва корҳои оммавӣ-фарҳангӣ дар чаҳорчӯбаи осорхонаи мактаб бояд аслҳои зерини дар тӯли таърих муқарраршуда ба эътибор гирифта шаванд:

***Интерактивӣ,*** дар ин асно инсон танҳо он чиро ки худ анҷом медиҳад, дарк менамояд.

***Пажӯҳиши маҷмӯӣ*** – ғунҷонидани ҳамаи навъҳои идрок.

***Барномарезӣ-*** дар ин ҳангом азхудкунии иттилоот, маҳоратҳо ва таҷрибаҳо дар асоси барномаҳои махсус таҳияшуда таъмину ташаккул меёбанд.

Олими немис Ганс Фройдентал маҷмӯае аз талаботро ҷиҳати баргузор кардани машғулият дар осорхона, ки имрӯз низ мубрам аст, муайян кардааст:

«- ҳар як боздид аз осорхона машғулият маҳсуб мешавад ва он бояд дорои ҳадафи (таълимӣ, тарбиявӣ ва рушддиҳанда) –и хос бошад;

- омӯзгор ва толибилмон бояд дарк кунанд, ки боздид аз осорхона саргармӣ ва хушҳолӣ набуда, балки фаъолияти муҳиму ҷиддӣ аст, бинобар ин бояд ба он тайёр бошанд;

- аз осорхона пас аз омодагии қаблӣ ва дар ҷараёни машғулиятҳои мактабӣ, ки ҳанӯз хонандагон хаста нашудаанд, дидан кард;

- аз сайри умумӣ бояд даст кашид, ки дарки он ҳам ба кӯдакону наврасон ва ҳам ба ҷавонон душвор аст;

- натиҷаи боздид аз осорхона кори мустақили толибилмон (расмкашӣ, иншо доир ба таассуроти худ, сохтани моделҳо ва ғ.) маҳсуб мешавад» [8, с.72].

Осорхонаи мактаб бояд бо низоми чорабиниҳои банақшагирифташуда фаъолият намояд, макони амалигардониии ҳувияти таърихӣ - фарҳангӣ, маҳалли муколамаи замонҳо, одамон ва ашёи осорхонавӣ бошад.

Фазои таълимӣ бояд ба тарзе фароҳам овардаву сохта шавад, ки муҳтавои он занҷираи «осорхона - мактаб - осорхона» -ро инъикос намояд.

Шаклҳои фаъоли корҳои осорхонавӣ гуногун буда, шаклҳои: оммавӣ, гурӯҳӣ ва фардии фаъолият муҳиму судмандтаранд.

**Шакли оммавӣ** иборат аз сайрҳои театрикунонидашуда ва ҳафриётӣ, сафарҳо, шабнишиниҳо, олимпиадаҳо, викторинаҳо, мулоқотҳо бо иштирокдорон ва шоҳидони воқеаҳои таърихӣ, бозиҳои кишваршиносӣ, конфронсҳои мактабӣ, баҳсҳо, суханрониҳо, сафар ба осорхонаҳо ва шаҳрҳои дигар.

**Шакли кори гурӯҳӣ** -маҳфилҳо, нишастҳо, нашри роҳномаҳо, маҷаллаҳо, наворбардорӣ, ташкили хатсайрҳои осорхонавӣ ва омӯзишии фардӣ тибқи харитаи шаҳр, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ маҳсуб шуда, фаъолияти мазкур таҳти раҳнамоии омӯзгор сурат мегирад ва маводи таҳияшуда ҳангоми машғулиятҳои синфӣ – дарсӣ ва хориҷ аз мактаб мавриди истифода қарор дода мешаванд.

**Фаъолияти фардӣ-** кор бо маводи мустанади бойгониҳо, таҳияи маърӯзаҳо, рефератҳо, сабти хотирот, мушоҳидаи зиндагии рӯзмарраи мардумони маҳал, анҷоми вазифаҳои шинохтӣ, навиштани мақолоти пажӯҳишӣ, мукотиба бо собиқадорони ҷангу меҳнат, намоишгоҳи инфиродии хонандагон, тавсеаи хатсайрҳои фардӣ – омӯзишӣ бо ашёи намоишии осорхонаи мактаб дар намоишҳои шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳурӣ, ҷустуҷӯи маводи хаттӣ ва адабӣ, ки ба хонандагон ҳангоми нақл кардан имкони «ҳарф задани» ашёро медиҳад, ба шумор меравад.

Аммо як шакли фаъолият бидуни шаклҳои дигар маъно надорад. Аз корҳои гурӯҳӣ фаъолияти маҳфилҳо рушд карда, метавонад натиҷаҳои машғулиятҳои маҳфил қисман ба шабнишиниҳои мактабӣ, конференсияҳо ва ғ. шомил шаванд.

Дар мактаб фазои махсуси тарбиявӣ бояд мавҷуд бошад, ки дар он омӯзгорон битавонанд барномаҳои махсуси таълимӣ – осорхонавӣ ва фарҳангӣ, корҳои намоишӣ ва бошгоҳӣ ва технологияҳои таълимии осорхонавиро татбиқ намоянд. Вазифаҳои омӯзгоре, ки фаъолияти худро дар чаҳорчӯбаи таълими осорхонавӣ ҳамчун ташкилкунанда ва ёвар анҷом медиҳад, чунинанд:

- ба кӯдак маҳорати шинохти қарнҳои таърихӣ - фарҳангиро, ки ӯро иҳота кардаанд, омӯхта, ба фаъолияти онҳо аз нуқтаи назари рушди фарҳанг баҳо диҳад;

- робитаи толибилмонро ба таърихи гузашта ва тамаддуни муосир устувор намуда, ташаккул диҳад;

- ҳисси зебоишиносӣ, ҳамдилии толибилмонро рушд диҳад;

- дар ниҳоди толибилмон таҳаммулпазирӣ, ҳисси эҳтиром ба фарҳангҳои дигарро баланд бардорад.

Вазифаи муҳимми омӯзгори осорхона, ё омӯзгоре, ки ба таълими осорхонавӣ машғул аст, аз муҳайё намудани шароит барои мавқеияти эҷодии хонандагон иборат буда, ин мавқеъ на мушоҳидагари бетараф, балки пажӯҳишгари масъул, пайвандгари гузашта ба имрӯз ва оянда мебошад. Аз ин рӯ, дар фаъолияти таълимии осорхона ташкили намоишҳои театрикунонидашуда, бозиҳои маърифатӣ, намоиши корҳои эҷодии дастаҷамъона ва омӯзиши масъалавию фардӣ хеле муфид аст.

Методи лоиҳа яке аз намудҳои омӯзиши фардӣ ба шумор рафта, усули таълимиест, ки раванди фардии омӯзиширо ба роҳ мемонад ва ба кӯдак имкони мустақилият дар барномарезӣ, созмондиҳиро фароҳам меорад.

Азбаски машғулияти осорхонавӣ муттасилии ҳамкориро, яъне таҳия ва иҷрои лоиҳаҳои муштараки осорхонавиро тақозо менамояд, дар ин ҳангом калонсолон нақши ташкилдиҳанда, баъзан мушовирро бозида, онҳо бояд малакаву маҳорат ва қобилияти баёни муассир, бозиҳои маърифатӣ ва ташкили намоишҳоро дошта бошанд. Дарси осорхонавӣ чун намоишномаи саҳна метавонад ҳам хастакунанда ва ҳам ҷаззоб бошад. Дар осорхона низ коргардонӣ, чун дар театр, лозим аст. Дар ин ҷо низ ба чизи муҳим таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардан, ашёи даркорӣ ва ҷаззобро намоиш додан зарур аст.

Шаклҳои ғайримаъмулии баргузории машғулиятҳо, ки дар таълими осорхонавӣ истифода мешаванд, чунин бояд бошанд:

- дарсҳои омехта, ки дар робитаи байниҳамдигарии фанҳо асос ёфтааст;

- дарсҳо дар шакли мусобиқа ва бозиҳо, озмунҳо, мусобиқот, эстафетаҳо, викторинаҳо;

- дарсҳое, ки бар шаклҳо, жанрҳо, усули кор, ки дар таҷрибаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла пажӯҳиш, ихтироот, таҳлили сарчашмаҳо, инкишофи тафаккур, гузориш шинохта шудааст, асос ёфтаанд.

- дарсҳо бар мабнои созмондиҳии ғайримаъмулӣ ва ироаи маводи таълимӣ: дарси ҳикмат, дарси мардонагӣ, дарси муҳаббат, дарс – рӯнамоӣ;

- дарсҳои омехта бо фантазияҳо: дарс – афсона, дарс – армуғон;

- дарсҳо бар асоси тақлид аз фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳо: дарс – суд, баррасӣ, баҳс дар парлумон.

Муваффақияти фаъолияти тарбиявӣ, пеш аз ҳама, ба таҷрибаи омӯзгоре вобастагӣ дорад, ки қобилияти рушд додан, пуштибонӣ кардани манфиатҳои толибилмон, сохтани фазои эҷодӣ ва масъулиятшиносии гурӯҳиро доро мебошад.

Фаъолиятҳои педагогӣ омӯзгорро ҳамеша дар як мавқеияти иртиботӣ қарор медиҳанд, ки аз ӯ зуҳури сифатҳоеро, ки ба ҳамкории фаъолу судманд заруранд, талаб менамояд. Ин сифатҳо: ҳамдилӣ, инъикоссозӣ, суҳбаторойӣ буда, қобилияти ҳамкорӣ, фикрӣ ва ҷустуҷӯиву эҷодиро таҳрик мебахшанд.

Риояи талаботи педагогӣ – психологӣ ва методии фаъолияти осорхона имкон медиҳад, ки толибилмон, донишҷӯён ва дигар қишри ҷомеа бо таваҷҷуҳ ба фаъолияти омӯзишии осорхона дониши худро оид ба таърих ва фарҳанги оламшумули ниёгони худ тавсеа бахшанд, ҷаҳонбинӣ ва шинохти таърихии худро дар натиҷаи боздид ва ҳамкорӣ бо осорхона такмил диҳанд.


**АДАБИЁТ**

1. Бим-Бад Б.М. Педагогический энциклопедический словарь / Б.М. Бим-Бад. — М., 2002. -С. 151.
2. Белянкова Н.М. Возможности музейной педагогики в организации исследовательской работы младших школьников /Н.М. Белянкова //Начальная школа. - 2011. -№9. -С.62-64.
3. Долгих Е. Проект «Музейная педагогика» пространство гражданского становления /Е. Долгих //Директор школы. - 2008. -№2. - С.82-84.
4. Лукашева Т. Я.Музейная педагогика - средство формирования духовных ценностей учащихся / Т. Я. Лукашева // Начальная школа. - 2007. - № 9. - С. 29-31
5. Сечин А. Г. Российский центр музейной педагогики и детского творчества / А. Г. Сечин // Преподавание истории в школе. - 2007. - № 8. - С. 6-10.

6. Турилова Е.К. Реализация направления «Музейная педагогика» /Е.К. Турилова // Воспитатель ДОУ. - 2010. - №5. - С.87-89.
7. Шарипов А. Сайри осорхонавӣ ва се усули асосии он // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод –Душанбе: Адиб, - 2011. -№ 9. - С. 3-18.
8. Фройдентал Г. "Музей - Народное образование - Школа", 1931. -С.69-72.
9. Якубенко Л.Т. Внедрение музейной педагогики в ДОУ /Л.Т. Якубенко //Управление ДОУ. -2009. -№7. - С.88-94

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПСИХОЛОГӢ ВА МЕТОДИИ ТАШКИЛУ БАРОҲМОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНАИ МАКТАБ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши асосҳои педагогӣ – психологӣ ва методии ташкили осорхона дар мактаб бахшида шудааст. Осорхонаи мактаб ҳамчун яке аз воситаҳои пурзӯри таъсиррасонӣ ба раванди таълимӣ – тарбиявӣ дорои иқтидори бузурги таълимӣ мебошад, ки дар раванди ташаккули шахсиятии насли наврас ва инчунин дар раванди таълим истифода бурда мешавад. Махсусияти осорхонаҳои мактабҳо ин тамоюлнокии онҳо ба ҳалли вазифаҳои таълимӣ, амиқгардонии мазмуни таълим ва баландбардории сифати тарбия мебошад, чунки осорхона ба кӯдакон дар васеъсозии имкониятҳои идрокии онҳо ёрии моҳиятнок мерасонад. Дар пояи осорхонаи мактаб иттиҳодияҳои сершумори кӯдакона аз рӯи шавқу рағбатҳо: кружокҳо, клубҳо ва сексияҳо амал мекунанд. Зери мафҳуми иқтидори таълимии осорхонаи мактаб маҷмӯи имкониятҳои рушди соҳаи идрокии шахсият дар шароитҳои фаъолияти осорхонавӣ – педагогӣ фаҳмида мешавад. Иттилооте, ки мактаббачагон ба даст меоранд, иштироки фаъолонаи онҳо дар кори осорхонаҳои мактабӣ ба инкишофи шавқу рағбати онҳо нисбати таърихи кишвари худ, гузаштаи ватани худ ва ташаккули ҳисси ватандӯстӣ мусоидат менамояд. Осорхонаи мактаб асоси боэътимоди тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, ташаккули муносибати эҳтиёткорона ба осори фарҳангӣ – таърихӣ маҳсуб меёбад. **Калидвожаҳо:** осорхонаи мактаб, инкишофи шавқу рағбат ба таърихи кишвари худ, осори фарҳангӣ – таърихӣ, рушди шахсиятии насли наврас, маркази тарбияи ватандӯстӣ дар мактаб.

## ПСИХОЛОГО – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ И МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ШКОЛЬНОГО МУЗЕЯ

Данная статья посвящена изучению психолого-педагогических и методических основ организации школьного музея. Школьные музеи как одно из мощных средств влияния на учебно-воспитательный процесс имеют существенное значение и мощный образовательный потенциал, который может быть реализован как в процессе личностного становления подрастающего поколения, так и в учебном процессе. Особенностью школьных музеев является их ориентация на решение образовательных задач, углубление содержания обучения и повышение качества воспитания, так как музей оказывает существенную помощь детям в расширении их познавательных возможностей. На базе школьного музея успешно действуют многочисленные детские объединения по интересам: кружки, клубы и секции. Под образовательным потенциалом школьного музея понимается совокупность возможностей развития познавательной сферы личности в условиях музейно-педагогической деятельности. Полученная учащимися информация, их деятельное участие в работе школьных музеев способствуют развитию у них интереса к истории своего края, к прошлому родной земли и формированию патриотических чувств и убеждений. Школьный музей является хорошей и прочной основой для воспитания патриотизма, формирования бережного и уважительно отношения к культурно-историческому наследию.

**Ключевые слова:** школьный музей, развитие интереса к истории своего края, культурно-историческое наследие, личностное становление подрастающего поколения, центр патриотического воспитания в школе.

## PSYCHOLOGICAL - PEDAGOGICAL AND METHODICAL FOUNDATIONS OF THE SCHOOL MUSEUM ORGANIZATION

This article is devoted to the study of the psychological, pedagogical and methodological foundations of the organization of the school museum. School museums as one of the powerful means of influencing the teaching and educational process are of significant importance and powerful educational potential that can be realized both in the process of the personal formation of the younger generation and in the educational process. The peculiarity of school museums is their orientation toward solving educational problems, deepening the content of education and improving the quality of education, since the museum provides substantial assistance to children in expanding their cognitive abilities. Numerous children's associations of interests successfully operate on the basis of the school museum: mugs, clubs and sections. Under the educational potential of the school museum is understood the totality of opportunities for the development of the cognitive sphere of the individual in the conditions of museum and pedagogical activity. The information received by students, their active participation in the work of school museums, contribute to the development of their interest in the history of their land, the past of their native land and the formation of patriotic feelings and beliefs. The school museum is a good and solid foundation for the upbringing of patriotism, the formation of a careful and respectful attitude to the cultural and historical heritage.

**Key words:** school museum, development of interest in the history of its land, cultural and historical heritage, personal formation of the younger generation, the center of patriotic education in the school.

**Сведения об авторе**: ***Максудджон Васихов*** – Институт развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Айни, 45, Телефон **92-903-55-55.**
**Information about author**: ***Maksudjon Vasikhov*** – Education of the Academy of Education of the Tajikistan,, competitor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Aini street, 45. Phone:**92-903-55-55.**

УДК: 372.8

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАҶРИБАҲО ВА МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

*Исмоилова Муборак*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Таҷриба ва ташкили он дар таълими фанни химия мавқеи басо муҳим дорад. Дар вақти иҷро намудани корҳои лабораторӣ хонандагон ва донишҷӯён дониш ва қонунҳои назариявиро хубтар аз худ намуда, ҳал намудани масъалаҳоро меомӯзанд, муодилаҳои реаксияҳои химиявиро дар асоси таҷриба тартиб дода, хулосаҳои даркориро бароварда метавонанд.

Дар вақти омӯхтани аксарияти мавзӯъҳои фанни химия таҷрибаро ба роҳ мондан имконпазир аст. Машғулиятҳои озмоишӣ (лабораторӣ) асоси ташаккули малакаю маҳорат ва фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ва хонандагон ба шумор меравand. Таҷриба ба донишҷӯёну хонандагон имкон медиҳад, ки илова бар фарогирии маълумоти нав, донишҳои қаблан бадастовардаашро мустаҳкам намоянд.

Яке аз шаклҳои муҳим ва муфиди таълими химия ҳангоми баёни мавзӯи нав намоиш додани таҷриба мебошад. Таҷрибаи химиявиро ҳангоми гузаштани аксари мавзӯъҳо: оксидҳо, кислотаҳо, асосҳо, намакҳо, металлҳои ишқорӣ, карбогидрогенҳо ва ғайраҳо истифода бурдан мумкин аст. Аз ин рӯ, муайян кардани мавқеъ ва мақсади намоиши таҷрибаҳо аҳамияти калон дорад.

Дар сарчашмаҳои илмӣ, аз он ҷумла дар китоби дарсии «Методикаи таълими химия» (муаллифонаш У.З.Зубайдов, С.Холназаров) методҳои эксперименти химиявӣ ва вазифаҳои он хеле хуб дарҷ гардидаанд.

Методи эксперимент ба раванди таълими химия хусусияти махсус ва фарққунанда медиҳад, ки тибқи талаботҳои педагогию дидактикӣ он се вазифаро иҷро мекунад: таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандаро. Дар мавриди гузаронидани таҷрибаи химиявӣ чунин самтҳои тарбиявии он, яъне тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ, экологӣ ва ғайра ва дар раванди вазифаи инкишофёбанда дар ниҳоди хонандагон чунин ҷараёнҳои маърифатӣ, яъне эмотсия, ҷаҳонбинӣ, мотивҳо, диққат, хотирот ва тафаккур ташаккул меёбанд [1, с. 203-204].

Дар ҷараёни таълими химия гузаронидани эксперимент, пеш аз ҳама сарчашмаи яке аз методҳои амалӣ ба шумор рафта, дар ташаккули маърифату илмандӯзии хонандагон, ҳалли масъалаҳои кимиёвӣ, равандҳои таълимӣ, аз ҷумла омӯзиш, таҳқиқ, ривоҷу равнақи ҷараёни дониш, маҳорату малакаи онҳо нақши муҳимро мебозад.

Дар таърихи инкишофи марҳалаҳои илми кимиё, аввалин таҷрибаҳо дар озмоишгоҳҳои химиявӣ, дар осору ашъори муҳаққиқону поягузорони форсу тоҷик, аз ҷумла Ҷобир ибни Ҳайёни Тусӣ, Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ ва амсоли онҳо тавсир гардидаанд. Ба ақидаи Ҷобир ибни Ҳайён, дар ҷараёни омӯзиши химия иҷрои корҳои озмоишӣ, амалӣ хеле муфид мебошад ва ҳангоми ба эътибор нагирифтани он тадқиқотчӣ ба ягон муваффақият ноил намегардад, яъне ба ибораи ӯ олимон ташаккули шавқу завқи худро на дар мавҷудияти таҷҳизотҳо, балки дар заминаи истифодаи роҳу усулҳои таҷрибавӣ зоҳир менамоянд. Дар рафти таҷрибаҳои худ Ҷобир ибни Ҳайён аввалин шуда кислотаҳои ғайриорганикиро ҳосил кардааст ва назарияи падид овардани металлҳои нав, аз ҷумла тиллоро ба миён гузошта, рангҳои гуногунро барои матоъу пӯст ихтироъ кардааст.

Ҷобир ибни Ҳайён яке аз талқинкунандагони шадиди татқиқоти таҷрибавӣ буда, ба илми таҷрибавӣ, яъне кимиё замина гузошта, чунин навиштааст: «Агар ту хоҳӣ, ки кимиёгариро аз худ намоӣ, бояд корҳои таҷрибавиро бештар гузаронӣ» [2, с. 241].

Дониши ҳақиқӣ ва дақиқ, ба ақидаи Ҷобир ибни Ҳайён, дар асоси таҷриба ҳосил мешавад. Аз ин рӯ, ӯ чунин ёдрас шудааст: «Бузургии ҳар як кимиёгар на дар он аст, ки асарҳои навиштаи вай хоно бошанд, балки дар он аст, ки ӯ донишро бо роҳи таҷриба бояд ба даст оварда бошад» [3, с. 301]. Ҷобир ибни Ҳайён, аввалин муҳаққиқ ва кимиёдонест, ки пояи ибтидоии санъати химияро гузоштааст.

Дар асарҳои ба химия бахшидаи Ҷобир ибни Хайён оиди моддаҳо ва усулҳои кор карда баромадани онҳо, аз ҷумла усулҳои мустаъзори коркарди моддаҳо, ба мисли ҳалкунӣ, таҳшинкунӣ,софкорӣ, буғронӣ, тақтир ва амсоли онҳо баён карда шудаанд.

Олими дигари форсу тоҷик Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ оиди тайёр кардани асбобҳои химиявӣ, истифодабарии онҳо ва инчунин муҳиммияти лабораторияҳои химиявӣ дар асарҳои худ маълумотҳои зиёде додааст. Дар соли 1948 олими англис Ҷ. Зингер оиди асбобҳои тайёркардаи Закариёи Розӣ чунин мулоҳизаронӣ кардааст: «Лабораторияи англисии дар тӯли ҳазор сол мавҷуд буда аз лабораторияи Закриёи Розӣ на он қадар ҳам фарқ мекард», яъне ба ақидаи ӯ лабораторияи химиявие, ки баъди ҳазор сол дар Ғарб ба вуҷуд омад, аз лаборатория ё худ ҳуҷраи химиявии Закариёи Розӣ, ки дар Шарқи асримиёнагӣ вуҷуд дошт, бо таҷҳизоти (асбобу анҷом) зарурии худ чандон фарқ надоштанд.

Мазмун ва мундариҷаи гузаронидани таҷрибаҳо ба хонандагон додани маълумоти нав дар заминаи донишҳои андӯхтаи онҳо ба роҳ монда мешавад. Ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ боиси ташаккули тафаккури мантиқию эҷодии хонандагон мегардад. Аз ин лиҳоз, таҷрибаҳо бояд мазмуну мундариҷаи ҷустуҷӯӣ, эҷодӣ ва татқиқотӣ дошта бошанд.

Масалан, ба хонандагон чунин савол дода мешавад: Дар раванди ба об таъсир кардани металли калий, кадом модда ҳосил мешавад? Посухи хонандагон ба савол чунин аст: Ишқори калий. Ё худ саволи дигар; Ишқори ҳосилшударо чӣ тавр муайян кардан мумкин аст? Ҷавоб: Бо индикаторҳо, ки бо ишқори ҳосилшуда ранги кабуд мегирад.

Ҳамин тавр, вобаста ба мазмуни таҷриба саволу ҷавоб давом дода мешавад ва хонандагон ҳангоми мушоҳидаи таҷриба маълумоти зарурӣ ба даст меоранд. Саволҳо хонандагонро ба мустақилона фикр рондан водор месозанд. Ҳангоми гузаронидани реаксияи химиявии байни металли калий бо об, хонандагон бори аввал гузаштани реаксияро мебинанд ва онро дар хотироти худ нигоҳ медоранд. Аз ин рӯ, гузаронидани чунин ва дигар таҷрибаҳо самту ҷанбаҳои мазмуни фаъолияти тадқиқотӣ-эҷодии хонандагонро ташаккул медиҳанд. Корҳои лабораторӣ низ яке аз шаклҳои таҷрибаҳои химиявӣ буда, дар таълими химия мавқеи махсусро ишғол менамоянд.

Нақши таҷрибаҳои намоишӣ дар раванди таълими химия бениҳоят калон аст, ки вазифаҳои асосии он дар дастури методии «Асосҳои методикаи таълими химия» (муаллифонаш Холназаров С., Ҳакимов О.) ба пуррагӣ шарҳ дода шудаанд.

Таҷрибаҳои намоиширо худи муаллим ва дар баъзе ҳолатҳо хонанда мегузаронад. Вазифаи асосии таҷрибаи намоишӣ аз инҳо иборат аст: 1) фаҳмонидани моҳияти ҳодисаи химиявӣ; 2) ба хонандагон нишон додани моҳияти таҷҳизоти лабораторӣ (асбобҳо, дастгоҳҳо, зарфҳои химиявӣ, реактивҳо, мавод ва ғайра); 3) фаҳмондани роҳҳои иҷрои корҳои экспериментали ва риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар лабораторияҳои химиявӣ [4, с. 64-65].

Педагоги рус В.Н.Верховский талаботи эксперименти химиявии намоиширо бори аввал муайян кардааст, ки онҳо чунинанд: 1) ба ҳама дастрас бошанд; 2) дастрасии аёният (дуруст қабул кардани хонандагон); 3) аз нигоҳи техникӣ дуруст иҷро кардан; 4) таъмини бехатарии муаллим ва хонандагон; 5) интихоби дурусти роҳу усулҳои таҷриба; 6) фаҳмондани моҳияти объект ба осонӣ;7) ташаккули шавқу завқ; 8) дурустии натиҷа; 9) кӯтоҳмуддатӣ; 10) ташаккули тарбияи эстетикӣ; 11) техникаи одии иҷрои кор; 12) таъмини осондарккунии таҷриба; 13) тайёрии пешакӣ барои гузаронидани эксперимент; 14) машқ кардан оиди тарзи гузаронидани эксперимент [5, с. 76-78].

Таҷрибаи химиявии намоишӣ имкон медиҳад, ки ба намуди зоҳирии объекти химиявӣ ва моҳияти он шинос шавем. Агар хонандагон хосиятҳои алоҳидаи таҷрибаи лабораторӣ ва таҷҳизоти химиявиро саҳеҳ дарк ва омӯзанд, он гоҳ самтҳои гуногуни чунин машғулиятҳоро ба пуррагӣ меомӯзанд.

Агар таҷрибаҳои химиявӣ аз ҷониби худи муаллим гузаронида намоиш дода шавад, дар ин маврид хонандагон мазмуни онҳоро хуб дарк намекунанд. Аз ин рӯ, аз тарафи хонандагон ба таври мустақил гузаронидани таҷрибаҳои кимиёвӣ натиҷаи босамар медиҳанд.

Дар мавриди баёни мавзӯи нав ба муаллим зарур аст, ки барои аз ҷониби хонандагон ба таври мустақилона гузаронидани таҷрибаҳо, хулосаҳои ҷамъбастӣ баровvarda тавонанд.

Бинобар ин, ба муаллим лозим меояд, ки баҳри ба таври мустақилона гузаронидани таҷрибаҳо, онҳоро бо роҳу усулҳо ва истифодаи мақсадноки методи эксперимент ҳамаҷониба шинос намояд.

Тибқи талаботҳои барномаи таълимии фанни кимиё дар раванди омодагӣ ва гузаронидани таҷрибаҳо, хонандагон бояд бо моддаҳои химиявӣ (оксидҳо, кислотаҳо, ишқорҳо, намакҳо ва ғайраҳо), ҳолатҳои агрегатӣ, гармӣ, сардӣ ва ҳатто тамъи онҳо, яъне қанд, глюкоза, крахмал, глитсерин шиносоӣ пайдо намоянд.

Масалан, хонандагон крахмалро дар байни ангуштонашон соиш дода, лағжонии онро ҳис менамоянд. Ин амал нишон медиҳад, ки хонандагон дар рафти иҷрои корҳои лабораторӣ дар бисёр мавридҳо ба воситаи узвҳои ҳисси худ, дар бораи ранг, бӯй ва тамъи моддаҳои химиявӣ маълумотҳои зарурӣ пайдо менамоянд.

Дар заминаи гузаронидани корҳои лабораторӣ дар ниҳоди хонандагон маҳорату малакаи шиносоӣ бо реактивҳо ва асбобҳои химиявӣ ташаккул меёбад. Ҳангоми ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ хонандагон моддаҳои моеъ, сахтро фарқ намуда, муайян кардани номгӯйи моддаҳо, тартиб додани асбобҳои аёнӣ, тасвири расми асбобҳо ва таҷҳизотҳои навин, дарёфти роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои таҷрибавиро дарк ва аз худ менамоянд.

Дар раванди таълими химия гузаронидани корҳои амалӣ низ хеле муфид мебошад. Корҳои амалиро, одатан, баъди анҷоми як ё якчанд мавзӯи барномаи таълимӣ гузаронида мешавад. Корҳои амалӣ маҳорат, малака, самтҳои донишандӯзӣ ва фаъолияти илмию эҷодии хонандагонро ташаккул медиҳад.

Масалан, агар дар машғулиятҳои лабораторӣ хонандагон танҳо бо як усули оксидшавии спиртҳо (бо ёрии перманганати калий) шинос шуда бошанд, пас дар вақти иҷрои корҳои амалӣ бо усули бо бихромати калий оксид кардани онҳо шиносоӣ пайдо менамоянд.

Мазмуни машғулиятҳои амалӣ дар заминаи донишҳои азхуднамудаи хонандагон, баҳри пайдо кардани маълумотҳои нав равона карда мешавад. Бо ин мақсад ба муаллим лозим меояд, ки масъалаҳоеро интихоб намоянд, ки хонандагон роҳҳои мустақилона ҳал намудани онҳоро эҷодкорона ҷустуҷӯ намоянд. Ёдрас мешаваем, ки машғулиятҳои амалӣ бо ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд, аз ҷумла мавзӯъҳои исбот намудани алоқаи генетикии моддаҳои органикӣ, синтези кислотаҳои органикӣ, бензол, нитробензол, анилин, оксидонидани спирт то алдегид, алдегид то кислота, синтези эфирҳои гуногун ва ғайра.

Дар раванди омӯзиши фанни химия аз тарафи хонандагон мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ яке аз муҳимтарин шаклҳои таълим махсуб меёбад ва дар ин замина фаъолияти ҷустуҷӯи эҷодӣ ва тадқиқотии онҳо ташаккул меёбад, аз ҷумла: а) муайян кардани мавзӯъҳои корҳои мустақилонаи хонандагон; б) алоқамандии кори мустақилонаи хонандагон бо таҷрибаи намоишдодаи муаллим дар рафти омӯзиши бобҳои алоҳидаи химияи органикӣ; в) ба чӣ асос ёфтани меъёри таҷрибаҳо ва нақшаи таҳқиқотӣ, чӣ гуна мавқеъ доштани онҳо; г) кадом таҷрибаҳо бояд ҳамчун намуна бошанд; д) шароитҳоеро муҳайё кардан зарур аст, ки дар раванди таҷрибаҳои химиявӣ мустақилияти хонандагон афзояд.

Ташкил ва иҷрои корҳои мустақилонаи хонандагон, пеш аз ҳама, ба мазмуни маводи таълим ва ба шароитҳои зерин вобаста аст: тайёрии пешакии хонандагон ба кори оянда (кор бо китоби дарсӣ дар хона); мушоҳидаи таҷрибаҳо (дар вақти дарсӣ); истифодаи китоб ва дастурҳое, ки муаллим вобаста ба корҳои таҷрибавӣ тартиб медиҳад; омӯхтани моддаҳое, ки ба як синф тааллуқ доранд, санҷидану ба ҳам муқоиса кардани хосияти моддаҳо. Хонандагони синфи 10 аксар моддаҳои органикиро, махсусан хосиятҳои физикавии онҳоро бе баёноти пешакии муаллим алоҳида санҷида, дар асоси таҷрибаҳо хулоса бароварда метавонанд. Чунончи, муайян кардани хосиятҳои физикавии чарбҳо, қанд, крахмал, глитсерин, собун, кислотаҳо органикӣ ва ғайра.

Таҳлили мазмун ва мундариҷаи барномаи китоби химияи органикӣ нишон медиҳад, ки аксари мавзӯъҳои таълимӣ ба ҳамдигар алоқаи зич доранд ва ин имконият медиҳад, ки хонандагон ба мустақилона тартиб додани нақшаҳои корӣ ҷалб карда шаванд.

Масалан, хонандагон пас аз омӯхтани мавзӯи этилен метавонанд накшаи омӯзиши атсетиленро тартиб диҳанд. Ин усулро дар дигар мавзӯъҳои курси химияи органикӣ низ ба кор бурдан мумкин аст.Чунончи, хонандагон пас аз омӯхтани спирти этил метавонанд барои омӯхтани спирти метил ё пас аз омӯхтани глюкоза барои омӯхтани сахароза нақша тартиб диҳанд ва ғайраҳо. Агар корҳои таҷрибавии мустақилонаи хонандагон дар чунин шакл гузаронида шаванд, он гоҳ яке аз мақсадҳои муҳимми таълиму тарбия иҷро мегардад, ки он аз инкишоф додани қобилияти фикрӣ ва маҳорати онҳо иборат аст. Бо ёрии таҷрибаҳое, ки дар дарс нишон дода мешаванд, ба талабагон аксар маводи назариявии химияи органикиро равшан фаҳмондан мумкин аст. Дар ин асос сохти карбогидрогенҳои ҳаднок, спиртҳои якатомаю бисёратома, алдегидҳо, карбогидратҳо, кислотаҳои органикӣ ва ғайраро исбот карда метавонем. Илова бар ин, чунин таҷрибаҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон бештар мушоҳидакор шаванд ва фарзияҳои пешниҳодшударо дурусту возеҳ ҳал намоянд.

Тачрибаҳои намоишӣ, ки то дараҷаи муайян қариб ҳамаи вазифаҳои тачрибаҳои химиявиро ҳал менамоянд, воситаи асосии мустаҳкам намудани дониши хонандагон ба ҳисоб меравад.

Барои муайян кардани мавқеи тачрибаҳои намоишӣ дар таълими химия дастури методии Л.А.Светков хеле арзишманд аст. Дар ин дастур ба аҳамияти намоиши тачриба ҳангоми дарс диққати махсус дода шудааст. Дар асоси он чунин тартиби гузаронидани тачрибаҳоро пешниҳод кардан мумкин аст:

«1.Ин ё он масъала пеш аз сар кардани тачриба бояд бо ҳамроҳии хонандагон ҳал карда шавад, то ки дар вақти гузаронидани тачриба талабагон ба он такя намуда, бо мақсад ва идеяи тачриба шинос шаванд.

2.Хонандагон бояд барои фаҳмидани ҳодисаҳои химиявӣ дониши андӯхтаашонро ба кор бурда, ба таври мукаммал мушоҳида гузаронанд ва аз натиҷаи он хулосаи дуруст бароварда тавонанд.

3.Хонандагон бояд қисматҳои алоҳидаи асбоберо, ки дар он реаксияҳои химиявӣ мегузарад, инчунин хосиятҳои моддаҳои ба реаксия дохилшавандаро донанд, то ки дар асоси мушоҳидаҳо дар бораи анҷом ёфтани реаксияҳо ва ҳосил шудани моддаи нав хулоса бароранд.

4.Нақли муаллим дар вақти намоиш додани тачриба бояд бо ҳодисаҳои рӯйдиҳанда алоқамандии зич дошта бошад.

5.Дар вақти гузаронидани тачрибаҳои намоишӣ муаллим бояд иштироки фаъолонаи хонандагонро таъмин намояд. Дар ин кор тартиби муайяни саволҳои ба тачрибаҳо алоқаманд кумак расонида метавонад [6, с. 11-12].

Ҳамин тариқ, агар ҳар як шакли тачрибаи химиявӣ дар алоқаи зич ва бамаврид истифода гардад, он ҳамчун усули пешқадам татбиқ карда мешавад. Дар натиҷаи гузаронидани тачрибаҳо савияи дониши хонандагон боз ҳам баландтар шуда, фанни химияро хубтар аз худ менамоянд. Корҳои тачрибавӣ, мустақилона, амалӣ ба ташаккули равияи илмӣ – назариявӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон таъсири мусбат мебахшанд.

Ба донишҷӯён ва муаллимон лозим аст, ки аз рӯйи барномаи таълимии химияи мактабӣ ба тачрибаҳои намоишӣ, корҳои лабораторию амалӣ шинос шуда, тарзи кор бо асбобу таҷҳизотро аз худ карда, пешакӣ худро барои гузаронидани онҳо тайёр намоянд, то ин ки донишу маҳорат ва малакаҳои худро ба маълумотгирандагон ба пуррагӣ дода тавонанд.

## АДАБИЁТ


1. Зубайдов У. Методикаи таълими химия. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / У. Зубайдов, С. Холназаров. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. - С.203-204.
2. Ҷобир ибни Ҳайён. Асрор-ул- кимиё. - С.241.
3. Ҷобир ибни Ҳайён. Устуқус- ул – усс – ил- аввал. - С.301.
4. Холназаров С. Асосҳои методикаи таълими химия. Дастури методӣ барои мактабҳои олӣ / С. Холназаров, О. Ҳакимов. –Душанбе: Эр – граф, 2010. –Қ.1. Нашри дуюм. -С.64-65.
5. Верховский В.Н. Методика обучения химии. Учебная книга для высших учебных заведениях / В.Н.Верховский. - М.: Просвещение,1981. -С.76-78.
6. Цветков Л.А. Эксперимент по органической химии. Учебное пособие / Л.А. Цветков. -М.: Просвещение,1973. -С.11-12.


## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАҶРИБАҲО ВА МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ


Дар мақолаи мазкур шаклҳои гузаронидани тачрибаҳои химиявӣ барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ дида баромада шудааст. Дар пайдоиш ва инкишофи илми химия хизмати олимони форсу тоҷик, ба монанди Ҷобир ибни Ҳайён, Закариёи Розӣ ва дигарҳо хеле бузург аст. Ин олимон вобаста ба шароити замони худ роҳу усулҳои гузаронидани тачрибаҳои лабораториро нишон додаанд. Мақола сарчашмаҳои илмӣ- назариявиро оиди гузаронидани тачрибаҳои лабораторӣ дар бар гирифта, бо ин дониш, маҳорат ва малакаи хонандагону донишҷӯёнро баланд бардошта, мустақилият ва тайёрии онҳоро дар гузаронидани тачрибаҳои лабораторӣ таъмин месозад. Ҳангоми гузаронидани тачрибаҳои лабораторӣ омӯзгор вазифадор аст, ки мавзӯи навро пеш аз оғози кори лабораторӣ ба хонандагон (донишҷӯён) фаҳмонад, ки ин онҳоро ба мустақилона фикр рондан водор месозад. Талаботҳои барномаи таълимиро ба назар гирифта, шароитҳои гузаронидани тачрибаҳои лабораториро ҷустӯҷӯ намудан лозим аст. Ҳангоми гузаронидани тачрибаҳои лабораторӣ мо метавонем дар тафаккури хонандагон (донишҷӯён) чунин талаботҳо: дониш, маҳорат, малакаро ташаккул диҳем. Гузаронидани тачрибаҳои лабораторӣ ҳангоми омӯзиши фанни химия хеле зарурмебошанд, зеро тачрибаҳои лабараторӣ бахри баланд бардоштани савияи дониши хонандагон (донишҷӯён) заминаи мусоид фароҳам меорад.



**Калидвожаҳо:** тачриба, мушоҳида, машғулият, мустақилона, донишҷӯ, малакаю маҳорат, шакл, раванд, дониш, фаъолият.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОВЕДЕНИЯ ПРАКТИКИ И ЛАБОРАТОРНЫХ ЗАНЯТИЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ХИМИИ

В данной статье рассматриваются формы проведения лабораторных занятий для учащихся общеобразовательных школ и студентов высших учебных заведений. Автор в статье рассматривает формы проведения лабораторных занятий на уроках химии. История развития химической науки нашло уникальное отражение в трудах выдающихся персидско – таджикских мыслителей как Джабир ибн Хайён Туси, Закария Рази и другие. Они давали конкретные понятия о путях и методах проведения лабораторных занятий на уроках химии. Статья охватывает научные предпосылки, связанные с проведением лабораторных занятий, требующих от учеников (студентов) определенных знаний, умений и навыков. Проведение лабораторных занятий углубляет знания, умения учащихся и студентов, а также обогащает их самостоятельность и подготовленность. Во время проведения лабораторных занятий учитель обязан объяснить ученикам (студентам) новую тему, с целью того, чтобы они могли самостоятельно вырабатывать те умения и навыки, которые они получили во время проведения практических занятий. Учитывая потребности учебных планов и учебных программ по химии необходимо разрабатывать условия для проведения лабораторных занятий. С этой целью в учениках (студентах) мы формируем умения, навыки, получаемые во время проведения лабораторных занятий. При изучении химии проведение практических занятий очень полезно, потому что эти работы повышают уровень знания учеников (студентов).

**Ключевые слова:** эксперимент, наблюдение, практикум, студент, умения и навыки, форма, самостоятельность, процесс, знание, деятельность,

## PEDAGOGICAL BASES OF CONDUCTING PRACTICAL AND LABORATORY LESSONS IN PROCESS OF TEACHING CHEMISTRY

In this article forms of holding laboratory researches for pupils of secondary schools and students of higher educational institutions are considered. The author in article considers forms of holding laboratory researches at chemistry lessons. In the history of development of chemical science found unique reflection in works outstanding Persian – Tajik the thinker as Jabir Ibn Hayyon Tusi, Zachariah Razi and others. They gave concrete concepts about ways and methods of holding laboratory researches at chemistry lessons. Article covers the scientific prerequisites connected with holding laboratory researches, demanding from pupils (students) of certain knowledge, skills. Holding laboratory researches deepens knowledge, abilities of pupils and students and also enriches independence and their readiness. In time holding laboratory researches the teacher is obliged to explain to pupils a new subject, for the purpose of that they could develop independently those skills which they received during practical lessons. Considering requirements educational the plan and training programs in chemistry it is necessary to develop conditions for holding laboratory researches. For this purpose in pupils (students) we form the abilities, skills received during laboratory researches. When studying chemistry conducting practical trainings are very useful because these works increase the level knowledge of pupils (students).

**Keywords:** experiment, observation, practical work, independence, student, skills and ability, form, process, knowledge, activity,

**Сведения об авторе:** ***Исмоилова Муборак*** **-** Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, старший преподаватель кафедры химии. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16.

**Information about the author*: Ismoilova Muborak*** - Kulyab State University. A. Rudaki, senior lecturer of the Department of Chemistry. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov Str. 16.

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ
## ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Умарова З.Х.*** Полиморфные образы в древнем ювелирном искусстве Центральной Азии…..…….. ***5***
***Аюбов А.Р.*** Этническое расселение и сложение топонимов Западной Ферганы………………………… ***9***
***Абдулхаев Ш.И*** Исследование памятников бронзового века в Дангаринском районе……………… ***14***
***Сангинов Далер*** Положение образования в медресе Восточной Бухары в конце XIX - начале XX века ***19***
***Шарифова М.Э.*** Мероси фарҳангии тоҷикон то ҳуҷуми арабҳо................................................ ***25***
***Ќурбонов М.М.*** Тањлили муќоисавии «Муњорибаи Лой» дар сарчашмањои таърихї…………… ***31***
***Абдуллоев М.Х., Исмоилов З., Бозоров С.Б.*** Из истории школы сельской молодёжи Советского Таджикистана (1959-1970)……………………………………………………………………….. ***39***
***Хамидов Р.А., Жураева М.Г.*** Состояние школьного образования согдийской области в условиях государственной независимости Таджикистана……………………………………………………… ***43***
***Наботов Ф. С., Алимов Д. Х.*** Создание переселенческих хозяйств в Кулябской области Таджикистана в 20-80-е гг. XX века………………………………………………………………… ***47***
***Абдуллоев Ҷ.Ф.*** Рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................................................................ ***55***
***Фурқат С.Ф.*** Аз таърихи таъсис ва ташаккули Ансамбли давлатии «Шашмақом» ба номи Фазлиддин Шаҳобов………………………………………………………………………… ***58***
***Ширин Қурбонова*** Муҳимтарин ҳадафҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2017.................................................................................................................................. ***64***
***Бейсебаев Р.С.*** Двусторонние отношения между Кыргызстаном и США (1991-2016)……………… ***68***
***Бахтовари Нурали*** Взаимоотношения Республики Таджикистан и Республики Туркменистан в сфере литературы и искусства в годы независимости………………………………………………… ***72***
***Мирзоев Г.*** Республика Таджикистан в системе двусторонних отношений…………………………… ***76***
***Нуриддинов Р.Ш.*** Мақсади ҷудо кардани иттилооти берун аз мавзӯъ дар фаъолияти дипломатӣ ***82***
***Негматова Т.М.*** Проблема определения понятия «санкция» в современной науке…………………. ***87***
***Бабаджанова М.М., Юсупова М.*** Глобализация и роль межкультурного диалога ……………….. ***93***
***Холов Х.Х.*** О некоторых особенностях современных концепции теории и парадигмы в международных отношениях………………………………………………………………………………. ***98***
***Темуров Ф. С.*** Дар бораи хислати созандаи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи истифодаи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ....................................................................... ***103***
***Турсунов Т.Х.***Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар соҳаи тандурустӣ (с. 1991-2017) ***107***


## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Умедов М.Ҳ.*** Инсони комил аз нигоҳи Фаридуддини Аттор ва Ҷалолуддини Румӣ……………… ***113***
***Қодиров К.*** Ирфон ва фалсафа: масъалаи ҳастӣ.......................................................................... ***119***
***Давлатов Д.М.*** Историко-философские учения Ибн Хальдуна о государстве…………………………. ***125***
***Абӯбакри Мирзоаҳмади Грезода*** Нигоҳе ба осори ахлоқии Абӯбакр Закарёи Розӣ……………….. ***130***
***Гулов И.Ф., Бердиев Ш.*** Знание и мистический опыт………………………………………………. ***134***
***Карамхудоев Ш.Х.*** Оид ба умумияти синкретии ақидаи исмоилия ва тасаввуф……………………. ***143***
***Дастамбуев Н.*** Концепция многообразия и плюрализма в учениях исмаилизма………………………. ***147***
***Махмадиев Н.Д.*** Тамоюлоти асосии инкишофи терроризму ифротгароӣ дар Тоҷикистон………. ***154***
***Саидов Д.М.*** Таъмини бехатарии маънавии ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун шарти муқовимат бо фаъолияти ҳаракатҳои муосири ифротии исломӣ………………………………………………… ***159***
***Баҳромбеков Д.А., Миров Ф.С.*** Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ: монеаҳо ва роҳҳои ташаккулёбӣ.......................................................................................................................... ***163***
***Тураев Ф.*** Личность и ее формирование в условиях трансформации общества (на примере таджикского общества)……………………………………………………………………………….. ***170***


## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Сафаралиев Б. С.*** Культурно-просветительная работа среди взрослого населения Таджикистана: первая четверть XX в…………………………………………………………………………………… ***175***
***Афанасьев В.В., Львова А. С., Любченко О.А.*** Концепция массовых открытых онлайн курсов для

педагогов и родителей: уровень начального общего образования детей..……………………………….. ***182***

***Кочеков В. Ф.*** Стратегические задачи музыкального образования в деле сохранения и развития фольклорных традиций народно-инструментальной музыки бесписьменной традиции: сравнительно-аналитический подход……………………………………………………………………………………. ***189***

***Азизов А.А., Абдуллоева А.У., Таирова М.М.*** Особенности компетентностного подхода в профессиональном образовании будущих дизайнеров…………………………………………………… ***193***

***Сабуров Х.М., Азимова М.Х.*** Практические особенности формирования коммуникативной культуры будущих учителей начальных классов в вузах Республики Таджикистан……………………………….. ***197***

***Юлдошев У.Р., Косимзода И.Т., Лысых О.А., Абдуллаева Ф.М.*** Педагогический подход к формированию профессиональной письменной речи студентов неязыковых вузов в условиях таджикско-русского двуязычия……………………………………………………………………….. ***203***

***Шарипова Д.Я., Атаева М.Дж.*** Педагогическое воздействие на подрастающее поколение в процессе изучения развития современного экологического туризма в условиях Таджикистана…………….… ***210***

***Мирзоахмедов М.*** История возникновения шестидесятеричной системы счисления………………… ***214***

***Оёҳмадов Ш. Р.*** Тавсияҳои методӣ аз рӯи технологияи педагогии рушди шахсиятии донишҷӯён дар раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ........................................................................................... ***219***

***Шарипов А.*** Асосҳои педагогии ташаккули ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол дар муҳити хонаводагӣ ва мактаб...................................................... ***223***

***Ахмедова Б.С.*** Нақши сомонаҳои интернетӣ дар системаи таълим……………………………… ***228***

***Бобоева М.*** Асосҳои педагогии фаъолияти муштараки муаллими синфҳои ибтидоӣ ва волидайн доир ба амалигардонии урфу одат ва анъанаҳои миллии оилавӣ................................................ ***233***

***Бояҳмадов Ш.*** Рушди мафҳумҳои биологӣ дар ҷараёни омӯзиши биология……………………… ***239***

***Восидов Ш.Ю.*** Хусусиятҳои хосси ташаккулдиҳии малака ва маҳорати донишҷӯён ҳангоми истифодаи моделсозии математикӣ…………………………………………………………………… ***243***

***Давлатов Р. М.*** Теоретические основы управления качеством высшего профессионального образования (УКВПО)…………………………………………………………………………………….. ***247***

***Зайдуллоев Х. Р.*** Формирование профессиональной ответственности студентов физической культуры ***253***

***Ризвонова З.П., Қамчибекова Г.Э .*** Маърифати оиладорӣ – омили муҳимми омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ…………………………………………………………………………………………… ***258***

***Кармышева Б. Н.*** Народная педагогика-педагогика национального развития………………………… ***265***

***НороваЗ.И.*** Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ....... ***270***

***Одинаев Р.С.*** Нақши технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ дар рушду инкишофи маориф ва таҳсилот……………………………………………………………………………………………..…… ***273***

***Сафаров М.В.*** Усулҳои анъанавӣ ва инноватсионии таҳсилот **…………………………………….** ***277***

***Юсупова Ф.М., Бобоева З.Х.*** Развивающие игры как способ повышения познавательной способности ***280***

***Лолахонов Саид*** Маърифати шаҳрвандӣ дар назария ва амалияи педагогикаи муосир........... ***283***

***Ёфтаков Ҳ.Ф.*** Роҳҳои такмил додани мазмуни таҳсилот ва салоҳиятнокии омӯзгори забони англисӣ дар мактабҳои олии касбӣ......................................................................................................... ***288***

***Гулова Наҷиба*** Нақши этикаи педагогӣ дар самаранокии раванди таълиму тарбия……………… ***294***

***Васихов М.М.*** Асосҳои педагогӣ – психологӣ ва методии ташкилу бароҳмонии фаъолияти осорхонаи мактаб………………………………………………………………………………………... ***298***

***Исмоилова Муборак*** Асосҳои педагогии гузаронидани таҷрибаҳо ва машғулиятҳои амалӣ дар ҷараёни таълими химия ………..……………………………………………………………………..

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста. Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2018. № 3.**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70х108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 19.04.2018 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.